НАШРИЁТИ «АДИБ»



*Амали Расоми халқии Тоҷикистон*
*Янтобтӣ Мамадқулов*

**АБДУҒАФФОРИ ПАРТАВ**

# КАДХУДО

*(Пиёда, фарзин шав!)*

Душанбе
«Адиб»
2014

ББК-84 Тоҷик 7-4

П-29

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

П – 29 **Абдуғаффори Партав. Кадхудо** *(ҳикояҳо ва роман)*. – Душанбе, «Адиб», 2014, 160 саҳ.

Абдуғаффори Партав дар иншои ҳикоя, қисса ва роман сабку услуби бадеии хоси худро пайдо кардааст. Ӯ осори худро тавре ба қалам меорад ва аз печу тобҳои зиндагӣ мегузаронад, ки басо муассир, ҳаяҷоновар ва хотирмону ибратомӯз ба назар мерасанд.

«Иёр» романест аз боби муҳаббат, мушкилоти оила, ҷомеа, ҳирси сарвату дороӣ ва мубориза баҳри ноил шудан ба онҳо дар солҳои мудҳиши ҷангҳои шаҳрвандӣ. Муаллиф ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти одамӣ дар ҳолатҳои хушиву ҳаяҷоновар дахл карда, ҳирси молу чизпарастӣ, раҳму шафқат ва кинаву адоватро дар рӯзгори ҷангҳои шаҳрвандӣ ва солҳои гуногун ёдовар шуда, аз он ки одамиро ба кучоҳо ва чӣ корҳое бурдаанд, қисса мекунад ва як навъ ҳушдор медиҳад, ки бадӣ фаромӯш намешавад.

Умед аст, китоби нави Партав мақбули хотири хонандаи гиромӣ хоҳад гашт.

ISBN 978-99947 –2-416-1

© Нашриёти “Адиб”, 2014

# ҲИКОЯҲО

## МЕҲРИ БОБО ВА НАБЕРА

Мӯйсафед рӯйи бистар дароз кашида печутоб мехӯрд. Дарди ҷонкоҳ ӯро азият медод. Ба хотири таскини дард ӯ ба даҳон дору партофт. Лаҳзае пас дид, ки нафъ набахшид, дигар даво истеъмол кард, боз ҳам дард пасанда нашуд. Дар панҷаи дард бо давою нолиш овора буд ӯ, ки овози набераи азизи дилаш аз хонаи паҳлӯӣ ба гӯш расид.

Духтарашро чеғ зад, ҷавоб нашунид, келинашро садо кард, ҳамчунин акси садо набуд, ҳамсарашро фарёд кард, на пай буду на Ҳайдар. Худи набераашро чеғ зад, аз ӯ ҳам ба ҷуз овози гиряи ҷонкоҳ садое нашунид. Тагу рӯйи болишҳо кофт, аз телефони мобилӣ дараке наёфт, ки занг зада, касеро аз аҳли хона даъват бикунад.

Ин дам дарду фикри дорухӯрӣ аз ёди ӯ рафт. Ҳама ҳастиаш банди он буд, ки набераҷонаш аз барои чӣ ин қадар гиряи талх мекунад? Ҳарчанд кӯшид, аз ҷой хестан натавонист. Ноилоҷ интизор шуд, ки касе аз дар дарояду аз ҳоли набераи азизи дилаш ӯро огоҳ кунад.

Гиряи талхи набера дилу ҷони ӯро ба бозӣ даровarda буд.

Овози синҳорашро(келинро) шунидан замон ӯро садо кард.

– Лаббай, падарҷон! – овози падаршӯяшро шунидан ҳамон ҳозир шуд ӯ.

– Ҷони падар, набераи ман барои чӣ гиря мекунад? – як навъ бо таҳлука пурсид бобо.

– Пишакчааш шир намехӯрад, барои ҳамин, – гуфт келин.

Аз дари боз, овози тифлак меомад:

– Бухӯр, бухӯр! Бубин, furобоҷон нахӯрдаст, вава шудаст. Укол кадан. Бухӯ, бухӯр…

Мӯйсафед фориғ аз ташвиши набера паҳлу гашт ва боз асири дарди ҷонкоҳ ва дил ба умеди асари даво шуд.

## БОЗИИ ҚИСМАТ

*Ба академик Раҳим Масов мебахшам.*

– Худоё, ин туӣ, Юсуфи гумгашта?

– Бале. Манам. Лекин надонистам, ки туӣ.

– Худоё, ин чӣ тасодуфест?!

– Тасодуф не, шояд бозии қисмат бошад…

Онҳо аз дилу ҷон мехостанд ҳамдигарро ба оғӯш бикашанд, бӯсу канор ва аз гузаштаю имрӯза суолборон бикунанд, вале алҳол назди одамони ғайр одоб нигаҳ дошта, ба ҳолпурсии кӯтоҳ ва муборакбодии тӯй қаноат намуданд.

* * *

Ҳамсари соҳибхона Зарҳал, зани тахмин синаш аз чил-чилупанҷ гузашта, дар нисбати солаш ва дигар хешу таборон, ки бар асари фалокатҳои даврони ҷанги ба номи бародаркуш ёд мешавад, гӯё дар ҷавонӣ пир гаштаанд, хеле тару тоза менамуд, ба хусус бо ин куртаи хонатласи қаратоғии ба тан шинам, ки ба хотири ҳамин рӯзи мироду шодӣ, чевари чирадасти шаҳри Душанбе Машона навбати чанд каси дигар сарфи назар карда, дӯзонда буд, бо чеҳраи шукуфтаю гулгун ва малоҳату дилрабоӣ, мегуфтӣ парии обиро мемонад, пайдо гашт. Вай агарчи мӯйи ба қад баробар надошт, бо ин ҳусну зебоӣ дар озмуни «Чакомаи гесу» ширкат меварзид, яқин ки ҳакамонро шефтаи худ мегардонд. Ҳоло ӯ аввал ба меҳмонон тӯйю хурсандиро муборак гуфт ва баъд ҷониби шавҳар гашта, бо лаҳни нарм, ки ёд аз чаҳ-чаҳи булбул мекард, таъкид намуд:

– Орифҷон, чӣ меҳмононро сари роҳ ба гап гирифтаӣ? Зудтар ба хона даъват бикунӣ намешавад? – инро гуфта, худ муроот кард:

– Биёед, биёед, хуш омадед. Сафо овардед, қадаматон нури дида! Ин рӯзи муроду шодиро Худо ба якояки шумо ҳам рӯзӣ бигардонад, – вай бо ҳар кадоме аз меҳмонзанҳо дастурӯбӯсӣ карда, ба ҳавлӣ раҳ намуд.

Ориф аз ҳамлаи ғайриихтиёрии изтиробу ҳаяҷон, ки аз дидани Афшана вуҷудашро такон дода буд, ба ҳоле худро ба даст гирифта кӯшиш намуд, ҳамсараш, балки на танҳо ӯ, сабаби ошуфтагияшро пай барад ва чуну чаро раво бинад, барои ҳамин ҳам, зуд ба тасдиқи сухани кадбонуяш сар ҷунбонда, гуфт:

– Ҳақ мегӯяд! Худову ростӣ, ман аз шодӣ худро гум кардам. Марҳамат кунед, ин тараф гузаред…

Орифу ҳамсараш, ақрабои эшон меҳмононро ҳамроҳӣ карда, баъди қадаме чанд хаёли Ориф ба куҷоҳое, ки рафту рафт… Баҳси онрӯзаро ба ёд овард: «Ин Танзими расму анъана… ба ҷавонҳои инзамона чироғаки сабз шуд, Худо дод. Имрӯз шинос шудаву пагоҳ мебинӣ, тӯй кунед, мегӯянд. Як дам фикри дору мадори хона, маънии тӯйю хонадоршавӣ аз зеҳнашон намегузарад. Дар замонаш мебуданд, ки ҳоли мо баринҳоро медиданд… Биё, ба якравии писарамон сар нафуроварда, мисли ниёгонамон ва ё замони шӯравӣ аввал такопурсӣ намуда, киву чӣ будани хешшавандаҳоро, соҳибдараки онҳоро фаҳмем, баъд ба тӯй «ҳа» ё «не» гӯем?!» – гуфта буд Зарҳал. – Мани сода чӣ гуфтам? Ҳеҳ, занак, ту муфаттишӣ, ҷинояткор мекобӣ, ки такопурсӣ карда мегардӣ?! Шаҳу арӯс ҳамдигарро шинохта, хуш кардаву дил дода бошанд, шаҷарапурсии мову ту сарборие беш нест. Беҳтараш на худата дарди сар куну на мана ба гирдоби васваса андоз! Ана акнун кайфари саросемагӣ ва беандешагиро бубин! Бин, чӣ кор кардӣ?! Афшана модари шаҳ будаст. Агар шаҳ бистсола бошад, аз ҷудоии мо ҳам қариб ҳамин қадар сол гузаштааст. Худоё! Наход…

Афшана кам тағйир хӯрда, ҳусну латофати аввалиашро нигоҳ дошта, мегӯӣ ин ҳама зеру бами замона ба ӯ асаре нагузоштаанд.

Ҳамсари Ориф пешопеши меҳмонон мардҳоро ба як хона ва занҳоро ба дигар хона, ки барои қабули онҳо оростаю оин баста буданд, раҳ намуд. Ориф ин дам бар-бари ӯ дар банди андешаҳои мағшуши худ кашола шуда мерафт. Баъзе борикназарон ҳоли ӯро мушоҳида карда бошанд ҳам, азбаски ба гуфти ҳолдонҳо тӯй ба таври оҷил сурат гирифтааст, аломати аз давутоз хаста шудан, пиндоштанд.

Афшана дар қаду баст, ҳусну малоҳат, сиккаву сурат бо Зарҳал ба мисли як себи ду тақсим буданд. Шабеҳи ҳамдигар буданро Афшана пеш аз дигарон мушоҳида кард ва ба чӣ андешае вуҷудаш ба сӯзиш даромад ва боз саргарми дигар гапу корҳо шуда, онро фаромӯш сохт. Бо ишораи Зарҳал ӯ нахуст вориди хона гашта, маътали «ҳай боло гузаред!» гуфтани соҳибхона наистода, дар саргаҳ ҷой гирифт ва дид, ҳама ҳамраҳонаш ҳам даромада ҷо ба ҷо шуданд, аз кампираки пичасафед, ки аз афти кор ба ҳамин ният аз пайи онҳо базӯр по кашида меомад, хоҳиш кард:

– Модарҷон, дуо кунед?

Пири резапайкари солхӯрда бо рӯи пурожангу даҳони бедандон, аз миёни остинҳои васеъу фарохи куртаи ҳалили барги карам дастони ларзони камхуну рангпаридаашро бо оҳистагӣ берун кашид, дар баробари рӯяш бардошт ва дуои хайр кард: – …Иллоҳӣ ҷавонон якдигарфаҳм бошанд. Бо ҳам умри ширину дароз бубинанд. Соҳиби фарзандони солеҳу солим шаванд. Хизмати падару модар, Ватани хешро ба ҷо биёранд. Худо ҳама ҳозиринро ба ҳамин рӯзи муроду шодӣ бирасонад. Бахту толеи неки фарзандону наберагони худро бубинанд, омин Аллоҳу Акбар!

Нишони пирӣ буд ё диқи нафас ва ё асар гузоштани суханонаш, баъди ҳар ҷумла ӯ каме ист мекард, дуояш ба ҳозирин писанд омад, хурду бузург бо чеҳраи шукуфта ва қаноатмандӣ даст ба рӯ кашиданд.

Афшана чолок бархоста дастони кампир бӯса дод ва рӯмоли сафед, ки дониста ба ҳамин ният оварда буд, болои кифти ӯ партофт, ташаккур гуфт ва баргашт ба ҷойе, ки нишаста буд. Пиракӣ вазифаашро ба ҷо оварда, мисле ки қадам мешуморида бошад, бо ҳимояи зани дигаре оҳиста ва базӯр – базӯр по бардошта рафт. Афшана хилъати сафедашро аз тан кашида, дар болои такяи курсӣ гузошт. Вай акнун мисли товуси пару болкушода буд: абрӯвони пайваста, мӯйи мушкин, пеши бар ва даҳони ғунчаю лабони барги гул, баёзи гардани кабксон ва ороишоти занонаи ӯ – қуфли гардан, гарданбанд, гӯшвора, дастпона, ангуштарӣ ва дигару дигарҳо ба ҷилва омаданд. Вай дар ҷойи нишасташ тоб хӯрда, бару болои хонаро сар-сарӣ аз назар гузаронид. Аз дидани мусаввараҳои дилкаш, манзараҳои зебои табиат, ки аз ин пеш дида буд, бовараш омад, ки ин хонаи хобу кори Ориф аст. Фурӯзонакҳои паҳлуи мусаввараҳо ба кадом мақсад буданд, зуд пай бурд ва ба ӯ тавре намуд, ки баъди сафари тӯлонӣ ба кошонаи хеш баргаштааст. Ҳамраҳони ӯ низ ба дороии хона бо таваҷҷуҳ нигаристанд, вале на ба он маъние, ки аз дили Афшана гузашт: аз чӣ бошад, барои меҳмонони хоса дар хонаи кори Ориф ҷо карда, ба ҷуз гузоштани сурфаи пурнозу неъмат, гӯё дигар чизеро беҷо накардаанд. Ориф аз кай ба чунин тартиби таҷҳизоти хона хӯ кардааст, намедонад, лек нағз дар хотир дорад: вақте бори аввал ба хонаи муҷаррадии ӯ омад, ҷиҳози хонаи ӯро ба ҳамин ҳол дид. Аҷаб ки одамон дар ин кор ҳам, ба мисли либоспӯшӣ хӯ мегиранд: аксар зиёйиҳо бо костюми сиёҳ, пойафзоли сиёҳ, баъзеи дигар ҳарчи рост омаду баданро пӯшонд, барояшон сиёҳу сафед, кабуду зард фарқе надорад, фақат ғайримавсимӣ набошад шуд. Вале завқи Ориф дигар. Ҳар навъи сару либос ва ҷиҳози хонаро бо моҳият ва зарураташ

харидорӣ менамуд. Вай медонист, ки кадом чизи хона куҷост, ҳатто дар ҳолати торикӣ ҳам ба осонӣ қаламу коғаз, китобу дафтар, сару либос ва асбоби барояш даркориро пайдо карда метавонист.

Ҳанӯз суҳбати меҳмонон натафсида, ба хони неъмат даст набурда, аз телефони мобилии яке аз онҳо оғози оҳанги «Уқоби кӯҳӣ»-и Зафар Нозим баланд гашт, баъд касе буд, ки дар телефон бо овози шунаво таъкид кард: гуфтаҳои маро зуд навишта гир! Афшана мисли он ки куҷо будани варақҳоро медонад, аз ҷой озод бархост ва бо як шасти даст аз болои мизи корӣ варақи сафед бардошта, ҷониби ӯ дароз кард.

Ин занги телефон магар ба дигарон сироят намуд, ки пайи ҳам қариб ҳама меҳмонон «корҳояшон» ба ёд расиду дар телефонҳои мобилии худ ба рақамчинӣ даромаданд. Тӯйхона ин дам ҳуҷраи гуфтугӯи телефонии шӯъбаи алоқаи шаҳрҳои музофотиро мемонд. Лаҳзае пас, хоҳардухтараш Сакина ҳам занг задани шуда, суоли умумӣ кард:

– Ман телефонама бо худ наовардам. Кӣ телефонаша медиҳад? Ба шавҳарам, ба Яман занг зада, хабари хуш расонам? Фаҳмам, ки дар ин нооромиҳо ӯ чӣ ҳол дорад. Ва мужда диҳам, гӯям, ки баъди чанд дақиқаи дигар Иқболҷонро никоҳ мекунанд, соҳиби арӯси нозанин мешавад.

Якбора чанд нафар мисле ки баскетболбозон тӯб ҳавола мекунанд, телефон тарафи ӯ партоб карданд ва якешон пурсид:

– Коди Яманро медонӣ?

Ҳанӯз вай «ҳа» ё «не» нагуфта, Афшана мисли аввала аз ҷой сабук бархост, аз рафи китобҳо дафтари кодҳоро зуд пайдо карда, ба дасти ӯ дод.

– Ай, ман қариб ки ҳар ҳафтаю моҳ бо падари Дилрабо гуфтугӯ мекунам, наход кодро надонам? Аз ёд медонам, – гуфт Сакина ва ба рақамчинӣ даромад. Аз ҷигот андохтану абрӯ чин кардани чанде аз ҳамроҳонаш, тахмин кард, аз ин рафтори ӯ норизоянд. Гуфт:

– Шумо дар Ватан, даври ин хони пурнозу неъмат нишаста, парвое надоред, ки дар мусофират одамон чӣ ҳолу рӯзе доранд? Магар аз як миллион ҳамдиёрони мо, ки ба муҳоҷирати корӣ рафтаанд, ҳама дар хонаи амаку тағоянд? Ҳоли хуб доранд? Ман шарбати талхи ғарибӣ чашида, чӣ гуна мушкилу сахт будани мусофирату ғарибиро дар хуну пӯстам эҳсос кардаам. Дар ғарибӣ хурдтарин паёме аз диёр, на танҳо аз хешу табор, балки аз ҳар гӯшаи Тоҷикистони азиз одамро руҳбаланду дилгарм месозад, ки

ёди ӯ доранду аз ҳолаш фориғ нестанд.

Сакина ба шавҳараш он чӣ гуфта буд, расонид ва телефон хомӯш кард. Ин дам Афшана хоҳиш намуд: – Дар ва тирезаҳоро пӯшонед ва пардаҳои ҳариру дуруштро ҳам поин кунед.

Баъзеҳо эътироз карданд: – Афшана, ту девона шудӣ?

– Моро дар ин гармои тобистон танӯркабоб карданӣ ҳастӣ?

– Бо ин чи нағма?

– Як дам таҳаммул пеша кунед! – вай аз паҳлуи мусаввараҳо чизеро палмосид ва якбора хонаи торик ба ранги аҷоиботи дар «Ҳазору якшаб» тавсифшуда, олами афсонавӣ гирифт ва ҳозиронро мафтуну ҳайрон кард. Фурӯзонакҳо ба мусаввараҳо тавре васл шуда буданд, ки як олами сеҳрнок тавлид месохтанд. Ҳанӯз ҳозирон аз ин муъҷизакории соҳибхона ба худ наомада, Афшана бо ҳамон чолокӣ фурӯзонакҳоро хомӯш кард ва хоҳиш намуд, дару тирезаҳоро боз кунанд.

Акнун назари ҳозирон батамом ҷониби Афшана ҷалб шуд. Онҳо сир бой надода, аз кору рафтори ӯ як навъ ҳайрон, дар дил ба худ суол мекарданд: ин ҷо чӣ роз аст? Як-ду нафар бо ҳам бо имою ишораҳои таҳдор қаноат намуда, ҷуръати аз ин роз пурсон шудан надоштанд. Баъзеи дигар аз дил гузаронид: «Шояд вай ба ҳамин қарибиҳо ба ин хона даромада бошад».

Аз хонаи паҳлуӣ, ки мардҳо ҷой гирифта буданд, ҳар гуна овозҳо меомад: яке марғуладор, дигаре хастаю бо шавшув, калимаю ибораҳоро мисли одами бедандон талаффуз мекард: – Ҳами Танзим… хуб кора осон кард, – шунида мешуд. – Осону хубияш мана ҳамин: ина бинед! – ба дастархони анвои нозу неъмат ишора карда, – пештар барои хешу табор шудан, тӯй барпо кардан, як даста вакил омада, арӯс хуш мекарду маъқул ки афтод, онҳо рафта, дастаи дигар, бо лаъливу лаган ва карсонҳои пур, ягон чорво – буз ё гӯсфанд пешандоз карда, меомаданд ва маҳру мол бурида, пайи онҳо кӯр нагашта, боз як даста он маҳру молро бардошта бо вакилони зиёде омада, дар хонаи арӯс обу зиёфат хӯрда бармегаштанд… Хулласи калом, то тӯй аз истиқболгириву гуселкунӣ ба ҷон мерасидем! Сарфу харҷи маблағ беҳисоб. Ба болои ин изтиробу асабониятро намегӯӣ?! Ҳай коре кунем, ки меҳмонон хафа нараванд…

– Рост, гуфтед, бобо.

– Мана ҳамин хел ҳам мешудааст-ку!

– Кӯшиш кунем, ба ҷавонҳо масъаларо дуруст фаҳмонем, албатта мешавад.

– Мана, намунааш ҳамин тӯй! Мегӯянд, домоду арӯс ба як ди-

дан ҳамдигара писандида, мана, имрӯз тӯй. Якбора хешу табора бардошта овардаанд! Ҳам тӯй мешаваду ҳам арӯса дар лимузин бардошта мебаранд. Агар гуфтаҳом нодуруст бошанд, беистиҳола гӯйед: мӯйсафед пир шуда, ақлашро хӯрдаст, ҳарчи ба даҳонаш омад мелақад.

– Бобо гуфтаҳотон аз рӯйи китоб.

– Ҷойи шубҳа нест.

– Кӣ қудрати бо шумо муқобилат дорад? – Мӯйсафед шердил шуда афзуд: – Тараддудҳо ихтисору зангирӣ, ки масъалаи тақдирсоз буд, як кораки муқаррарӣ шуд. Лекин эҳтиёт шавед! Ҳар чӣ зуд ояд, дер напояд.

– Шумораи мошинҳои арӯсбар хеле кам гашта, дар ивазаш ба ҷойи даҳ-бист мошини майда, якбора як лимузин киро мекунанд, – гуфт яке аз нишастагон.

– …Ки қиматаш боз ҳамон ду понздаҳ сӣ мешавад, – тамасхур кард дигаре.

– Эҳ-ҳа, бобо шумо бехабар будаед! Дар давлатҳои Ғарб назари одамон ба тӯйю никоҳ хеле дигар шудааст. Акнун зани сиғагирӣ пеши тартиби нав як пул. Одамон барои як моҳ, шаш моҳ ё сол бо ҳам аҳду паймон ва шартнома баста, аз баҳри фарзанд кардану азоби тарбия баромада, ба кайфу сафо ва ҳавою ҳавасҳои индунёӣ машғуланд. Якта-нимта хоҳишмандон, баъди аз хушиҳои зиндагӣ дилбазан шудан бо роҳи сунъӣ, набояд нодида бигирем, ки илм он ҷо ҳай пеш рафтааст, фарзандор мешаванд. Ва ё аз хонаи кӯдакон ё давлатҳои дигари қафомонда кӯдак бурда, ба фарзандӣ қабул мекунанд.

– Оби кашида ташнашикан нест, писарам, – бо кароҳат рад кард мӯйсафед ва як навъ ба андеша рафт.

Дар миёни ин ҳама амри маъруфи таъзиқовар, Ориф ба хона ворид шуда, гуфт: – Шумо баҳузур суҳбатро идома диҳед. Аз неъмати хон даҳон ширин кунед. Ману ҳазрати домулло каме кор дорем, – ва пас гашт.

Мӯйсафеди сухангӯ хомӯш дигар ҳарфу ҳиҷое ба забон наоварда, гуфтаи ӯро ба маънии «хезед» фаҳмид: – Ё бисмиллоҳирраҳмони раҳим, Хӯҷаи Хизр мадад кун, – гуфту аз ҷой бархост ва аз пайи Ориф шуд. Орифу мулло пешу қафо аз хона берун шуданд ва баъди чанд қадам, Ориф аз роҳ бозгашта, қудозанакро аз хонаи паҳлуӣ ба берун даъват намуд. Ҳар се аз роҳаки реги сурх рехтаву ду тарафаш санг чиндаю бо рангҳои сафеду сурх ва зард оро додашуда неву ҷониби канораи ҳавлӣ қадам заданд. Дар канораи ҳавлӣ гармхона

буд ва ду – се нафар духтаракон даруни он аз паҳлуи дарахтони пурбори лиму гашничу пиёз ва бодирингу помидор мечиданд, вақте ками дигар рафтанд, аввал қут -қути мурғон шунида, баъд диданд, ки аз мобайни мурғхона бо тӯри симин тавора гирифтаанд.

– Инҳо ҳам табиати фарқкунанда доштаанд. Мурғони гӯштӣ бо тухмдиҳанда муросо накарданд. Ҷудошон кардем, – шарҳ дод Ориф ба даруни шиғбаст ишора карда.

Даруни шиғбасти дигар харгӯшбачаҳо даву тоз доштанд. Гашту гузори ду товуси нару мода ба ин гӯшаи ҳавлӣ ҳусн бахшида буд. Ба Ориф чи ишорае карданд, ки ҷониби хайма равон шуд. Болои хаймаро бо алафе мисли ошиқи печон пӯшонда буданд ва он дар гармои тамуз, ки долу дарахтон ва гулу буттаҳои кӯчаҳои шаҳр базӯр нафас мекашиданд, ғарқи гул ва дар нумӯ буданд. Бо омадани онҳо борони сунъӣ аз ҷумакҳои ба ранги вартоҷ (семичка) сохташудаи болои хайма қат карданд ва то хеле аз гӯшаҳои бом «борон» чак-чак овоз медод. Ин ҷо ҳаво салқину димоғпарвар буд. Барои онҳо мизу курсӣ ва хони болояш пур аз кулчаю нонҳои хонапазу бозорӣ, анвои меваҳо, обҳои зулолу шоҳанбарӣ ва нӯшокиҳои навбаромади ҳархела, шириниҳои рангобаранг гузошта буданд. Ориф ба мулло ва Афшана ҷойи нишаст нишон дода, гуфт: – Мебахшед, то омода шудани ин суфра шуморо дар ҳавлӣ гардиш додам. Бо ин баҳона қаду бар ва дороии хоҷагии моро дидед…

Вақти аз хона баромадан мулло гумон дошт, ӯро барои хондани хутбаи никоҳ мебаранд, вале ҳангоми сайри ҳавлӣ ва дидани гирифтумон ва оҳанги суханони Ориф тахмин дигар карда, хавотиромез пурсид:

– Ай додар, зудтар гӯй, корҳо бахайранд?

Мулло ба кадом як нофаҳмие миёни қудошавандаҳо, ё шаҳу арӯс фол зад. Вале аз бими Ориф, авзои гирифтаи ӯ ҷуръати пурсидану исрор кардан надошт.Таҳаммул ва интизорӣ пеша кард. Ориф ҷониби Афшана тоб хӯрда, бе муқаддима ва андаке омирона гуфт: – Ку гап зан. Ҳар он чӣ миёни мо буду шуд, гӯй. То фаҳмидаю дониста, мӯй аз хамир ҷудо бикунем. Боз хато наравад, ки ин дунёву қиёматамон бисӯзад!..

Ба ёди Афшана лаҳзае аз гунаҳшӯйиӣ масеҳиён омад, ки назди мӯбад аз амали хеш иқрор гашта, тавбаю надомат мекунанд… Таъхири Афшана дар гуфтани ҷавоб муллоро безобита кард.

– Худаш чӣ гап? Маро натарсонед, зудтар гӯед, фаҳмонед! – мулло сабру таҳаммул аз даст дода, беист исрор намуд.

– Ман чӣ гап занам? Чӣ ҷойи фаҳмондан аст? Барин, шаҳ, пи-

сари ҳардуямон мешавад, – канда – канда, гӯё ҳар ҳарфу ҳиҷоро Афшана мисле ки бостоншинос аз миёни анбӯҳи хоку санг маводи нодири солҳо аз назар нуҳуфтаро берун мекашад, гуфт: – Дигар чӣ гӯям? Намедонам. Чиро ба шумо фаҳмонам? – чеҳраи моил ба табассуми ӯ дигар гашта, мисле ки аз кошонаи ҳусн якбора таги хокбориши афғон афтода бошад, аз хуррамӣ нишоне намонда буд.

Ҳар се сокит шуданд. Афшана рӯи хон ва Ориф назарашро аз мулло гурезонда, ба атроф менигарист. Мулло лабҳояш ҷӯшида, чизе мехонду мухраҳои тасбеҳи зумуррадгунаш, ки аз зиёрати хонаи Худо оварда буд, чирик – чирик хомӯширо халалдор мекарданд. Дар хайма ҳолати ҳузновару саҳни ҳавлӣ садои созу суруд, рақсу бозӣ ва машғалаи кӯдакон дар фалак мепечид.

Писарбачаи жулидамӯе бадав ҳак-ҳаккунон омада, аввал бинӣ пок карду баъд чуқур – чуқур нафас кашида, гуфт: – Мошини лимузин омад. Шаҳ мегӯяд: Зудтар ба мо иҷоза диҳанд, ба сайр биравем. То Варзоб рафта меоем…

Ориф чизе гуфтанӣ буд, ки мулло пешгирӣ кард: – То никоҳ нашаванд, ягон ҷо рафтанашон маслиҳат нест!

Ориф ба бача фаҳмонд: – Рафта гӯй, ки каме сабру тоқат кунанд.

Писарбача рафту боз хомӯшӣ дар миён омад. Ду – се писарбачаи дигар дар кӯшиши аз ҳам пешгузарӣ, ба шитоб давида омаданд ва яке сухани дигареро бурида, гуфтанд: – Шаҳ мега…

– Меган ки.

– Ба мо зудтар иҷоза диҳанд.

– Шаҳу арӯс тамошо рафтанӣ…

– Меган лимузина маътал кунем, пули ҳангуфт кор мекуна…

– Меган, мо равем! Онҳо маслиҳаташона идома диҳанд.

Ориф боз ҳамон гуфтаашро такрор кард.

Дигар бачаҳо давиданд, ки ҷавоби шунидаро ба шаҳ расонанд. Яке аз онҳо, «duздона» то хеле дар гӯшаи хилват истода, ба суҳбати инҳо, гӯш андохт, ки мулло мегуфт: – Агар шаҳу арӯс ҳарду фарзандони Ориф бошанд, пас онҳо хоҳару бародаранд, наузанбиллоҳ! Кор чатоқ! Байнашон ба ҳеҷ ваҷҳ никоҳи мусалмонӣ раво нест! Шумо бо ин амалатон, каломи пок, шариати мусулмониро пеши по заданиед?! Таҳқир карданиед? Чӣ, шумо зардуштиед? Балки ҳамуно ҳам ба издивоҷи хоҳару бародар ризоят намедоданд… Дар замони ҷоҳилият чунин тасодуф шуда буд… то ҳозира аҳли уламо ва мардуми доно онро мазаммат мекунанд.

Писарбача тавре номаълум истода буд, ҳамон тавр номаълум

ғайб зад.

– Ун гапу корҳо дигару ин дигар, воҳима накунед, домулло, – пеши сухани ӯ гирифт Ориф, аз шиддати ғазаб, мисле ки ғалат на аз домулло, балки аз ӯ гузашта бошад, чеҳрааш арғувонӣ гашта. – Ин ҷо, домулло, гапи динҳоро дар миён оварда, андешаҳои номатлубро барангехтан чӣ зарурат дорад?! Ман ин касро, – ба Афшана ишора намуд, – ҳозир, баъди чандин солҳо якбора дида, ҳайрон мондам. Вақте фаҳмидам, модари шаҳ мешавад… Чува падараш наомад, гуфта, ин касро даъват кардам. Хостам пеш аз никоҳ нофаҳмиҳоро бартараф созем. Домулло шунидаед ё не, тӯй чунон оҷил сурат гирифт, ки ба ростӣ, фурсати фарқи сиёҳу сафед наёфтем…

Сухани Ориф дар даҳон, писарбачае давида омаду ба ӯ гуфт:

– Мегӯянд зуд биёяд!

Ориф бархесту аз пайи писарбача башаст равон шуд.

– Зудтар биёед, ако! Ба холаам чӣ гапе шуд, ки якбора қариб сарбаракон меғалтид. Хайрият, мани аз паҳлуяш даргузар, доштам, – вай саргарми нақл зани дигаре дар даст шишачаи спирту пағаи пахта расид. Каме спирт ба пахта тар карда, ба димоғи Зарҳал доштанд. Чашм кушод.

– Ҳа? Бори шодиву хурсандӣ бардоштан осон не, хонум! – шӯхӣ кард Ориф.

– Эй, мон шӯхиҳота, – ашкрезон нидо кард вай. – Ин чӣ гапай? Наход ин гапо рост бошанд? Хонамон дар пуштамон гашт! Миёни халқи Худо шарманда шудем! Ин дунёву қиёматамон сӯхт! Ку зудтар бигӯ! Мара фаҳмон! Аз ин гапҳо дигарҳо ҳам бохабар бошанд?

– Ба ту кӣ, чӣ гуфт? – ба тундӣ пурсид Ориф.

– Нав аз виҷ-виҷи бачаҳо фаҳмидам. Дилам ба бозӣ даромад. Ку, зудтар фаҳмон?! Дилам анори расида барин торс мекафад.

Бо ишораи Ориф пиёлаи об дароз карданд. Баъди нӯшидан аз оринҷи ӯ дошта, то хеле роҳ ҷониби хона гусел карда, фаҳмонд:

– Дурӯғ! Бачаҳо нодуруст фаҳмидаанд. Ту беҳуда бовар кардаӣ! Ҳоло аз пайи корат шав! Баъдтар худам асли гапро ба ту батафсил мефаҳмонам, – Ориф ӯро то байни ҳавлӣ, ки мардуми аз ин ҳол бехабар хушнудона шодиву сурур доштанд, ҳидоят кард.

– Хока. Дигар то асли гапа нафаҳмам, дастам ба ҳеҷ кор пеш намеравад!

Зарҳал дар ҳолати ҳаяҷону изтироб буд. Ориф ба ҳамсараш таскин дода, баргашт ба назди Афшанаю мулло, ки дар андешаи

гиреҳкушоӣ, «чашмаки ман чашмаки ту» карда менишастанд.

– Домулло, – ба чеҳраи гирифтаи ӯ нигариста, таъкид кард Ориф, – ин ҷо дар хулоса шитоб ҷоиз нест. Афшана, илтимос, беибо ту буду шуди воқеаро ба мо возеҳ бепардаю каму кост фаҳмон.

– Гуфтам – ку! Ман дигар чӣ фаҳмонам? – як навъ аламрасида ҷавоб гардонд ӯ. – «Падари шаҳ наомад?» пурсидед. Вай ҳамин ҷо, гуфтам. Дигар чӣ гӯям? – сухани Афшана дар назари Ориф як навъ ниқорҷӯёна, азиятдиҳанда ба гӯш расид.

– Чӣ хел?

– Ҳамин хел.

– Хоҳиш мекунам, муҷмал нагӯ!

– Муҷмал не.

Пӯшида набуд, ки ӯ асли гапро пинҳон дошта, майли азият додани Ориф дорад. Ба мурод расида буд. Дарди ноаёне вуҷуди Орифро ба сӯзиш даровард, чӣ карданашро намедонист. Ба тахминаш давои дарди ӯ дасти Афшана буд. Лекин чӣ кунад ва ба ӯ чӣ тавр фаҳмонад, ки илоҷи дарди ӯро дареғ надорад. Ин дам бародари Афшана Собир аз маътал шудани никоҳ ва сайри шаҳу арӯс хавотиромез, барои фаҳмидани сабаб назди онҳо омад. Аҳли суҳбат омадани ӯро бемавриду беҷо пиндошта, мурооте ба нишастанаш накарданд. Вай аз ин нописандию беилтифотӣ малул нагашта, ин тарафу он тараф нигарист, дар канораи паҳлуи шипанг як курсӣ дид, баъди пуфу пок кардан, онро бардошта овард ва дар пешорӯи онҳо «чун хаси чашм» нишаст. Бо ин амали хеш гуфтанӣ буд: «гап занед, назанед, ман аз назди шумо рафтанӣ нестам».

Ҳама дам ба дарун кашида, касе ёрои сухан гуфтан надошт. Пас аз хеле таҳаммули тоқатшикан, домулло, ки аз шасти тасбеҳгардонӣ асабонияташ ҳувайдо буд, якбора нидо кард: – Дар ин ҳолат, додарам Ориф, бевоҳима ҳам илоҷ нест, бо воҳима ҳам! Беҳтараш шаҳу арӯсро ин ҷо хонда, асли гапро фаҳмонем. Онҳо ҳам мусулмонзодаанд, қадри расму таомул, риояи дину шариатро мефаҳмидагистанд. Ба онҳо гӯем, ки шумо зану шавҳар не, балки хоҳару бародар мешавед. Дар қисмати шумо дигар ҳарфу ҳиҷо рафтааст!..

Суханони домулло на танҳо пардаи ноаёни хомӯшӣ дарид, балки додарарӯси Орифро ба шӯр овард. Вай барошуфта, ҷониби домулло дарғазаб гуфт: – Чӣ гуфтед? Чӣ фармудед, ҳазрат?!

Муллои то ин дам дар ин иқлим чунин арбадаю уштулум надида, ба шиддати пархоши ҷавон тоб наоварда, назарашро гурезонд. Гумон мекардед, дар фикри ҷойи пинҳоншавӣ аст. Ориф ба хотири аз ин варта баровардани мулло, ки дар ин маҳалаи шаҳр

мухтарам аст, бамулоимат мавзуъро шарҳ дод: – Мани сарсахт пеш аз хонадор шудан бо он кас, – ҷониби ҳамсараш, ки рӯи ҳавлӣ ба ранги оруи асал аз ину он гап гирифтаю фармоишҳо дода, равуо дошт, ишора кард, – бо хоҳарбузурги шумо, – тарафи бародари Афшана гашта гуфт: – паймони хонадоршавӣ карда будем, – мисле ки сухан дар гулӯяш печид, лаҳзае сокит монд ва боз ба яъсу ноумедӣ ғолиб омада, афзуд:

– Боре бо ҳам ҳазлу шӯхӣ кардем. Вай маро детдомӣ ва боз инкубаторӣ гуфт. Ман ингуна таънаҳоро аз ин пеш ба рафиқонам шунида будам, вале вақте аз забони Афшана шунидам, тоқат оварда натавонистам… Ва аввал ба ҳарбӣ ба Украина, шаҳри Кировоград рафта, чор сол таҳсил ва як солу ҳашт моҳи дигар ба сифати мутахассис кор кардам. Он ҳама солҳо акси Афшана ба ранги Худои Буддоиён пешорӯям буд… Баъди қаҳрам паст шудан борҳо занг задам, вале толеам омад накард… Лутфи Худованд, аз он ҷо саломат баргаштам, лек аз борон таги тарнов афтидам. Душанбе ноором буд. Дар нишемангоҳ силоҳбадастон маро хуб пурсуков ва истинтоқ карданд: – Аз куҷо меоӣ? Куҷоӣ мешавӣ? Ба чӣ кор омадаӣ? Пул барор! Ба таҳдид гузаштанд, боз ҳам нашуд. Диданд, ки аз дойра садо меояду аз ман не. Лату кӯб ва паронданӣ шуданд, лек ба мурод нарасиданд. Хулоса, кор ба ҷое расид, ки ман ноилоҷ пас гаштам. То сулҳу салоҳ ва ором шудани диёр дар мусофирати Русия, Эрон, Туркия ва Афғонистон будам… Ҷанг на танҳо хонаҳо, шаҳрҳоро сӯзонда харобу валангор мекунад, балки низому тартибро дар ҷомеа barҳам мезанад, барои солҳои зиёд мушкилот эҷод мекунад, ба рӯзгори наслҳои минбаъда латма ворид месозад… Қиссаи ба Афғонистон чӣ гуна рафтанам хеле ғамангез аст, дар ин рӯзи шодиву нишот гуфтани онро ҷоиз намедонам. Онро мавриди дигар бароятон ҳикоя мекунам. Хулоса, баъди бозгашт фол задам, ки ин кас, – боз ба Афшана нигарист, нигоҳаш як олам аламу ҳасратро ифода мекард, – аз миён ин қадар солу моҳҳо гузашт, аҷаб не… – забонаш нагашт бигӯяд: ба шавҳар баромадагист. Агарчи ном набурд, дигарон чӣ гуфтанашро пай бурданд. Аз дидагони Афшана ашк беист метаровид. Овози Ориф ларзид. Аз гуфтор бозмонд. Оҳ кашид ва лаҳзае пас, бамулоимат афзуд:

– Биё, болои сӯхта намакоб нашавам, гуфта суроғу пай накарда, ба Хуҷанд рафтам. Ҳамон ҷо ба кор даромада, хонадор ва соҳиби фарзанд шудем ва боз ба Душанбе баргаштем. Аз давоми гапу кори боқӣ худатон огаҳӣ доред.

Бародари Афшана ба ҷойи аз шунидани ин қиссаи малулангез, ки

дигаронро дар чоҳи ғаму ғурбат афканд, хиҷил шавад, мисле ки ягон хабари хуш шунида бошад, чеҳрааш шукуфт, курсии нишасташро, пеш кашид. Боз ҳама дам ба дарун кашида, интизори он буданд, ки ӯ барояшон ягон сирру савдоро мекушояд, ин аст, ки ҳаракати ӯро зери назора гирифтанд. Ӯ бо чеҳраи шукуфта гуфт: – Ана акнун идомаи қисса аз ман шунавед: Вақте мо бародарон, аз ошноии ту, – даст болои дасти пурмушаку тавонои Орифи таҳамтан гузошта, – бо хоҳарамон бодарак гаштем, қасд кардем, туро зуд пайдо карда, думушта хуб кут-кутак бикунем. Балки пинҳон намекунам, қасди куштан ҳам доштем. Мо бародарон остин бар зада, аз пайи амал будем, ки Афшана пеши роҳи мо гирифта, ғайри интизор гуфт: «Мо никоҳ дорем. Пинҳонӣ аз шумо рафта никоҳи мусулмонӣ кардаем. Ман аз ӯ умедворам, дар бадан тифл дорам. Холаам Райҳон маҳрами розанд. Дар як чашмпарӣ холаро ҳозир кардем. Вай ҳама гуфтаҳои Афшанаро тасдиқ кард. Боз ҳам ғазабамон паст нафуромад, андешаи қасос аз дили мо ба осонӣ зудуда намегашт. Дар тараддуди ба ҳар навъ ки бошад, пайдо кардани ту будем. Ба Русия, ба мусофирони корӣ ва шиносҳои таҳҷойии маскавӣ сиккаву сурати туро маълум карда, мукофоти калон ваъда додем, ки ҷойи коратро ба мо хабар диҳанд, вале он ҷо ҳам, на пай буду на Ҳайдар. Пас аз чанд соли кофтуков, мо аз ту дасту дил шуста, ба натиҷае расидем, ки ба қавли маъруф, дар авф лаззате ҳаст, ки дар интиқом нест… Дар тӯли ин ҳама солҳо ба хоҳари мо чандин хостгор баромад, вале вай ба ту содиқ монд. Умеди дубора бахт дидан аз замири дил шуста буд. Лекин, – вай лаҳзае тавaққуф намуду боз афзуд: – Ҳаминро ҳам гӯям, ки ҳамон вақт аз хусуси ҳомиладорӣ ба мо дурӯғ гуфта, аз бими он ки маҷбурӣ ба шавҳар надиҳемаш, пинҳонӣ бо холаамон гап пазонда, аз хонаи кӯдакон тифл гирифта, то ба имрӯз тарбия карда ба воя расонд. Вақте гапи тӯй баромад, ин розро ба мо ифшо сохтанд, то ки аз забони дигаре шунида, бача малул нагардад ва аз дили мо – хешу табор ҳам ғубори ғам бардошта шавад. Холаи Райҳон ҳамин ҷост. Метавонед ҷеғ зада, аз ӯ гуфтаҳои маро пурсида, ба таври худ таҳқиқ кунед.

Гиреҳи ҷабини мулло кушода гашта, якбора кӯдаквор ба шодӣ даромад: – Ин тавр бошад, – вай зуд-зуд тасбеҳи зумуррадии худро гардонда, риши кулутаашро сила карда, – никоҳашон раво аст! Агар ҳар ду аз як падару модар мешуданд!.. Намешуд! Дар ин ҳолат боке нест! Раво аст, – боз каме ист карда, афзуд: – Лек, лекин боз як шарт: холаро ҷеғ занед, дар ҳозирии се бандаи муъмину мусулмон ба дурустии гуфтаи шумо шоҳидӣ диҳанд. Бале, даст болои Қуръони азимушшаън гузошта…

– Ҳамон тавре президентҳо савганд ёд мекунанд, – нимшӯхӣ гуфт бародари Афшана. Мулло суханашро нотамом нагузошта, боз илова кард: – … ҳа, гуфтаҳои шуморо тасдиқ бикунанд. Вагарна…

Сухани мулло ба поён расидан замон, Ориф аз додарарӯсаш Собир хоҳиш кард: – Ҷонам, зудтар холаро ҷеғ зан. Вай гапро ду накарда, аз пайи овардани хола рафт. Афшана хомӯш аз пеши по ва рӯи хон дида намеканд, донаҳои ашк, ашки шодӣ, ашки фироқи чандинсола аз рухсораи гулгунаш беист метаровид.

Боз мухлисони сайру саёҳати арӯсу шаҳ тозон омаданд. Ин дафъа бодағдаға талаби рухсати сайр доштанд: – О, шумо медонед?! Як соати маътали лимузин чанд пул меистад?!

– Вай ба гуноҳи ҳатулкории шумо шуда, чанд соат боз беҳуда пул кор мекунад!

– Ронандаи лимузин мегӯяд: – «Намерафта бошанд, биёянд ҳисобӣ карда, маро рухсат диҳанд! Ман аз пайи дархостҳои дигарон шавам?! Дархости бисёре дорам, лекин рӯи хотири акои Ориф гуфта, аввал ин ҷо омадам. Ҳар замон талабгорон занг мезананд!».

– Шаҳу арӯс ҳам аз бекор нишастану интизорӣ ком шуданд!

– Бе никоҳ ба ҳеҷ куҷо намераванд! Бисёр шитобу аҷала накунед! -боз таъкид кард зане, ки сару рӯ ва даҳонашро дар ин гармои тобистон бо рӯмол печида буд. – Ками дигар сабратон бирасад! Дар батни модар чӣ навъ поистед? Ҳай ҳангоматалабед! Мана ҳамон одамони калонро мебинед, ҳамонҳо, – ба нишастагони зери шипанг ишора карда, – он ҷо шоҳмотбозӣ не, фикри ҳамин кори хайр доранд! Баъди никоҳ ихтиёр ба дасти бахтёр! Шумо медонеду дави аспатон!

## ТАБРИКИ БОБО

– Акбар, ҳар сол бобом моро дар арафаи Соли нав табрик гуфта, туҳфа медиҳад. Биё, ману ту ҳам имсол ба вай ягон туҳфа кунем!

– Аъзам, ту девонаӣ?! Мо чӣ туҳфа мекунем? Барои туҳфа пул надорем-ку? Агар пул медоштем…

– Аз модарам пул гирем, чӣ?

– Не, намешавад! Мо модарамонро ҳам бояд табрик гуфта, ягон туҳфа диҳем. Ба ҷойи ин кор боз аз вай пул пурсем?! Не, намешавад.

– Пас, аз куҷо пул ёбем?

– Бе пул намешавад?

– Намедонам. Биё, ку, фикр кунем.

– Биё, бо ягон хабари хуш бобома хурсанд кунем.

– Чӣ хел хабар?

– Бобому бибим аз кам будани нафақа, ба рӯзгор нарасидани он мудом нолиш мекунанд: «Ин нафақаи мо ба кӯки сару бари рӯзгор намерасад. Боз гап-гап ҳаст, ки аз Соли нав нархи об, барқ, газ ва боз ким-чиҳои дигар қимат мешудааст». – Ба бобом мегӯем: бобоҷон, дар арафаи Соли нав пули нафақа зиёд шудааст.

– Не. Ин гап намешавад!

– Ту вазири молия ҳастӣ, ки даррав «не!» мегӯӣ?! Чаро не?

– Чунки бобом даррав гӯшаки телефонро бардошта ин хабарро ба ҷӯраҳояш мерасонад. Ҷӯраҳояш гӯянд, ки ин гап дурӯғ аст, бобом назди ҷӯраҳояш шарманда мешавад. Ба ҷои хурсанд кардан, бобома хафа мекунем. Беҳтараш ягон гапу кори дигар ёбем.

– Биё, мегӯем: бобоҷон, аз пагоҳ дар бозорҳои шаҳрамон нархи хӯроку пӯшок дучанду сечанд арзон мешудааст. Ҳукумат минбаъд нархи хӯроку пӯшок ва дигар заруриёти аввалияи мардумро зери назорати қатъӣ мегирифтааст.

– Не. Бобом даррав мегӯяд: ин гапи намешудагӣ! Пештар ҳам давлат кафили таъмин ва назорати хӯрду хӯрок ва заруриёти аввалияи мардум буд. Лекин чандин иду маъракаҳои боҳашамат, дар сатҳи давлатӣ гузашту нархи наво тарафи некӣ тағйир накард. Тоҷирону савдогарон ба ҳоли худ буданд. Ҳар чӣ хостанд, ҳамон карданд ва ҳатто дар арафаи ид қимати гӯшту орд ва дигар навъи хӯрокро боло бурданд. Дурӯғ нагӯед!

– Ҳеҳ, сода! Дар ҷумҳурии мо арзонӣ шавад, корчаллонҳо рӯшоду пинҳонӣ ҳамаро ба дигар мамлакатҳо ба фурӯш мебаранд.

– Э, ту аз сиёсат хабар дорӣ ё не? Ба дигар ҷумҳуриҳо, ҳатто ба давлатҳои муштараккулманофеъ ҳам, аз ҳадди муайянкардаи ҳукумату шартномаҳои байниҳукуматӣ зиёд берун баровардани мол мумкин не! Ба хусус маводи хӯроку пӯшок!

– Биё, мегӯем: Ҳукумат қарор баровардааст, ҳамон заводу фабрика ва корхонаҳое, ки дар солҳои ҷавонии шумо ҳазорҳо одамон кор карда, рӯзӣ меёфтанд, аз нав ба кор медаровардааст. Ҳар касе ки корхонаро шахсӣ карда, дар тӯли ин чанд соли истиқлолият ба кор надароварда, сабабгори сар задани бекорӣ дар ҷумҳурӣ шудааст, корхонаашро давлатӣ мекардаанд.

– Не. Ба ин гап бовараш намеояд.

– Чаро?!

– Чунки ба онҳое, ки дар тӯли 17 соли истиқлолият корхонаҳоро ба кор надароварда, ҳукумат ва мардумро то ба имрӯз фирефтанду касе пишакашонро пишт нагуфт, аз ин баъд ҳам зӯри касе намерасад. Чунки онҳо ба ном як-ду сех ба кор даровбарда, баъзе қисм ва дастгоҳҳоро фурӯхта, пулашонро кайҳо бароварданд ва акнун ғаму ташвиши дигаре надоранд. Ин тараф биё, гӯшатро наздик биёр (ба атроф назар мекунад, ки касе суҳбати онҳоро гӯш мекунад ё не), ғайр аз ин, корхонаҳоро худи хешу табори одамони ҳукумат ва командирони собиқ шахсӣ кардаанд. Ба гуфти бобом, «одамони хокӣ» қудрати харидани корхона надоранд.

– Инаш нашавад, ваяш нашавад, бо чӣ бобома хурсанд мекунем?

Ҳар ду бародарон дар фикр меафтанд.

– Акбар, мо хуб гарангем. Одамҳо барои чанд зану фарзанд гапи хуб, тухфаҳои гаронбаҳо меёбанду ману ту…

– Ҳо.

– Чӣ ҳо?!

– Ҳо, ки онҳо доноанд, моҳӣ мехӯранд, мо барин фақат қандчой не, барои ҳамин каллаашон кор мекунад. Қонунҳоро сарфи назар карда, ду-се зан гирифта, фарзандҳо ёфта, онҳоро бо ному фомилҳои дигар-дигар чун фарзандони оилаҳои камбизоат аз давлату созмонҳои хайрия ҳар гуна ёрӣ гирифта, дар литсей ва мактабҳои олӣ дар гуруҳҳои буҷавӣ ҷой кардаанд, ки ин кори ҳар кулоҳкаҷ нест.

– Ин кори бад аст, ё хуб?

– Намедонам, чӣ гӯям? Аз як ҷиҳат хуб. Чунки занҳо бешавҳар намонда, ба роҳҳои бад, мисли фоҳишагӣ, ҳаннотӣ ва дигар, намераванд, соҳиби муттакое мешаванд. Аз дигар ҷиҳат зану фарзанд, ки бисёр шуд, таку даваш ҳам зиёд мешавад. Таъмини аҳли оила, ҳавою ҳаваси зиндагӣ одамонро ба ҳар кӯю дар мебарад. Як сабаби ҷон дар хатар монда, ба савдои маводи мухаддир даст задани баъзеҳо шояд аз асари ҳамин бошад.

– Соҳибони заводу фабрик ва корхонаҳо чӣ?!

– Ин дарди дигар аст. Гуноҳи инҳо дар он аст, ки корхонаҳоро шахсӣ карда, ба кор надароварда, сабабгори афзудани сафи бекорон дар ҷумҳурӣ шудаанд.

– Сабабгори зиёд шудани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ, ба зани дуввуму севвум табдил ёфтани чандеҳо, афзудани фоҳишагарӣ, ришвахӯрӣ, гардиши маводи мухаддир дар ҷумҳурии мо аз асари рафтори ҳамонҳост, гӯй? Ахлоқи ҳамидаву рафтори неку писандида

орзу шуда мондааст. Дар зиндагӣ батамом гап дигар аст.

– Ҳамин гапҳоро ба ҳукумат, чунон ки дар радиову телевизор ҳар ранге ҳоҳанд, гапро тоб медиҳанд, мо ҳам нависем, чӣ?

– Биё, аввал ҳисоби табрику туҳфаро ёбем, баъд ба масъалаи сиёсат мегузарем.

– Биё, мегӯем: бобоҷон, ба касоне ки беш аз чил сол дар як ҷо, дар як корхона, бетанаффусу бекамбудӣ кор кардаанд, аз Соли нав мукофот медодаанд. Бобои мо қариб панҷоҳ сол бо маоши андак ҳалол кор кардааст.

– Сода! Бобом медонад, ки барои хурдтарин мукофот гирифтан ҳам, таку дави зиёд кардан лозим: ҳуҷҷат ҷамъ оварда, гулӯи баъзеҳоро равған кардан, ришва додан. Агар барои кори хуб бе ришва мукофот медоданд, ким-кайҳо бе гуфтани ману ту ҳам бобом чанд мукофот мегирифтанд. Акнун қоидаи мукофотгирӣ ҳам дигар шудааст. Аввал одам бояд таърифнома, ифтихорнома, медал ва орден гирад, пас аз ин ҳама, умеди ягон мукофоти судманд кунад.

– Эҳ-ҳа, ин хел бошад, дигар кай ба бобои мо навбати таърифномаю ифтихорнома ва медалу орден мерасад? Кӣ дигар ӯро ба мукофот пешниҳод мекунад? То ин зинаҳоро тай задан умраш мерасида бошад?

– Намедонам. Барои ҳамин як бобои мо не, аксар мӯйсафедон аз ҳар гуна мукофот умедашонро кандаанд.

– Не, ба якто-нимто диҳанд ҳам, ба авлоди курсинишинони болоӣ ва вазорату идораҳои баландостон медиҳанд. Бобои мо кӣ дорад, ки ғами ӯро хӯрад?!

– Худо дорад, ману ту дорад.

– Эҳ-ҳа, ба умеди мо магарам, ки то думи уштур ба замин расидан интизор шавад!

– Не, ману ту беҳтарин мукофоту туҳфаҳои худовандии бобом ҳастем! Бовар накунӣ, рафтем, аз худи бобом мепурсем!

## ГУЛЧИН

*Тақдим ба хонум Аъзам Гулчини Муқаддам*

Маҷид аз зинаҳои бинои дуқабата, ки ошхона дар он ҷойгир шуда буд, поин меомад. Дар зер паҳлуи зинаҳо курсиҳо гузошта буданд. Истироҳаткунандагони осоишгоҳ пеш аз вориди ошхона шудан, агар бармаҳал омада бошанд, ин ҷо каме интизор мешу-

данд ва ё баъди аз ошхона баромадан нишаста, аз ҳар кую дар суҳбат меоростанд. Ҳоло рӯи курсиҳо ду нафар – марду як хонуми ҷавон нишаста, бо поин ва наздик омадани ӯ, мард ба Маҷид номаълум ишора карда, бо ҳам чӣ гуфтанд, ки ҳар ду дар ханда шуданд. Маҷид аз зинаҳо поин омада, ҷониби онҳо равон гашт, ин дам мард аз ҷой бархоста, хандида-хандида рафт.

– Амак, алҳол наравед. Хоҳиш мекунам, аввал латифае, ки гуфта ҳар ду хандидед, барои ман такрор бикунед. Вай чи гуна латифаи намакин буд, ки ин қадар ширин хандидед? Ман ҳам шунида, хушҳол шавам, – хоҳиш кард Маҷид.

– Ба шумо ин кас ҳикоя мекунанд, – ҷониби хонум ишора карда, -гуфт мард ва дигар аз роҳаш барнагашт.

– Номи ман Маҷид, – наздик шуда гуфт вай ва интизори он истод, ки хонум ҳам чӣ ном доштанашро мегӯяд. Вале вай дар гуфтани ном таъхир карда, аз фарқи сар то ба по – сару либоси сап – сафеди Маҷид: каллапӯши тобистонаи сафед, пироҳани сафед, шими сафед ва кетиву ҷӯрабҳои сафеди ӯро хомӯшона назари харидорӣ партофта, интизори он шуд, ки фаҳмад: ин ҷавон дар кӯлбори ақлу фаросати худ барои суҳбату ошноӣ боз чӣ дорад, яъне, чӣ мегуфта бошад. Маҷид андаке ранҷидахотир пандомез гуфт: – Дар диёри мо ҳамчунин расм аст: вақте дами ошноӣ ба касе ному фомил мегӯянд, дигарӣ ҳам мебояд, ақаллан номашро бигӯяд. Балки ин тартиб, як навъ меъёри рафтор ва ахлоқи эътирофшудаи умумибашарист… Вале хонум ин гуфтаро ношунида гирифт, ҳамоно хомӯш ба ҷойи ном гуфтан табассуми ширине хайр кард, ки аз он ҳусни бе он ҳам зебояш зеботар гашт.

Маҷид паҳлуи хонум, мисле ки бо ҳам шиноси дерина бошанд, наздик нишаст. Ин дам онҳо ду қуи сафеди ошноро мемонданд. Маҷид ба умеди шунидани он чӣ миёни онҳо гуфта шуда буд, ҷониби ӯ, тавре ташна ба об менигарад, дида дӯхт. Лаҳзае чанд нигоҳи онҳо ба ҳам гиреҳ хӯрда, ҳар кадом аз ин ба таври худ маънӣ бардошт: Маҷид тану тӯши варзишгарона, чашмони хокиранг, абрӯвони пайвастаи чун дарави хобида, бинии ба чеҳра мувофиқ дошт. Радаи дандонҳои сафеди садафмонандаш дами суҳбат мегуфтӣ ҷило медиҳанд. Вай аз хонуми ҷавон каме баландтар менамуд… Хомӯшӣ миёни онҳо хеле тӯл кашид. Мард аз ӯ чашм намеканд. Зан нигоҳи доманадори мардро дидаву бо тамоми вуҷуд эҳсос карда, табассуми афсунгаронае эҳдо намуд, ки аз он дар тарафи чапи рухсорааш чоҳи нозуке, ки шоирон онро ҳусни зиёдатӣ ном бурдаанд, намоён гашта, ба ростӣ чеҳраи ӯро боз ҳам дилкаш кард. Табассуми

дилфиреби хонум ба Маҷид ҷуръат бахшид, ки бори дигар гуфт: – Хоҳиш мекунам, латифаро бигӯед. Ман ҳам шунида кайф бикунам. Ба ростӣ, ба хандаҳои ширини шумо ҳавасам рафт…

– Ҳеҷ гуна латифа набуд.

– Ин қадар ширин хандидед – ку?

Хонуми ҷавон боз табассум карда, ҳамоно эрод гирифт: – Магар дар диёри шумо бидуни латифа хандидан намешавад?

– Мешавад, вале тавре шумо хандидед, намешавад. Хоҳиш мекунам, бигӯед, – боисрор талаб кардани Маҷид занро маҷбур сохт асли суҳбати миёни ӯ ва он марди калонсолро бигӯяд:

– Эшон, – ҷониби марди ҳозир аз ин ҷо рафта, бо даст ишора намуд, – ба ман гуфтанд: Дер боз мебинам, ки танҳоед. Бо ягон ҷавон ошно нашудед, ки суҳбат карда, бори танҳоӣ фаромӯш созед? Гуфтам: На. Гуфт: Чаро? Гуфтам: Ягон мард хушам наёмад. Нафаре табъи дилам нест. Ҳамин вақт шумо аз боло поён шудед. Гуфтанд: ана атои Худо. Бовар дорам, ана ҳамин кас табъи дилат, ба ҳама талаботатон ҷавобгӯ аст. Ҳар шарте ки доред, ба ҷо меоваранд, чӣ талаб дошта бошед, албатта, раво мекунанд.

– Ҳа-а. Дуруст гуфтанд. Ман ҳозирам.

Зан бо табассуми ба ӯ ошно қонеъ карду мард баланд хандид.

– Вай одами солхӯрдаи дунёдидаи ботаҷрибаи… хулоса, аз тобори Ҳазрати Хизр гӯям, ғалат намешавад, ҳар гапи беҳуда намегӯяд, – афзуд Маҷид ним шӯхиву ним ҷиддӣ. – Бовар кунед, ҳақи гапро гуфтааст. Ман ҳам ин ҷо, агарчи мардум зиёд аст, эҳсоси танҳоӣ мекунам, то ҳол шахси табъи дилам вонахӯрда будам.

– Шахси табъи дил? Яъне чӣ?

– …Яъне, касе, ки ба осонӣ бо ӯ дарди дил бигӯям…

Ҳамин буду шуд, мо бо ҳам ошно шудем. Вай Гулчин ном дорад. Аз аввал дар гуфтаю кардаи худ якравӣ ва исрор карданам баъдҳо нафъ бахшид. Вақте ошно шудем, Гулчин гуфт, ки мардони боиродаро хуш дорад, касонеро ки дар гуфтаю кардаи худ устуворанд… Ва ин гуфтаи ӯ як навъ раҳнамои амали минбаъдаи ман шуд.

Дар гармои тобистон, ки мардҳо бо пироҳани остинкӯтоҳ ва шалвори доманкӯтоҳ мегаштанд, вай бо пироҳани домандарози ба тан печида, саргири нафисе ба сар дошт, мисли либоспӯшии занҳои эронӣ, вале ба лаҳни тоҷикӣ равон суҳбат мекард, ки хориҷӣ буданашро шахси ноогоҳ аз тобиши шеваи эронӣ ва тоҷикӣ ба ҳеҷ ваҷҳ пай намебурд.

Ба ӯ гуфтам: Биё бо ҳам фол бигирем?

Гуфт: – Яъне, чӣ тавр?

Гуфтам: Бигӯ ки ман, аз кадом халқияту миллатам ва баъд шаҳриям ва ё рустоии шаҳришуда? Пайрави кадом касбу ҳунарам? Ҳамсар дорам ё не, нагӯӣ ҳам мешавад!..

Гуфт: – Ба гумонам одам бо ту дилгир намешавад!

Гуфтам: То ҳол чунин таъриф нашунида будам.

Гуфт: – Ин ҳанӯз таъриф нест.

Гуфтам: Бале. Лекин мани сарсахт ҳамин қадарашро ҳам нашунида будам. Хандиду мисле ки бори аввал маро медида бошад, боз сӯям назари ташхисомезе афканда афзуд: – Пиндору кирдорат нек бошад, иншоолоҳ бисёр мешунавӣ…

Гуфтам: Як шарти дигарашро нагуфтед.

Гуфт: – Чӣ шарт аст?

Гуфтам: Гуфтори нек.

Вай табассум карда, боз афзуд: – Қасди ман такрори панди ориён набуд…

– Иншооллоҳ, дунё ба умед. Таърифро ба хусус аз худат мешунидам, эҳ-ҳа! – Кулоҳчаяки тобистонаамро ба ҳаво партоб кардам. Агар ӯ онро чобук намедошт, ба замин мезад. Кулоҳамро аз дасти ӯ гирифта, боз гуфтам: – Ин фоли нек аст.

Гуфт: – Чӣ тавр?

Гуфтам: – Маро минбаъд аз афтидан, гуноҳу хато нигаҳ медорӣ. Нигаҳбони қисмати ман мешавӣ. Баланд хандид. Гуфтам: – Магар бовар надорӣ, ки домани мақсуд ба шахси танҳо даст намедиҳад. Шайх Саъдии ширинсуханро ёд биёр: Як гули мақсуд дар ин бӯстон, Чида нашуд бе мадади дӯстон.

Гулчин аз ҷой бархост: – Идомаи суҳбат фардо, – гуфту гӯё гапу кори таъҷилие ба ёдаш омада бошад, башитоб рафт. Багумонам ҷон аз баданам мерафт. Мехостам аз пояш биравам, вале боз аз одоб надонистам. Агар майли ошноӣ намедошт, ваъдаи фардо намекард, ба худ андешидам.

Фардо, баъди субҳона, ба Гулчин гуфтам: – Чӣ мешавад, ҳамроҳ ба офтобдиҳӣ биравем? Гуфт: – Чигуна офтобдиҳӣ? Гуфтам: – Луч, урён шуда, рӯи қум-реги гарм дароз мекашем, баданро дар пешорӯи офтоб медорем, обутоб медиҳем, асабҳо ором ва пӯсти бадан тобовар мешавад… Хулласи калом, ҳар он чӣ дар сифати офтоб додани бадан шунидаву медонистам, ба мисли табибе, ки ба тавсияаш сад дарсад бовар дорад, якояк гуфтам. Тавре боварибахш мегуфтам, ки гӯё борҳо санҷидаву манфиаташро дида бошам.

Паҳлуи рӯди шӯхи кӯҳӣ қумзоре буд, хеле офтобрас. Ман порчаи матои сафеди бо худ овардаамро болои қум густурда, тавре

чогаҳи хоб мепартоянд, ҷо дуруст кардам. Гулчин хомӯш ба ҳар як ҳаракати ман назора мекарду ҳарфе ба забон намеовард. Ман ба ҷои дуруст кардаам, ишора намуда, гуфтам: – Марҳамат. Ва худам либос бадар карда, лаби ҷӯй рафтам, каме ба баданам об пошидаю андармони ину он гашта, маътал шудам, ки ӯ ҳам тағйири либос бикунад. Вақте бозгаштам, вай дар як гӯшаи ҷойи дуруст кардаи ман нишаста, болои сар чатр боз кардаву ба кӯҳҳои атроф ҳарисона нигариста, ғарқи андеша буд. Ман ба ҷараёни андешаи ӯ халал нарасонида, чизе нагуфта, болои матоъ дароз кашида, бо сачоқ болои чашмонамро пӯшондам. Ин дам хаёлам дар фазои озоди кӯҳистон дар парвоз шуд. Лекин ба ҳар сӯ ки мерафт, бо ёди Гулчин буд… Осоишгоҳу санаторияҳо ҷойҳоеанд, ки меҳмонони он ба ҷуз табобату муолиҷа, ба айшу ишрат ва ҳар навъи фароғат машғул мешаванд… Аз ошноии мо чанд рӯз гузашта бошад ҳам, вале ҳанӯз бӯсу канор ун тараф истад, гуфтугӯи мо аз доираи гуфтугӯи расмӣ берун нарафта, ҳарфу ҳиҷое аз ишқу муҳаббат ва ҳамхобагӣ ба забон наёвардаем. То ба ҳол на ӯ дасти маро дошта-ву на ман аз ӯро. То кай ин ҳол идома меёфта бошад?.. Дар ҳамин андешаҳо будам, ки ба бозуи дастам расидани ангуштони нозук, агарчи расидани баркро надидаам, вале тасаввур мекунам, ба ҳамон ранг вуҷудамро ба ларзиш даровард, лекин рӯҳафзою лаз-затбахш. Гулчин бозуи маро ламс карда, ба пушти гарданам, даст бурда пурсид: – Маҷид, ту шиаӣ?

– Падару модарам суннӣ буданд, ман фарзанди бовафои эшо-нам, гуфтам. – Барои чӣ чунин суол кардӣ?

Вай болои мушакҳои бозу ва баёзи гарданам, ки бар асари машқи вазнбардорӣ сахту ҷо-ҷо гурмдор шуда буданд, ангуштони нозуки худро болову поин лағжонда, ба нармӣ гуфт: – Мисле ки дар мотами Ошуро ширкат доштаӣ.

Гуфтам: – На.

Гуфт: – Чаро?

Гуфтам: – Фаҳмиши мо дар ин бора дигар аст.

Гуфт: – Чигуна?

Гуфтам: – Мардуми мо, ба ҷуз аҳли уламо, аслан дар бораи Ошуро тасаввурот надоранд… Ба хотири ин ки ин кор ба мазҳаби мо бегона аст… Бечора дини муборакӣ Ислом ва пешвоёни он дар тӯли таърих ҳай рӯзҳои сахту мудҳишро аз сар гузаронидаанд.

Гуфт: – Чӣ гуна?

Гуфтам: – Ёд дорӣ, ки бо фитнаи байни мусулмонон Имом Ҳусайн(р)-набераи пайғамбарамон кушта шуд. Пайғамбарамон(с)

низ пас аз заҳр хӯрдан, баъд аз ду сол фавтиданд. Ҳазрати Умар(р) дар вақти намоз бо шамшери заҳролуд шаҳид шуданд ва ҳазрати Усмон(р) дар вақти тиловати Қуръон кушта шуданд, ки нишоне аз хунашон ҳанӯз ҳам дар вараќи он ҳаст. Падари Имом Ҳусайн – ҳазрати Алӣ(а) ҳам дар вақти адои намоз ба шаҳодат расиданд…

– Чаро мардуми шумо аз сатр парҳез доранд?

– Чунки дар тӯли 70 соли шӯравӣ сари мардуми мо фишор оварданд. Вале имрӯзҳо шукри Худо дар Тоҷикистон ягон қонуне нест, ки сатрро манъ бикунад. Дар гузашта занҳои тоҷик ҳам сатрро ба ҷо меовардаанд, ба хусус дар шаҳрҳо. Дар кӯҳистон занҳо аз қайди ҳар гуна банду басти хурофоти динӣ озод буданд… Ҳай ҷои пандгӯи ёфтам, бубахшед… Гулчин, мехоҳам бароят қаср бисозам!

– Чие? – пурсид ӯ маро нафаҳмида. Ман ба ҷои шарҳи суолам, аз ҷой бархоста, бо халтачаи селофанӣ аз ҷӯй об оварда, болои рег рехтаву ба ӯ ишора кардам, ки ин ҷо биё. Гуфтам: – Тоҷмаҳал хонда ва ё шунидаӣ?

Гуфт: – Ман он ҷо будам.

Гуфтам: – Агар Шоҳиҷаҳон дар соҳили Ҷамнаи Агра барои ҳамсараш Мумтоз бо номи Тоҷмаҳал қасри азими меъморӣ бино карда бошад, ман дар канори ин ҷӯи пурхурӯши кӯҳии Тоҷикистон барои Гулчин «Гултоҷ» месозам ва об овардаю ба шӯридани рег шурӯъ кардам. Мешӯридаму лаби анҳори оби деҳа, хоначасозиҳои даврони кӯдакӣ ёд меомад. Ба худ чӣ гуна тарҳ доштани он хоначаҳоро меандешидам ва ростӣ ҳам як навъ дар фикри он будам, ки корро чӣ гуна сомон бидиҳам. Ба толеам Гулчин ҳам остин таҳ карда, ба ман ҳамроҳӣ, балки ҳамроҳӣ гуфтан кам аст, раҳнамоӣ кард. Зеро ман аз сабаби аҷала ба кор оғоз намудан ва пешакӣ тарҳи биноро ба дурустӣ наандешидан, аҷаб не, бе ёрии ӯ раҳгум мезадам, чӣ гуна анҷом додани онро сарфаҳм намерафтам. Ба бахтам, фаҳмиши меъморию устодии Гулчин дар ин боб аз ман дида бештару комилтар будаст, вале ман сир бой надода, муаммое пеш меомад, бо баҳонаи овардани об ва гапу кори дигаре гурез мекардам: -Барои атрофи ҳавзи об гул биёрам. Ин ҷо дарахт шинондан лозим, гуфтаю лаҳзае чанд ба атроф рафта гул мечидам, ба ягон кори дигаре андармон мешудам…

Баъди чанд соати ба таги обу арақ ғӯтида, заҳмат кашидани мо, нусхаи Тоҷмаҳал, ки ман ба тақлиди он «Гултоҷ» сохтанӣ будам, чун акси хира намоён гашт. Аз хӯроки нисфирӯзӣ дер мондем, лекин ҳар ду ҳам эҳсоси гуруснагӣ намекардем. Ман паҳлуи «қаср» дароз кашидаму Гулчин акс бардошт ва боз ӯ паҳлуи он

нишасту ман акс бардоштам. Ва «қаср»-и худро дар паноҳи Яздони пок гузошта, роҳи хонаи дар осоишгоҳ будаамон, пеш гирифтем.

Вақте бармегаштем, ба ӯ гуфтам: Ту ки офтоб додан намехостӣ, пештар нагуфтӣ? Ягон ҷои дигар мерафтем?

– Фардо ҳамон «ҷои дигар» меравем, – гуфт ӯ ва ҳамон табассуми дилфиреб чеҳраи бар асари офтоб арғувонӣ гаштаашро ҳусн бахшид.

Худ барои худ дарди сар харидам. Тамоми шаб андешаи он ки ӯро «фардо ба дигар ҷо» куҷо барам? оромам намегузошт. Ин шаҳри мо ва атрофи он, куҷояш барои одами хориҷӣ диданибоб аст?

Дар ҳавои нарму софи куҳистон варзиш кардан аҷаб кайфияте доштааст. Аз осоишгоҳ то ба дуродур рафтанамро худ надонистам. Дар ҷои дилрабои кӯҳӣ, паҳлуи кӯли кабуд ошхоначаи тобистонаи сайёре буд, ки аз ин пеш ман меҳмони он шуда, бо кабобпаз Шаҳоб ошноӣ пайдо карда будам ва ёд овардани он бароям гиреҳи муаммои шабонаро кушод.

– Худат медонӣ, ки мо чандон гурусна нестем, – гуфтам ба шиноси кабобпазам Шаҳоб. – Ҳеҷ куҷо шитобе ҳам надорем, барои мо – ману ин хонуми зебо як хӯриши табъи дил омода соз. Вай мисли низомиён даст ба гӯшаи саргираки сафеди матбахӣ бурда, гуфт:

– Дилпур бошед. Коре кунам, ки дар хонаи хушдоман чунин хӯрок ва иззат надидаед…

Мо дар гӯшаи канора даври миз нишаста, чархи суҳбат гардон кардем. Ҳар гоҳ ки назди Шаҳоб рафта, «Ваъда чӣ шуд, ҷӯра?» мепурсидам, «Мешавад, ками дигар сабр кунед», мегуфт. Ин дафъа ҷавобашро шунида, ба назди Гулчин баргаштанӣ будам, ки гуфт:

– Маҷид, сабр кунед. Вай аз дасти писарбачаи дар обу арақ таршудаи велосафедсавор буғчаеро гирифта, даруни хонаи вагон даромад ва лаҳзае пас овозаш баланд шуд: – Балки шумо рафта ба ҷоятон шинед… Вай ба гуфтааш вафо кард, лекин бо таъхир. Кабоби танӯрӣ димоғи на танҳо мо, ҳамчунин дигар нишастагони ин ошхоначаро пахш карда, онҳоро як навъ ба ҷунбиш овард. Ба ҳадде ки як-ду нафар мардони дағалмуомила ба овози баланду таҳдидомез ҷониби ошпаз ба маломат даромаданд: – Чӣ?! Ин ҷо хонаи очат аст? Мо бачаи ҷайраем?! Барои чӣ ба мо нагуфтӣ, ки инхелӣ кабоб дорӣ?! Ҳой, йиндуқпаз! Ҳаминхелӣ ту барин одамҳое, ки ба ман ноназаргирӣ карданд, – гуфт яке аз онҳо, – анна, бо ҳамин дастонам даҳонашона аз пушти гардан кушодам! Сер

шуда бошем ҳам, зуд барои мо аз ҳамун падават кун, а то сару даҳаната бо хуни худат рангин мекунам, нишоне аз туру танобат ҳам ин ҷо не останетса! Ҳашт соли дигар садқаи сарам, боз ба ихтиёри худам меравам. Лекин, погоди! аввал як-дута ту баринҳоро адаб дода, баъд меравам…

Вай ба ин гуфтаҳо қаноат накарда, сари мо омада пурсид:

– Инхелӣ кабоб аз куҷо пайдо шуд? Кӣ овард?! Шумо кӣ, начайлики кадом калонаед, ки ба шумо медодаанду ба мо не?!

Гуфтам: – Аз ошпаз пурсед.

Суҳбати ӯ бо ошпаз напухт, як замон бинем, ҳамон тавре дар филми «Ҳоло ист, харгӯш!», харгӯш сари дасти гург овезон почак мезанад, Шаҳоб сари дасти ӯ буд, ӯро чунон бардоштааст, ки мислашро на дар ҳунарнамоии вазнбардорон ва на дар сирк дида будам. Ману Гулчин ба мадади дӯсти хайрхоҳамон Шаҳоб шитофтем. Ҳамин вақт марди дигари ҳамнишини ӯ давида, мехост бо сихи кабоб мисли шамшербозон ба тани кабобпаз бизанад, вале Гулчин дами аз баландии куфаки уштурмонанд гузаштан, номаълум ба ӯ тавре пешпо дод, ки сарозер ба замин ғелида ҷар шуд. Хайрият, аз он ки ӯро кӣ пешпо дод пай набурд, вагарна намедонам ҳоли ману Гулчин чӣ мешуд? Ману Гулчин ба миёна даромада, дар кӯшиши ором кардани онҳо шудем. Ҳанӯз натиҷаи саъйи мо маълум набуд, чӣ мешавад, мошинаи милиса пайдо шуда, аз дохили кабина майори милиса бо овози баланд, ҷониби кабобпаз фарёд зад:

– Шаҳоб, ҳама оромист? Ба мо ягон хизмат ҳаст?!

Кабобпаз як даст ба сина, бо дасти дигар ишораи «хуб» кард ва дигар милисаҳо чуну чаро раво надида рафтанд. Пайдо шудани мошини милисаҳо шасти ҷангхоҳонро то андозае гардонд, вале бо вуҷуд онҳо боз ҳам ба кабобпаз таҳдид мекарданд: – Ин кору рафтори туро мы так не оставим! То туро адаб надиҳем, дубора ба «хонаи истироҳат» намеравем! Аз поён ёфтани дағдағаи он ду нафар дараке набуд, ки овози ҷонхароши зане баланд гашт: – Ай Нилуфари ман! Нилу! Ёрӣ диҳед! Мадад кунед! Нилуи ман ғарқ мешавад! Дух…

Ҳама ҷониби кӯл нигаристанд. Рӯи об ба ранги нилуфари обӣ гулбаргҳои сурху кабуду нилобӣ болои сари духтарча менамуданд, вай пар-парак дастак зада, раҳоӣ ёфтан мехост. Маҷид пойафзол бароварда, машғули бадар кардани сару либос буд, ки садои ба об хез задани Гулчин баланд шуд. Гулчину Маҷид Нилуфарро аз об бароварданд. Гулчин ба ранги парии обӣ менамуд. Мӯи мушкин ва бадани барфин, аз зери пираҳани сафеди ба тан часпида, пеши бар сари пистонҳои чун гелоси расида сиёҳаш ба назари Маҷид афтоданд.

Маҷид куртаи худ ба шонаҳои ӯ партофт. Модари духтарча ҳушу ёд банди фарзанд як замон ёдаш омад, ба Гулчину Маҷид миннатдорӣ накардааст. Вай сару рӯи Гулчин бӯсида, дуои давлат кард: – Худо, бачаҳом, умри оба насибатон гардонаду соҳиби бачаю кача шавед. Нилуи мана наҷот додед, Худо аз тамоми балоҳои заминию осмонӣ нигаҳбонатон бошад!.. Гулчин бо пироҳани тар тифли навзои аз парда сар берунбаровардаро мемонд…

Ин дам яке аз мардон ҷангхоҳ мегуфт: – Ба хотири ҳами апашка, – ҷониби Гулчин, ишора карда, – йиндуқпаз ин дафъа аз гуноҳат гузаштем. Но учти! Ин беҳурматии ба мо кардаат, беҷазо намемонад! Баъдтар боз дар ин бора гуфтугӯ мекунем. Лекин апашка маладес будаст! Мо мардҳо садқаи хоки пои ту шавем! Ба хотири ту ин дафъа танбеҳу ҷазои йиндуқпазро прошат мекунам! Лекин вай бояд ҳамаро бо як чашм бинад ва донад, ки мо ҳам иззати нафс дорем. Ун ҷо шиштан катӣ мо мусор, брак нестем, списат нашудаем?! – вай дастак зада гоҳ Гулчин таъриф мекарду гоҳ ба Шаҳоб таҳдид.

Аз Гулчин пурсидам: Майли шароб дорӣ? Ақаллан ашки булбул барин? Маст нашавем ҳам, ғубори дил барояд. Ҳеҷ не, ин тамошои дилғашкунандаро фаромӯш созем.

Гуфт: – Не. Мастии бе шароб ширину гуворотар аст.

Ҳамин вақт кабобпаз маро даъват карда, оҳиста гуфт: – Мехоҳӣ коре кунам, ки хонум кабки дастомӯз барин чирик-чирик карда, бо майли тамом дар бағалат дарояд?

Гуфтам: – Чӣ кор карданиӣ?

Гуфт: – Барои хонум ба чой ё нӯшокии дигаре шароб меомезам.

Гуфтам: – Не.

Дар бозгашт, ростӣ, намедонам аз меҳр буд ё асари шароб, ки худам танҳо андак нӯшида будам, номаълум дасти Гулчин ба даст гирифтам, оҳиста, чизе нагуфта, дасташ раҳо кард. Вақте ба хона наздик мешудем, гуфтам: Суруде ҳаст: …Ё маро бубар ба хона, ё биё ба хонаи ман… Гулчин ширину доманадор хандиду дар ҷавоб дандон сафед накард.

Рӯзи дигар, пас аз наҳорӣ ба Гулчин гуфтам: – Агар либоси варзишӣ дорӣ бипӯш ва ё бо худ бигир… Суханам нотамом гуфт: – Ба мусобиқа меравем? Гуфтам: Не. Мусобиқаи дигаронро диданӣ. Ба мамнуъгоҳи Ромит.

Ҳоло даври гулхан нишаста, ба меҳмондории ҷангалбон, бобои Зокир, марди болобаланди зардина, назора мекардем. Вай ба мо рухсати ёрӣ надода, ҳама корро худаш саранҷом медод. Дар аввал аз ин рафтораш дилам дар хавотир буд: Мабодо тарзи пухту пазаш ба Гул-

чини шаҳргашта, ки ҳар гуна маводи хӯрокро чанд бор шустаю тоза карда, бо чумчаю чангак, дастпӯшакҳои сафеду гуногуни резинию селофанӣ одаткарда, писанд наояд. Не, шукри Худо тахминам ғалат баромад. Вай ончунон озодаю бо риояи шартҳои санитарӣ амал мекард, ки мегуфтӣ матбахи озмудаи президентӣ бошад. Аз дилам гузашт: аҷаб не, вай ин ҷо борҳо одамони соҳибмартабаи дохилию хориҷиро меҳмондорӣ кардааст, ки ин хел озодаю моҳирона ва дониста амал мекунад. Паҳлуи гулхан, аз ду арматури душохаи махсус барои ҳамин кор васлшуда ва бо мурури замон хеле суфтаю сайқалёфта, сутун омода кард ва болои онҳо аз чӯби заранг ходае бо гӯштҳои кабку оҳу гузошта, андак-андак ҳар ҷо-ҳар ҷои онҳоро чок кардаю намаку зираю сирко пошида, барои мо сихкабоб пухт.

– Бобоҷон, бобоҷон, ман шаҳрҳо ва меъмориҳои бисёр зебою нақшину муъҷизаосои машҳури дунёро дидаам, – қисса оғоз кард Гулчин, аз меҳмондории бобои Зокир ба ваҷд омада, – вале дар ҳеҷ куҷо ба ин ҳад хушҳол нашуда будам. Кабобҳои гуногуни кабку бедона, гӯшти оҳубара ҳам хӯрда будам, вале ин хел лаззат, ки ин дорад, надоштанд. Илоҳӣ, дасти шумо дард набинад, ғам аз гӯшаи ҳотаю дари шумо гузар накунад, бобоҷон.

Гулчин даври гулхан баъди хӯрок ва чанде суҳбат бо таъкиди бобои Зокир паҳлу зада, сар ба зонуи ман гузошт ва бобои Зокир моро ба ҳоли худ монда, чанде ҳезуми дигар паҳлуи гулхан захира карда, шаб ба хайр гуфта рафт, рафт ки бихобад.

– Маҷид, ту аз ман напурсидӣ, ки духтари ҷавон чӣ гуна тани танҳо ин ҷо, дар диёри шумо афтодаам?

– Акнун ки худ ёд овардӣ, бигӯ? – хоҳиш кардам.

– Мо, ману дугонаам Моҳрух аз миёни шаҳру устонҳои зебои давлатҳои зиёд Тоҷикистонро интихоб карда, ба нияти сайру саёҳат омадем. Дугонаамро бе хости ӯ, ба шахси барояш ноошно ба шавҳар доданӣ буданд, ба мисли анъанаи солҳои пешин, ки ба шунидам, дар ин диёри шумо ҳам роиҷ будааст. Ӯ нахост ва маро, ки ҳамроҳи бародари дар ҷанги таҳмилии миёни Ироқу Эрон шаҳидшудаам, зиёд шаҳргардӣ ва саёҳати даври олам карда будем, хоҳиш кард, ба Тоҷикистон биравем. Баъди ду рӯзи аз хона баромадани мо, ба ӯ симхат омад, ки «Модарат сахт бемор аст, ҳарчи зудтар худро бирасон». Вай рафту ман ин ҷо танҳо мондам. Бародарам Вафо ҳар ҷо ки мерафт, маро бо худ мебурд ва ҳамин хел дар тинати ман, як, намедонам ҷасорат бошад, шуҷоат бошад, хулоса, як бебокие ташаккул ёфтааст, ки мисли баъзе духтарони дигар зудранҷу нозук ва тарсу нестам. Холаам мегӯянд: – Ту бояд

бача мешудӣ, тасодуф духтар зоида шудаӣ…

Гулчин қисса карда, як замон бинам, хомӯш шуду худ нафаҳмида, хобаш бурд. Чеҳраи бар асари офтоб ва гармии гулхани иншаба арғувонигаштааш чунон дилрабо буд, ки болои он сар хам карданамро худ надонистам. Хостам ба рухсорааш бӯса занам, вале аз чӣ бошад, зуд аз ниятам гаштам. Лаззати бӯса дар ҳиссу идрок ва меҳру эҳсоси тарафайн аст. Не. Сабр мекунам, то бедор шавад, ва… Тавре асп рост хоб меравад, манро ҳам дар ҳамон ҳолат – нишаста хоб бурдааст. Як замон овози «Маҷид!» гуфтани касе аз хоб бедорам кард.

– Маҷид, акси моро бигир! – гуфтани Гулчин аз ҳаяҷон раҳоям карду боз ҳам дар ҳайрат гузошт: – Гулчин лаъличаи асал, ки бегоҳ бобои Зокир барои хӯрдани мо болои дастархон гузошта буд, дар даст паҳлуи хирси азими малламӯ меистод. Хирс аз лаълича асал лесида, ба маънии қаноатмандӣ як тика забони сурхашро бозӣ доронда, гоҳ ба Гулчин ва гоҳе ба ман менигарист. Ман баштитоб аз паҳлуи сумкачаи Гулчин дастгоҳи аксбардорӣ гирифта бошам ҳам, ҷуръати пахши тугмача намекардам.

– Чӣ истодаӣ? – пурсид Гулчин.

– Мабодо чирикӣ карда, барқ задани дастгоҳ ба «ҳазрат» сахт расад.

– Барқ ҳам намепараду «ҳазрат» ҳам, то тамом шудани асал дар доми мо аст, зудтар тугмачаро пахш бикун.

– Гулчин, ту чӣ тавр аз хирс наҳаросидӣ?

Гуфт: – Вақте бедор шуда, ӯро дидам, ба худ гуфтам: Хӯрдание мехоҳад, ки ин қадар наздик омада, нигарон аст. Фикр кардам: – Барояш кабоб партоям? Боз андешидам, ки ҳайвонҳо ба хӯрдани гӯшти хом хӯ кардаанд, ба қадри кабоб намерасанд. Чӣ кунам? Яке ба ёдам омад: хирсҳо асал дӯст доранд. Асал барои ӯ камёб аст, лекин. Чӣ навъ асалро ба вай диҳам? Хостам аз ту маслиҳат пурсам. Чунон зебою ором дар хоб будӣ, мисли тифлак, дар бағали модар. Дилам нашуд. Бахт аз таваккал гуфта, лаъличаи асал ба даст гирифтаю оҳистаю боэҳтиёт ба ӯ наздик рафтам. Бӯйи асал шамидаю фаҳмида, ки аз лаълича чашм намеканд. Ҳамин ки як бор ба лаълича забон расонда, лесид, овоз баровард. Ба хаёлам, миннатдорӣ кард…

Аз ин сафари кӯтоҳ ҳар ду хушҳол баргаштем.

Рӯзи дигар, аз пагоҳӣ не гап, не хабар, Гулчин бедарак гашта, танҳо ҳангоми хӯроки шом, ғайри чашмдошти ман, пайдо шуда, ба мизи мо наздик омаду оҳиста дар гӯшам гуфт:

– Ин ҷо мулло ҳаст?

Гуфтам: – Ёфт мешавад.

Гуфт: – Баъди хӯрок ҳар ду ба хонаи ман биёед.

Ҳарчанд аз мақсадаш пай набурдам, вале табъи хушу даъвати самимӣ аз нияти нек дарак медод. Гуфтам: – Ба ҷонам. Вай ба назарам хӯроки шом ҳам нахӯрда рафт.

Воқеан бояд бигӯям, ки мо дар як долон, хонаҳои рӯ ба рӯ мезистем. Аз роҳрави байни хонаҳо тарафи чап дари умумӣ буду долон ва тарафи чапу рост ду хонаи дарун ба дарун, ки ин ҷо номи ҳар кадомашро люкс мегуфтанд. Вақте дари хонаи Гулчинро кӯфтам, аз хонаи Гулчин ба ҷои ӯ хонуми дигаре дар боз намуда, моро хуш омадед, гуфт ва ба дохили хона даъват карду ҷои нишаст нишон дод. Лаҳзае пас, ҳамон хонум баргашта, назди мо омаду ғайри интизор гуфт:

– Хуш омадед. Мехостам фаҳмам, ба чӣ омадед?

Аз роз бехабар лаҳзае худро гум кардам ва зуд худро ба даст гирифта, ба ранги сиёсатмадорон ба таври умумӣ гуфтам: Мехоҳам дар равобит ва дӯстии байни Эрону Тоҷикистон саҳмгузор бошам…

– Яъне, ки ба хостгорӣ омадаед, – аз пеши худ маънӣ бароварда, гуфт хонум. – Шумо бародар Маҷид, мехоҳед бо хонум Гулчин арӯсӣ бикунед?

Гуфтам: – Бале.

– Бародар мулло, хутбаи никоҳ бихонед, – хоҳиш кард ӯ. Мулло ки аз ин сирру савдо то ин дам огаҳӣ надошт, як навъ ҳайратзада китф дар ҳам кашида, ҷониби ман имдодталаб, ба маънии «чӣ кунам?» нигарист. Ман ба сар ишораи «бихонед», кардам. Мулло шердил шуда, мисле ки дар муқобили аксбардор истода суруд мехонда бошад, аввал гиребони курта дуруст кард, баъд овоз рӯшан намуда, гуфт:

– Арӯс куҷост? Аввал мо бояд аз ӯ ризоят бипурсем, шартҳои арӯсӣ ва заношавҳарӣ бифаҳмонем… Сухани мулло ба поён нарасида, хонум дари нимбози манзили паҳлуиро васеътар боз кард. Дидам, ки Гулчин дар либоси сафеди арӯсӣ, худро орою торо дода, ҳушу гӯш ба гуфтугӯи мо дорад. Мулло боз пурсид: – Аз рӯи Худо, на аз рӯи риё, бигӯед, ки дар никоҳи марди дигаре ҳастед ё на?

– На! – шунида шуд бо қатъият овози Гулчин.

Мулло дигар чуну чаро раво надида, ба хондани хутбаи никоҳ: -Бисмиллоҳир-раҳмонирраҳим, гуфту хонданро идома дода, баъди каме хондан, ист карду хоҳиш намуд: – Хоҳарам Гулчини арӯсшаванда, наздиктар биёед! Ба забони худ номи худ ва падара-

тонро бо овози ба ин ҷамоаи муъминини ҳозирин шунаво бигӯед…

Қисса кӯтоҳ моро никоҳ карданд. Бо хоҳиши қаблии Гулчин ҷавоне дар ин соат бо дастгоҳи аксбардорӣ ҳозир шуда, ҷамъи моро аксбардорӣ кард. Ва Гулчин халтаҳои селофание пеши мулло, аксбардор ва дугонааш гузошта, ташаккур гуфт ва ҳарсеи онҳо моро ба ҳоли худ гузошта, аз хона бадар рафтанд. Мани аз ин савдо қаблан бехабар, ба ростӣ ҳайратзада, вале боз аз он ки соҳиби арӯси нозанин шудам, дар курта намеғунҷидам. Арӯс гуфт: – Акнун маро рӯи даст бардору хонаи худ бибар…

– Ба чашм, гуфтам. Лекин аввал рафта дар кушоям.

Гуфт: – Дар боз аст. Дигар фурсат аз даст надода, арӯс бардошта ба хона бурдам. Худоё! Аз дидани хона ба шигифт афтодам: – онро ба ранги хонаи шаҳ оин баста, аз пардаҳо моҳирона чодир сохта буданд… Қариб ки ҳама тартиботи тӯй ва шарту шароити шаҳу арӯсӣ риоя ва баҷо оварда шуда. Гулчинро дар оғуш гирифта, гуфтам: Баҷон мехоҳам, модари мушфиқи фарзандони ман бошӣ…

Гуфт: – Сода. О, мо барои ҳамин никоҳ кардаем. – Ва боз ҳамон табассуми дилҷӯи мафтункунанда ҳадя карда, афзуд: – Чандто мехоҳӣ?

Гуфтам: – сето, як духтару як писар ва сеюмаш ба ихтиёри худат.

Гуфт: – Худо кариму бахшоянда аст, хоҳад мешавад. – Ва боз афзуд: – Маҷид, аз волидайнат рухсати издивоҷ гирифтӣ? Охир ин ҷо, дар ин осоишгоҳ…

Гуфтам: – Аввалан, ин ки ман мард ҳастам, ҳар киро хоҳам ихтиёр дорам. Сониян, одамон дар маҳбас ҳам издивоҷ мекунанд, ин ҷо ку ба ранги биҳишт аст. Вале ту чӣ кардӣ? Ризоят пурсидӣ? Дуо гирифтӣ?..

Гуфт: – Ихтиёри издивоҷ ба худам додаанд, вале ба як шарт.

Гуфтам: – Чӣ шарт аст?

Гуфт: – Хостаи ман мебояд мусулмон бошад.

Гуфтам: – Пас ёфтӣ.

Гуфт: – Барои ҳамин бе шинохти дерин издивоҷ кардам. Ва боз чизи дигаре ҳам гуфтанӣ буд, ки сабр аз дил рафт ва қисса кӯтаҳ шуд… Мо ду тан ба ҳам ончунон печида, ки гӯё дар як пайкар будем. Ду дил ба як мароми оҳанг ба шавқи ҳам мезад… Ин дам аз кайфияти мо рахти хоб овоз баровардa, изҳори шодмонӣ мекард.

* * *

– Муаллим, як занак омада гуфт: Ба шумо расонам, ки як хешатон омадааст, дар шипанги рӯи ҳавлӣ шуморо интизор аст.

– Вай кӣ будаст, ки ин хел нози хунук кардааст?! Нагуфтӣ, ки гапат бошад, даро ба худаш гӯ?!

– Гуфтам: гапат бошад, як дам сабр бикун. Ман ҳозир даромада аз Маҷид Шарифович рухсат пурсам. Иҷоза диҳанд, даромада гапата мегӯӣ. Маҷид Шарифович вақти беҳуда надоранд, берунҳо баромада, корафтода кофта гарданд. Вале вай интизори идомаи сухани ман нашуда, баромада рафт. Чӣ кор кунам? Дубора рафта фаҳмонам ё?

– Не!!! Даркор бошам, боз меояд, – инро гуфта Маҷид коғазҳои кории пешорӯяшро пеш кашид ва ба мутолиаи онҳо пардохт. Мехонд, вале чизе намефаҳмид, хаёлаш ба он рафт: – Кӣ бошад? Хеши наздик, гуфтааст. Агар хеши наздикам мешуд, ба хона меомад, телефони маро ёфта занг мезад… Фаҳмад нафаҳмад, худро ба хондани маводи корӣ машғул дошт, вале нашуд, ки нашуд. Шабнам! – тугмачаи хабарии миз зер накарда, фарёд зад Маҷид.

Шабнами котиба ҳамоно ҳозир шуд.

– Шабнам, ун зани омада, чӣ гуна афту андом ва сарулибос дошт? Аврупоипӯш буд ё ба таври маҳаллӣ?

– Мисли занҳои эронӣ…

– Худоё, кӣ бошад? Ку бубинам, – гуфта Маҷид аз хонаи корӣ ба саҳни идора баромада, рӯ ҷониби шипанг равон гашт. Дар курсиҳои шипанг як зану як ҷавон нишаста, ба истиқболаш аз ҷой бархостанд. Зан бо наздик омадани Маҷид, худдорӣ аз даст дода, Маҷид! – гӯён овоз баланд кард, ҷавон: Падарҷон! – гуфта модару писар башаст худро ба бағали ӯ партофтанд. Дар ҳамин ҳолат то хеле гузашт. Зан аз киса рӯмолча бароварда, оби дида пок кард ва гуфт:

– Маҷид, бароят ҷону ҷигар, соябони сар туҳфа овардам, – ва ба ҷавони паҳлуяш истода, ишора кард.

– Худоё! Овози ҷонбахши ширин! Наход Гулчин бошӣ?!

– Бале, Гулчинам. Ҳамонеам, ки 18 сол боз дар фироқи ту месӯзам.

Онҳо боз ҳамдигарро ба оғӯш кашиданд. Хонум худро аз бағали Маҷид раҳо карда, гуфт: – Ин аст, Вафои мо. Писари ҳаждаҳсолаи мо. Ин ҳама солҳо акси ту назди қасри «Гултоҷ» пеши назараш буд…

Маҷид ба Вафо нигарист: Мисле ки ҷавонии худи ӯ назди оинаи барқад истода бошад… Сухани Гулчин ӯро аз сайри хаёлӣ ба худ овард.

– Умед дорам, аз гуноҳам, ки бо айби ман ин ҳама солҳо дидор надидем, мегузарӣ. Бори фироқу ҷудоӣ барои ман ҳам осон набуд, ки баъд бароят қисса мекунам…

Маҷид хомӯш ба Гулчин ва Вафо нигариста, дида пок кард. Шабнами котиба ва ҳамкорони кунҷкови дигар аз тирезаҳои боз ба ин манзара нигоҳ карда, пай намебурданд, ки дар ин миён чӣ сирру савдое гузашта бошад. Сирру савдои зиндагӣ хеле зиёд аст ва мо на аз ҳамаи онҳо бодарак ҳастем. Якеш ин буд, ки бароятон ҳикоя кардам.

## БИРАВ, КИ ТУ ТОВУС НЕСТӢ!

Муносибати оилавии товусҳо бад гашту кор то ба додгоҳ оид шуд. Яке аз товусҳо ариза навишта ба дабирхона омад. Ба ӯ гуфтанд: – Навиштаи туро қабул надорем. Дар сурате қабул мекунем, ки аз пари зебоят ба мо якто диҳӣ.

Товус ҳарчанд зораву лоба кард, қабул накарданд. Ноилоҷ бо як ҷаҳон аламу ҳасрат як пари рангину дилрабои худро канда дод. Аз миён чанд рӯз гузашт, вале аз натиҷаи арзи ӯ дараке нашуд. Ба додситонӣ рафт, ба ӯ гуфтанд: -То аз пари зебою нақшинат якто надиҳӣ, арзатро намешунавем.

Товус боз ҳам ба лобаву зорӣ даромад, вале асаре надид. Таҳдид кард, ки ба боло шикоят мебарад, вале боз ҳам суханаш асар надошт. Ноилоҷ боз аз пари зебою нақшини худ якеро канда ба инҳо дод.

Аз байн чанд моҳи дигар гузашт, вале аз ривоҷи кор дараке набуд. Боз роҳи додгоҳи шаҳр ва ҷумҳур пеш гирифт ва ҳар ҷо ки мерафт, ба арз ва зориву илтиҷои ӯ эътиборе надода, пар мехостанд. Ҳар қадар ки ба ҳар идораи марбута рафта арз кард, ҳамон қадар парҳояш камтар гаштанд. То арзи ӯро шунида, ба хайрияти кор овоз доданд, ки товус аз болу пар ва фари товусӣ бенасиб гашт. Ягона мадори дилаш он буд, ки ба нафъи ӯву фарзандонаш мурод ҳосил шуд, агарчи бе пари зебо монд. Бо ҳамин андешаҳо рӯ ҷониби манзил ва ҷигарбандон кард. Вале…

Чун ба кӯи худ баргашт, фарзандон ҳоли ӯро дида, ба товус буданаш бовар накарданд.

– Товус бо болу пар ва он ҳама зебу фараш товус аст, – гуфтанд ба ӯ. Саъй кард, ба онҳо фаҳмонад:

– Ман ҳамон падари дилбанду ҷигарбанди шумоям, – гуфт ба зорӣ, вале онҳо на танҳо қабул надоштанд, балки майли шунидан накарданд.

– Падари мо, товуси зебо ва рашки тамоми парандагону чарандагони беша буд. Товусе буд бо пару боли зебою дилоро, боиффату номус. Ҳусну таровати товусии худро дар тамоми фасли сол, мушкиливу сахтӣ – сармои зимистону гармои тобистон, дар ҳама ҳолат – фаровонӣ ва норасоии ғизо, нигаҳ медошту ҳифз мекард, моро бо луқмаи поку ҳалол мепарварид. Вай мегуфт: – Бар асари луқмаи ҳаром табиати кас дигар гашта, ба касофати он файзи инсофу адолат барҳам мехӯрад. Қадри ҷинсу ноҷинс, сараю сақат ба хоки кӯча баробар шуда, акси он ба зоти мо, ҷомеаи мо, давлати мо ва сохти мо таъсири бад мерасонад! – Гуфтанд ба ӯ: – Бирав, ки ту товус нестӣ!



Товус бо ашки шашқатору ҳоли зор гуфт:

– Ман ҳамун падари дарбадару мушти пар, зору низори шумоям. Ҳамонам ки шуморо бо меҳр, ҳазору як нозу неъмат ва лутфу эҳсон тарбият кардам. Тавре шуду ҳолам рӯ ба табоҳӣ овард ва мани сияҳрӯз зебоиямро аз даст додам, то шуморо ба саломат нигаҳ дорам.

–Не! Мо хушбахтиеро, ки бо ғиромӣ ва ҳаромӣ ба даст омадааст, хуш надорем, – гуфтанд фарзандони ӯ. – Моро падару модари поку боиффат мебояд! Бигузор, гуруснаю ташна бошем, вале ба зоти худ бошем, бадном набошем!

– Ай ҷону ҷигарбандонам, – бо ашки шашқатор гуфт товус, – Ман ҳам солу моҳҳо ба ҳамин ният рӯз ба сар бурдам, вале чӣ метавон кард? Дар ин мулке, ки баъди кашмокашиву худкушиҳо мардум бо хулқу атвори бад хӯ гирифта, адолату инсофро бе ришва раво намебинанд? Бе ришва касе ба касе сухани ҳақ намегӯяд, куҷо расад ба адлу инсоф?! Ҳолиё гуфтаи ман дар дили шумо асар надорад. Боре ба идораҳои ин диёр корафтода шавед, пасон буби-

нам, ки ба кадом шеваю оҳанг сухан мегӯед. Боре ба суханам биандешед, ки бе ин ҳам аз барои осоиши шумо ба ин сахтӣ расида, аз пару боли худ бенасиб гаштаам ва дигар тоқату бардошти ғаму андуҳ надорам. Он ҳама бори ҷабру ҷафоро ба ёди шумо, ба хотири хушии шумо таҳаммул мекардам! Дигар…

## ДУХТАР ВА ПИР

Духтарак бо ҳусну малоҳати афсунгаронае дар муқобили пир нишаст. Чеҳраи духтар оғуштаи табассум буд. Мард надонист, ин табассуми ӯ аз баҳри чист ва ба хотири кист, ба кадом маънист?

Духтарак дар муқобили мард менишаст. Мисле ки дар зимистон пеши ӯ меваи тару тоза гузошта бошанд.

Духтар андешид: агарчи пир аст, нигоҳаш гарм, тану ҷонаш солиму бардам метобад. Рӯзгор пиндорӣ ба ҷуз сафедӣ ба мӯйяш асари дигаре нагузоштааст.

Духтарак ин дам аз дил гузаронид: марг аз пириву ҷавонӣ нест. Як камон сад тирро дар хок пинҳон кардааст.

Духтарак ёд овард: паҳлӯи зани ҷавон тир беҳ аз пир бувад.

Духтар ҳамоно андешид: илм ун қадар пеш рафта, ки пеши пирӣ гирифта, ба ҷуз марг.

Ин дам ёди пир омад: ишқи пирӣ гар биҷунбад, сар ба расвоӣ кашад. Не, ман ҳанӯз пир нестам, агарчи аз пирӣ нишон дорам, – ва даст ба мӯйи сафедаш бурд.

Духтарак ба худ гуфт: нафси одамӣ ҳай носерам будааст. Вагарна наход ӯ то ба ҳол зани зебоеро надида бошад, ки ин қадар ҳарисона?..

Духтарак боз ҳам андешид: ҳар таом лаззати дигаре дорад. Ва боз аз дилаш гузашт: мурод аз ҳама таскини нафс аст.

Духтарак андешида ба худ гуфт: нафс силоҳи шайтон асту мо нишони ӯ. Сайдро чун аҷал ояд, сӯи сайёд равад.

Духтарак тамасхур кард ба ҳоли худ. Пир гумон кард ба ӯ механдад.

Пир гуфт: хости Худо будаст.

Духтарак гуфт: эй кош хости Худо дар мулки мо инчунин намебуд.

Пир гуфт: хости Худост, ки барра туъмаи гург мешавад.

Духтарак гуфт: – бале, хости Худост, ки гург сайди сайёд мешавад.

Пир аз чашмаки ман, чашмаки ту ба танг омад. Дар муқобили нигоҳи духтар ҳамён гузошт. Духтарак онро дида, чеҳраи гул баринаш шукуфт.

Пир ба худ андешид: тир ба нишон расид. Зар бар сари санг агар ниҳӣ, нарм шавад.

Духтарак аз дил гузаронид: доми озмуда, аз барои таскини нафси балокаш.

Пир аз дил гузаронид: хости Худо ба ҳарчи бошад, ҳамон шавад.

Духтарак ба худ гуфт: Чи василаҳо ба кор баранд, то хости Худо ба хости эшон шавад.

Пир гуфт: ҳама неъматҳо барои инсон аст, чи дар ҷавонӣ ва чи дар пирӣ.

Пир боз аз дил гузаронид: шоири огоҳ хуб фармуда: Вақте Худо тан офарид, аз барги гул зан офарид. Бӯидани гул ба марди…, – забонаш нагашт пир гӯяд, – чӣ бадӣ дорад? – Вале боз ҳам аз дил гузаронида, ба худ хитоб кард: эй мард! Бидон ва огоҳ бош! Аз гов ҳаққӣ шир, аз дарахт соя ва мева, аз наҳр об, аз офтоб нур, аз ғизо зӯр…, аз зан табассум, аз ҳамсояву ҳамкор салом қарз дорӣ!

## ИСТИҚБОЛ

*(Вазир ва ятимбача)*

– Саф кашед!

– Синфҳои ибтидоӣ пеш гузаред! Шумо каме пас истед!

– Гулдастаҳоро наафтонед!

– Ҳозир, ҳозир, ками дигар сабр кунед.

– Муқим Набӣ куҷост, ки ин ҳоли шуморо бубинад?

– Ҳой бача, гӯшмол бинӣ!

Қатори мошинҳои сабукраву боркаш ва автобусҳо аз гардиши роҳ, ки аз ин баландӣ ва канора хам дар хами абрӯро мемонд, намоён шудан замон садои шӯру ғавғои бе он ҳам зиёди кӯдакон баландтар гашта, дар сафҳо ҷунбуҷӯл оғоз ёфт. Шогирдони сафи пеш таъкиду фармоишоти устодонашон – бешитобу ҷандала пеш рафтан, тартибу низомро риоя кардан, ба меҳмонон боадабона гулдаста тақдим карда, «Хуш омадед!» гуфтанро магар фаромӯш карданд, ки ҳар кадоме зудтару аввалтар расидан мехост.

Қатори мошинҳо назди пешвозгирандагон истод.

Аз миёни сафи меҳмонон тавачҷуҳи ҳозиринро бештар хонуми резапайкари айнакӣ ба худ кашид. Хонум аз дасти кӯдакон гулдаста

гирифта, ташаккур гуфт, сари баъзеашонро сила кард ва баъзеи дигарро модарвор аз фарқи сар бӯсид. Он духтару писарбачаҳое, ки чунин меҳрубонӣ диданд, руҳбаланд шуда, худро азизтарини азизон пиндошта бар-бари ӯ мерафтанд. Мизбонон назди меҳмонон коҳиш кардани кӯдаконро аз рӯйи одоб надониста, ҳар гуна имову ишора ва таҳдидҳо мекарданд, вале, ҳайҳот, кӯдаконро кай парвои ин ишора ва таҳдидҳо буд!

Аз миёни истиқболгирандагон, ки бештаринашон устодону шогирдони мактабу ятимхона буданд, назари хонум ба писарбачае афтод, ки канортар аз шарикдарсони худ, гулдаста ба даст, мисли он ки ба ҳоли дигарон назора мекарда бошад, бо виқор мерафт. Хонум аз миёни мизбонон канортар гузашта, ба он писарбачаи жӯлидамӯй наздик шуд ва бо маънии шинос шавем, даст ҷониби ӯ дароз кард ва номи худро гуфт.

Ин дам дуд аз димоғи сарвари ятимхона баромад. Ӯ бо ҳазору як азоб, ба саду як дар сар даровaрда, пеши чандин касу нокас сар хам карда, барои чанд тан аз шогирдон сару либоси мувофиқ пайдо карда, одоби муоширату истиқбол ёд дода буд. Ва ҳоло аз он ба худ мепечид, ки ин писарак ҳангоми машқу таъкиди одоби истиқболгирӣ ҳозир набуд ва акнун бо ин меҳмони олиқадр чӣ гуна муомила ва суҳбат мекарда бошад?

Писарбача дар ҷавоби меҳмон каме ошуфтанамо шуд, вале зуд худро ба даст гирифт, номашро бар забон овард. Радаи дандонҳои биринҷи девзира баринаш, ки кайҳо дандоншӯяк надидаанд, аз миёни лабони маҳину бар асари дерхӯрокӣ парсингбастааш намоён шуданд. Чашмони сиёҳи обӣ, абрӯвони мушкини пайваста, мӯи ғуллии пушти сар ба зарби ангуштон шона задаи писарак ҳадафи нигоҳи хонум гаштанд.

Хонум ба либосҳои озодаю обшуста ва ҷо-ҷо сари остину оринҷ дарбеҳи писарак нигариста, аз кӯкҳои намоён тахмин кард, ки кори худи ӯ будагист. Хонум бори дигар ба сару либоси писарбача назари сар-сарӣ давонда, нигоҳаш дар муқобили чашмони ӯ қарор гирифт. Дар ҳолате ки назари хурду бузург бо ҳам меафтанд, аксаран хурдон назари худро мегурезонанд, вале ҳоло ин бача ба чашмони ҳамсуҳбати худ бебо нигариста, интизори он буд, ки ин зани соҳибмансабу аз роҳи дур омада, ба ӯ чӣ мегуфта бошад…

Зан ба фаросат дарёфт, ки писарбача интизори шунидание аз ӯст. Садои ғулғула ва ҳангомаи мардуми истиқболгиранда, ба хусус кӯдакон дар фалак мепечид. Хонум баъди каме таҳаммул нигоҳашро аз рӯи писарбача наканда пурсид:

– Кучо мехонӣ?-Ва ҳанӯз писарак ҷавобе нагуфта афзуд: – Дар кадоме аз ин мактабҳо мехонӣ? – Дар ин деҳкада ду мактаб ва якеаш бо номи «ятимхона» машҳур буд ва зан инро дониста, ба хотири ба иззати ӯ нарасидан, мактаб ё ятимхона напурсид.

Писарбача таваққуф накарда гуфт:

– Дар клоси дуввуми ятимхона таҳсил мекунам.-Ва лаҳзае пас монанди калонсолон, магар фурсат муносиб ёфт ва ё таъкиди ҳамсинфон ба ёдаш расид, ки илова кард:

– Шуморо хайра мақдам мегӯем. Ба мо гуфтанд, ки шумо барои мо китобу дафтар меоред. – Писарак оромона ҳарф мезад, – лекин оҳанги суханаш ба гӯши хонум чун даъвогари дилпур расид. Хонум ба худ сабр пеша кард, то бифаҳмад, ки ӯ боз чиҳо мегӯяд. Баръакси чашмдошти хонум писарбача дигар ҳарфе бар забон намеовард, интизори ҷавоби ҳамсуҳбати худ буд. Агарчи танги тирамоҳ буду ҳаво сард, писарак дар бар либоси тунуки ғайримавсимӣ ва он чӣ дар по дошт, аз пояш калон ва яқин ки пасмондаи каси дигаре буд.

Зан суол кард: – Ба Шумо гуфтанд, ки мо фақат дафтару китоб меорем?

– «Аҷаб не, чизҳои дигар ҳам биёранд», гуфтанд ба мо, – афзуд писарак, ба хотири бе ҷавоб намондани сухани хонум.

– Ҳа, мо чизҳои дигар ҳам овардаем, лекин… – Хонум лаҳзае аз идомаи сухан худдорӣ кард ва бо диққати тамом ба чеҳраи писарак нигарист. Хомӯшӣ дар миён омад, вале дер давом накард. Писарак чизе напурсид… – Ҳа, мо чизҳои дигаре ҳам овардаем, – ба такрор гуфт хонум ва боз таҳаммул пеша кард, то бифаҳмад, ки писарак чӣ мегӯяд. Дид, ки аз писарак дигар ҳарфу садое намеояд, худ афзуд: – Мо хӯрокворию пӯшокворӣ, асбобҳои варзиш ва дигар чизҳо овардаем, лекин… – Хонум сокит монд, то ба ҳамин васила писаракро ба гап дарорад, вале боз ҳам нашуд ва худ афзуд:-Лекин чизҳои овардаи мо бештар ба онҳое мерасанд, ки хубу аъло хонанд, рафтору кирдори нек ва ахлоқи ҳамида дошта бошанд. Дар ин рӯзҳои баъдиҷангӣ баъзеҳо сахтиву қаҳтиро баҳона карда, ба вазифаи худ – хондан батамом бепарво шудаанд…

Гӯё ба тани каммадори писарак дами Исо расида бошад, ҷабини гирифтааш кушода, хушҳол ва як навъ ба табассум моил гашт.

Хонум аз ин тағйири авзои ӯ маъние набардошта, пурсид:

– Суруди миллии Тоҷикистонро медонӣ?

Писарбача «ҳа» ё «не» нагуфта, каме ҳолати ҷиддӣ гирифт, гулӯ

афшонду ба хондани Суруди миллӣ оғоз кард. Хонум ба фаросат дарёфт, ки ӯ сурудро медонад ва зайли баъзе кӯдакони дигар ҳангоми қироат кӯшиши артиствор хондан надорад, сода, равону фаҳмо ва кӯдакона мехонад. Хонум ба шонаи кӯдак даст бурда амр кард:

– Сабр кун, сабр. Ба ман фаҳмон, ки калимаю ибораҳои «ворисони туем», «мароми мо», «бақои ту» чӣ маънӣ доранд? Муаллифи ин суруд кист?

Писарак аз қироати суруд бозистод, бе он ки ошуфта гардад, гуфт: – Суруди миллии Тоҷикистонро акаи Гулназар навиштааст. – Боз чизи дигаре гуфтанӣ буд, ки зан суханашро бурида пурсид:

– Шоир ба шумо хешигарӣ дорад?

Писарак, ки то ҳол ҳолати ҷиддӣ дошт, ширин табассум карду гуфт: – Не. Бародарам гуфта буд, ки вай фалғарӣ аст. Мо аз Раштонем. Вай ҷӯраи бародари дар ҷанг шаҳидгаштаи ман аст. Ман шеърҳои дигарашро ҳам медонам. Аз эҷодиёти устод Муъмин Қаноат ҳам чанд шеър ва аз достонҳояш порчаҳо аз ёд кардаам.

Аз гармии суҳбати онҳо дигар писару духтарчаҳо ҳам шерак шуда, яке паи дигар ба гап даромаданд:

– Муаллима, гӯед аз устод Муъмин Қаноат хонад, чунон зӯр мехонад, ки!.. Агар ҳамон «Ҳамосаи дод»-ро хонад, ба Худо ки гиря мекунед.

Духтарчаи дигаре дид, ки хонум дар ҷавоби писарбача чизе намегӯяд, исрор кард:

– Апа, гӯед аз адаби афтон устод Халилӣ хонад. Ана ҳамун шеъри ба Наврӯз бахшидаи шоирро хонад…

Зан даст бардошт, ба маънии норизоӣ. Ин вақт писарбачаи аввала духтаракро эрод гирифт: – Эҳ-ҳа, девона. «Апа» не, «муаллима» гӯй!

Духтарак ба эроди шарикдарсаш эътиборе надода, исрор кард:

– Шарм накун, хон! Хон, меҳмон шунаванд, ба Худо ки хурсанд мешаванд!

Писарак аз дубора даст бардоштани хонум пай бурд, ки ӯ алҳол майли шеършунавӣ надорад ва ба посухи суоли дигари ӯ шуруъ кард: – Мо, хурдтаракон, ворисони падару бобоён ва гузаштагони худ ҳастем. Бақою мустаҳкамии давлат ва ободии Ватан ба мароми мо, фикру андешаи мо, сиёсати пешгирифтаи давлати мо вобаста аст.

Писарак дар шарҳи худ боз ҳам идома доданӣ буд, ки хонум сухани ӯро бурид, ҳарчанд аз ҷавоби ӯ қонеъ буду дилаш шунида-

ни суханони ӯро мехост:

– Мо «Ватан» мегӯем, «ифтихори Ватан» мегӯем. «Гул кун, ба бахти мо Ватан!» мегӯем, ҳамон Ватан куҷост?

Чун хонум аз боби Ватан суол кард, вуҷуди кӯдак гӯё ба дард омад, чеҳрааш тағйир ёфт, сари худро боло гирифт ва ба писару духтарчаҳои ҳангоматалаб, ки даври онҳо печидаву гоҳ-гоҳ аз дасту доманаш кашида, луқмае мепартофтанд ва ё ба гуфтааш чизе афзуданӣ мешуданд, парвое накарда гуфт:

– Ватан ҷоест, ки шумо имрӯз омадед. Ин ҷост, ки расидед.

Писарак даст сӯи кӯҳсорони атроф бардошт, нафасе сухан дар умқи дилаш печид, зеро назараш ба харобаҳои баъдиҷангӣ, ба он ҷойҳое, афтод, ки ҳамдеҳагонаш бар асари бомб ба ҳалокат расида буданд. Чунон ки шоир дами сухан гуфтан дар ёфтани калимаи барояш даркорӣ андеша мекунад, хаёломез лаҳзае хомӯш истоду баъд афзуд: – Ватан барои мо аз баландиҳои қуллаҳои сарбаланди Бадахшон то паҳнои Вахши зарбахш ва тамоми мулки Тоҷикистони азиз ҳисоб мешавад.

Писарбача сӯйи кӯҳсорон нигариста сухан мегуфту нигоҳи хонум ӯро думболагир буд, ба атрофу акноф назар андохта, замони кӯдакиашро, ки дар домани ин кӯҳҳои азим гузашта буд, ёд мекард. Кӯҳҳои атроф ва талу теппаҳои замони кӯдакии ӯ, ки ҳама гулпӯш буданду ҳоло бар асари бомб сурати ҳузнангезе гирифтаанд, ғайриихтиёр ӯро ба ҳолати риққатоваре афкананд. Тифлак сухан мекарду аз дидагонаш қатраҳои ашк метаровид. Хонум таҳи дил худро маломат кард, ки ин кӯдакро ба риққат андохт, вале боз ҳам, аз дидани он, ки ӯ аз Ватан ва ватандорӣ ин қадар бо ифтихору сарфарозӣ ва дилгармӣ сухан мегӯяд, ғубори нохушӣ ба зудӣ аз дилаш зудуда гашт.

Кӯдак нигоҳи худро аз сӯйи кӯҳсорон, аз ҷое ки одамони зиёд дар ҷангҳои бародаркуш ба шаҳодат расида буданд, барканда бо нӯги остин ашки дидагонашро сабук бардошт. Бо вуҷуди эҳтиёти зиёд нафас дар гулӯи зан печид ва ӯ модарвор писарбачаро ба тани худ танг гирифта, ба хотири аз ин ҳолат гурез кардан пурсид:

– Маънии ранг ва ахтарони парчами Тоҷикистонро шарҳ додан метавонӣ?

Писарак ба маънии тасдиқ сар ҷунбонду шуруъ кард ба гуфтан:

– Ранги сафед рамзи бахти сафеди мо, кӯҳсорони сарсафеди пурбарфи мо, осмони софи диёри мост. Ранги сабз рамзи сарсабзии диёри мо ва сурхӣ рамзи сурхии рӯй, хуни шаҳидони гулгункафани роҳи озодиву истиқлолият…

Овози кӯдак ларзид, кадом аламе дар дилаш тоза шуд, вале зан пай набурд, балки ӯ ҳам ба ҳоли худ набуд.

Хонум дар ҳайрат афтод, ки ин писарак ба сони актёри варзида, аз як ҳолат ба дигаре гузашта, мақсадашро гум накарда, мизону низоми суханро риоя мекунад.

– Шумораи ахтарон, – овози кӯдак занро ба худ овард, – ба рамзҳои нек писандидаи мардуми мо рост меояд. Рақами ҳафт миёни мардуми тоҷик ба некӣ ёд мешавад: ҳафта, ҳафт қабати осмон, ҳафт додарон, ҳафт пайкар, ҳафт син, ҳафт шин… Писарак сухан мегуфту хонум ба ҳоли худ ҳар дам мӯйи бе он ҳам дурусташро панҷакаш мекард.

Аз канорае садои мизбонон баланд шуду хонумро ба худ овард ва ӯ айнаки маҳину нафиси зарҳалинашро аз чашм гирифта, бо гӯшаи рӯймолча, ки ба баёзи гардани кабксонаш фуромада буд, пок карду ба дида гузошт ва боз ҳам табъи дилаш нашуд, хира дид. Дубора айнак аз чашм гирифта пок карду ба дида гузошт, вале ин дафъа ҳам ба хости ӯ набуд… Вақте ки дафъаи дигар айнак ба чашм гузошт, қатраҳои ашк ғайриихтиёр аз дидагонаш таровиданд.

Хонум, агарчи зодгоҳи падариаш шаҳри азиму шӯҳратёри тоҷикон буд, шаҳре буд, ки замоне «қувваи ислому дин»-аш мехонданд, бо ҳукми тақдир замони тифлию кӯдакиаш дар оғӯши ин кӯҳсорону мардуми барояш азиз гузашта аст. Ӯ кайҳо боз ҳаваси дубора дидани ин диёрро дар дил мепарварид. Ҳар гоҳе ки дар сафари хидматӣ ё дар филме манзараи зебою дилкашеро медид, он даврони ширину беғаши кӯдакӣ ёдаш меомад ва ҳаваси дубора дидани ин диёри зебоманзару биҳиштосои барояш муқаддас пайдо мегашт.

Имрӯз ҳам тамоми роҳ аз пушти шишаи мошин дида аз кӯҳсорон намеканд, ҷӯёи манзараҳои даврони кӯдакиаш буд. Даме ки ба деҳкада расиду аз мошин берун шуд, аввал ба кӯҳу теппаҳои атроф назар андохту баъд замин бӯсид ва сабук қомати зебои худро рост гирифта, ҷониби пешвозгирандагон қадам гузошт.

Хонум ба шонаи писарбача модарвор даст бурду сӯйи ҳамраҳонаш каме тоб хӯрда, овоз баланд кард:

– Маҳина! Сакина! Салимҷон!

Ҷавобе нашунид. Лаҳзае пас, марди фаҳӯле аз ҳамсафарон, ки худро аз мухлисону содиқони ӯ вонамуд мекард, наздик омад:

– Муаллима, онҳо аз паи ҷобаҷо кардани борҳо рафтанд. Салимҷон ҳамроҳи аксбардорон аст.

Зан гуфт: – Ному фомил ва мактаби ин писаракро навишта гир, баъдтар ба ёди ман биёр! Ӯ баргашта ҷониби кӯдак таъкид кард: –

Ту нағз хон. Ба гуфтаи устодонат гӯш бидеҳ. Хуб?

Писарак боз ҳам ба ҷои «ҳа» ё «не» гуфт:

– Ғайр аз Худо ва устодон каси дигаре надорам.

Ин суханони тифлак бори дигар вуҷуди занро такон дод ва ӯ худ ба худ аз дил гузаронид: «Худоё! Ин тифлакро бубин, мисли калонсолон, боз на чун калонсолони содаву одӣ, балки мисли мардони расову майдондида сухан мегӯяд. Шеърҳои калонсолонаро азбар кардааст. Гӯё зиндагӣ ӯро аз олами кӯдакӣ якбора ба фазои пуршебу фарози мардони солхӯрда андохтааст.

Хонум пеш гузашт. Бо каме дуртар рафтани ӯ он марди фаҳӯл ба сари писарак расида, бо як назари харидорӣ, аз сар то ба пои ӯ нигариста, бо тамасхур ба дил гуфт: «Муаллима ҳам аҷаб одамест! Аз байни ҳамин қадар духтару писари луфтак[1] барин зебою дилкаш ин нусхаи хушкардаашро бин!»

Писарак, аз ин мулоқот дилхуш, бовиқор пеш мерафт. Марди фаҳӯл гӯё писарбачаро болои кори ношояме дарёфта бошад, бо дағдаға гуфт: – Куҷо мерай? Ҳамиҷа биист! Ку, бигӯ, сағера, чӣ ном дорӣ? Баландтар гӯ! Ҳами рӯзо ягон чӣ хӯрдайӣ?!

Анбуҳи истиқболгирандагон меҳмононро дар ҳалқаи худ печонида, пеш мерафтанд.

## ИДОМАИ ХОБ ДАР БЕДОРӢ

Садои занги дар баланд шуд. Дар кушоданд. Пушти дар зани ҷавони зебое дар бағал кӯдак рост меистод.

– Саломалайкум. Хонаи муаллим Парвин аст? – як навъ бечуръат пурсид ӯ.

– Бале, – гуфт даркушо.

– Шумо ба муаллим кӣ мешавед?

– Ман духтарашон.

– Мумкин аст дароям?

– Марҳамат. Садои дар кушода пӯшиданро шунида: овози кӣ омад? кист?! – баланд шуд аз ҷониби ошхона.

– Як ҷавонзани зебои кӯдакдор! – ҷавоб гуфт духтари соҳибхона, ки навакак дар кушода буд.

– Ҷӯгӣ бошад ҳам ноумед накунед! Ягон чизаш диҳед! – боз баланд шуд ҳамон овоз аз тарафи ошхона.

---

[1] Луфтак, лӯхтак, зоча.

– Дар хона боз кӣ ҳаст? – пурсид зани зебои кӯдак дар бағал.

– Модарам, духтарам, хоҳарҳоям…

– Як пиёла об ё чой медодед. Ва онҳоро даъват мекардед, – хоҳиш намуд ӯ, ки ҳанӯз ҳам дар роҳрави байни хона рост меистод.

– Шумо ба ин хона гузашта шинед, ман ҳозир, – гуфт духтар ва аз дилаш дар як чашмпарӣ саду як андеша гузашта, ҷониби ошхона равон шуд. Аз пеш модараш баромада боз пурсид:

– Кӣ буд? Куҷо шуд?

– Дар хона, – гуфт духтар ва барои овардани об рафт.

Ҷавонзани кӯдак дар бағал, ки ба чеҳраи зебояш сояи ғам афтода буд, ба истиқболи соҳибхона аз ҷой бархоста салом гуфт. Ҳанӯз онҳо бо ҳам шинос нашуда, дар як чашмпарӣ ба ранги одамони ҳангоматалаб, кӣ омад? Кӣ омад? гӯён яке пайи дигар аҳли хонадон ҷамъ омаданд. Зани ҷавон ба истиқболи ҳар кадоме аз онҳо, зайли арӯси нав аз ҷой бармехест. Ҳангоми ин хезушинҳо тифлак аз хоб бедор гашта ба модар, сақфи хонаю атроф, одамони ҷамъшуда бо тааҷҷуб нигарист.

Ҳама хомӯш, гӯш ба қимори он буданд, ки кӣ аввал ба гап сар мекунад. Меҳмони нохонда оғоз кард:

– Шунидам, маъракаи чил доданиед. Камтар маблағ овардам, – гуфт бо овози ҳазин кӯдакро дар бағал каме яксӯ дошта, сумкачаашро, ки паҳлуяш меистод, кушода пул баровард. Лаҳзаи пулбарорӣ аз сумкача сурате берун афтид.

– Ай, сурати бобом! – ба шодӣ овоз баланд карда хам заду суратро бардошт Маҳина ва хурсандона ҷониби холаҳояш гашта гуфт:

– Бинед, сурати бобом. Худи худаш.Иқа хушрӯ…

Ин дам тифлак сӯи ӯ дастак зад, мисле ки «сурата ба ман те» мегуфта бошад.

– Маҳина! – ба дуруштӣ овоз баланд кард зани калонсол, ба маънии «Ором бош!»

Маҳина бо дили нохоҳам, абрӯ чин карда суратро ба тарафи тифлак дароз кард. Тифлаки суратбадаст ҷониби модар нигарист ва бандчаи пули ӯро гирифта, мисле ки пешакӣ фаҳмонда бошандаш, ҷониби зан якта – якта қадам партофт. Вақте тифлак қадам мезад, модараш ба мулоимат ба ӯ ишора карда, гуфт:

– Додарчаатон, – ва магар нафас дар гулӯяш печид, ки дигар чизе нагуфта, як ҷуръа об нӯшид.

Зани калонсол, хост ӯро ислоҳ карда гӯяд: «Меросхӯратон мегуфтед». Хушнудии духтарон ва дидани тифлаки маъсуми

дӯстрӯяк нагузошт, неши забон сар занад ва ба ҳоле хомӯш онро таҳаммул кард. Бо вуҷуд чеҳрааш он қадар ба зудӣ тағйир ёфта, лолагун гашт, ки мегуфтед, ҳамин ҳозир ё замоне пас мисли пуфак мекафад.

Тифлак сурату пулҳо ба даст назди зан рафт ва бо вуҷуди рӯи хуш надодан дар бағали ӯ, мисле ки борҳо нишаста бошад, ҷой гирифт.

Ҳозирон аз ҳайбати модар дам ба дарун кашида, интизори оқибати гапу кор шуда, садое намебароварданд. Ҳатто Маҳинаи бетоқат, ки дар ҳама гапу кор шитоб дошт, ҳарчанд дилаш мехост суратро аз дасти тифлак гашта бигирад, аз қошу қавоқи бибӣ ҷуръат накард. Вай зайле ки болои сӯзан бошад, вазнашро аз як по ба пои дигар партофта, ба чеҳраи холаҳояш нигариста, мегуфтӣ ором надорад, аз чизе сахт ба ҳаяҷону изтироб афтодааст.

Тифлак дар бағали зан ба по рост шуда, худро ба сару рӯи ӯ молид, як навъ навозиш кард, лекин пулҳоро аз даст нагузошт. Баъди каме худро ба сару рӯи зан молидан даст ба синаи ӯ бурду сурат ва пулҳо аз дасташ хато хӯрданд. Зан суратро, ки ин дам болои доманаш афтода буд, бардошта амр кард: – Ку айнакҳои падаратонро биёред!

Зуд айнак оварданд. Вай ба сурат зеҳн монд. Дар он шавҳараш бо ин меҳмони нохонда, ки тахмин ба духтари миёнааш ҳамсин метофт, паҳлуи ҳам нишаста буданду тифлак дар миёнашон як даст ба китфи зан ва дасти дигар ба китфи шавҳараш рост меистод. Зан тамоми рагу пайяшро мегуфтӣ якҷо карда, бодиққат ба сурат, ба хусус чеҳраи тифлаку шавҳараш нигарист. Онҳо бо ҳам мисли як себи ду тақсим буданд. Вай аксҳои тифлӣ ва кӯдакии шавҳарашро хуб дар хотир дорад, на як бору ду бор онҳоро аз назар гузаронидааст. Ва ҳоло мегуфтӣ он суратҳо дар симои ин тифлак ҷони тоза даровардаанд.

Тифлак худро ба сару рӯи зан молида, гоҳ даст ба синаи ӯ мебурду гоҳ ба мӯяш чанг мезад, аз бағали ӯ майли фуромадан надошт.

Модари тифлак сабук аз ҷой бархоста назди зан омад, то тифлакро аз бағали ӯ бигирад. Вай гуфт: – Биё, биё писарам. Биё…

Тифлак ба ҷои омадан ба шодӣ овоз бароварда, рӯ ҷониби зан гардонд, худро ба тани ӯ ҷафстар часпонд.

– Монед истад! – омирона гуфт зан.

– Мабодо тар кунад, мегӯям. Ҳарчанд подгузник дорад, боз

ҳам гуфта намешавад…

– Дошта бошад, ҳеҷ гап не! Монед истад!

Зани соҳибхона хост пурсад: боз ҳам фарзанд дорӣ? Вале аз бими ҷавоби он ки мабодо «Ҳа, дорам» гӯяд, ноаён ба худ ларзид ва пурсидан раво надид.

Ин дам Иқболи тифлак аз бағали зан фуромада, тарафи модар неву ҷониби Маҳина, ки ба ӯ бо даст ишораҳои «биё, биё» мекард, рафт. Маҳина бо шодмонии кӯдакона ӯро ба оғӯш кашида, бӯсаборон кард. Тифлак магар аз бӯсаҳои паёпайи Маҳина ба танг омад, ки сӯи модари ӯ ба маънии «маро бигир» дастак зад. Вай бо меҳрубонӣ тифлакро аз дасти духтараш гирифта, бӯса кард ва ҷониби модари тифлак гашта пурсид:

– Чӣ ном дорад?

– Иқбол. Падаратон худаш ном монда буд, – гуфт ҷавонзан ва дар чашмонаш ашк ҳалқа зад, овозаш гирифта, сар поин кард.

Тифлак аз бӯсаборон гурезон боз майли бағали зан кард.

– Оча, дадам барин бештар майли бағали ту дорад, – шӯхӣ кард яке аз духтарон.

– Хокшудаи падаратон, ҳар гоҳ мегуфт: зан мегирам. Зан дорам, гумон доштам шӯхӣ мекунад. Гапҳош шӯхӣ набудаанд, – гуфт бадқаҳр, вале боз ҳам, аз дидани хандаи маъсумонаи тифлак, чеҳраи ғарқи шодии духтарон худро ба ҳоле аз талхгӯии аз ин сахттар нигаҳ дошт.

Ин дам тифлак даст ба дасти онҳо гашта, ҳама саргарми ӯ буданд.

Ташвиши чил ва хабари мардум аз ёди онҳо рафта, мегуфтӣ мотаму азо аз гӯшаи ин хона ҳаргиз гузар накарда бошад.

# ИЁР[1]

*(Роман)*

*Нафрат ба ҷанг*

*– Бобоҷон, бобоҷон, маро бурда гӯри падарамро нишон диҳед. Ман ҳар гоҳ сари манзилашон рафта дуо хондаю нигоҳубин кунам.*

*Ман надонистам, чӣ гуна фаҳмонам, ки як падари ту не, қисмати садҳо ҷавонону мардони дигари диёр маълум нест, ки дар ҷангҳои шаҳрвандӣ куҷо шуданд? Дар об рафтанд ё дар оташ ва ё дар ҳаво.*

1.

Шукри Худо ки майдоннишинӣ поён ёфт, мардум хона ба хона ва аз пайи рӯзгори худ шуданд.

* * *

– Гапа гӯш кун, ҷӯра. Писари раис як парӣ овардаст, тавре дар афсонаҳо мегӯянд: ба хироҷи мамлакат меарзад. Бовар мекунӣ ё не, аз кӯча гузарад, мисле ки мошини обпошак гард такшину ҳаво салқин мекунад, атроф муаттар шуда, одами дидагӣ ақлу ҳуш гум карда, дигар даҳани бозаша ҷамъ овардана намедона, – гуфт Бердӣ ва лабҳои ғафсу бар асари гарду ғубор «намакзадаи шӯрак» шудаашро лесид, гӯё асал чашида бошад, даҳон мазмаза карду боз афзуд: – Бовар мекунӣ ё не, ба ҳамин синну сол расида, аз ҳавои хушку тари чандин кӯчаву паскӯчаи шаҳру бозор нафас кашида, соҳиби ном, зану фарзанд, лақаби Бердӣ ва мана ин «туру таноб» шуда, – ба силоҳу тирдони камараш ишора намуд, – фарзанди одама бо ин ҳусну латофати Худод бори аввал мебинам. Бовар мекунӣ ё не, – боз даҳон мазмаза кард, оби даҳан фурӯ бурду идома дод: – парии обӣ шунида бошӣ, агар ина бинӣ, дон ки парӣ ба

---

[1] Абдуғаффори Партав аз силсилаи «Нафрат ба ҷанг» 5 ҳикоя, намоишномаи «Дарёи ҷон» ва инак. романи «Иёр» навишта, ҳикояи аввалин «Мухторҷон…» аз ин силсила, ҳанӯз соли 1992 дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» ва мақолаи публисистӣ «Қосид ба давои ёр биёяд» рӯзҳои аввали даргириҳо дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» ба табъ расида буд. Шарҳи муаллиф.

чашми сар дидӣ. Бовар мекунӣ ё не, пеши ту дурӯғ, пеши Худо рост! Аз рӯзе, ӯро дидам, хобу хаёл аз сарам бухор шуда, мисли ҷавони навзангир гаштаам. Аҷаб не, аз маънии ин масал хабар дорӣ?! Бовар мекунӣ ё не, чанд рӯз аст, ба ҷуз фикри чӣ тавр ӯро ба дом афтондан андешаи дигаре ба дилам раҳ намеёбад, орому қарорам бурдааст. Ҳар гоҳе ӯро пеши назар оварда, дар бағалам тасаввур мекунам, хунам ба ҷӯш омада, вуҷудамро безобита мегардонад…

– Хайр, хайр, қисса кӯтаҳ кун! Писари Раис оварда бошад, барои худаш овардааст, ба ту чӣ?

– Эй ҳафтафаҳм, наход нафаҳмӣ?

– Чиро?

– Он чӣ гуфтам.

– Ту гапи бисёр гуфтӣ.

Беэътиноии рафиқаш ба Бердӣ сахт расид магар ки ба дуруштӣ таънаомез эътироз кард: – О, ту дар фаҳми имою ишора ба ҳар гуна амалҳои баду нек аз саги шикорӣ дида, ҳушёртар будӣ ку?! Бароят як абрӯ парондан кифоя буд, ки аз гулӯи сайд бигирӣ. Аку бугӯ чӣ балот задаст, ки худата гунги манӣ мегирӣ? Бовар мекунӣ ё не, ба хаёлам, дардат ҳамин аст, ки аз ин ҳам пӯсткандатар гап занам? Беҳтараш, ту пӯстканда гӯй, гӯ. Майлат ба фаҳмидану шарикии ман набошад, беҳуда худата ба кариву гарангӣ наандозу ошкоро гап зан.

– Гапам ҳамин ки, ҷӯра, ман аз камари падари худ шудаам. Муҳтоҷи луқмаи касе нестам.

– Модари ман ҳам бадгашт набудаст. На аз худӣ ва на аз бегона боре ҳам бадгаштияш нашунидаам.

Умед дар посухи ҳамсилоҳаш дармонд, дар тӯри андеша печида, бо сари гарон кӯшиши аз ин муаммои барояш ғайриинтизор раҳ ёфтан буд, вале фикри дурусте ёдаш нарасид, бигӯяд. Аз беҳунарии худ, ки зуд гапи даркорӣ намеёбад ва ҳавою ҳаваси беҷои Бердӣ ғашаш омаду якбора сар боло гирифта, бо тамасхур таъкид кард: – Бердӣ, ба ростӣ, ту намедонам аз кӣ дасти пир гирифтаӣ, ки имрӯзҳо ҳай чобуку ҳамабини доно шудаӣ. Булбулат ҳай бе оҳанг мехонад. Боз аз куҷое мегӯянд, бори ҳангуфт ғанимат ба даст овардаӣ. Гушна соҳиби нон шавад, падарашро намешиносад. Мана боз ин ҳавою ҳавасҳо! Боз ба кӣ? Ба келиншавандаи раиси номдори диёр! Бо думи шер бозӣ намекунанд, ҷӯра! Чашм ало карданат сарата мехӯраду бачаҳакот ятиму интизори як даҳан нон мемонанд! Ё суғуртаи тану ҷоната чунон кардаӣ, ки ба ҳафт пуштат

мерасад?! Аз хуну пӯстат гузашта бошӣ, майлат! Пешат намегирам! Лекин фаромӯш накун, ҷӯра: кулӯхандозро подош санг аст!

– «Аз куҷо чобуку доно шудам?» мегӯӣ? – гуфтаи Умедро такрор намуда, гуфт Бердӣ: – Дониста бош! Дилсӯзаку хайрхоҳаки ҷияни Мат Тиреза! Зиндагӣ ин ҳунар ба ман ато кардаст. Ҳамин шабу рӯзҳо кас фурсат аз даст надода, чобуку доно шавад, як чӣ, ним чӣ даву ғеҷ карда, ҷамъ овардаю кулӣ ва сандуқа пур кунад, дар бонкҳои гуногуни ҷумҳурӣ ва берун аз он пасандози кирой гузорад, боқии умр баҳузур таги телевизор каҷпаҳлу зада, кинову консерт тамошо карда, хӯрдаву дандон кофта мешинад.(Воқеан аксари силоҳбадастон дар ҳамин андешаанд). Аку фаҳмидӣ?!

– Чӣ? Чиро?

– Худоё?! Ту ба ростӣ ҳам, ҳамин хел гӯлу гаранг ҳастӣ, ё маро усал карданиӣ?

– Ба ростӣ, фикри масхара кардани ту аз гӯшаи хаёлам нагузаштааст.

– Пас чиро намефаҳмӣ?

– Аҷабо ки ҳамроҳ шину хез мекунем, ту ҳамадону дунёдаркаш шудаиву ман ҳамон Аҳмади порина.

– Эй, биё мон! Аз худ фаришта натарош, ҷӯра. Ун дову дастгаҳ, мебелҳои хориҷиро дар назар дорам, ба пои худ, аз осмон ба ҳавлии шумо чун барги хазони бодовар нафуромадаанд…

– Ҳарчанд не гуфтам. Рад кардам, ки рӯзиро Худо худаш медиҳад! Не. Боз ҳам шумо маро олуда кардед! Парво накун, онҳо дар ҳавлии мо амонатанд, мисли бори ориятианд. Имрӯз ё пагоҳ ҳамин ки ягон мошини бадил пайдо кардам, албатта ба соҳибонашон бармегардонам. Баски намондӣ, як роз ошкор созам? Падари ман ҳаргиз якбора первой, второй намехӯрд.

– Боз ин чӣ маънӣ дорад?

– Маънияш: дар оилае ба воя расидаам, ки шикастанафсанд.

– Бо вуҷуд аз ҳақи гӯсола худдорӣ намекунанд – ку?!

– Ҳо балое, гапа ёфтӣ! Охир вай гуноҳ нест, чунки ба расмият даромада, гуноҳи ом шудааст.

– Даъвои покиву шикастанафсӣ, ки доред, худдорӣ бикунед.

– Шарти намешудагӣ пеш гузоштӣ.

– Кори намешудагӣ нест. Муҳатма Гандӣ тавонист ку?!

– Ҳай дур рафтӣ! Қисме аз мардуми ҳинду гӯшт ҳам намехӯранд. Баъд мо ҳам тақлиди онҳо бикунем?! Чи хеле ки Акбар кард?!

– Покиву шикастанафсӣ кори саҳл нест, ки даст ба сина зада,

мана ман гӯӣ! Ин кор танҳо ба гуфтан намешавад! Азхудгузарӣ, фидоӣ будан мехоҳад!

– Ин хел бошад, ҳисоби дастовардҳои ту ба қиёмат мемонанд?..

Ин таъна ба Бердӣ чунон сахт расид, ки бороии маломат ба сари Умед беист рехту рехт. «Сари хамидаро табар намебурад» гуфтани халқ ёди Умед омаду ба худ дарунакӣ гуфт: оне ки ин масал гуфтааст, куҷост, бубинад! Гуфтааш пеши ин Худобехабар чӣ қурбе дорад? Вай ба ҳоле таънаи Бердӣ таҳаммул кард, хашм фурӯ бурд, астағфируллоҳ гуфт, калима арза кард, хулоса ҳарчи аз илми тасаллобахшу taskиндиҳандаю таҳаммулпазир медонист гуфт, то гапу кор ба даст багиребон напечад. Аз Бердии ҳангоматалаб, ин рӯзҳо ҳар гуна амали носавобро чашмдор будан мумкин буд, – ҳоло баҳсталош шуда, кифтак задани ӯро мушоҳида карда, Умед аз дил гузаронид: – Ба вай андак баҳона кифоя аст, ки даст ба ин рӯзирасони наваш – силоҳ барад, ё ҳар гуна суханони қабеҳ ба забон биёраду бо дағдағаю дарғоза аз ҳастии худ дарак диҳад.

Бердӣ аз Умед умеди калон дошт, вале маслиҳати дилхоҳ нашунид. Бердӣ Умедро дар баҳс мулзамшуда ва бадхоҳи худ пиндошта, афзуд: – Дунёдаркаш ман не-е! Агар мо як хаси мардум бурда бошем, ту бо ҳаммаслаконат мошину вагон бурдӣ. Агар мо як ангушт бурида бошем, шумо чандон гардан задаед, ки!.. Агар мо…

Яқин шуд, ки Бердӣ ҳамҳамаи ҷангталабӣ дорад. Умед дигар сухане гуфтан ҳайф диниста, косаи пешаш бударо ҷониби ӯ, башаст партоб кард. Коса мисли ситораи парон аз буни гӯши ӯ гузашт. Бо он қаноат накарда, даст ба силоҳ бурда буд, ки Умар ба сарвақт расида, пеши Умед гирифт. Умар рӯзномаи дасташро башитоб нимқат ба бағал зад ва ба Бердиву Умед таъкид кард: – Ба номи Худо, даст нигаҳ доред! Сабукӣ накунед! Астағфируллоҳ гӯед! – ва дид, ки ҳар ду то андозае ором гаштанд, гила кард: – Ҳай бачаҳое, нагузоштед-да, дар ин рӯзнома, – ба қаткардаи бағалаш ишора намуд, – як мақола чоп шудааст, то охира хонам. Роҳравон мехондам, то ин ҷо омадам, тасодуф гапу ҳарфи шумо канда-канда ба гӯшам расид. Бародарони ҷони ман бошед, ман ба син аз ҳардуи шумо калонам ва ҳаққи маслиҳату насиҳат гуфтан дорам. Як чӣ мегӯям: дар гӯш гиреду дар ҳама ҳолатҳо фаромӯш насозед! Дар аввалҳои Инқилоби шӯравӣ, солҳои 20-30-уми асри гузашта, аскарони нодидаи пойлучу сарлучи беимон бобои мана

беҳурматию дағалӣ карда, боигарии хонаи ӯро батамом рӯфта бурда, худашро весилка карданӣ шуданд. Боз хайрият касе дар миёна даромада, нияти шумашон амалӣ нагаштааст. Бобом ки то дами бемору бистарӣ шудан он ваҳшату даҳшат аз вуҷудаш дур нашуда буд, ин амали онҳоро ба ҳар ранг ба мо қисса карда, ашк мерехт ва ба ҳафт пушти балчабекону/1 навкарони онҳо лаънат хонда, дар дили мо нисбат ба онҳо як навъ тухми кинаву адоват киштанд. Ман агарчи аз аскарҳо ва сохти шӯравӣ бадӣ надидаам, лекин дар кино аскарони сурхро бинам, як сӯзиши ноаёне эҳсос карда, нафратам бедор мешавад. Бо ин ба шумо чӣ гуфтаниям? Имрӯзҳо, ки мову шумо силоҳ дорем, эҳтиёт шавед, кӯшиш кунед, мискину бечораҳо аз дасти мову шумо ҷабр набинанд! Балки ба ягон бандаи муъмин беҳуда зарар нарасонед, ки бадӣ фаромӯш намешавад. Табиати одамӣ ҳамин аст, сад ман хушка орд мекунаду як ман тар не. Сад некӣ фаромӯш мешаваду як бадӣ не…

– Эҳ-ҳа! Ба гуфти шумо бачаи Раис мискину бечора аст? – ғурунгид Бердӣ.

Умед ба насиҳат сар нафуровардани Бердиро дида, бадил нафринаш гуфт.

Умар дигар интизори чӣ асар гузоштани суханонаш ва чӣ гуфтану кардани онҳо нашуда, аз бағал рӯзнома бароварда, хонда-хонда равон гашт.

Бердӣ чунин ранг гирифтани суҳбатро бо Умед чашмдор набуд, аз ин рӯ умед канда, аз пайи Умар туру таноб бардошта, ҷон каҷ кард.

Умед худ ба худ гуфт: «Беҷо афтидӣ, ҷӯра. Дар бобати киву чикора будан ва чи нияту нақша доштани инҳо ғалат кардӣ. Ҳарчи зудтар аз ин варта харатро берун каш, ки дер ё зуд ба ягон бало мепечӣ».

* * *

– Ина бин, маркази деҳкада, ки шаҳрчаро мемонд, дар як муддати кӯтоҳ худ аз худ, бе ягон амру фармони идораҳои масъули болоӣ ба ранги бозорҳои мавсимӣ шудаст: кормандони мағозаҳо чанде мардум хӯрокворӣ ва дигар лавозимоти рӯзгорашонро ҳанӯз харида, нахарида, дигарашро куҷо таҳу нуҳ карданд, кас намедонад, – дарди дил мегуфт марде ба шиносаш, тарафи бинои мағозаҳои қатор андар қатор ишора карда.

– Эй ту як рафта бин! – гуфт дигаре. – Ҳама рафҳо холӣ, рӯз торик шуда – нашуда, на дар идораҳои давлатӣ одам мемонаду на

дар мағозаву бозор, ҳама хона ба хона шуда, аз назарҳо гум мегарданд. Ягона ҷое, ки аз ободӣ нишон дошт ва ҷӯшу хуруши зиндагӣ буд, садои ғалу ғуви одамӣ меомад, мактаб буд, дар он ҷо ҳам, аввал духтарони синфҳои болоӣ камнамо шуданд, баъд муаллимони ҷавон. Имрӯзҳо бошад, мегӯӣ ҳама сарҳуйянд… – вай мисли ин, ки масъули назора будасту пайт ёфта, ҳисобот медиҳад, аз ину он беист бо овози баланд мегуфту мегуфт…

2.

Имрӯзи тирамоҳ осмон софу нилгун, ҳаво беғубору нарму гарм аст. Дар чунин ҳавои мусоид баҳри дили одамӣ кушода гашта, аксар ба амалҳои неку савобу созанда даст мезанад. Бардавом будани чунин рӯзро ҳар кас ҳам ҳавас мехӯрад. Вале ҳоло Умар ин ҳамаро намедиду намешамид, ҳатто фикри он намекард, ки имрӯз аз дирӯз чӣ фарқе дорад. Вай тасбеҳи фирӯза гардонда, хабарҳои шуми пеш аз намози пешин назди масҷид шунида, хаёлашро машғул медоштанд: хонаҳои мардуми деҳаи ҳамсояро ғорат кардаанд. Ба деҳа чанде гурезаҳо пиёдаву савора, сарлучу пойлуч, бе сомони хона ва бору буна рехтаанд… Дар тарафҳои Вахшу Кӯлоб даргириҳо ба ҷои пасанда гаштан, рӯз ба рӯз доман паҳн карда, авҷ мегиранд. Зуд хаёлаш ба ёди шиносҳои дар ин маҳалҳо буда, рафт ва аз худ суол кард: онҳо чӣ ҳол дошта бошанд? Оё муҳтоҷи мадад бошанд?..

* * *

– Ай бори Худо, аз офату балоҳои охирзамон ҷумлаи муъминонро нигаҳ дор, – гуфт Умар бо тааҷҷубу саргарангӣ калима гардонда, ин дам аз ҳамраҳон ҷудо шуда, танҳо ба қароргоҳ бармегашт. Ҷумлаҳои дар рӯзнома хонда, ёдаш омаданд: *«...Эй онҳое дар муқобили ҳам сангар гирифтаед! Ҳушёр бошед, касеро барои бародаркушӣ раҳмат намегӯянд, ба некӣ ёд намекунанд...»*-[1]. Ҳини рафтан яке аз ҳамяроқон аз осмон фаромад ё аз замин баромад, Умар пай набурд, пеши роҳаш гирифта, риштаи хаёлоти ӯ канда кард:

– Ҳазрат, аз хабари нав воқиф гаштаед?

– Худои бахшояндаи меҳрубон, оқибати кори муъминон ба-

---

[1] Иқтибос аз мақолаи публисистии муаллиф: «Қосид ба давои ёр биёяд», соли 1992 дар рӯзҳои аввали даргириҳо дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» ба табъ расида аст.

хайр гардонад, ки имрӯзҳо ҳар лаҳзаву замоне як гапу кори нав шуда истодааст. Ку бигӯ, додарам, кадомашро дар назар дорӣ?

– Шунидам: Бердӣ, писари раису як урусдухтараки ҳамроҳашро ба гарав гирифта, куҷое пинҳон кардааст, ки кас намедонад.

– Лоҳавло алиюлазим, – гиребони ҷелаки осмонирангашро дошта, гуфт Умар ва лаҳзае пас, пурсид: – Бо маслиҳату машварати кӣ ин кора карда бошад?

– Намедонам.

– Надонӣ, ку як кӯшиш кун, фаҳм ва аз моҷаро маро воқиф гардон.

Ҳар ду аз пайи кори худ шуданд. Умар калима арза карда, тасбеҳи фирӯзагии худро башаст гардонда, дар назари одами ноогоҳ ба ранги хавосиҳо худ ба худ чизе гуфтаю қадам шуморида, пеш мерафт. Вай ҳарчанд кӯшид худро ба даст бигирад, ношунидаю нодида тасаввур бикунад, вале нашуд, ки нашуд. Суханони силоҳбадасти шумхабар ҷараёни андешаи ӯро дигар карда, ба ҳар кӯю дари дастнорас мебурданд: Худоё, наход он рӯз ба Умед аз писари раис ва духтараки урус бо ҳавас гап кушодани Бердӣ, сифат кардани духтари урус ба ҳамин маънӣ бошад? Мехостааст, ки ин амали носавоби ӯро Умед ҳам ҷонибдорӣ ва ё бо ӯ шарикӣ бикунад? Аҷабо, инро аз пеши худ карда бошад ва ё бо амри дигаре? Одамрабоӣ амали бадест, ки оқибати нек надорад, ҳама қоидаи бозиро пеши по мезанад. Худоё, ин амалҳои рӯзҳои охир ҳама ҳадафҳои поки моро зери суол ва шубҳа мебаранд, олудаи қабоҳат мекунанд. Мо набояд ба ин гуна худкориҳои бадномкунанда роҳ бидиҳем! Пеши амалҳои бемашварату маслиҳати носавоби бачаҳоро ҳарчи зудтар бояд бигирем, вагарна аз лутфумарҳамати мардум бенасиб мемонем. Набояд як лаҳза фаромӯш созем, ки танҳо бо дастгирӣ ва хайрхоҳии ҷомеа мо тавоно шуда, ба ҷое мерасем. Ҷомеа беҳтарин муттако аст ва амалҳои мо бояд тавре сурат бигиранд, ки чашми мардумро кушода гардонанд, чун борони раҳмат ба тану руҳи онҳо ҳаловат бахшанд, ба хайрхоҳии мо раҳнамун созанд, на ин ки боиси маломат ва сардии меҳри онҳо гарданд. Яқин ки мардум ба чунин рафторҳои ғайриинсонӣ нафрат доранд. Онҳоеро, ки аз чунин рафторҳо кор мегиранд, мардум чашми дидан надорад, пайравӣ ва хайрхоҳӣ намекунад. Наход инро шербачаҳои мо то ҳол нафаҳмида бошанд? Мо ку аз ҷамъомадҳои нахустин, ин ҳикмати одиро борҳо ба онҳо

таъкид карда будем. Ку биравам, назди Вакил.

Умар чанде аз ҳайати дастаи силоҳдоронро дид, ки ҳафт пушташон номи автомату Калашниковро нашунидаву надидаанд ва боре ҳам аз машқи ҳарбӣ арақ нафуроварда, балки метавон гуфт дар ягон навъи артиш хизмат накарда, ҳатто бӯи борут нашамида, дуруст доштани силоҳро намедонанд ва имрӯзҳо ба ин даста ҳамроҳ шуда соҳиби силоҳ гашта, вақту бевақт аз аскарони як замоне дар баталионҳои коргарӣ хизматкарда, тирзанӣ меомӯзанд ва ба умеди сармояи муфт ба даст овардан ҳастанд. Ҳоло яке аз он силоҳдорон тапончаи худро қисм-қисм кушода, пуфу пок карда, пешаш мегузошт, бими он дошт, ки баъди пок кардан дар васли онҳо ғалат накунад, аз ин рӯ, ҳар кадомро боэҳтиёти тамом гузошта, ба он ки ин қисмро баъди кадом қисми дигар кушодаву гузоштааст, сар хамида таваҷҷуҳи зиёде мекард. Ин гирумони ҷавон пеши назари Умар пумбакореро мемонд, ки ғайри ихтиёр ба қассобӣ водораш кардаанд ва ӯ дар фикри он аст, ки баъди сар бурдану пуст кандани чорво, боз бояд чӣ бикунад, кадом узви онро бурида ҷудо созад. Лаҳзаи ин андешаҳо дами корд ба санги фасон пасту боло бурда, тез мекунад, чӯбчаеро қалам мезанад, то бурро шудану нашудани кордашро фаҳмад, ҳарчанд ки пеш аз сар буридани чорво онро санҷида буд, вале ҳозир дар асл фикраш банди ҳамон буд, ки гуфтам.

Силоҳбадастоне, ки дар офтобрӯяи паҳлуи роҳи морпеч гирди ҳам омада, аз ҳар кую дар гарми суҳбат буданд, бо наздик омадани Умар, яке пои дароз кардаашро пас кашид, дигаре нишаста буд, рост шуд, севумӣ донаки офтобпараст мехӯрд, аз хӯрдан бозистод. Умар ишорасалом дода гузашт ва чанде рафта, нарафта, гӯё чизе ба ёдаш расиду баргашт, баргашт ба назди онҳо.

– Бародарҳо! Ёдатон ҳаст, рӯзҳои аввали ин ҷо омаданамон атроф чӣ сон тозаю озода буд? Ва акнун бубинед, ба чӣ ҳол афтодааст? Раҳми кас меояд. Охолҳои зиёде атрофатон ҷамъ шуда, аз бефарҳангии мову шумо дарак медиҳанд. Ҳоло аз бекорӣ шикам хорида, почаки касеро хоида, ғайбат кардана, ки бузургтарин гуноҳ аст дар дини мо, хезед якетон ин зарфҳои обхӯраю дигаре коғазу латапораҳо ва севумӣ ана онҳоро, – сӯи дигар пасмондаи хӯрокҳо ишора кард Умар, – ҷамъ кардаву бурда дуртар аз назари одамон партоед. Атрофро ҷорӯб занед, як кас бубинад бовар кунад, ин ҷо одами зинда ҳаст. Одами равӣ баринед. – дид, ки баъди ин қадар гуфтор боз ҳам ором нишастаанд, ба зарда таъкид кард: – Ҳа! Як куна ковок кунед! Каси дигаре нест ба ҷойи шумо ин кора

кунад…

Ҳеҷ кадоме аз ин ҷавонони силоҳбадаст аз ин пеш дар ҷомеа вазифаю мартабаи баланд надошт, вале бо вуҷуд чидану рӯфтани атрофи қароргоҳро барои худ ор ва кори пасту нанг дониста, ҳатто баъзеашон як навъ худро таҳқиршуда пиндошта, ҷабин гирифта, зери лаб ба пичир-пичир даромаданд. Баъде Умар аз ҳадди овозрас дур шуд, яке аз онҳо, ки ба назар таҳамтан метофт, ба дигаре гуфт: – Мирзик! Хез рав, аз ҳамон сари кӯча ягон сияҳтолеъа шатакаш карда, пешандоз биёр, инҷоҳоро рӯбучин карда, об занад. Бачаҳо! Суханаш сахт расад ҳам, рост аст!

Биное, ки ҳоло онҳо дар бари саҳни он менишастанд, дар сари теппаи баланду суфамонанди барҳавои деҳа буд, ки муваққатан барои дарсҳои варзиш, ибтидоии ҳарбӣ ва анбори мактаб бо ҳашари мардум сохта шуда буд. Дар баҳорон атрофи он аз гулҳои худрӯи ҳархела зебою нақшин менамуд. Аз ин ҷо қисмати зиёди деҳа чун дар кафи даст пеши назар мерасид, ба қавли Назари муаллими ҳарбӣ мавқеи стратегӣ дошт. Дастаи «Фидоиён» дар аввал: «Мо танҳо анборро қароргоҳи худамон мекунем», гуфта оҳистаоҳиста ҳамаи ин биноро тасаруф намуданд. Ҳоло Умар хитоба ва дигар панду ҳикматҳо: Дониш ҷавҳари ҳастист! Бикӯшед, то соҳиби дониш шавед! Ақли солим дар тани солим! Адаб тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост!-ро, ки дар девори бинои мактаб насбшуда буданд, дида, димоғи бе ин ҳам гирифтааш, ба сӯзиш даромад:

– Ин ҷо, имрӯзҳо мебоист фарзандони мардум дарс меомӯхтанд, илму адаб мегирифтанд, на ин, ки тарҳи ҷангу одамрабоӣ бикашанд, – аз дил гузаронид ӯ. – Худоё, ақлҳои тираи мардуми моро рӯшан бисоз, то ба фаҳми неку бад бирасанд, аз оқибати корҳо биандешанд, аз амалҳои баду нопок бипарҳезанд, рӯ ба сӯи корҳои неку созанда гардонанд. Ва ин биноро ба манзури худаш бозгардонанд.

Одамӣ барои худ сарнавишт месозад? Вале онҳое аз пайи сарват рафта, барои он ба ҳама кор қодиранд, аз оқибати сарнавишти худ боре меандешида бошанд, ки барои худ чӣ месозанд?..

Умар бо зикри розу ниёз вориди долони мактаб шуд. Тасбеҳи аз санги фирӯза бо пупаки хурмоиранг, ки мегуфтӣ ҳеҷ гоҳ аз ӯ ҷудоӣ надорад, дар дасташ дами роҳравӣ ҳой мерафт. Ба гуфтае санги фирӯза хосияти ҷуръатбахшӣ ва табобатӣ дорад: ба меъдаю рӯда ва гурдаю дигар узвҳои одамӣ нерӯ бахшида, ба корҳои соҳиби он барор меоварад. Бар замми ин, одамони фолбину хурофотӣ як олам сифату хосиятҳои неки дармонбахширо ба сан-

ги фирӯза нисбат медиҳанд.

Силоҳбадасти навбатдор, кӣ будани Умарро хуб медонист, бо вуҷуд ба хотири риояи низом, пеши роҳаш гирифта, ҳурмат нигаҳ дошт, бо мулоимат ва оҳиста гуфт: – Ҳазрат, як нафас сабр мекардед. Ман аз ҳазрати Вакил иҷозаи даромадан пурсам.

Умар чуну чаро раво надида, мисли шогирди ба дарс дер омадаву мунтазири ҳукми устод аст, ки ба ӯ чӣ мефармуда бошад, маътал шуд. Силоҳбадаст зуд баргашта, бо самимияте, ки чандон ба ӯ хос набуд, хабар дод: – Ҳазрат шуморо интизоранд, марҳамат кунед.

Бо вориди дафтари кории дастаи ба ном «Фидоиён» шудани Умар, ки ҳоло дар он Вакил ва Боири раис нишаста буданд, ба истиқболи ӯ ҳар ду аз ҷой бархостанд. Вакил баъди салому алайк ба Умар ҷойи нишаст ишора карду гуфт: – Шумо ҳам аз масъала воқиф шавед. Ин касро мешиносед ё не? – ҳанӯз Умар дар ҷавоб ҳа ё не, нагуфта, ҷониби Раис ишора карда, парда аз роз бардошт: – Ин кас акои Боир, раиси машҳури диёр ҳастанд. Аз Абдуғаффори Самад ва Миралии Маҳмадалӣ дар шаъну шуҳрат ва корҳои хоҷагӣ сари мӯе камӣ надоранд, балки метавон гуфт дар баъзе масъалаҳо аз онҳо гузаройӣ доранд. Дар навбати геройӣ, ана имрӯз мегирам, пагоҳ мегирам буданд, ки тавре мегӯянд: кори дунё ба муроди дили доно нашавад, толеашон пастӣ карду сохти шӯравӣ барҳам хурд…

– Оё дар ин диёр касе ҳаст, ки ин касро нашиносад? – баъди муқаддимаи Вакил тасаллӣ ва суханашро идома дод Умар. – Мехоҳам дар ибтидо, қабл аз он, ки ба суҳбати шумо идома диҳем, як чӣ пешниҳод карда, фикри шуморо фаҳмам: ба ростӣ ин фикр раҳораҳ ба сарам зад: шербачаҳои мо, Худо тавфиқ рафиқ гардонад, чашми бад нарасад адаб доранд, лекин сарулибосҳои ҳархела мепӯшанд: яке бо ҷома, дигаре бо костюми варзишӣ, севумӣ ҳарчи Худо додаву ба даст афтода, ба тан кашидааст. Барои пешгирии таънаву маломати эҳтимолии мардум, ки пагоҳ нагӯянд: «Бачаҳои почакандаи бе аҳлу насаб ҷамъ оварда, «Фидоиён» ном гирифтанд». Чӣ мешуд, аз домани як каси олиҳиммате бигирем, ки ба мо ёрӣ диҳад, бачаҳоро сарулибоси якхела пӯшонем, мисли аскарҳо, одами дидагӣ ҳавас хӯрад, ба хусус ҷавонҳои хун дар ҷӯш, ҳарчи бештар майли ба мо ҳамроҳиву ҳамкорӣ кунанд. Ин Худоростоварди кора бинед, ҳамун хел одаме, ки ба ӯ умед баста, аз доманаш гирифтан мешавад, Раис ба пои худашон омадиян…

«Ба шаъну эътибори ман иқроранд, лекин чува ҳурмат нигаҳ на-

медоранд?» – аз дил гузаронид Боири раис, андешаи он накарда, ки ҳурмату эҳтиром ҳам гузаранда аст, яксон ва якумрӣ намемонад.

– Масъалаи раҳорах дар саратон пайдошударо, агарчи лоиқи андеша аст, бо чанде майда чуйдаҳои дигар дар машварати худамон ҳаллу фасл мекунем, – пеши сухани Умар гирифта, гуфт Вакил ва ҷониби Боири раис рӯ гардондаву бо даст ишора намуда, афзуд: – Ин кас ҳолӣ омадиян, мегӯянд, ки: «Писари мана бо як духтараки урус бачаҳои шумо рабудаанд…».

– Наузанбиллоҳ! Раис аз куҷо медонанд, ки онҳоро маҳз шербачаҳои мо рабудаанд?! Барои ҳар гумоне, хоҳ хуб, хоҳ бад санаду далел мебояд? – аз ду бари гиребони ҷелаки осмонирангаш дошта, мисли ин ки суханҳо сари забонаш мечархиданд, зуд пурсид Умар.

– Далелам ин ки, – Боири раис дами нишастан, кафҳо ба ҳам васл ва бозувон сутун карда, вазни худро болои зонуҳо партофта буд, қомат рост гирифта, дари роз боз кард: – кампирҳои ҳамсоя, ки мегӯӣ сари дидбонгоҳ нишаста, вазифаи нигаҳбонӣ ба ҷо меоварда бошанд, ҳамабохабаранд, онҳоро дидан замон, ҳакҳаккунон давида ба хонаи мо омада, ба ҳамсарам ин хабари шум расонидаанд. Вай мисли ин ки лаби бом афти шуми чуғз дида, ё қар-қари зоғ шунида бошад, аз ҳуш рафта, ба ҳуш омадан замон бечора чӣ кор карданашро надониста, ба толеъаш телефон кор намекардаст, аз миёни кӯчаву паскӯчаҳо миёнабур гузашта, мӯканону рӯканон давида ба сари ман – идора омад. Аз он ки бачаҳои шумо рабуда ва дами об чим зада, сими телефони хонаи маро буридаанд, тахмин не, сад дар сад бовар дорам. Чунки имрӯзҳо дар ин гирду ваноҳ ба ҷуз бачаҳои шумо дастаи дигаре гирудор ва худнамоӣ надорад, ғайр аз ин, касони дигаре ба ин кор ҷуръат ҳам намекунанд: куни худ ба шохи гов ҷанг андозанд. Вале ҳоло, бародарон, муҳим дигар чиз аст, – раис инро гуфта, шояд ба хотири таваҷҷуҳи ҳамсуҳбатони худро бештар ҷалб намудан бошад, дам фурӯ баст ва ба чеҳраи онон тавре нигарист, ки фикри онҳоро нагуфта ҳам, аз авзояшон пай барад.

Вақте Боири раис хомӯш гашт, аз дили сарвари дастаи «Фидоиён» Вакил гузашт: Худо худаш медонад, ин мард ба сари чандин кас оби сард рехтаю чандин хонаю дари обод валангор кардааст. Чандин нағмаҳое дар ин диёр сар зада буд, ӯ ба осонӣ ва оромӣ ҳал кард, агар ҳаллу фасли онҳо ба суду пуркурор оид мешуд, шакке нест сабабгорон аз хонумон бенасиб гашта, боз равонаи дорулахлоқ мешуданд. Вай рӯзҳои неку бад, аз носозиҳои оилавии коргарон сар карда, то

кашмакашҳои доираи хоҷагиву идораҳои дигари маъмурӣ бисёр дидааст, ки аз хатари ба сари фарзандаш омада ҳам, ифшои ошуфтагию ноҷурӣ накарда, бо виқору боварӣ ҳарф мезанад. Ҳар як суханашро мегӯӣ дар мизони ақл баркашидаю санҷида, ҳатто ба таъсиргузорияш эътибор медиҳад-е. Аз афти кор қудрати сухан медонад, ба ранги командирҳои нақлкардаи падарам: Ракассовский буд ё Жуков? Ҳа-а, шакке нест, ки гурги болондида аст! – ба ҳайкали қавию тамкин ва руҳи тавонои Боири раис ҳавасаш рафт. Дар чунин ҳолат каси дигаре мебуд, аз оҳу воҳ, зориву тавалло ва фарёду фиғонаш гӯши фалак кар мешуд, вале ин. Ҳо-о, худи ҳамун командирҳо барин, ғурураша бин! Не, ҳолӣ сабр кун, мебинем, ин ғурур то чӣ андоза тобовару матин аст, – аз дил мегузаронид Вакил.

Ин дам аз беруни хона тапар-тапар овози равуо ва гуфтугӯи силоҳбадастон ба гӯш мерасид. Боири раис дид, ки касе аз ҳозирон аз ӯ чизе намепурсад, гӯё ба чӣ гуфтану нагуфтани ӯ таваҷҷуҳе надоранд, ки: «Чизи муҳим чист? Чиро дар назар дорӣ?». Баъди чанде таваққуф худ ба забон омад: – Касе, ки дар ин диёр ҳукмаш ба хурду бузург раво буд, касе ҳурбаи на танҳо ба ӯ, балки ба сояаш ҷуръати рост нигаҳ кардан надошт, имрӯз… Ба ӯ пешхезиву гапгардонӣ мекунанд. Инрӯзҳо ҳам мегузаранд. Насиб будаст… Худо маро ба шумо корафтода кард. Кӣ мегуфт?..

Ин суханон ба фаҳми Вакил мисли таҳқир расиданд ва нагузошт раис идомаи сухан бикунад.

– Чорасозон дар илоҷи кори худ бечораанд, гӯед?! – пеши сухани Боири раис гирифта, таънаомез луқма дод Вакил. Бо ин ҷуши дилаш пасанда нагашта, боз заҳр зад: – «Кӣ мегуфт?», ки рӯзе мерасад, садаспа ба як асп зор мешавад?

– Биёед талху киноягӯӣ як тараф гузорему аз рӯи ақл кор бигирем, на хулиганию авбошӣ! – андаке хиҷилнамо дар идомаи сухани Вакил таъкид кард Боир. – Дар навбати аввал, муҳим он аст, ки шумо писар ва келиншавандаи маро ҳамин замон раҳо кунед. Ман зорӣ дораму зӯрӣ не.

– Ҳа-а! Худое, ки болову паст офарид, Забардасти ҳар даст даст офарид, – боз пеши сухани Раис бо тамасхур гирифт Вакил.

– Хоҳиш мекунам, Вакил! Худро ба даст бигиред, – мусолиҳаомез таъкид намуд Умар, вале Раис нишони ранҷише зоҳир накарда, бо ҳамон таҳаммулу оромӣ ба арзи матлаб идома дод:

– Қасди шумо аз ин амал чист? Бепарда гӯед. Агар нафъе хостанӣ ҳастед, ба ман ошкоро гӯед. Ман қудрате дорам, ки хостаи шуморо

бароварда созам. Медонед ё не, тавре гуфтед, хоҷагии мо дар ҷумҳурӣ яке аз калонтаринҳост. Аҳолиаш ҳам ба Худо шукр, аз ду ноҳияи вилояти Бадахшони кӯҳӣ – Рошткалъаву Мурғоб зиёдтар аст.

– Аз ҳунару маълумот чақ-чақ кунед, Раис! Рамаи зиёди гӯсфанд дар ин замона ба дарди кӣ мехӯрад?! – бо ҳамон дуруштии аввала имкони ба Раис сухан гуфтан надода, таъкид намуд Вакил. Ва боз ҳам чи таънаи дигаре карданӣ буд, ки Раис мисле, ки нисбат ба ӯ ягон беҳурматие зоҳир нашуда бошад, оромона идома дод:

– Офаридгор ва табиати ғамхор ба мардуми хоҷагии мо лутфу марҳамати хубе кардааст. Хоҷагии мо ба мисли ҷумҳурӣ, ки дар миёни давлатҳои дунё аз бисёр ҷиҳат фарқ мекунад, нодиртарин аст: мо соҳаи пахтакорӣ, полезу сабзавоткорӣ, ангурпарварӣ ва аспparварӣ дорем. Чашм нарасад, парвариши меваҳои ситрусӣ ҳам дар гармхонаҳои мо натиҷаҳои хуб дода истоданд. Заводу фабрика дорем, хурд бошанд ҳам, муҳим он аст, ки дорем. Ин ҳамаро гӯсфандон не, одамони бомаълумоту ҳунар саришта мекунанд, бе донишу ҳунар мақсуде ба бор намеояд… Бародар Вакил, ба назарам номи аслиат дигар буд, ку? Ё дар ин чанд муддат ки ҳамдигарро надидем, тағйири ном кардӣ? Дигарон ба ному фомил *зодаву ӣ* ва *ниё* ҳамроҳ карда бошанд, худат батамом аз баҳри пешин гузаштаӣ, чӣ?

Вакил дар ҷавоб оҷиз монда, дандон ба дандон гирифт, ба ҳоле худро аз ғазаб ва амали носавоб нигаҳ дошт. Вале арғувонӣ гаштани чеҳра ва паридани мушакҳои зери чашмони калону гироёш ҳолати асабонияти ӯро ҳувайдо сохтанд. Вай омода буд ба ранги боксиёрон на ба сухан, балки бо мушт зарбаи ҷавобӣ гардонад. Дар чеҳра ва сухан оромиву нармӣ нигаҳ доштани Боири раис, нишоне аз ранҷиш дар ӯ мушоҳида нашудан, Вакилро аз ин амал боздошт, вале бо вуҷуд бо оҳанги дурушт таъкид кард:

– Шарҳи ин масъала ба дигар вақт мавқуф мегузорем! Алҳол…

– Алҳол, – гуфтаи охири ӯро такрор карда, Боири раис афзуд: – Пул мехоҳед, чиз мехоҳед, ман ба шумо пул медиҳам, чиз медиҳам. Зуд хоҳед, зуд, дер хоҳед дер. Кай ва дар куҷое, ки хоҳед. Пеши шумо мункир намешавам, кам не, ғам не, ман пули ҳанггуфт дорам. Лекин беҳтарин сарвати ман фарзандонам ҳастанд. Барои бахту толеи хуши онҳо ҳеҷ чизро дареғ намедорам, – вай инро гуфта, ин дафъа шояд ба хотири ба онҳо фурсати андеша додан буд, ки то дер дам ба дарун кашид. Ва баъде дид, ки аз кӯҳ садо меояду аз онҳо не, боз худ афзуд: – Духтар мехоҳед? Зан

мехоҳед? Дар ҷои мо шукри Худо, аз ҳама дору надори дунё фаровонӣ аст. Духтарони ҳурлиқои паричеҳра зиёд дорем. Миёнашон мактабхондаи даҳ ангушташ ҳунар ва хонашини бибиотунтабиати ғайри намозу иҷрои аҳкоми шариат фикри дигаре дар сар надошта, ҳам ҳаст…

Вай дар сифати духтарон боз чизи дигаре афзуданӣ буд, ки Вакил тамасхуромез тану тӯш ларзонда, хандид ва имкон надод Боир сухан идома диҳад: – Андешида гап занед, Раис! Мо, аз ҷумла шахсан ман, ҳамон тавре падари раҳматиам дар ҷанги муқобили фашистон ва кори хоҷагӣ содиқона ҷангидаву хизмат карда, ягон ғиромӣ раво надидааст, силоҳ ба даст гирифтаам. На барои қонеъ кардани нафси шахсӣ, балки барои шукуфоии Тоҷикистони азиз қиём кунам! Барои пок кардани нопокон, сафсатаҳои бепоя аз ин диёр! Рӯшан сохтани мағзи олудаи одамон аз каҷравию ҳарзагӯӣ ва ҳилаю найрангхои коммунистӣ! Дар 70 сол идеологияи коммунистӣ моро на танҳо аз фарҳанги пешину қадима ҷудо сохт, аз хешу табори ҳамхуну ҳаммаслаку ҳамфарҳанги Эрону Афғонистон канда кард, балки мағзи моро бо андешаҳои фаҷу лаҷи бепояи коммунизмсозӣ сирояту заҳролуд намуд…

– О, як вақтҳо ба хаёлам, худат ҳавою ҳаваси коммунистӣ доштӣ ку? – раис маврид мувофиқ дида, неш зад: – Чӣ хел коммунист шавам, гуфта на шаб хобат мебурду на рӯз ором доштӣ. Хотираам кундӣ накунад, ба назарам як-ду касро ба ман восита карда, миёнашон як арӯсак ҳам буд, ваъдаи ину он ҳам дода будӣ?

– Раис! Аламам тоза накунед! Гуфтам ку?! Ифшои ин қисса ба дигар маврид мемонем. Вақту мавридаш мерасад, ки: дурусту нодурустии хаёлу гумонҳои шуморо бо рӯзу соат ва тафсилоташ, ёдатон биёрам!

Боз хомӯшии риққатовар дар миён омад.

– Аз суханони шумо ман каме дар ҳайратам, Раис, – мавзуъро ба дигар сӯ кашида, ба гап ҳамроҳ шуд Умар, тасбеҳи фирӯзагии худро тавре ҳар муҳраро ҳисоб мекарда бошад, бо мулоимат ба гардиш даровардa, ба умеди он ки лаҳзаи гардиш асари нафъбахшии фирӯза бештар мешуд бошад. – Дар маҳали шумо «духтарону занони ҳурлиқои паричеҳраи даҳ ангушташон ҳунар ва отунтабиатҳои дар роҳи Худо риёзаткаш» кам набошанд, ман намефаҳмам, пас барои чӣ писари шумо аз Русия арӯсшаванда овардааст? Ё ин амал ягон маънии нуҳуфтае дорад, ки ақли мо бандагони хокӣ намегирад?

– Ҳеҷ гуна маънии нуҳуфта надорад! – ба таҳти сухани Умар ра-

сида, бори аввал Раис ранҷидахотир овоз баланд кард. – Ман ва писарам ба касе қасди бадӣ кардан надорем! Тарҳи ягон амали носавобе, ки боиси нигаронӣ шавад, накашидаем ва ният ҳам надорем…

Умар ҳама матлаби дилаш нагуфта будааст, ки фурсати идомаи сухан кардан ба Боири раис надода, боз афзуд: – Бисёр мехоҳам ба гуфтаҳои шумо эътимод дошта бошам, лекин чӣ кунам, ки андешаи солим маро сӯи дигар мекашад. Аз рӯи ақлу мантиқ фикр кунед. Шумо мегӯед, ки пули ҳангуфт доред. Оё бо ҳамин васила онҳоро ба гардиш дароварданӣ ку нестед? Дили ман аз шумо ҷавоби қаноатбахш мехоҳад, на суханбозӣ, ҷаноби Боир.

– Кадом васила? Чиро дар назар доред?!

– Аз Русия арӯс овардани писари шуморо дар назар дорам.

– Аз дигар маҳал арӯс овардан магар васила аст?!

– Бале. Чунин шуданаш аз эҳтимол дур нест! Ба хусус дар ҳамин шабу рӯзҳои бесарусомонии Тоҷикистон! Чунки шумо бо русҳо пайванди хешутаборӣ баста, баъд аз он, бемалол «пулҳои ҳанггуфтатон»-ро ба василаи хешони наватон ба гардиш дароварданиед.

– Бисёр бадгумон нашавед, бародар Умар, ки бадгумонӣ касро аз имон дур месозад, – бо овози ларзону оҳанги ҳазин таъкид кард Раис. – Дар ин рафтори писари ман ҳеҷ гуна васила ва амали носавоб нуҳуфта нест. Шумо ку бачаҳоиноболиғи ҳарзагӯи кӯча нестед, умеди дар оянда сарварию раҳбарӣ доред, бояд бифаҳмед, ки ин ҷо кори дил аст. Ба дил фармон дода намешавад, ки инро бигиру онро интихоб бикун. Ба хусус ба ҷавонҳо дар боби ишқу муҳаббат ва боз дар ин замонаи беқурбии расму русум ва бенизому тартиб, ба гуфти шоир «даври қамар» ҳеҷ гуна ҳукм раҳрав нест. Ғайр аз ин, аз дигар мулку диёр арӯс овардану бо намояндаи миллати ғайр хонадор шудан, писари ман на аввалин асту на охирин. Як бор чашми дилу дида боз намуда, ба атроф назар кунед: ин падидаи нав нест, на танҳо дар ҳаёти мо тоҷикон вуҷуд дорад: сарварони давлату ҳукумат, адибону донишмандон, фарзандони онҳо дар замони шӯравӣ бо киҳо пайванди хешу таборӣ кардаанд. Балки инро шумо ҳам медонед, дигарон ҳам. Боз мегӯям: ин падидаи нав нест! Аз қадим вуҷуд дорад. Дар ин мавзуъ адибони гузаштаву имрӯза асарҳо навиштаанд. Якеш «Арӯс аз Масков»-и Турсунзода аст, ки хонда ё шунидагистед. Биёед, беҳтараш давои раҳоии дарди маро андеша кунем. Бори дигар мегӯям: зорӣ дораму зӯрӣ не. Аз шумо хоҳиш дорам: Писари мана бо арӯсшавандааш, ба мӯйяшон хор нахалида, ҳарчи зудтар аз банд

раҳо кунед. Ман ягон мақому найранги беҷо, бузбозӣ раво надида, баробари озод шудани онҳо, чанд пуле гӯед, ба шумо пешкаш мекунам.

– Писаратонро ҷавоб диҳему духтарро не, чӣ мегӯед?! – айёрона ҷониби Умар чашмакӣ зада, таҳдор гуфт Вакил.

– Гуфтам ку. Ба шумо духтар лозим бошад, чанде хоҳед, чи хеле хоҳед, меёбам… – Ин дафъа ваъдаи Раис шунида, мисле ки чеҳраи Вакил шукуфт. Вале Раис ҳамоно ба суханаш идома дода, нагузошт шодии Вакил то дер идома ёбад: – Лекин сари вақт мегӯям: дар ин миён як гап ҳаст: бо ризояти тарафайн, волидайни онҳо ва бо никоҳи мусулмонӣ, ин кора мекунем, – вай тааҷҷуби онҳоро пай бурда, тавлиди эҳтимолии фикри ғалати онҳоро, балки метавон гуфт, фосиқию ҳаромии онҳоро пешгирӣ карданӣ шуда, мақсад шарҳ дод: – Алҳамдуллилоҳ мову шумо мусулмонзода ҳастем…, – ба гумонаш гуфтаҳояш ба ҳамсуҳбатон асар карданд, ки суханонаш боварибахш ва оҳанги насиҳат гирифтанд: – Агар муроди шумо «беҳбудии Ватан, зиндагии мардуми Тоҷикистони азиз» бошад, «ба шукуфоии он камар бастанӣ бошед», хоҳиш мекунам, аз қадамҳои нахустин боэҳтиёт бошед. Беҷо қадам нагузоред, ки мардум ҳамабин аст. Хотираи хуб дорад, баду некро то дер дар зеҳни худ нигаҳ медорад, ба наслҳои баъдӣ боқӣ мегузорад… Пас аз соҳибистиқлол шудан дар маркази ҷумҳурӣ ва вилоятҳо ба ранги гулҳои худрӯйи баҳорӣ – созмону ҳизбҳо, ҳар гуна дастаҳо бо номҳои зебою дилфиреб пайдо шудаанд, муродашон чист, ҳадафашон кист, кас намедонад?..

– Лекин ҳадафи мо, – зуд пешгирӣ кард Вакил, – чун рӯз рӯшану чун машъал тобандаю пурҷозиба аст. Гуфтам ку?! Фидоиёни мо, Худо тавонашон бахшад, барои покии Ватан аз ҳар гуна фитнаҳо, сифлаҳо, идея ва мафкураҳои по дар ҳаво, ки ба ширинӣ мардумро ба роҳгумӣ андохта буданд, набарду мубоизаи беамон мекунанд…

– Ҳамаи ун дастаю созмонҳо ҳам аз одаму одамгарӣ, ободию шукуфоӣ, рушди кишвар, идеяҳои башардӯстона ҳарф мезананд. Лекин… (мехост гӯяд: оё шумо ягон ҷо сабти ном шудаед, оинннома доред, ё чанд авбошу шӯрапушти бесар якҷо ҷамъ омада, ба ном созмони «Фидоиён» таъсис дода, бедодӣ доред? Вале ҳамоно масали маъруф ёдаш омад: Аз касе тарс, ки аз Худо наметарсад ва аз ин пурсиш истиҳола кард): – ва ба маънии намефаҳмам, китф дар ҳам кашида, боз ба сухан идома дод Боири раис: – Ҳозир, ман барои он ин ҷо наомадаам, ки худро дар назари шумо оқилу фо-

зил, сиёсатмадор ҷилва диҳам ва кору пайкори дигаронро пеши шумо таҳлилу натиҷагирӣ кунам. Дарди худам, дарди оилаам, дарди ҷомеа ва диёрам ва боз ин айби дигаре, ки шумо ба сари ман бор карданӣ ҳастед, гумони бад доред, (ҳамкории пинҳонӣ бо Русия) маро азият дода, безобита карда, ба ин ҷо овардааст. Аз ҳамун вақте бачаҳои шумо писару арӯсшавандаи писари маро рабудаанд, хонаи мо мотамсаро гашта, садои нолаю шеван ҳаду ҳамсояҳоро на шаб, на рӯз ором мегузорад. Кас аз миёни хешутабор ва шиносҳое, ки ба тасаллӣ ва дилбардории мо дар хона ҷамъ шудаанд, гузашта наметавонад… Боз дар озод кардани онҳо чанде дигар таъхир кунед, яқин ки ин нолаю шеван то гӯши дивизияи 201 – уми Русия дар Тоҷикистон ҳам мерасад. Охир шумо на танҳо писари маро, балки шаҳрванди Федератсияи Русияро ҳам гарав гирифтаед. Онҳо аз ин амали нопоки шумо воқиф шаванд, шубҳае нест, ки ором наменишинанд. Тоҷик аст, ки имрӯзҳо пеши ҳам қадр надорад…

– Чӣ?! Шумо моро тарсонданӣ омадаед?! – ба таъбири маъруф мисли хуруси ҷангӣ парпарак ҷониби ӯ дастак зада, гуфт Вакил.

– Не. Худо нигаҳ дорад. Ман танҳо шуморо аз оқибати ин амали талху носавоб огоҳ карданӣ ҳастам. Гуфтаниам, ки бо думи шер бозӣ намекунанд. Русҳо мисли мо мардуми тоҷик ба қисмати шаҳрвандашон бетафовут нестанд. Меандешам, ки бо рафтори беҷои як-ду хирасари дастаи шумо, ба сари диёри азизамон ягон фалокат набиёред. Ҳамон тавре Баҳриддин гуфт: Ба хотири кайк пустин оташ нагирад!

Онҳо ба дурустии суханони Боири раис шубҳа надоштанд, вале ба иқрор кардан ҳимматашон намерасид, забонашон намегашт. Аз ҳолату суҳбати ноҷур ҳама ошуфта гашта, муҳри хомӯшӣ ба лаб зада, саргарми андешаҳои худӣ шуданд. Аз беруни дафтари корӣ – даричаи боз ин дам бар замми овозҳои равуо, мисле ки идомаи майдоннишинии Душанбе ин ҷо кӯчида бошад, гуфтугӯ ва садоҳои ҳархела меомад: яке ба таври худ суруд замзама мекард, дигарон бо ҳам гапфаҳмониву гапгардонӣ ва баҳс доштанд: – Гуноҳи аввал аз майдоннишинон сар зад. Агар аз кори хонаву дар монда, дар майдон каҷпаҳлу намезаданд. Балки майдонҳоро минбари ваъзгӯӣ қарор намедоданд.

– Ваъзгӯйи онҳо чӣ бадӣ дошт?

– Чӣ хубӣ дошт, гӯй? – луқма дод дигаре.

– Гӯш кун. Аз қадим хобро нишони марг ё марги сабук гуфтаанд. Баъзеҳо боз сабуктараш гирифта, хобу маргро баробар дони-

стаанд. Ҳамин хел аст?

– Ҳо.

– «Ҳо» ки бошад, дар майдон аз номи шоири бузурги Шарқ Муҳаммад Иқбол даъват мекарданд: Аз хоби гарон хез! Ҳамин хел буд?

– Ҳо.

– «Ҳо» ки бошад, яъне даъват аз хобу беҳушӣ ба худ омадан будаст. Ин чӣ бадӣ дорад? Охир дунё тараққӣ кардаву пеш рафта, асрори кайҳону сайёраҳо, қаъри баҳрҳо, дили кӯҳҳо омухта шуда истодаанд, вале мо, ҳолӣ ҳам ба гуфти шоир: «Дар хами як кӯчаем».

– Худову ростӣ, ҳақ мега! Лекин агар вакилони мардумӣ беақлӣ намекарданд, кор ба майдоншинӣ намеанҷомид…

– Ғайр аз он, рости гапа гӯем, дар ин кор гуноҳи раисҷумҳур ҳам кам набуд. Як бор бо майдоннишинон вомехӯрд. Ақаллан намояндаҳои онҳоро қабул мекард. Аз дарди онҳо пурсон мешуд…

– …Онҳо ҳатто вакилони мардумиро ба гарав гирифтанд. Вай чӣ тавр ҷуръат мекард?

– Эҳ-ҳа! Вай ману ту барин бо як сари қоқ нест, даҳҳо нигаҳбони чобуку машқдидайи ойликхӯр дорад, ки пашаро дами парвоз медоранд!

– Гаравгирӣ мегӯӣ?! Гаравгирӣ баъд шуд. Онҳо диданд, ки дигар илоҷ надоранд, ба ин амали бадномкунанда даст заданд.

– Ту, ин ҳамаро аз куҷо медонӣ?!

– Ҳе – е, сода! Ман аз ин зиёдар гапҳо медонам.

– Боз чиҳо медонӣ?

– Боз медонам, аҳли як хонавода ба ду ва се тараф шуданд. Як қисмаш ҷонибдори як майдон, қисми дигараш мухлиси дигар майдон ва ба ном қаҳрамонсозӣ шуданд…

– Ҳо балое! Ин ҳамаро аз куҷо фаҳмидӣ?

– Ман оши ҳар ду майдон хӯрда, ваъзгӯии воизонро ана бо ҳамин гӯшҳоям шунидам. Ман надонам, дигар кӣ медонад?

Ҷавони силоҳбадаст бо ин гуфта қаноат накарда, даст ба гӯш бурд. Мардум чунин гӯшро чапаргӯш мегӯянд, чунки аз муқаррарӣ калон ва болои гӯшҳо пӯпаки мӯй баромада буд ва вақте аз ӯ сабаб мепурсиданд, мегуфт: – Инҳо антенаҳои иловагӣ ҳастанд. Аз ҳар гӯшаи дунё хоҳам мавҷ қабул мекунанд. – Ҳоло вай даст аз гӯшҳо бардошта афзуд: – Ман он вақт дар ҳар ду майдон саланг-саланг гашта, мавъизаҳоро гӯш карда, ба таври худ

фол мезадам: ин амалҳо ба чӣ меанҷомида бошанд?..

– Ту ҳам ваъз гуфтагистӣ? Охир дар он майдонҳо: «Шаҳидон» ва «Озодӣ» сухан гуфтан озод буд – ку?! Ту пайтро аз даст надодагистӣ? Он ҷо, ҳар кӣ мехост, ба хотири миллат, шаъну шуҳрат ва ё худнамоӣ, чизе мегуфт, хоҳ бад, хоҳ нек…

– Ба кадом як душман-деву аҷинаҳои хаёлӣ (дар асл коммунистону исломгароён ва демократҳо) баҳс кардаву нафрат мефиристоданд!

– Хаёлӣ не! Гап гуфтаниӣ, пӯстканда гӯ! Дар майдони «Шаҳидон» аз демократияву ислом дифоъ карда, хурду бузург ба сохти давлатдории коммунистон нафрат мегуфтанд, дар майдони «Озодӣ», баръакси онҳо аз коммунистону роҳбарияти вақт ҷонибдорӣ карда, ҳама нобавориҳоро ба ислому демократҳову сарвари қозиёт нисбат медоданд…

– Ростӣ, ҳамин хел буд, лекин ман дар фикру хаёли чизе гуфтан набудам, ҷуръате надоштам маро то пояи минбар барад.

– Ту чӣ? Ман баъде ки додару ҷиянҳоямро фирефта, ба муҳосираи Душанбе бурда нопадид гаштанд, чанде мурдаҳои ҷавонҳои Регару Шаҳринаву Ҳисор бедарак шуданд… Қавлу қасам кардам, қасди онҳоро бигирам…

– Аз кӣ?

– Аз ҳамунҳо.

– Киҳо?

– Ба ростӣ, худам ҳам намедонам, сари калоба гум шудаст. Дар он майдонҳо аз ҳама маҳалҳо одамон буданд: олимону зиёиён, гулҳои сари сабади ҷомеа, лекин баъд гуноҳа ба гардани як-ду маҳал бор карда, сарчину қалам задани мардума пеш гирифтанд… Ҳама саргум аст…

* * *

Офтоби сӯзони тирамоҳӣ ба қиём омада, ҳоло рӯ ҷониби ғуруб мерафт. Чанд тан аз силоҳбадастон, худро аз партави он канор гирифта, дар ними сухани рафиқон ба ҳам бо кафҳо имою ишора карда, аз ҷой бархоста, дар тараддуди зудтар таҳорат кардану намоз гузоштан шуданд. Аз миёни гуфтугӯи онон овозҳои ниқорталабӣ ва таҳдиду дашномҳо ба ҳар шева ба гӯш мерасид. Вакил ба нияти пинҳон доштани беадабиҳои ҳайати даста, яхи хомӯшӣ шикаста ва ба хотири пахши овози онҳо аз пешина дида, бо овози баландтар ба сухан даромад, вале бо вуҷуд гуфтугӯи онҳо возеҳ шунида мешуд.

– Агар гаравгонҳоро озод кунем, ғайри пул додан, боз бо мо ҳамкорӣ мекунед? – мисли пешин ҷониби Умар ҳилагарона имо кардаву чашмакӣ зада, пешниҳод намуд Вакил ба Боири раис.

– Қавл медиҳам, бо шумо ҳамкорӣ кунам, – мисле ки пешакӣ дар ин бора фикр кардаву ба як қарор омада бошад, фаврӣ ҷавоб гардонд Раис.

Аз шунидани ин ҷавоб чеҳраи Вакил мисли аввала шукуфта, чизе гуфтанӣ буд, ки Боири раис имкони гуфтанаш надода, мақсадашро возеҳтар фаҳмонд: – Ба шарте ки гаравгонҳоро беосеб, фаврӣ ба ман баргардонед. Дар он сурат, ҳатто ҳамкории хушку холӣ не, балки шуморо аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ мекунам, – гумон дошт ҳамсуҳбатон аз шунидани пешниҳоди ӯ шод шуда, зуд амри озод кардани гаравгонҳоро медиҳанд, вале чизе нагуфтану бетафовут нишастани онҳо, ӯро ба андешаҳои мағшуш водор сохт. Ин дафъа хомӯшӣ хеле тӯл кашид. Ҳамсуҳбатон ба рафти андешаи ҳамдигар халал нарасонида, лаб зери дандон гирифта буданд. Бе он ки касе аз Боири раис чизе пурсад, боз худ ба забон омада як навъ ваъдаи умедворона ва тасаллӣ дод:

– Дар хоҷагиам ду тона спирти тоза дорам. Ду миллион пул дорам. Болотар аз ин ҳама, чанде аз аъзоёни хоҷагӣ аз хати кашидаи ман берун по намегузоранд. Ба об равед гӯям, мераванд, ба оташ пared гӯям, мепаранд. Ҳарчи гӯям ҳамон мекунанд. Гапи ман барояшон қурби қонуну шариат дорад… Хулоса, гуфтаамро зуд ба ҷо биёред. Андаке таърифу худситоӣ шавад ҳам, мавридаш омадааст, мегӯям, то бидонед, ки бо кӣ сарукор гирифтаед. Тавре худатон иқрор кардед: дар замони шӯравӣ то Герой Соцтруда шуданам, як қадами дигар монда буд, ки сари синаи ин амакатона ситораи Геройӣ зеб диҳад. Аз дасти ман ҳама кор меояд. Ба ҳама кори неку бад қодирам. Дасти дарозу тавоно дорам…

Вакил аз шунидани таърифҳои ӯ ба танг омада, бачаҳл пеши сухани Боири раис гирифт: – Моро натарсонед, раис! Мо имрӯз қудрате дорем, ҳар гуна «дасти тавоною дароз» кӯтаҳ кунем! Вай замони шӯравӣ буд, ки шумо ва шумо баринҳо ба хости хоҷагони худ ҳарчи хостед, кардед! Ба ҷои шахси сазовор хонуми зебоеро, ки хатдониву хатхонӣ не, хату холаш ба шумо писанд афтода буд, вакил кардед, парвои он надоштед, ки ақаллан подабонро аз муҳандис фарқ карда метавонад ё не?! Ба завқи шумо маъқул афтод, гирифтед коммунист кардед! Ҳамон тавре бо ман шуд. Райъи ба ман додаи мардумро ба номи дигар кас гузаронда, вакил кардед! Вале шукри Худо халқ худаш са-

раро аз носара фарқ мекунад! Дар сарнавишти ман вакилӣ будаст. Имрӯзҳо халқ бе ҳамун коғазчаи мандату нишони депутатӣ ҳам, мана ҳамчун вакили худ мешиносад. Тақдира такбир карда намешавад! Дидед, ки имрӯзҳо чӣ хел мардум аз пайи ман меравад…

Мисли касе ки дарди дил мегуфта бошад, оҳанги сухан ва тарзи талаффузаш аз пешина фарқ карда, ҳасрату алами дар дил доштааш масали «Аз кӯза ҳамон бурун таровад, ки дар ӯст»-ро ёд овард.

– Гумонатон дуруст аст. Номи ман аслан Хоҷаи Комрон аст. Лекин ба хотири эҳтироми мардум, ки дар ман вакил дидан мехоҳанд, лақаби Вакила пазируфтам. Ҳаминро ҳам бидонед, ки имрӯзҳо қудрати ман аз он калушвакилҳои шумо, ки ба хотири манфиати шахсӣ ва маҳаллӣ ҷумҳуриро ба саргумӣ ва вартаи ҳалокат оварда, нооором карданд, баэътибору эътимод ва пурзӯртар аст!..

Аз таърифу таҳдиди Вакил мижаи Боири раис таҳ нахӯрда, баръакс сайъи қудратнамоӣ кард: – Қудрату тавоноии мо ҳам, ҳолиё ба ун дараҷае сусту фулуст нашудааст, ки ту гумон дорӣ! Бовар кун, ҳолӣ завол наёфтааст! Зудтар фарзандам ва арӯсшавандаашро бегазанд ба ман бозгардонед! Мо ҳама ёвару чокари шумо мешавем. Вагарна аз худ гила кунед! Касе ки садҳо кори неку бад кардааст, аз дасташ боз як кори дигар меояд. Фаромӯш насозед, мо ҳоли ҳам қудрати иҷрои бисёр корҳои ғайриинтизор дорем!..

Умар тоқаташ тоқ гашта, дигар интизори анҷоми сухани Боири раис нашуда, ҷониби Вакил ишораи тасдиқ намуда, гуфт: – Қабул, раис. – ва рӯ гардонд ҷониби Вакил ва як навъ мисли он ки худи ӯ дар банд зада, корафтода бошад, илтиҷо кард: – Ҷаноби Вакил аз барои Худо, хоҳиш мекунам. Амр кунед, то ки гаравгонҳоро ҳамин замон озод кунанд.

– О-о! – баръакси нармсухании ӯ Вакил ба дуруштӣ, ҷавоби тунд гардонд: – О, шумо набудед, ки ҳозир ба онҳоро рабудани бачаҳои мо шубҳа доштед?! Худоё, ин қадар тарсу будаед, ҳазрат?! Маътали «дод»[1] нашуда, фикри фаҳмидани мо накарда, аллакай андешаю мавқеъ тағйир додед. Дар зуд дигар кардани мавқеи худ ҳунарманд будаеду мо бехабар. – бо тамасхур гуфт Вакил ҷониби Умар. Ин гуфтаи Вакил маънои таҳдоре ҳам дошт. Пинҳон набуд, ки вай дар дил нақшаи дигаре ҳам дораду Умар аз

[1] Ишора ба латифаи машҳури тоҷикӣ аст. Шарҳи муаллиф.

он воқиф нест.

– Ростӣ, дар дили ман ҳеҷ гуна ғарази баде нест, – маломати Вакилро гӯё нашунида, иқрор кард Умар.

Вакил ҳам дид, ки аз таънаю маломати ӯ дар чеҳраи Умар нишони ранҷише мушоҳида намешавад, ӯро ба ҳоли худ гузошта, ба Боири раис часпид: – Мо бешак аз зиёд шудани сафи шербачаҳоямон хушнуд мешавем. Ба болои он, боз шумо барин як шахсияти шинохтаи муътабар бо мо ҳамроҳӣ кунад! Бар замми он, маблаѓе бахшад, чӣ ҳам мегуфтем?! Нуран аълонур мешавад! Чунин тасаввур кунед, ки шербачаҳои мо аз шунидани ин хабари хуш дар курта намеғунҷанд. Хурсандиамон аз ҳаду ҳисоб берун меравад. Вале мо чӣ тавр ба суханони шумо бовар кунем?! Барои эътимоду боварӣ кафолат, далел лозим аст! Худатон хуб медонед, ки ягон бонк бе раҳна(гарав) пул намедиҳад ку?!

– О, шунидед, Раис чӣ гуфтанд? – кӯдаквор бо табассуми малеҳу фарох таъкид кард Умар.

– Бисёр сода нашавед, бародар! – Вакил нагузошт ӯ боз далел овардаю ҷонибдорияшро идома дода, қувват бахшад ва нишаста буд, миёни суҳбат аз ҷой бархоста, тарафи ҷевони китобҳо, ки парешон мехобиданд, рафту рӯзномаи кухнаеро дуқат карда ба сари пашае, ки вижас зада аз болои сарашон ин тарафу он тараф парвоз дошт, аз афташ ҷойи нишаст мехост, чунон базарба зад, ки дар гӯшаи миз нақш баст.

Бозгашта ба сухан идома дод: – Замона имрӯзҳо содагӣ намепарварад ҳазрати Умар! – ин суханони Вакил, гумон ба яқин табдил доданд, гӯё ба сари Раис оби сард рехта бошанд, вуҷудаш такон хӯрд, умедашро аз раҳоии фарзанд ва арӯсшаванда канд. Миёни гап куштани паша, ки мардум пайдо шудани онро аломати омадани меҳмон таъбир мекунанд, фоли бад пиндошт. Боири раис агарчи ифшо намесохт, сарришта гум кард, дигар чӣ гуфтану карданашро намедонист, фикрҳои талху мағшуш вуҷудашро ба сӯзиш оварданд: «Охир ман ба инҳо ваъдаи пул, духтар, ҳамкорӣ ва ҳатто таҳдид кардам. Дигар чӣ кунам? Инҳо чӣ нияту нақшаи ниҳоние дошта бошанд?» – вай сайъ дошт, ҳолати нотавонии худро ҳувайдо насозад, ҳарчанд эҳсос мекард: ин дам бар асари ҳаяҷону изтироби тоқатшикан гӯшҳояш сих зада, дандонҳояш ба дард даромада, ба мӯйҳояш сафедӣ медамад…

Таъзиқи Боири раис идома дошт, ки ғайриинтизор хомӯшӣ халалдор гашт.

– Рости гапа гӯям? Раис, ман ба он ки писаратон аз Русия бо

дили софу беғараз арӯс овардааст, ба хусус дар ҳамин рӯзҳои нооромии диёри мо, чандон боварам намеояд. Вай ба Русия кай рафта буд? Чӣ хел ва дар куҷо онҳо бо ҳам ошно шудаву дар ин рӯзҳои сахту муташаниҷи даҳшатзо урусдухтараки бечораро фирефта, ба Тоҷикистон овардааст? Ман ҳайрон! Ҳарчанд ки як навъ фаҳмондед, вале боз ҳам дурусттар шарҳ медодед, то ки бовар бикунем, – омехта бо шакку шубҳа ва як навъ хайрхоҳиву умед, бо мулоимат хоҳиш кард Умар.

– Гуфтам ку? Ин кор ҷои ҳеҷ гуна шакку шубҳа ва ташвиши шуморо надорад, ки дар сурати паша фил тасаввур бикунед. Писари ман Шерак, дар курси сеюми донишгоҳ таҳсил мекунад. Азбаски имрӯзҳо дар аксар мактабҳои олии шаҳри Душанбе ба касофати майдоншиниҳои бемаънӣ ва кашмакашҳою маҳалбозӣ дарс намешавад ва ба гуфти худатон «муташанниҷи даҳшатзо» аст, писарамро ба Русия фиристодам, ки аз бало ҳазар, боз ба ягон гуруҳу дастаи табаҳкор ҷалб нашавад. Ҳарчи нагӯед, ҳолӣ ҷавон аст. Донишу истеъдоди хуб дорад, якчанд забон медонад. Бо модараш ба тоҷикӣ, бо ман ба ӯзбекӣ, бо ҷӯрааш Зафар ба русиву англисӣ дар ҳама мавзуъ озод чақ-чақ мекунад. Дар Маскав бо ин духтарак ошно шудаст. Писари ман не, баръакс духтар хостаст, бо мо-падару модари Шерак шинос шавад, Тоҷикистон ва маҳали моро бо чашми сар бубинад. Шумо медонед ку, имрӯзҳо шавқи дидану фаҳмидан дар мардуми рус назар ба мо бештар аст. Мана буду шуд, сабаби омадани онҳо ҳамин. Ин кор дигар ягон паҳлуи ниҳоние надорад, ки боиси тарсу бим ва таҳлукаю таҳдиди ҷони касе, ба хусус шумо «ҷанобони силоҳдор» шавад. Ба сухани ман бовар надошта бошед, ихтиёр ба дасти бахтиёр, боз аз худашон пурсед. Метавонед ҳар кадомашро дар алоҳидагӣ пурсуҷӯ карда, гап гиред.

– Гуфтаҳои шумо бериё ва муболиға бошанд, ман мефармоям: на танҳо гаравгонҳоро озод кунанд, балки писари шуморо, агар ҳазрати Умар дасти рости ман, муваззафи барқарор намудани робитаю ҳамкорӣ бо опозисиюни Чеченистону Доғистон ва Эрону Афғонистон бошад, дасти чапи худ – муовин таъин мекунам, бигузор муносибатро бо опозисиюни Русия ва дигар давлатҳои аврупоӣ дуруст кунад. – мисли гумшудаи деринтизорашро пайдо карда бошад, як навъ болидахотир ва бо камоли қаноатмандӣ гуфт Вакил: – Яке аз ҳамун «дастаҳои мисли гулҳои худрӯи баҳорӣ», ки гуфтед, аз баракати муовини забондон бо хориҷиён забон ёфта, робита барқарор карда, ба шарофати донишу маҳорати ӯ доираи ҳамкориҳояшон рӯ ба афзоиш аст, бо чанде сафорати хориҷӣ ра-

вуо доранд. Гӯшам бод ёфтааст, ки аллакай соҳиби пулу чизи зиёде ҳам шуда, силоҳу муҳимоти ҷангӣ ҳам харидаанд. Мо аз онҳо чӣ камӣ дорем?! Шукри Худо, донишу ҳунари раҳбарӣ дорем, бачаҳои қобил дорем, халқ моро гӯш карда, ҳарчи гӯем, не намегӯяд. Дар байни шербачаҳои мо, аз ҳар маҳалу миллат, шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ – аз Мурғоб то Панҷ, аз Исфара то Регар, аз Ашт то Фалғар ва ҳатто хориҷи кишвар шербачаҳои чобуку кордон ҳастанд. Онҳоро касе дасту гардан баста, маҷбурӣ наовардааст, ки биё бо мо ҳамроҳ шав. Ва ё чӣ хеле бачаҳои Регару Шаҳринаву Ҳисорро фирефта, ба муҳосираи Душанбе бурда, ба бало андохтанд, нест. Инҳо ҳама бо хоҳиши худ, бо нияти нек бо мо пайвастаанд… Хайр, гапа зиёд намекунам, ба хотири боварии ҳазрати Умар ба шумо, – гуфта Вакил ба тақлиди замонҳои қадим ва худнамоӣ, тавре шоҳону сарлашкарон мекарданд, каф ба каф кӯфт. Дере нагузашта, силоҳбадасти пушти дар ҳозир шуд.

– Кас фирист, гаравгонҳоро зуд беозор биёранд!

Силоҳбадаст даст пеши бар гирифта, «Хуб шудаст, ҳазрат» гуфта аз дар баромад. Вакил ҳамон тавре барои куштани паша хеста буд, боз миёни сухани дигарон аз ҷой бархост, каҷ-каҷ паҳлуи ҷевони китобҳо рафту гӯшаки радиочаро тоб дода, гуфт: – Мебахшед. Ду дақиқа ахбор шунавем. Ку фаҳмем дар ин дунёи буқаламун чӣ гапу хабари нав аст. Ва боз суҳбатро идома медиҳем, то он вақт бачаҳои шуморо ҳам меоранд.

Ба ҷойи ахбор аз радио суруди «Аз дараи Камаров анор овардем» садо дода, аз омадани гаравгонҳо дараку пайяк набуд.

– Спиртҳои шумо чандон махфӣ набудаанд, – боз сари суҳбат пеш гирифт Вакил. – Бачаҳои мо бе гуфтани шумо ҳам аз онҳо бӯ гирифта, аз дору надори деҳаҳои Вистан, Навгилем ва Навдонаку Даштак воқиф гашта буданд. Лекин аз он ки спиртҳоро чӣ тавр ба пул гардонем, сари ин масъала ба як қарор наомада будем, – баъди аз дар баромадани силоҳбадаст ва шунидани суруди «Аз дараи Камаров…», гапро идома дод Вакил ва ба ранги Боири раис ӯ ҳам, дам фурӯ баст, то фикри дигаронро фаҳмад.

– Шумо аввал писар ва келиншавандаи маро ба ман супоред, ин дарди бахайр аст. Ғами онро нахӯред ҳам мешавад. На танҳо ман, балки дигар коргарони хоҷагии мо дар ин ҳунар таҷрибаи хуб доранд. Лекин ман худам ба шумо дар ин тиҷорат ёрӣ медиҳам, – гӯё хостаашро ба ҷо оварда бошанд, як навъ аз ҳоли яъсу навмедӣ берун омада, гуфт Раис. Вакил дар ҷавоби сухани Боири раис ҳа ё не, нагуфта, мисли он ки дурустии гуфтаҳои ӯро

дар ин амал дар мизони ақлу иёр месанҷида бошад, хомӯшӣ ихтиёр кард. Вале ҳамоно аз дил гузаронид: мабодо фиреб диҳад. Беҳтараш тавре кунем, ки аввал роҳи обулой кардани спирт ва дастрас намудани ду миллион пулро ба мо гӯяду баъд. – Вакил дар умраш аз пули маош ва нафақаи падар бештар пул надидаву ба даст нагирифта буд, шунидани ду миллион беқарораш кард, ҳарчи зудтар соҳиб шудан мехост.

Суҳбат ва интизории баргашти гаравгонҳо идома дошт. Дар боз шудан замон, ҳавлона Раис нимхез ба умеди дидани фарзанд ва арӯсшавандааш ба дар нигарист, ба ҷои онҳо, силоҳбадасти пушти дар, ки акнун афташ дар назари Раис хунук метофт, ворид шуда, пурсид:

– Хӯрок тайёр шудаст, биёрам?

Вакил бо сар ишораи тасдиқ кард, яъне, биёр. Лаҳзае пас, ҳамин ки дар боз карданд, ҳавои хона аз бӯи хуши таом, ки дар он аз гиёҳҳои хушбӯи ҳархелаи лаззатбахш истифода шуда буд, дигаргун гашта, иштиҳои набуда меовард. Рӯи як лаълӣ се коса шӯрбо, дар лаълиҳои дигар картошкаю сабзӣ, як мурғи калон ва паҳлуяш корд, ҳар гуна кабудӣ ва нону мева оварда, болои миз гузоштанд. Силоҳбадасти дигари ҷавон зуд дастобгир ба даст, ҳуллаи оҳарӣ сари шона барои дастшӯӣ ҳозир шуд.

Аз садои ба коса бархӯрдани чумчаҳо маълум набуд, ки бар асари бо иштиҳо хӯрдани онҳост ва ё асабоният. Умару Вакил косаҳои холишудаи худро ба канораи миз тела дода, ба меваҳо часпиданд. Себи сурхи хубонӣ бо корди ялақосии Вакил, ки аз нури офтоби аз дарича расида чашм мебурд, оҳиста-оҳиста аз пӯст ҷудо мешуд ва ёд аз он меовард, ки хонуми зебое либоси арғувонӣ аз тан бадар карда бошад. Боири раис на ба косаи хӯрок даст заду на ба меваҳо.

– Дар миёни шербачаҳои дастаи мо ҳоли ҳам, гиред, гиред расм нашудааст. Ҳамин ки хӯрок пешатон гузоштанд, маънии он дорад, ки барои шумо овардаанд. Бе муроотӣ дигаре дилатон кашад, гирифта хӯрдан мегиред, – изҳори фазл кард Вакил аз ором нишастану дар фикр фурӯ рафтани Боири раис хиҷилнамо шуда. – Ғайр аз ин, ин хӯрока медонед, кӣ пухтааст? Ошпазҳои чирадасти исфарагӣ. Ин аз хӯрокҳои ҳамеша мехӯрдагии шумо не. Ин ошпазҳо зану шӯ чанд сол дар тарабхонаҳои класси якуми Маскав кор кардаанд. Дасташон бомазза ки ҳаст, ҳар хӯроке пазанд, болаззат аст, аз хӯрданаш кас сер намешавад. Бовар накунед, аввал як чашида бинед.

– Ман ҳам аз ин сирру савдо огаҳӣ дорам. Шукри Худо солҳои

зиёд ба як хоҷагии калон сарварам, тамоми маҳалҳои Тоҷикистон ва чанд давлати хориҷа дидаву ба расму русум ва зиндагияшон ошно шудаам, – ҷавоб гардонд Боири раис. Лекин аз таъхир ёфтани амри Вакил гумони бад ба сараш пайдо шуда, ҳаяҷону изтироби ғашовар вуҷудашро азият медод, бо вуҷуд ҳамон фармонбарии дилу тан, ки дар солҳои сарварии хоҷагӣ хӯ кардааст, дастгираш шуд ва худро як навъ озод нигаҳ медошт.

Ғояте пас, Умар ҳам, ба ӯ ва ба меваю хӯрок ишораи хӯрдан кард.

– Аз гулӯям намегузарад, – маънӣ овард Боири раис.

– Таома гиреде! Имрӯзҳо як шумо танҳо ғаму дард надоред, тамоми мардуми ҷумҳурӣ дар ғаму андеша аст, ки: ин гирдбоди бало, ки рӯз то рӯз, балки соат ба соат одамони зиёдеро дар худ мепечад, то ба куҷо мекашад, оқибаташ чӣ мешуда бошад? Аз ин абри сиёҳи болои сар чӣ меборад?! Борони раҳмат, наҳс ва ё ягон баду балои дигар?! Миёни мардум ҳазору як хел овозаҳои воҳимаангезу дилғашкунанда аст, боз мана эътибор додаед ё не, аз радиои мо ба ҷойи як гапи сиҳат гуфтан, аз саҳар то шом фақат дингр-дингр мусиқӣ ва сурудҳои аз дақиёнусмонда мешунавонанд. Гӯё дар ин мулк дигар ягон проблема намондааст… Толеи насли моро бин, ки авзои худи табиат ҳам ҷониби бадӣ гашта, пиряххо башиддат об шуда истодаанд. Кадом рӯз мебинӣ, дунёра об зер мекунад…

– Ҳама ҷоро об зер кунад ҳам, мурғобиро то зону, – аз дил гузаронид Боири раис аз амри маъруфи Вакил ба танг омада. Вакил маврид мувофиқ дида, ба маънии бардорад, зам кун, боз ҳам фазлфурӯшӣ кард:

– Худо гӯед, Тӯфони Нуҳ такрор нашавад! Баъзеҳо тахмин мезананд дар садади ба охир расидани дунё ҳастем: худ ба худ барҳам хурдани Давлати абарқудрати шӯравӣ, беқурбии одамӣ, бесатрии занон, афзудани фаҳшу фоҳишагӣ, аз байн рафтани инсофу адолат, зиёд шудани ғорату куштор, на танҳо дар ҷумҳурии мо ва Афғонистони ҳамсоя, балки дар дунё, хулоса ба ҷои амалҳои некиву савоб, рӯз ба рӯз бештар шудани зиллату хорӣ аз нишонаҳои охирзамонанд. Бар замми ин ҳама, боз дар ҷумҳурии мо мана ин кашмакашҳои сиёсиву мансабхоҳиву маҳалбозиро намегӯӣ? Оқибати ин ҳама ба чӣ меанҷомида бошад? Худо худаш надонад, банда аз пешгӯӣ оҷиз аст. Бовар дорам ҳамон кампири булғорӣ, кӣ буд? Ҳа, ёдам омад, ҳамон бибии Ванга ҳам, ки бисёр пешгӯиҳояш ҳақиқат амалӣ шудаанд, зинда мешуд, гапи дурусту

пешомади хубе гуфта наметавонист…

«Аз қудратат гардам Худо! Ина бин, буду шуд, як муаллимаки физкултура буд, чӣ шуду ба донишгоҳи аграрӣ даромада онро ғоибона хонда нахонда, ҳамин ки соҳиби диплом гашт, ҳавою ҳавас ва ғурури депутатӣ дар дилаш пайдо шуд. Мо ина ба як пули пучак нагирифта, ба вакили мардум лоиқ надонистему ин гапҳоя бин, воизони ҷамъияти «Дониш»-а ба як нул мезанад. Худо медонад дар авлоди бобову бибиаш як хатхону китобдор буд ё набуд, ин чаҳ-чаҳа шунав. Ин қадар гапдону ҳамафаҳм шудаст», – аз дил мегузаронид Боири раис дам ба дарун кашида.

Вакил бепарвоёна, гӯё ғаму ташвиш боре ҳам аз гӯшаи хаёлаш нагузаштааст ва дар бораи рӯзгори муқаррарии ҳамарӯза сухан мегуфта бошад, донаҳои ангурро як-як гулчин кардаю болоӣ мепартофт ва даҳон тавре мегирифт ки донаи ангур ба даҳонаш меафтод ва аз ин худ ба худ завқ бурдаю хушнудӣ карда, амри маъруф идома медод: – Гиред! Нону намаки одамони маҳалҳои гуногуни ҷумҳуриро, ки хӯрда бошед, аз моро ҳам чашед. Дигар ҳоҷати ҳеҷ гуна ташвише ба дил роҳ додан нест! Вақте ки ман гуфтам, дилпур бошед, бачаҳоро албатта меоранд. Ҷонашон дар чанд қоп аст, ки набиёранд, аз амри ман сарпечӣ кунанд? Мана гапам якта. Дар суханам меистам. Дар ҳама ҳолат бо амри дилу виҷдон амал мекунам. Медонам, ки як сабаби эътимоду ихлосу дилпурии мардум ва ҳайати даста ба ман ҳамин сифатҳоям аст. Баъзеҳои дигар барин не, ки аз Худову Расул гап зада, чашмашон ба молу ҳоли мардум. Ман ба қадри некӣ ва одамгарӣ мерасам, – дар омади гап ба чанде аз ҳайати даста ва ҷонибдорони Умар неш зад ӯ.

– Ман ҳам. Қасами ҷавониямро намехӯрам, дигар ин ҳама солҳо қадри нону намаки хӯрда пос доштаам, – болои курсӣ худро каме пас кашида, баҳузуртар нишаста, ҷонибдорӣ кард Раис ва бо ин гуфтанӣ буд, ки ман аз шумо болоӣ дораму камӣ не. Бо ин гуфта, қаноат накарда, афзуд: – Пос доштани намак, аввалан нишони футувату ҷавонмардист, сониян, баракатро арзонӣ медорад, касро аз ҳар гуна хаёлҳои беҷо ва азоби виҷдон раҳо мекунад…

– Бале, пос доштани намак аз гӯшаи имон аст… Худо ҳамеша ба муъминон тавфиқ рафиқ гардонад! – афзуд Умар, ба ҳулла даст пок кардаву тасбеҳи тавонбахши худ ба гардиш даровард, шояд ба умеди он ки дар гардиш асари манфиатбахшии он бештар бошад. Вале Вакил пай набурд, ки инро аз барои кӣ гуфт. Аз ин рӯ, заҳрханде карда, чизе гуфтанӣ шуду боз худро нигаҳ дошт, лекин аз ангурхӯрӣ бозистода, ба чеҳраи Боири раис то дер нигоҳи

таҳдоре кард, ки мегуфтӣ нигоҳаш ҳазору як асрор дорад. Воқеан барои ин сабаб ҳам дошт, чунки аз саргузашт ва розҳои ниҳонии роҳбарии раис, агарчи андак медонист, боз дар ин шабу рӯзҳо бештар огаҳӣ ёфта буд. Ба шуниди Вакил, ӯ замоне бо котибааш ишқварзӣ кардаву шавҳари котиба аз моҷаро воқиф гашта, ба Боири раис газанде расонида натавониста, аввал монеи кор кардани ҳамсараш гашта, баъд аз алам худро ба майхорагӣ зада, оқибат аз олам номурод даргузашта, ба гуфтае худкушӣ кардааст. Писарони Раису котиба мегуфтӣ каллаю кундаи ҳамдигар буданд ва инро мардум фоли ҳамон ҳамхобагӣ ва ҳосили ишқварзиҳои ҷавонии Боири раису котиба медонистанд. Онҳое ки аз ин роз огаҳӣ доштанд, ба покии Раис эътимод накунанд ҳам, аз бадгӯӣ ҳазар мекарданд ва онҳое суде бардошта буданд, баръакс худро нодидаву ношунида гирифта, ҷойяш биёяд дар ситоиши ӯ беҳтарин ҳарфу ҳиҷоро дареғ намедоштанд ва орзуи сиҳативу подории давлату савлати Боири раис мекарданд.

Оқибат Вакил аз муҳокимарониҳо ва парвози хаёлу андеша заминӣ шуда, аз тарзи ангурхӯрии кӯдакона бозистода, ба мурғ часпид ва думбаю гарданашро аз аввал бурида пеши худ гузошта гуфт: – Ҳамин қадар солу моҳҳо мурғ хӯрда, нафаҳмида ба гардану думбаи он беҳурматӣ мекардаам, мазза ҳамаш дар ҳаминҳо будасту мани сода бехабар. – ва боз ба Боири раис муроот кард: – Ин хел ки бошад, гиред, то ки мо ҳам ба ҳамкорӣ дилпур шавем. Хӯрока гиред, мо барои ин аз шумо пул намегирем, – ба тавраш шӯхӣ кард Вакил.

– Чунки худатон барои пайдо кардани он пул нададаед, – нимшӯхӣ ҷавоб гардонд Боири раис ва табассум чеҳраи гирифтаи ӯро каме дигаргун кард.

– Чӣ хел?!

– Мана ҳамин хел. Ин мурғи болаззате шумо хӯрда истодаед, на дар мағоза ёфт мешаваду на дар бозор. Медонед, ин гӯшти кадом мурғ аст?

– Ба назарам индийук будагист, – гуфт Вакил ҷониби Умар имдодталабона нигариста.

– Не. Ин мурғи марҷон аст, ҳарчанд хеши ҳамон индийуки гуфтаат аст, лекин гӯшти ину товус аз он гуфтаи ту фарқ дорад. Боз ба кайвону вобаста. Баъзе ошпазҳо садқашон шавам, ҳатто кабку бедонаро дуруст пухта наметавонанд. Як чизи дигар гӯям намеранҷед?

– Ба шарте аз ҳад нагузаред. – ҳамоно таъкид кард Вакил.

– Як сабаби дилмондагӣ ва низоъ байни мардум, ана ҳамин масъалаи муҳайё кардани хӯрока шуд. Тасаввур кунед: одами солим дар як рӯз ба камикамаш ду бор бояд хӯрад. Хӯрданиро аз куҷо мегиранд? Медонед дар майдонҳои «Шаҳидон» ва «Озодӣ» – и шаҳри Душанбе чӣ қадар одами маҳшар ҷамъ омада буд? Ҳазорҳо! Ҳамаи онҳо хӯрданашон лозим буд, лекин аз кадом ҳисоб? Аз хонаҳои мардум як рӯз ҷамъ меорӣ, ду рӯз… Ноилоҷ рӯ оварданд ба гову моли колхозу совхозҳо ва анборҳои хӯрокаи давлатию шахсӣ ва бо ҳамин ба дуздиву ғорат дуо доданд, астағфируллоҳ, балки танҳо дуо не, фатво, ҳукми шаръӣ, зелёний свет! доданд. Мутасаддиён агар яке барои майдоннишинон бурда бошанд, дуи дигар бераҳа карданд, соҳибони анборҳо ва онҳое ба ин кор муваззафу олудагӣ доштанд, барои худ ва хешовандонашон аз ҳама навъи хӯрока ҳадия карданд. Ва бо ҳамин дуздиву ғоратгарии иқтисодӣ ба расмият даромад ва то имрӯз идома дорад. Ҳарчанд ман шуморо дар назар надорам, лекин шумо ҳам истисно нестед.

3.

Чанде аз ҳайати дастаи силоҳбадастон дар офтобрӯяи канори роҳи морпечи мумфарш, ки аз рафтуомади мошинҳои пурқудрати ҳархелаи боркашу сабукрави дастаи «Фидоиён» пушти хари боркаш барин шуда, гарди хокаш ба мусофирон сафедӣ мезад, нишаста гарми суҳбат буданд, ки гаравгонҳоро оварданд.

– Ин Худобехабаронро куҷо мебарӣ?

– Ҳай духтари нозанин будаст! Мегӯӣ аз даҳани мор кашида бошандаш…

– Ту гӯӣ торони таҳсангӣ бошад…

– Ай себи хубонӣ, мурамате! Газида-газида хӯрамате!

– Ай бачаҳо, духтара як соат ба ихтиёри ман тед!

– Андеша кун, беинсоф!

– О, ҳамин худаш андеша аст! Боз чӣ хел андеша мехоҳӣ? Ман барои ту шоир ё файласуф набошам, ки калимаю иборaҳои по дар ҳаво гӯям.

– Садқаи андеша ва шоиру файласуф шавӣ! Худогирифтаи нопок! Аз Худову инсоф гап мезанеду амалатон фашистҳо барин!

– Ҳой! Забон нигаҳ дор, ки инсофа нишонат медиҳам! – гуфта силоҳбадаст ба асбоби мардияш ишора кард.

– Бетамизи бадзоти ҳаромзодаи тарбиянодидаи!.. – ҷавони

бандӣ кулӯхчаеро ба по тарафи ӯ мисли туби футбол башаст зад.

– Чӣ гуфтӣ?!

– Он чӣ шунидӣ!

– Боз забондарозӣ мекунӣ, очағар?!

– Афсӯс дастонам бастаанд, вагарна очата дар пеши чашмат…

Садои тир омехта бо овози падарҷон! гуфтани касе танинандоз гашта, аз атроф акси он баланд омад.

Дарзамон, мисли бузе, ки аз куштани худ бӯ бурдааст, Бердӣ ҷонҳавлӣ фарёд зад: – Ман накардам! Ман набудам! Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, ман напарондам. Танҳо таҳдид кардам! Гуфтам! Ман қасди куштан надоштам! Худо як аст! Касе маро подставит кард! Бародарон, миёни мо нохалафе ҳаст! Миёнамон низоъ ангехтанист! – Бердӣ якзайл бо овози баланд бегуноҳии худро иқрор мекард, меҳру шафқат мехост. Вале аз миёни онҳо хайрхоҳе пайдо нашуд, касе ба додаш нарасид…

Баръакс: – Гиред ӯро! Доред! Нагурезад! – овози ӯро пахш карда, якбора чанд нафар силоҳбадаст дар як мижа ба ҳам задан, бо як чолокии ҳайратовар, мисле ки ашадитарин террористро дошта бошанд, дар по задану мушт кӯфтани ӯ аз ҳам пешдастӣ мекарданд ва коре карда, ба ӯ часпида, ҳай муштборонаш карданду аз дасту танаш силоҳҳоро гирифта, дастҳояш ба пушт бастанд.

* * *

– Маслиҳати мо напухт, – гуфт Боири раис аз ғалмағалу садои тир дилаш ба кадом як амали шуме гувоҳӣ додаву рамуз гирифта, ки башаст аз ҷой бархост ва ҷониби дар қадам бардошта буд, ки дар боз шуду силоҳбадасте вориди хона гаштан замон, ҷониби Вакил гуфт:

– Ҳазрат, бачаи Раиса пар…

– Оҳ! – гуфта Раис бо ҳамон шасту шитоб силоҳбадастро аз роҳаш яктарафа тела доду берун давид. Рӯи роҳи хокӣ писараш ғелида буд, русдухтари арӯсшаванда бо дастони баста болои сари ӯ ба зону зада, нолаю шеван мекард. Боири раис паҳлуи духтар хам шуд, рӯ бари рӯи писар гузошт, бо тамоми тану тӯш ларзидаларзида, дарун-дарун беовоз гирист.

Ба ҳоле Боиру келиншавандаашро аз болои майит яктарафа карда, ҷасадро бардоштанд, болои пидҷаки хоколуди ӯ, гӯё зери борони шадид монда бошад, батамом тар шуда буд. Хун рехта шуд, хуни ноҳақ, хуни ҷавони бегуноҳ. Чанд тан силоҳбадастони ҳангоматалаб гӯё корнамоии шоистае анҷом дода бошанд, хур-

сандии худро пинҳон надошта, чанде дигар ин амали носавоброибтидои хунрезиҳои дигар пиндошта, домани андеша ба даст гирифтанд, то аз ин варта ба чӣ баҳонае ҷон раҳо кунанд. Пешбиниву пешгӯии хушӣ, ки ҳама ба он умед доштанд, дар ин рӯзҳо мушкилу сахт буд, зеро баъд аз он, садои навҳа аз ину он гӯшаи деҳкада баланд гашта, аз қатлу ғорати нав ба нав дарак медод.

Раъду барқи баҳорон зодаи мавсим, ҳолати дигаршавии табиат аст. Ин ҳама доду бедод аз раҳгумӣ, бесарусомонӣ ва фалаҷ шудани сохти давлату кундии фаҳмиши сиёсии сарварони давлат дарак медод, вале на ҳама ба таҳти он сарфаҳм рафтанд, мардумони одӣ умед ба адолату пойдории сохти шӯравӣ баста, баъзе аз сарварони сатҳи поёну боло аз оқибати кор чӣ андешидаву хулоса карда, ки ҷаҳди ҳарчи зудтар барҳам задани сохторҳои шӯравӣ доштанд ва онҳое, ки дар сар задани ину он амали носавоб якдигарро айбдор дониста, бадхоҳиву бадгӯӣ мекарданд, бештар тундрав буданд, бо сухан қаноат накарда, аз зӯри силоҳ истифода менамуданд. Ҳайати дастаи «Фидоиён» аз ҷумлаи ҳамонҳо буд.

4.

Маркази деҳкадаи Вистан аз шаҳрчаи замонавӣ монданӣ надошт. Кӯчаи мобайнии он, ки як аспдав тӯл мекашад, ҳамеша серодаму сермошин ва мағозаҳою бозорча мегуфтӣ лабрезӣ одам аст, аз майдончаи варзишӣ садои ҳаёҳуйи варзишгарону мухлисони онҳо баибораи маъруф: гӯши фалак кар мекард. Вале имрӯзҳо аз он ҳама хушию саргармӣ нишон намонда, дар дили мардум ба ҷуз фикри аз бало эмин будан, бе зарурате ба кӯча набаромадан, андешаи дигаре намеғунҷид. Деҳкада аҷаб ҳолати мотамӣ ва ҳузнагез гирифтааст.

Бердии бандии рангпаридаи ҷо-ҷо сару рӯяш хун лаълбаста, ҳангуманг, сарфаҳм нарафт, ки дар як мижа ба ҳам задан чӣ гапу коре шуд. Онҳое, ки ӯро доштанд, дардам аз куҷо рӯ заданд ва оне, ки паҳлуяш буд, куҷо ғайб зад? Ақлаш корагар нашуд. Нафаҳмид, ки нафаҳмид.

Умар дар ин ҳамҳама ба ҷойи тасаллӣ додан ба Боири раис ва ё чизи дигаре гуфтан дар ҳаққи ба ном қотил, аз онҳое, ки Бердиро дошта буданд, пурсид: – Силоҳҳои ӯ дасти кист?

Ба ӯ силоҳҳои Бердиро як-як нишон доданд: Як корди дудамаи сохти устоҳои истаравшанӣ, ки ба бурроги на танҳо ҷисм, балки мегуфтӣ нигоҳи одамиро мебурад, бо расидани нури офтоб ҷило медод, тапончаи сохти Макаров ва автомати Калашникови напа

нав, ки бо пули худ барои як рӯзи мабодо, аз аскарҳои уруси аз Афғонистон баргашта, харидаву дар ҳаваси онҳое, ки раисҷумҳур мусаллаҳ карда буд, имрӯзҳо бо худ гирифтааст. Умар бо ақли фитрӣ, мисли мутахассиси варзида, шахсе, ки борҳо рози чунин қасду кушторҳо ошкор сохта бошад, тапончаро пуштурӯ аз назар гузаронид, пеши бинӣ гирифта, бӯ кашид ва тирдонро кушода дид, автоматро низ ба ҳамон дақиқназарӣ тагурӯ ва тирҳоро ҳисоб кард. Дар ҳар ду силоҳ ҳама тирҳо ҷо ба ҷо буданд. Ин аст, ки гуфт: – Шакке нест, ки аз ин силоҳҳо ба ин қарибӣ касе оташ накушодаст. Дар танаш дигар силоҳ набуд? – ҳанӯз касе ҷавоб нагуфта, боз амр кард: – Атрофро ҳам дурусттар бубинед. Нағзакак кобед, мабодо партофта бошад, – агарчи сир бой надод, вале аллакай барояш маълум гашт, ки каси дигаре парондааст. Лекин кӣ? Вай дар андешаи сарпеч силоҳҳоро баргардонда, бо мулоимат амр кард: – Дастҳои Бердиро боз кунед.

– О, ин?

– Чӣ хел мешавад?!

– Боз кунед, гуфтам, боз кунед, – таъхир кардани онҳоро дида, Умар бо овози баланду қатъӣ гуфт: – Ба кӣ мегӯям?!

Касе ҷуръати дастҳои ба ном қотилро, ки ҳанӯз пурсишу тиргав нашудааст, кушодан нахоста, яке пайи дигар худро ба канор кашиданд.

– Кушоед! Кушоед, гуфтам, кушоед! Ҳама масъулият ба гардани ман! – бо ҳамон овози баланду қатъӣ таъкид кард Умар. Яке аз онҳое, ки Бердиро дошта буданд, номаълум тарафи дафтари кории Вакил давид, то аз моҷаро ӯро воқиф созад.

– Ҳа-а! Куҷо шитоб дорӣ? – аз пеши роҳи ӯ баромада пурсид Вакил.

– Назди шумо. Ҳазрат, писари раисро паронданд. Гумонбарро доштем. Ҳазрати Умар сар диҳед, мегӯянд.

– Чаро сар диҳед, намегӯянд?!

Вакил раҳораҳ дар гуфтаи худ исрор кардани Умарро шунида, ба онҳо наздик омадан замон, амр кард: – Гуфтаи ҳазратро ба ҷо биёред! Як чӣ медонанд, ки мегӯянд.

Умар ба ҷойи шарҳи ин моҷаро аз масъалаи дигар, ки Вакил ин дам ёд оварданашро чашмдор набуд, гап кушода, маслиҳат дод: – Минбаъд санҷиши қабули бачаҳои хоҳишмандро ба даста ҷиддитар карданамон лозим. Тахмин мекунам, каси дигаре парондаву тавре кардааст, ки ҳама аз Бердии бодии ҳарзагӯй, гумонбар шавем.

Вакил ҷониби Умар, ба маънии аз куҷо медонӣ, тааҷҷубомез,

таврe ки сайёд ба ҳар як ҳаракати сайд менигарад, то майли ӯро пай барад, нигоҳашро намеканд. Умар чӣ хостани ӯро ба фаросат пай бурда, шарҳ дод: – Ман ҳама силоҳҳои тани ӯро аз назар гузаронидам. Ягон аломати ба ин қарибӣ тиркушоӣ мушоҳида нашуд. Фармудам, атрофро ҳам бубинанд, ки мабодо баъди парондан силоҳро партофта бошад. Атроф ҳам сари кал барин аст, чандон алафу хасу хошоки зиёду баланде надорад, ки силоҳро панаҳ кунад. Ҳамӣ, чуқуриву пастие ҳам нест…

Умар муҳраҳои тасбеҳи фирӯзагии азизашро бо ангуштони як даст гардонда, ба Вакил гап фаҳмонда, оҳиста – оҳиста баргашт, баргашт ба ҳамон ҷое, ки Бердиро дастгир карда буданд. Бердӣ дастони аз зарби бандубаст карахтшудаашро бо дидаи тар молиш медод. Аз ранги парида, ҷомаи дарида, авзои гирифтааш ҳувайдо буд, ки ҳоли ҳам ба худ наомадааст. Вай наздик омадани Умарро дида, бо як азоби ҷонкоҳе аз ҷой бархоста, арзи бегуноҳӣ кард: – Ҳазрат, бовар мекунед ё не, ба Худо рост мегӯям. Ман ин корро накардаам. Ба ҳар чӣ, ки савгандам диҳед…

Умар ба маънии хомӯш бош, ангушт ба даҳон бурда, таъкид кард: – Дониста гир! Миёни бачаҳо душмани доно доштаӣ. Забон нигаҳ дор. Кӯшиш кун, қотилро пайдо кунем, вагарна ту хоҳу ноҳоҳ аз ҷазо эмин намемонӣ. Намераҳӣ! Фаҳмидӣ?! – инро гуфта Умар аз роҳаш намонд.

– Ҳазрат, ҳазрат, бовар мекунед ё не, ман аз шумо як умр миннатдор, ғуломатон…, – аз паи Умар лангида-лангида ба ҳоле қадам бардошта, мегуфт Бердӣ. Вале Умар дигар ба суханони ӯ эътиборе надода, рӯ ба осмон кард, ба соати дасташ нигарист, аз афти кор вақти намози пешин даргузар буд, ки суръати роҳравиашро тезонд.

Дар осмони нилгун ҷо-ҷо абрпораҳои сафед ёд аз хирмани пахта медоданд, ки гӯё чинакчиҳо ҳарҷо-ҳарҷо пешдомани пахта холӣ карда бошанд. Вале дар осмон баръакси хирмани пахта абрпораҳои сафед бо вазиши бод андак-андак аз ҷойи худ беҷо шуда, интарафу он тараф мелағжиданд, ба ҳам ҷафс ва каму зиёд мешуданд, сурати ночаспони хирси сафед, тика-тика аълопесаҳои барфин мегирифтанд. Парандаҳои озоду ҳарҷогард поёнтар аз абрпораҳои сафеди осмонӣ инсӯву он сӯ дар парвоз мегуфтӣ як навъ қасди худнамоӣ доранд.

Ин замон садои тир шуниданд ва ё овози гиряю шеван, ки дар як они воҳид одамони зиёде, ки пештар мегуфтӣ ному нишонашон дар ин наздикиҳо набуд, дар саҳни бинои мактаб, ки он ҷо пештар дарсҳои ҳарбӣ ва истеҳсолӣ мегузаштанд, сари теппа ҷамъ омада, байни ҳам бо шеваи маҳали худ ба пичир-пичир ва қилу қол шу-

руъ карданд:

– Чоқамба писари раис дирӯз тузук буд ку?

– Эй кира паронданд?

– Кӣ тир задаст?

– Мурдаи кӣ буд?

– Мегуван бачаи Раис чиртидаст?

– Чӣ мега?

– Мега бачаи Раис бимурраст.

– Кӣ паронда бошад?

– Кушандая қапида бошанд?

– Ту нав омадӣ. Аз куҷо медонӣ, писари Раис будасту…

– Як ман не, Худо ҳозир, хурду бузурги деҳа медуна…

– Оҳ, обулвоҳимае! Аз куҷо донистӣ, ки куштаанд? Шояд танҳо захмӣ шуда бошад.

– Ай, не-е! – мегуфт зане, дар ҷавоби таънаи дигараш – ита нагӯ! И бачаҳо шабу рӯз машқи тирпарониву одамзанӣ доранд. Баъди ин ҳама, боз ту гумон дорӣ тирашон хато мехӯра? Эҳ-ҳа! Худо гӯй, ки нуги силоҳ тарафат рост нашава. Ҳолӣ даҳан накушодай, ки ҷон ба Ҷаббор месупорӣ. Ино ба рӯзе чандин каса аз ҷон беҷон мекунанд…

– Чува паронда бошанд?

– Дурӯғгӯ аз даҳани дурӯғгӯ мешунава: ба шунидам ба бачаҳои силоҳдор сахт расида, гуфта бошанд, ки дар ҳами замони нооронмӣ, ки дигарон дар ғами ҷону ёфтани як бурда нонанд, бачаи Раиса бинед, ки ғами дунё надора, духтари уруса таги каш ина ҳамита, падрушка гирифта, гулай-гулай карда гаштааст…

– Ман ҳам ҳаминхелӣ гапо шунидаму каме дигархелтар: гӯё бо духтари урус виғӣ карда, аз пеши назари ин бачаҳои чашмо хунгирифта, инсӯву он сӯ бо мошин гузаштанаш сахт расида бошад. Боз дурусташа Худо худаш медона.

– Ман ҳам каме дигархелтар фаҳмидам: гӯё бачаҳо гуфта бошанд, ки биё бо силоҳдорони мо ҳамроҳ шав. Ё мошината те. Вай не гуфта бошад…

– Мошина не-е!!! Духтара, ҳаму урусака те, гуфтиян, Худогирифтаҳо!

– Барои ин бачаҳои чашмо хунгирифтаи хунрехта, андак баҳона кифоя аст, ки… – вай даст ба гулӯ бурда, – фишт! Теғ заnанд. – гуфт.

5.

Назар ба соат мебоист субҳ дамида бошад, вале авзои осмон ба ҳам печида, марди хашмини ҷабингирифтаеро мемонд, ки ҳамакнун аз хоб бедор гаштаю амали бадеро қасд дорад, вале кай ва ба чӣ рангу сурате оғоз карданаш маълум нест. Фурсати зиёде нагузашта, бод ба вазидан даромад, баргҳои гулу бутта ва дарахтонро ба бозӣ ва ҷавлон даровард, хасрӯбаҳоро титу парешон кард ва борон аввал чак-чаку баъд шиддат гирифт ва бод ҳамоно ба ранги кайвонуи моҳир ҳамели боронро бару боло даста мезад. Борон рехту рехт ва замоне шасташ гашт ва поён ёфт, атроф ҳама ором шуд, аз сари шоху барги дарахтон боз ҳамон садои чак-чак меомаду бас. Гарду ғубор, баргу бор ба замин нишаст, ҳаво тоза шуду замин пур аз ғаждӣ. Раҳу рӯ, балки мегуфтӣ ҳама ҷоро об зер кардааст, зеро он ҷӯю обравҳо, ки замоне рӯбу чин мешуданд, кайҳо боз ному нишони ҷорӯбкаш надида, имрӯзҳо ғунҷоиши ин ҳама селовардро надоштанд ва об ба кӯчаю раҳравҳо баромада, на танҳо барои одамон, балки мошинҳо ҳам мушкилот пеш меовард. Танҳо ҳамин мебуд, дарди бахайр буд, вале афсӯс ки сели ба хун омехта меомад, узвҳои мурдаҳо: пораҳои гӯшу бинӣ, дасту панҷаи одамӣ ва дигар узвҳоро «пешандоз» карда меовард, ки аз хунрезию қатлу ғорат ва дигар амалҳои даҳшатнок ба мардуми кӯча дарак медод ва алами бинандаро як бар даҳ меафзуд.

Вақте писари Боири раисро болои даст мебурданд, ду кас: яке дар либоси варзишӣ, дигаре ҷома ба тан, тоқии чамангули тоҷикӣ ба сар, пасу пеш ҳавлона давида, ба онҳо наздик омаданд. Якеш гуфт: – Дар ин ҳол ба назарам ба ӯ гап гуфтан маънӣ надорад.

– Вай раҳбари мо аст. Дар ҳама ҳолат бояд аз авзои маҳалу мардум бохабар бошад…

– Ҳа бачаҳо? Чӣ гапи нав шудаст, ки ман бояд бохабар бошам? – Раис майитро ба дастони ҳамраҳонаш ҳавола карда, ҷониби онҳо гашта, наздик шуда пурсид.

– Холаи Хатиҷаро, Худо биомурзадаш, паронда, як қисми чизу чора ва духтарашро бурданд…

– Худораҳматӣ, хеле чизу чора ғун карда буд, ки духтар шӯ медиҳам, тӯй кардаву ҳавою ҳавас мебинам… Дар хона як сари сӯзан намонда, ҳамаро ғорат кардаву оташ заданд. Аввал мо кӯшиш кардем, оташ хомӯш кунем, баъд бинем, ки як барбара оташ гирифтааст. Дигар чашмамон ба хомӯш кардани оташ начаспид. – афзуд оне, ки дар либоси варзишӣ буд.

– Акаи Боир, ба ҳар роҳе ки бошад, мудофиаи деҳаро пурзӯр карданамон лозим! Ба умеди к…ҳои дастаи Вакили лаънатӣ шавем, ё гург мехӯрамон ё дар оташ кабоб мешавем.

– Акаи Раис, дар хонаву дари муллои майдаҳаку усто Қиёму ҳамсояш ҳам оташ фағона мезанад…

Боири раис пеши сухани ӯ гирифта, бо қатъият амр кард: – Дигар ҷои баҳсу муҳокима нест! Сӯхторро, ки хомӯш кардан нашавад, бигузор ҷони худро эҳтиёт ва чизу чораашонро яктарафа кунанд. Зуд рафта аз байни занҳо мурдашу ёбед! Бачаҳоро сафарбар кунед, ба гӯристон рафта, ба гӯркобҳо мадад кунанд. Бинед дар масҷид ягон кас бошад тезтар мардумро ба ҷаноза даъват кунад. Як қисми мардума ба ёрии хонаҳои оташгирифта сафарбар кунед, ба баровардани чизу чора ва хомӯш кардани оташ машғул шаванд.

– Байни намози асру шом ҷаноза раво нест, раис. Ба пагоҳ монондан лозим, – ба гуфтугӯи онҳо ҳамроҳ шуд, марде, ки бо як даст аз тани майит медошт ва омадани ин ду ҷавонро дида, ҳавлона даст сар доду барбари онҳо равон шуд. Вай ба чӣ ҷавоб гуфтани раису хабар овардани одамони наврасида, гӯш ба қимор қадам зада, пеш мерафт.

– Гуфтаи ту дар дигар маврид аст! – ба тундӣ ҷавоб гардонд Раис.

– Ин чӣ маврид аст? – марди якрав ба дурустии гуфтааш умед баста, гапгардонӣ кард.

– Ин? «Ин, чӣ маврид аст, мегӯӣ?». Ин ҳамон маврид аст, ки маълум нест, то пагоҳ кадоме аз мову шумо зинда мемонем?! Ба калони милисаҳо – сардори Раёсати зудамали Вазорат, ки нону намакхӯрда аст, занг зада гуфтам: Писарама паронданд. Медонӣ чӣ гуфт? «Худо раҳматаш кунад! Ҷавон рафт. Мард бош!» Як даҳан нагуфт: гуруҳа ё кас мефиристам, ҷинояткора дастгир кунанд. Маълум ки онҳо ҳам дар ғами ҷони худанд. Кӣ бовар мекунад, ки одама бегуноҳ кушанду милиса бетарафу тамошобин бошад? Ана барои ҳамин мегӯям, ки бовар нест, то пагоҳ кадоме аз мову шумо зинда мемонем. Акнун фаҳмидӣ?!

Ун мард боз чизе гуфтанӣ буд, ки Раис ба овози боз ҳам тундтар, ба атроф ишораи даст карда, фаҳмонд: – Бубин! Бубин, фағонаи оташ, дуди сиёҳ болои Вистани нозанин гирифтааст, мебинӣ?! Хонаҳои мардума ғорат карда истодаанд! Як ё ду мебуд, гап дигар. Кор аз кор гузашта, дигар қудрати мо ҳеҷ аст! Маълум нест, то пагоҳ ҳол чӣ мешавад? Танҳо Худо худаш медонад, банда оҷиз аст! – ин дам марги фарзанд ва якбора оташ гирифтани деҳа Боири ботадбирро батамом ошуфта карда буд.

## 6.

…Вақте вай ба деҳа омад, як духтараки даҳ-дувоздаҳсолаи назар

ба синнусолаш харобаю болобаланде буд. Аз рӯзҳои аввали ба деҳа қадам мондани ӯ, гирди номаш гапу ҳарфи мардум оғоз ёфта, то ба имрӯз, ҳар куҷо ки қадам монад, мегӯӣ овозаю дарғоза чун соя аз пайяш аст, гуфтугӯҳои пайваста ба номи ӯ, поёне надоранд, балки рӯз ба рӯз тову печҳои сарбаставу ғалатӣ мегиранд: Якеш ин аст, ки гӯё вақте амаки Аҳмадро дар солҳои панҷоҳуми асри гузашта, бо баҳонаи муллоӣ ва ё ҷанҷолу хархаша «говсудкун карда», аз деҳа ба шаҳрҳои сарду дур аз маркази Русия мефиристанд, дар ҳамун тарафҳо ба хотири соҳибдараке ёфтан, зан гирифтаю ин духтар аз ҳамон зани ғайри тоҷик аст. Ҳамун зан ба гуфтае аз амаки Аҳмад калон будаст, вале ба хотири аз мурдан раҳидан ва шахси додрасе пайдо кардан, ки гоҳ-гоҳе ба суроғаш омада, аз ҳоли мурдаю зинда буданаш хабар гирад, дилдорияш диҳад, хулласи калом ба ибораи маъруф оина муҳтоҷи хокистар шудаст. Сари ҳар чанд моҳ ба ҳамун занак иҷоза медодаанд, ки як шаб, ду шабро бо шавҳар гузаронад ва зани дилёб, ки будаст, аз ин бештар ва зуд-зуд дидор медидаанд. Ҳосили ҳавову ҳавас ва издивоҷи онҳо ҳамин духтарак шудаст. Ва чанд соли ҳамун тарафҳо будани амаки Аҳмад, ба ростӣ ҳам ҳамон зан соҳибдаракаш гашта: нигоҳубин, соҳиби фарзанд ва дар ҷогардон кардану озодшавиаш ҳам мадад кардааст. Ба қавле бо кӯмаки ҳамун зан, амаки Аҳмади мо аз минтақаҳои сарди Русия, ҳарчанд ки ин мамлакат аксари маҳалҳояш иқлими сард дорад, ба миёнкол омада, дар корзори васл кардани дарёҳои машҳури Волга ба Дон ширкат варзидааст. Ноомади тақдира бин! Агар амаки Аҳмади мо маҳбус намебудаст, шояд барои корнамоиҳояш ягон хел мукофоти давлатӣ ҳам мегирифтааст, вале чӣ мегӯед, ки… Ба ҳар ҳол аз муҳлат барвақттар ҷавобаш додаанд, ки ҳамин ҳам давлати калон аст, – қисса мекарданд мардуми деҳаи Вистан дар ҳаққи ӯ.

Ва ин духтаракро дар қиссаҳои мардуми деҳа нишони ҳамон меҳру муҳаббати мусофирӣ ва пирмуроди амаки Аҳмад маънидод карда, аз дасти ӯ ҳар амали баде биёяд ҳам, амаки Аҳмад лаб зери дандон тоқат намуда, ба ӯ на танҳо шалоқ задану ҷазо додан, балки сухани талху дуруште ҳам гуфтан аз гӯшаи хотираш намегузашт ва мардум инро ба он мечаспонанд, ки ба шарофати ҳамин духтар ва модари ӯ, вай дар мусофират аз марг раҳида, акнун намехоҳад намакношиносӣ бикунад…

Баъди аз маҳбас баргаштан, амаки Аҳмад бо холаи Фотима хонадор шуд ва аз байн чанд сол сипарӣ гардиду ҳеҷ не, ки соҳиби фарзанд шаванд. Ҳамсараш холаи Фотима хеставу шишта, ба ӯ таъна мезад:

– Ту дар ҳамон шаҳрҳои сарду хунукиҳои қаҳратуни урусо гашта, сахт хунук гирифтаӣ, аз баҳраи фарзанд мондаӣ… Бирав худатро табобат кун ё маро…

Амаки Аҳмад ҳарчанд мефаҳмонад, ки эҳ-ҳа, мисли об дар ҳован кӯфтан, хола гапаш якта: – Ту аз баҳраи фарзанд мондаӣ! Безурётӣ! Оҳ, рӯзи сахтам, чаро ба ҳамсарии ту розӣ шудам? Ҳамун ҳоли беваю бечорагиам бад набуд!

Оқибат, рӯзе аз рӯзҳо холаи Фотима мебинад, ки ин гапҳо ба вай кора намекунанд, ба амаки Аҳмад мегӯяд: – Ман розӣ ҳастам, рафта аз ятимхона кӯдак биёрӣ, калон кунем, то ки дар пирӣ рӯ ба раҳми Худо, бе дастёру ғамхор намонем…

Ба гуфтае амаки Аҳмад хат менависад ва ҳамин Латофати баду бало, офати деҳа, ки номаш Лена будаст, баъди чанде гузаштан, бо пои худ «Здрастӣ!» гуфта аз дар медарояд. Дар рӯзҳои аввали омада-наш Латофат тоҷикӣ намедонист. Оҳиста-оҳиста зеҳнаш, ки бурро буд, зуд ёд гирифт, дар мактаби деҳа то чанд сола аълохон, пионер, комсомол, вожатий шуд. Забони русӣ нағз медонист, дар маъракаҳои мактабӣ ва колхозӣ яке аз фаъолони тадорукот ба шумор мерафт, ба чорабиниҳои ноҳиявӣ даъваташ мекарданд. Гоҳ-гоҳе омада ба маъракаҳои фарҳангии маркази ҷумҳурӣ мебурдандаш. Ҳамун сафарҳо ва бо одамони хелмахел шину хез кардан ба хӯву хислати уруситабиати Ленаи Латофатшуда асар кард ва ё дар асл аз хоки паст буд, ки як навъ дарди сари мардум гашт. Иззату икроми калонсолон, ҳатто хешу таборон ва пос доштани расму русуми деҳаро ба фиси мирӣ намегирифт. Аз касу коре меранҷид ва ё писандаш намешуд, дастак зада дашноми урусӣ медод. Ҳар кору рафтори табъи дилаш буд, ҳамон мекард, бо ҳар кӣ дилаш мехост, мешишту сухан мегуфт. Вале мардум ҷуръати ба ӯ насиҳату гапфаҳмонӣ надоштанд, дар ғайбаш мегуфтанд:

– Бо вай лав ба даҳан шудан, намешавад!

– Мо ба вай чӣ гӯем, ки урусира ов ворин медонад?

– О, вай қонуну қоидаи уруса намедонист, бо як сари қоқу та-ни лоғараш аз ҳамун шаҳрҳои дури дур беғалат раҳ ёфта меомад? Ҳамӣ раҳа беғалат ёфта, омадан худаш бе назари Худо нест.

– Бачаҳои мо роҳи хонаи духтари гузари болоро намеёбанду вая бин!

– Бо як сари қоқ ин қадар раҳа тай задана гӯ! Кори ҳар кас нест! Барои ҳамин ба вай аз бинӣ боло гап задан нишони аҳмақист.

– Эй, аҷаб мегӯӣ! Кӣ ҳаваси бо ӯ лав ба даҳан шудан дора?!

Ба ростӣ, касе дар деҳаи Вистану атрофи он бо ӯ ҷуръати чуну чаро надошт. Ҳамун худхоҳиву худсариҳо буд, ки Латофат бе шавҳар соҳиби тифлак шуд ва ба он Файзиддин ном монд. Ва ҳар гоҳ ӯро навозиш карда, «Мой милинкий Файзик», «Файзчик» ва ҳатто «Файзу баракат» мегуфт. Ҳанӯз Файзик рӯхандонак нашуда, ба дари хонаи амаки Аҳмад холаи Хосамоҳ омада, Латофат суроғ кард. Рӯзи шанбе буд. Амаки Аҳмаду холаи Фотима ва чанде занҳои ҳамсояшинӣ омада, болои кати рӯи ҳавлӣ давра гирифта, аз ҳар кую дар суҳбати дӯстон ороста буданд, онҳо аз дидани холаи Хосамоҳ дар ҳайрат афтоданд, ки вай аз ҳафт пушти Латофат безор буду чӣ гап гузашта бошад, ки Латофат суроғ дора? Ҳанӯз онҳо ҷавобе наёфта, сабаб нафаҳмида, худи холаи Хосамоҳ бе пурсиши дигарон парда аз роз бардошт: – Фотима! Ҳой Фотима, ҳамун қанчиқаки урусидонакат ку?! Барои чӣ, вай ба ҳамон ҳаромзодаҳакаш номи бародари ҷону ҷигари мана мондаст? Аввалаш ин ки: рӯйи зояндааш дар гӯр, деҳаи мора мурдор кардааст, дигар ин ки: вай ба ин ном сазовор нест! Ин ном поку покиза, ҳалоли бародари ман аст, ки дар оилаи поку хушахлоқ, аз никоҳи мусулмонӣ зоида шуда, беолоишу бадномӣ ба воя расида, аз илми гузаштаву ҳозира бохабар аст. Дувум, агар шумо шири одам хӯрдаву аз Худову пайғамбар мункир набошед, медонед, дар деҳа расм аст, ки номи касеро гирифтанӣ шаванд, аз падару модар ва авлоди ӯ ризоят мепурсанд, ки мо номи шуморо ба фарзандамон гузоштанием, чӣ мегӯед? – аз шиддати ғазаб ларзида мегуфт холаи Хосамоҳ. – Ҳамин хел ҳаст? Ё не, Фотима?! Аз амаки Аҳмад намепурсам, чува ки вай чанд сол дар шаҳрҳои дуру мусофирӣ ғариб гашта, яке рафтаву фаромӯш карда бошад, изои муъмин ҳаром. Ту ку аз кӯдакӣ то ба ҳол, аз Боғи боло ва сарҳади деҳа дуртар нарафтаӣ, ку гап зан! Бугӯ, гапам дуруст аст? Фотима?! Зудтар!

Холаи Фотима ҷаҳли Хосамоҳро, ки мегуфтӣ бо он ҷуссаи хурд ҳама як мушт дилу ҷигар ва шуҷоат аст, дида, ба ҷуз тасдиқи сухани ӯ дигар роҳи халосӣ надид ва ба нармӣ хоҳиш кард: – Садқаи қадамоте, аввал биё як дам бо мо бишин! Дам ҳот кун. Як пиёла чой гиру ҳалқ тар кун. Ай ҳади таҳ то ин ҷа, ҳаккас зада омадӣ, аҷаб не, ташна шудаӣ. Баъд ҳарчие гуфтаниӣ, бугӯ. Мо ба ҳеҷ куҷо кӯчӣ ва раҳакӣ нестем, чиптаи самалут ҳам надорем, ки равему гапот ногуфта монад.

– Не! Ту ба ҳамун қанчиқакат фаҳмон, ки ба ҳаромияш ҳаққи Файзиддин ном мондан надорад! Фаҳмидӣ?! Ҳарчанд ки бачааш ба ҷайра ҳам ширин аст. Ҳаққи Файзиддин ном мондан не, ягон

номи дигар, мисли ҷангӣ, ҳангӣ, барзангӣ, бангӣ, мишка, гришка ва ё ягон баду балои дигар монад. Фаҳмидӣ, Фотима?! Ҳамин ки аз дайдугӣ, падрушкаи мардои ғар ва гулай-гулай омад, ба вай қанчиқакат гапҳои мана бе каму кост, нарезондаву начаконда, расон! Ман рафтам.

Холаи Хосамоҳ бо ҳамон тасфи тан баргашт ба хона. Вай ҳарчанд дарди дил гуфта буд, боз ҳам қонеъ набуд. Бисёр мехост худи Латофат ба чанг афтаду ба худи ӯ захр чаконад. Ва рафту гапгардонӣ кунад, аз почи мӯяш гирифта, то идораи Ҷамоа барад. Ба ун раҳбарони ба ғами мардум бепарво, ки вазифашона намедонанд ва ё намедонистагӣ вонамуд месозанду мудом дар фикри нафъи худ ҳастанд, баду неки ин сирру савдоро фаҳмонад…

Рӯз якшанбе ва аз нима гузашта, ба қавле вақти намози пешин шуда буд. Холаи Раҳима ба дари ҳавлии Хосамоҳ наздик омада, хам зада гарди роҳ аз поҷома такид ва назараш ба пойафзол афтод, ки хеле гардолуд менамоянд. Вай аз соқи по, даруни ҷӯраб латтачае бароварда, пойафзол пок кард, дид ки табъи дилаш тоза нашуданд, сари ҷӯйча рафт, даст ба об тар кардаву рӯи ба гуфти худаш «патинкаҳои нозанини савғои писараш аз шаҳрҳои дури урус овардаро» шакид ва пас раҳ дохили ҳавлӣ гирифт. Холаи Хосамоҳ баъди адои намози пешин боз бари мошина сари дарзу дуки ҳамешагияш болои кати ҳавлӣ нишаста буд, ки бӯи димоғпарваре, ки ёд аз гули сияҳгӯш мекард, ба машом расид. Вай дар тааҷҷуб сар бардошта, ба атрофи дару девори хона ва ҳавлӣ нигарист, то фаҳмад ин бӯйи фараҳбахшро бод аз кадом сӯ меорад. Ҳамин вақт аввал овози аҳу, уҳӯгӯии касе шунида шуд ва лаҳзае пас, холаи Раҳима, зани хушқаду хуштаркибе, бо чашмони сурмакашида, сару зулфони бомаҳорати тамом обутобдода, ки аз зери докаи барфсон ба рухсораи сурхиву сафедизадааш ҷӯр афтода буд, куртаи оҳарӣ ба бар карда, ҳарчанд ба қавли кампирҳои ҳамсоя ин олуфташавиҳо ба синнусолаш намегуфт, худ ифтихор дошт, ки «дораду чунин фасонӣ карда метавонад», аз дари ҳавлӣ ворид гашт. Шахси ноогоҳ ӯро бо чунин фасонӣ дида, гумон мебурд, равонаи тӯй ва ё ягон маъракаи хурсандӣ аст. Вай холаи Хосамоҳро болои кати рӯи ҳавлӣ танҳо нишаста дида, оҳиста-оҳиста ба атроф назар давонд, то фаҳмад ғайри ӯ каси дигаре дар наздикиҳо ҳаст ё не, ва ба кат наздик омада, дарзамон ба ранги ҳунарпешаҳои касбӣ тағйири авзо кард, тавре ки сухане ҳам нагуфта, аз ваҷоҳаташ пай бурдан мушкил набуд, ки аз кӯлбори сухан ҳама калимоти дурушту қабеҳтаринро ба муомила

баровардани аст. Тавре Хосамоҳ ба сари холаи Фотима ба гуфтае зӯрӣ карда буд, ин ба дуғу диранг даромад:

– Хоса! Хосамоҳ! Мегум, ту аз ману бачаҳои ман чӣ бадӣ дидӣ, ки душман тарошидӣ? Чува номи бачаҳои мана иқа паст зада, таҳқиру ба хоки кӯча баробар кардӣ?! – холаи Хосамоҳ ҳанӯз даҳон накушода, боз бо ангушт ишора ва таҳдид кард: – Ту медонӣ, ки ҳақорату таҳқири одам ҷазо дора?! Дар закун як истатияи алоҳида ҳаст! Ба ҳукми суд, барои таҳқир одама рост монда, ҷазо метан! Бас ки намондӣ, аристонаш мекунанд! Рафту пушту паноҳ ва ё додраси серпули хотирдор дошта бошад, бо ҷарима халос мехура! Ранги мову ту боша, эҳ-ҳа, хаташ аз ким кадом гӯшаи дури дунё меоя. Ту ҳамина мефаҳмӣ?! Кампири содаи кӯри роҳ?! Ман аз рӯи ҳурмату ихлосе, ки ба шӯт дорум, омадам як бор аз пешат гузарум. Агар Худову ростӣ, хотири шӯт намебуд, хотири ҳамун марди хонумон намешуд, бо ин гапакот ҷаҳандума ҷот мекардум. Фаҳмидӣ?! Ту медонӣ ба кӣ ҳаваси ҳафту ҳашт кардан дорӣ?! Ту ун Фотимаи кӯри роҳи ҳеҷ куҷо нодидаву нашнидаро тарсондӣ! Ку бо ман гап зану гап шунав! Ту аз кай боз назоратгари номмонӣ шудаӣ?! Ку гап зан, Наркомнадзори пешхезаки худкома! Ту медонӣ, ки як бар-бари деҳа Искандар ном дора?! Искандара медонӣ ки кист? Искандаре ки ними дунё гирифта, баъзеҳо дар қатори пайғамбарро номаш мебаранду баъзеҳо аз ҳафт пушташ безоранд. Ҳарчанд ки чанде шоиро ба баҳонаи ӯ китобу дафтарҳо пур карда, орзую ҳавасҳои худро гуфтаанд… Ана номи ҳамуна имрӯзо касое ҳам гирифтаанд, ки бинӣ пок карда наметавонанд… Ё Темур! Темури ланг шунидаӣ?! Дар гузаштаи дур аз шунидани ин ном дар бадани габру мусулмон, тарсову яҳуд, масеҳиву дигару дигар мурғак медавид. Навиштаҳо дар бораи калламанораҳои бо амри ӯ сохта, саҳифаҳои китобҳои таъриха пур кардаанд. Ту аз инҳо хабар дорӣ ё не?! Эй ҳомии ном! Бубин имрӯзҳо киҳо номаша гирифтаанд? Унҳое ки ҳатто бори тан кашида наметавонанд… Худо дурӯғгуфтам накунад, як та-нимтаҳое ҳастанд, ки сазовори ин ном ҳастанду қадру манзалати онро медонанд… Ва ё номи Ҳазрати Муҳаммад(с)-ро гирем. Таги курпаи оилаи ҳар як мусулмонзодаро кобӣ як та –нимта Муҳаммадбачаҳак масти хоб аст. Пеши кадом яктаи инҳора мегирию гап мефаҳмонӣ?! Ёфтаи ҳамун Фотимаю амаки Аҳмада даҳани воз! Ку бо ман гап зан!.. Дар сари амаки Аҳмад гунҷишк биринад, на сар бераҳа мекунаду на киш мегӯяд, ҳамун қадар дар шаҳрои урусо тарсу шудаст. Ку бо ман чақ-чақ кун, бинам, аз ка-

дом мавҷ мегирӣ?! ...Балки аз кадом чашма об хӯрдаӣ?!

– Ба ту кӣ аллакай ҳайда гирифт? – бо мулоимат аз сар то ба пои ӯ, мисле ки бори аввал медида бошад, нигариста, пурсид холаи Хосамоҳ ва ин оҳанги пурсиши ӯро холаи Раҳима нишони забонкӯтаҳӣ пиндошт. – Ҳар кӣ бадгӯӣ карда бошад, забонаш бисӯзад, ҳезумкаши бадгуҳара, ки муродаш миёни мову ту низоъ андохта, аз дур бепул тамошо кардан будаст. Худову ростӣ, ман на номи ту ва на аз бачаҳота ба забон наовардам. Ман ба номи бачаҳои ту чӣ кор дорум? Рафтум ба сари Фотимаю ҳамун қанчиқаки модармурдаи бе аҳлуавлодаш, дарди дили худама гуфтанӣ. Гапома гуфтум, посдории расму русуми диёра ёдовар шудум. Не, ки Худову ростӣ, дар ҳаққи туву бачаҳот ҳичӣ нагуфтам. Худову ростӣ, дар ҳозиру ғойибат забонам ба бад гуфтан намегарда...

– Не-е! Гуфтӣ! Ҳамун занако гуфтанд, ки гуфт. Бо тамасхуру масхара ном гирифта, гуфт! – дами сухан кардан холаи Раҳима аз ин ҷову он ҷои куртаи танаш бо нуги ангуштон гард мебардошт, дар асл мурод аз ин кор, на бардоштани гард, балки эътибори Хосамоҳро ба курта ҷалб кардан буд.

– Бори дигар мегум: на ба ту ва на ба бачаҳот коре надорум. Билоҳи азим ҳичӣ нагуфтам! Ба ҳар лавзе қасам диҳӣ, пеши касе гӯӣ, қасам мехӯрам, ки нагуфтам.

– Не, гуфтӣ! Ҳаму занакои пичасфеди кафанворӣ ҷамъкардаи дар тарадуди мурдан, ҳеҷ не, ки Худо ҷоншона бигирад, дурӯғ намегӯванд. Худо як аст, аз худам намебофам. Ана ҳамуно гуфтанд, ки гуфт. Онҳо бо пои ботаҳорат дурӯғ намегӯванд... – холаи Раҳима умед дошт, ки Хосамоҳ аз ин ҳаракати дасту панҷаи ӯ ба курта, ба муродаш пай мебарад, бо куртаи нав муборакаш мегӯяду аз куҷо ёфтани матоъ ва дарзиро пурсуҷӯ мекунад, вале ҳайҳот...

– Эй шери Худо! Боз мегум, на ба ту ва на ба бачаҳот коре надорум, бовар мекунӣ ё не?! Ба сари ҳамун қанчиқаки Латофат рафта будум, арвоҳо мадад карданд, насиби шармандагӣ накарда будасту ба даст наафтод. Сари қаҳр худам ҳам намедонум, ба даст меафтод, чӣ кораш мекардум. Ба ҳар сурат Худо ҳозир, медонистагиву метонистагима дар ҳақаш мекардум. Дутаи раҳ баросташ карда, мепартофтум! Хайрият ба дастам нахӯрд, не ки ба очаш, кампири Фотима медонистагима гуфтум. Ва боз гуфтум, ки ӯ қанчиқак ки омад, нарезондаю начаконда, гапома ба вай гӯяд. Не, ки Худо ҳозиру нозир, ман дар ҳаққи бачаҳои ту як ҳарфи беҷо нагуфтам. Дар равиши гап чизе гуфта бошам, аз марги худ хабар дораму аз гуфта не.

Холаи Раҳима тахмин кард, таҳдидаш ба Хосамоҳ асар кардааст, ки: дар ваҷоҳаташ як навъ ҳолати аз карда пушаймонӣ ва дар суханаш маъзаратхоҳӣ мушоҳида мешавад. Вай ҳамчун нишони ғолибият ва қаноатмандӣ аз ин гуфтугӯ, мисли мардони носӣ аз бағалкиса кадуча баровард, ба каф каме нос рехта, таги забон партофт, лекин ҳолӣ ҳам майли нишастан надошт ва ё интизори муроoти холаи Хосамоҳ буд, ки дар пешорӯйи ӯ бо виқор рост меистод ва гоҳе дар ҷойи исташ тоб мехӯрд, то ки аз ҳар тараф курташро ҷилва диҳад. Вале баръакси умеди ӯ шуд.

– Чӣ пеши ман налукгири якравворӣ қайза кардай? Беваи олуфта?! – ба дуруштӣ қайчӣ дар даст сӯи Раҳима ишора карда, пурсид холаи Хосамоҳ. – Гуфтам ку! Боз чанд борат гӯям, ки ман на ба ту ва на ба бачаҳот коре ба коратон надорум. На таҳқир аз гӯшаи хаёлам гузаштааст, ки ту барои тарсондани ман закун буковию истатия. Ман кӣ будани ту ва ун сунду сапалата медонам ва ғайри киҷон гуфтан номашона шикаста намегирам. Ку дилу ҷигаре, ки ман по ба пои ту дароз кунум? Ва ё бо ту ва сунду сапалат сар ба сар шавум?! Ту беваи олуфтаи закундунӣ, ба ҳар марди диданӣ ҳавасат мерафтагӣ, ба қоили худат ҳафт шӯ гурезонда, бо се мардаки дигар ҷӯрагӣ кардай. Худо шоҳид, ки ту дар фикри ба дом афтондани мӯйсафеди ман ҳам будӣ! Хеле ҷон коҳондаву тор танидӣ, лекин дар ун Худои меҳрабон бимирам, ки ба мурод нарасидӣ ва то ман зинда ҳастам, иншоолоҳ, ки намерасӣ. Фаҳмидӣ?! Фаҳмида бошӣ хуб, ё не, ман ба ту дигар гапама ҳайф намедонум! Агар форат, гузар шин! Рафта як сар ангур канда меёрум, бо нони гарм, ки пеш аз пешин пӯхтам мехӯрӣ. Нахоҳӣ, ихтиёрат. На зӯрӣ дораму на зорӣ. На аз доманат мегирам, ки бишин то аз дидори хунукат сер шавам! Роҳи омада фаромӯш накун! – ва ҳамин ки Раҳима аз дари ҳавлӣ ба роҳ баромад, Хосамоҳ аз пасаш бо овози паст дуо кард: – Худо пешандози ҳамун камундорот (*силоҳбадастон дар назар аст*) кунад, беваи ҳавасбози олуфта. – ин дам холаи Раҳима аз дил мегузаронид:

– Аку мундуқ, бо як резгӣ ҷонут, мӯйя бо як мард сафед карда, ақли фаҳмидану лаззати ин корҳоя аз куҷо дорӣ? Мардо ҳам ба кӣ ҳаваси шину хез ва хуфтухоб кардана аз ману ту беҳтар медонанд. Дар ман мебинӣ ягон ҷозибаю кашише ҳаст, ки дили онҳоро мебарад. Ку ба ту касе нигаҳ кунад ё гап партояд?! Сарам сафед шуда бошад ҳам, то ҳолия аз кӯча гузарам хурду бузург ба ҳавас аз ман чашм намекананд. Рост гуфтӣ, ки мардо мана напартофтанд, ман, худам унора кафшона пеш гузоштам. На ҳар мард тоқату

қудрати бағали ман дора!..

Хосамоҳ аз паси ӯ боз худ ба худ ғурунгид: – Худоё, ба ин мардуми мо чӣ бало расида бошад? Як атса занӣ аз ҳар даре акси садо меояд? Наход ҳамин гапе бошад, ки нарезондаю начаконда, ба ин беваи ҳавасбоз расонед?!

Раҳима чунин ранг гирифтани муомиларо умед надошт, ин аст, ки хумор нашикаста, башаст носи даҳон тӯф карду бе хайру хуш зери лаб ин мисраҳоро:

**...Накарда ошноӣ ту бо марде,**

**Рамузу рамзи мардонро чӣ донӣ?** – зам-замакунон ҷониби дари ҳавлӣ равон гашт. Вай хам зада, аз оби ҷӯйчае, ки аз ҷӯи калон ба ҳавлии Хосамоҳ мегузашт, даҳон об гардонд ва аз дил гузаронид: – Худоё, чува ин мардуми мо ин қадар бахиланд? Мегӯӣ аз байни ҳама хӯйю хислатҳои неки одамӣ ба мо фақат бахиливу ҳасудӣ насиб гашта бошад! Аку хайр гуфтӣ, нагуфтӣ гузашт, чуртусним, мемурдӣ як даҳан мегуфтӣ: Раҳимае садқат, куртаи нав муборак. Чӣ хел моли зебову духти хушрӯй ба танат шинам афтодаст. Бахил да! Бинад ҳам худа нодида мегирад. Чунки вай ғайри алачаву карбос, читу сатин номи дигар хел матоъҳое ман пӯшидам, намедона ва гуноҳи ҳами урусо дар гарданам, ки бобову бибиш ҳам надидаст. Худо дурӯғгуфтам накунад, аҷаб не, баъдҳо номи атласу кимхобу дебову беқасаб аз даҳани ман шунида бошад. Барои ҳамин қадру қиматшона намедона. Кошкӣ ёфтани ин хел куртаворӣ кори осон бошад. Худо медонад ина бачам аз куҷо, ба чӣ ҳоле ёфтаст? – яке аз писарҳои ӯ дар дастаи силоҳбадастон буд ва ин матоъ аз ҷумлаи аввалин ғаниматояш ба шумор мерафт, вале алҳол кампири сода аз ин роз огаҳӣ надошт ва боз ҳам мисле ки сари тифлак ба меҳр сила кунанд, матои танаш молиш дода, гуфт: – Солҳои пеш номи ина мешунидиву худаша намедидӣ, рафтаву як ҷо, ним ҷо насиби диданат мекард, фақат дар тани занойи раисову райкомо медидӣ. Имрӯзо, Худоя шукр, ба шарофати ҳамун бачаҳову набераҳом, илоҳи сарашон аз санг сахту рӯзишон фаровон бошад, ҳамуное, ки ту кампири пучалаи мундуқ наҳ задӣ, насиби ман гаштаст, мисле ки ман ҳам зани ягон раису райком бошам… Як даҳан муборак мегуфтӣ, ягон ҷот кам мешуд, клиякат меафтод? Мундуқи бахил! Эҳ Худоё! Ҳамун марди нозанини обрӯи деҳа, дар ин мундуқ ҳайф шудаст, не ки, ина ба кӣ мегӯй?.. – вай аз бағалкисаи куртаи наваш ду барги пудинаи куҳӣ бароварда, ба даҳон партофт, як-дубор хоиду онҳоро ҳам тӯф кард ва аз миёни коғази зебои печида, сақичи навбаромад, ки жевачкааш ме-

гуфтаанду ҳоли дастраси ҳама набуд, бароварда ба даҳон партофта хоида-хоида, худ ба худ нолид: – Худоё, инҳо то кай аз авлоди тозаву мактабхонда буданашон таърифу ифтихор мекарда бошанд? Хайр, ҳолӣ то дилтон хунук шудан аз пушти муллоиву доноӣ ва мактабхондагӣ паридан гиред! Ҳаму камундорони хунашон дар ҳаққи муллоҳо дар ҷӯш ҳамин тарафҳо гузар кунанд, ана баъд ҳолтуна мебинам, ку сартона куҷо панаҳ мекунед?! Ун вақт тамошора аз ман бинед. Балки якум шуда, худам раҳи хонатона нишон надиҳам, духтари Зулфияи садҳо мард доғ дар дилкарда набошам! – Раҳима бо ҳамин гуна андеша ва қавлу қасам ба роҳи калон баромад.

* * *

Сағера ба ҷое мерасад, сағерапарвар не, – мегуфтанд мардуми деҳа, ҳар гоҳе Латофатро бубинанд. Латофат дар идораи райком ба кор даромад ва аввалтар аз ҳама хост ба ҳамдеҳагони худ сиёсат шинонад, адаб диҳад. Вай роҳи амалӣ кардани ҳавою ҳаваси худро дар таъқиби мактабхонони намозгузор ва масҷидҳо дид. Дар як-думулоқот бо мардум гапгардонӣ кардани одамонро дида, минбаъд ҳамроҳи худ намояндагони додситонӣ, шуъбаи корҳои дохиларо мегирифт ва мактаб ба мактаб гашта, машварат мeорост, дар боби риоя ва бартариҳои одобу ахлоқ ва принсипҳои ахлоқи коммунистӣ: як, ду, се гуфта бо ангуштони борику дарози камхунаш ҳисоб мекард ва ба гуфти кампирҳо: барои муаллимову мактавбачаҳо бо дастҳо ҳар хел муқум карда, ваъз мегуфт ва дар фуровард ҳатман таҳдид мекард: – Рафтаю боз шунавам, ки ягон мактаббача ба масҷид намозхонӣ рафтааст, аввал ба волидайнаш ҷарима мебандам, баъд мелесонам ва бо ин, ки дидам нашуд, бадарға мекунам!

Бо вуҷуди ҷазои сахти ҷарима ва даҳшати бадарға, мардум фикри онҳо камтар карда, бештар сари таҳдиди «мелесонам» байни худ ба пичир-пичиру «муаммокушоӣ» даромаданд:

– Ин гапаш чӣ маънӣ дорад?

– Чӣ кор карданӣ бошад? – мепурсид яке аз дигаре, вале ақли касе ба маънии он намегирифт, бо ин гап, чӣ амалеро дар назар дорад?

– Аз он рӯзе Худо дунёро бино кард, Биҳишти косалесонро ҷудо кард, – нимғурма гуфт марде аз миёни ҷамъомадагон, ки на масту на ҳушёр буданаш маълум набуд.

– Вай ҳикмати «биҳишти косалесон…» ба ин ҳеҷ муносибате надорад! Ба умед нашав, – ба дуруштӣ таъкид кард марди

паҳлуяш.

– Чува?!

– Чунки ин кори нағз мебуд, дар қатори таҳдидҳояш намегуфт.

– Баъд чӣ бошад?

– Аҳ чум. Аз афти кор ягон ҷазои сахте аст, ки ҳамун юуф-юуфҳо надонанд, мо аз куҷо медонем?!

– Шояд кадом ҷазои сахте аст, ки дар ҳамун тарафҳои авлоди модарияш роиҷ аст, – тахмин зад дигаре.

Мардум ҳар гапу коре аз паяш шавад, албатта меёбад ва ёфтанд: маънии «лесондан»-ашро фаҳмиданд, лекин боз нафаҳмиданд, ки аз худашро дар назар дорад ё каси дигареро.

Рӯзи дигар, ба гуфти Латофат «ҳайати комиссия» хостанд пеши намози ҷумъаро бигиранд, вале то омаданд, ки намозгузорон хондаву аз пайи обу дона шудаанд. Сари ду-се нафар аз мӯйсафедони бафурҷа, ки аз намоз баромада, дар пешайвони масҷид гарми суҳбат буданд, Латофат дод зада, заҳру зақуми дар дил ғуншудаашро рехт:

– Аз масҷиди шумо, аз болои намозгузорони шумо шикоят аст. То кай шумо ҷомеаро қафо мекашед? Боиси бадномӣ мешавед? Канӣ гӯед?! Бузришҳои беинсофи муфтхӯр! Тараканҳои ҷомеа! Ин риша бину! Мегӯӣ ҷорӯб бошад! Намегӯед?! Шумо нагӯед, ман мегӯям. Канӣ ин сӯ биёед, – вай ҷониби дохили масҷид ишора карда, пеш гузашт ва бо ҳамон оҳанг ба сухан идома дод: – Ҳама балоҳо ба сари ҷомеаи мо аз ҳаминхели биноҳо сар задаанд. Шумо ин ҷо, ба баҳонаи намоз ҷамъ омада, сар ба замин задаву кун боло карда, боз намедонам ба чӣ гапу кори дигаре машғулед?! Ин ҷоро то хароб накунем ва ё ба ихтиёри ягон ташкилоти дигар надиҳем, аз бадкориву бадгӯиҳои шумо раҳоӣ нест! – Латофат бо пойафзол болои ҷойнамоз ин тарафу он тараф гашта, батакрор таъкиду таҳдид мекард, ки муаззин, марди ғалчаи малламӯи синнусолаш ба ҷое расида, таваллоомез гуфт:

– Муаллима! Хоҳиш мекунам. Духтарам, аз болои ҷойнамоз ин тараф гузаред ва ё ақаллан пойафзол кашед.

– Ҳа-а! Агар дуруштӣ накунам, аввал пойафзол, баъд изора кашед, мегӯӣ!

– Наузанбиллоҳ! Худо нигаҳ дораде! – гуфта муаззин даст ба гиребон бурда, ки Латофат ба ӯ наздик омада, аз як қабза риши малларангаш дошта, қасди худ гуфт:

– Дониста бош! Аз ҳамин бузришат меовезам! Фаҳмидӣ?! Ва ин маъбади опиюматонро (ишора ба сухани Маркс) медонӣ чӣ кор ме-

кунам? Намедонӣ?! Ба ихтиёри Кумитаи ҷавонон медиҳам. Аз шумо дида, барои ҷавонон бештар муҳим аст. Бигузор онҳо ин ҷо ҳар гуна тадбирҳои фарҳангӣ, развлекателный гузаронда, дилхушӣ кунанд! Тавре дар Собори Богоматери Париж[1] карнавал гузаронида буданд… Эй ту ин таъриха аз куҷо медонӣ?! Кун боло кардаву сар ба замин кӯфтанатро медониву бас! Бигузор ҷавонон ин ҷо рақсу бозӣ ва дискотека ташкил диҳанд! – Вай риши муаззин ба бод доду болои ҷойнамоз ба хондани «Калинка мая» ва рақс даромад. Гоҳи тобу печ дода, хам задан аз зери домани кӯтоҳ ва миёни ду рони пойҳояш сафедие ба ранги песа намоён гашт ва тасодуф назари муаззин ба он афтодан замон худро олудаи гуноҳ ҳисобида, дигар сабру таҳаммул аз даст дод, ваҳшатзада фарёд баровард:

– Ҳой, ту чӣ иқа калкал дорӣ?! Бадзоти ҳаромӣ?! Сундукии бе аҳлу авлод! – ва нагузошт, ки ӯ дигар рақсашро идома диҳад. Аз оринҷи ӯ, ончунон сахту ҷойӣ гирифт, ки ҳарчанд кӯшид, худро раҳо кунад, натавонист ва муаззин аз дар берунаш карду дар пӯшид. – Ана, акнун беваи олуфтаи ҳаромии фосиқи…, роҳат сафед! Ба куҷое арз меравӣ, ихтиёрат! Рафтан гир! – гуфт муаззин ва дигар интизори он нашуд, ки дигар аз даҳони ӯ чӣ меборад. Латофат ин ҳама солҳо кӯшиш мекард, касе аз гузаштаи ӯ ботамасхур ёдовар нашавад, вале ҳозир «ҳаромӣ», «сундукӣ» ва «беаҳлу авлод» гуфтани муаззин мисли он шуд, ки ба торҳои нозуки асабаш нохун зада бошанд. Вай башаст давида тавре ки футболбоз тӯби ҷаримавӣ мезанад, тарафи мӯйсафед лагад партофт, вале ҳамраҳонаш пеши роҳаш гирифтанд ва лагад ҷойи нарасид. Боз ҳам кӯшиши задан намуд, вале натавониста, бо овози баланду хашмин, бо чунин суханҳои қабеҳу таҳдид, алами дил холӣ кард:

– Дониста бош! Эй пири бузриш! Ман ба ҳеҷ куҷо ба арз намеравам! Чунки намояндаи идораҳое, ки мардум арз меравад, такяи мананд. Бори дигар ба ту мегӯям: Пири бузриш! Ҷулу пӯстакатонро ғундореду ҳарчи зудтар аз ин ҷо дафъ шавед! Дигар рангу раҳмататонро ин ҷо набинам! Шунидӣ?! Ин иморатро мо ба ихтиёри Кумитаи ҷавонон медиҳем!..

Ҷавонон соҳиби бинои масҷид шуданро қабул накарданд.

---

[1] Ноябри соли 1793 рӯзҳои ҳаракатҳои инқилобӣ дар Париж дар Калисои ҷомеи Модархудои Париж карнавал гузаронида, дин ва таълимоти диниро пеши по зада, илм, мантиқ ва маърифатро ба ҷойи аввал гузоштанд, маъбаду калисо ва дигар муассисаҳои диниро аз фаъолият боздоштанд. Шарҳи муаллиф.

* * *

Латофате ки замоне дар ҳавои ғурур сайр карда, дар олуфтагӣ тақлиди занони ҳунарпешаи фаронсавӣ дошт, дасту панҷаҳо, гӯшҳо ва баёзи гардани борики думчаи мурудашро бо намунаи фирӯзаю тилову алмосу ёқуту дигару дигар, ки чашм мебурданд ва ба таъбири яке аз зарифони деҳа «намунаи тамоми сангҳои қиматбаҳои системаи даврии Менделевро ба сурати дастпонаву зеби гардану гӯшвораю ангуштарӣ дар тани худ ғун карда», аз кару фар ба ибораи мардумӣ назараш абра намегирифт. Ҳоло бо мӯйи парешону сари хам, рӯйи варам ва ҷо – ҷо хун лаълбаста, пеши силоҳбадастон ба ҳоли зор меистод.

– Ҳай қанчиқаки фасонаки маъракагардаке! Ҳамун ту набудӣ, ки даст ба риши бобои ман бурдӣ? Дастат шиканад, ки ҳурмати мӯйи сафед, синну солаш накардӣ?! Боз ба ҳамин корҳош худаша грамотний мегира, Худозадаи фосиқ! Эй ту садқаи номи Латофат шавӣ, Лутик! Ту ҳамун қанчиқаки Ленаи чушқай! Агар чушқа намебудӣ, болои ҷойнамоз суруди урусӣ хонда, мерақсидӣ, дини моро таҳқиру пеши по мезадӣ?! Ана акнун дига хел: арабӣ, лучак шуда пеши мо мерақсӣ!..

– Ҳосили амалкардата мебинӣ! Худат, ба забони худат пида…с такрор кун, ки дар ҷавоби онҳо, ту чӣ гуфтӣ?! Вақте аз ту хоҳиш карданд, ки «пойафзол каш! Бо пойафзолат болои ҷойнамоз набаро!» Ту чӣ гуфтӣ?! – қумандон Беранги бадхашм бо дасти дастпӯшакдор кашидаю кушода, бари рӯи сафедизадаю рангуборкардаи омехта ба хуни Латофат ба иборaи онҳо чунон чилесунд, ки ба замин чалпак гашт. Аз шонааш бардошту боз дод зад:
– Гӯй мегӯям! Пида…с! Гӯй!

– Ҳазрат, ин бева ҳамонест, ки сабабгори ранҷиши бибии ману холаи Хосамоҳ шуда буд.

– Ира кадом як гуноҳаша мегӯӣ?! Сар то ба по дар гуноҳ ғарқ асту ноҷафида, – гуфт силоҳбадасти дигар.

– Ба Худо ки ҳақ мега! Сабабгори носозии бибии ману холаи Хосамоҳ шуданат як, кӯшиши бастани масҷид карданат ду, таҳдиди лесонданат се, миёни авлодҳои деҳа тухми низоъ киштанат чор, на танҳо деҳаи Вистан, балки мардумони деҳаҳои Навгилему Навдонакро ба ҳам шӯронданат панҷ. Бас аст? Ё боз ба ёдат биёрам?!

– Фоҳишагиат беҳисоб! – луқма дод оне, ки ғарқи гуноҳ буданашро батакрор ёдовар мешуд. Қумандон ба айбмониҳои шарико-

наш гӯш дода, даври Латофат тоб мехӯрд, мисли паланге, ки ба сайди ба дом афтода менигарад, то аз кучояш дахан занад. Силохбадастони чавон аз он ки кумандон пеши суханашон намегирад, шердил гашта, сари ӯ дод зада, аз гуноххои кардаи ӯ, ки худ дида ва ё аз дигаре шунидаанд, ёдовар мешуданд ва хамхама доштанд…

– Бачахо! И канчикаки чушка асосан се гунохи азим дорад! – ба истинток кардани хампешахо хамрох шуд кумандон Беранг. – Гуноххои хурдашро ба хисоб намегирем, хатто фохишагияшро, чунки як та-нимта, худаш барин фосику бандахои нафсро лахзае халовату кайфият бахшидааст…

– Ака! Як гунохи азими дигараша ман медонам, – мисле ки аз бозёфте дарак медода бошад, афзуд силохбадасти нав ба чамъи истинтокгарон хамрохшуда. Кумандон хайрони он, ки ин боз чӣ «фазилат»-и дигарашро медониста бошад, хомӯш чониби ӯ нигариста, бо сар ишора кард: яъне гӯй. – Аловмони асосии низои миёни дастаи «Фидоиён»-у коммунистон ва як кисми исломиён, Худо хозир, хами беваи фосики Лутик аст!

– Рост! Хак мега! – тасдик карданд хозирон ва чониби кумандон нигаристанд, ки ӯ чӣ хукми чазо ба ин «мучассама»-и пургунох раво медида бошад. Кумандон Беранг мегуфтӣ кадам мешуморад, охиста -охиста даври ӯ ба ранги аспи чувоз, вале сарбаланду боғурур тоб хӯрда, бо мулоимат гуфт:

– Мо туро хоху нохох фишт, – даст ба гулӯ бурда ишораи гардан задан кард, – лекин ту ки чанд сол дар дастгохи райкоми пуркудрати фанду фиреб ва ситам аз усулу равишхои гуногуни танбеху чазо кор гирифтай, худ ба забони худ чӣ гуна мучозот доданатро бигӯ. Шакке нест, ки ту рохи равиши зиёди чабру ситами мардум медонӣ. Гӯй! Худат гӯй! Чӣ корат кунем?! Худ ба худ баъди ин амалхои зиштат чӣ чазо раво мебинӣ? Ба мо бошад, мо хамагӣ, буду шуд ду рох медонем: бо навбат бачахо туғри… м.д. ва фишт!(боз даст ба гулӯ бурда, ишораи гардан задан кард).

Хамин дам овози ба карнаймонанди маънияш ба силохбадастон фахмо ду бор баланд гашт.

– Хайр. Хӯрок оварданд, – гуфт кумандон омадани мошинро дидаву аз овоз пай бурда. – Ачик, мо ба хӯрокхӯрӣ меравем, ту медониву ин! Навозиш мекунӣ, туғриш мекунӣ, чи кореш мекунӣ, ихтиёрат, факат эхтиёт бош: хато нахӯрад, ки аз сар чудо мешавӣ! Бачахо баъди хӯрок дилашон кашад, ба навбат…

Ба кумандонхо эълон карданд: – Баъди хӯрок машварат.

Вакил машваратро бе муқаддима чунин оғоз кард: – Аз натиҷаи як-ду амалиёте бо ҳам кардем, ба хулосае омадам, ки бачаҳои мо дар амалҳои ҷангӣ як пула кор намеоянд, ниҳоят тарсуанд. Мо ба ду-се дастаи хурд тақсим шудем: яке бояд Латофат, дигаре дугонаи ӯ, ҳамун куклкае, ки як вақтҳо дар мағозаи марказӣ кор мекард ва севумӣ хоҳари Гулхумор Гулчеҳраро, аз қиссаи Гулхумору Беранг хабар доштагистед? ба даст меовардем. Бечора Гулхумори нозанина, мана ин Беранги манияк баъди туғрӣ к. кушта, ба лошахӯрон туҳфа кардааст. Ақаллан ба лошахӯрон некӣ кардааст, ба ҳаминаш ҳам шукр… Ана бояд мо ун се нафаре, ки гуфтам ба чанг меовардем. Дар хонаи кампири Садафмо баъди бедарак шудани Гулхумор, ҳама бо табару теша ва дигар тезинаҳо мусаллаҳ гашта будиян, якемон табар хӯрда, ба Аллоҳ гуфтан ҳам нарасид. Мо сир бой надода, гуфтем, ки ин сияҳтолеъ аз ёрони мо нест ва аз онҳо узру маъзарат хостем ва боз гуфтем, ки: дар бедарак шудани Гулхумор мо қуш нестем. Мо баръакс кӯшиш мекунем, гунаҳгора ёбему ба таври худ ҷазо диҳем. Ва коре карда, мурдая бо фандуфлик аз онҳо гирифта, ба соҳибдаракош супоридем. Бо ин ҳама чӣ гуфтаниям? Аз беҳунарӣ як рафиқамон муфт аз даст рафт. И бачаҳо ҳатто камона, тапончая дуруст доштаву паронда наметавонанд-е! Ба ҷойи дигар каса тарсондан дасту дили худашон меларзад. Сабаб пурсам: «Хуни ғайри ҳақ рехтан гуноҳ аст», мегӯяд якешон. Ин хел тарсу бошед, равед назди очаҷонҳотон! Дастаи шуҷоъ ва хайрхоҳи моро бадном накунед!.. Илоҷи кор чист? Ҳазрати Умар, мехоҳам нахуст фикри шуморо фаҳмем.

Умар тасбеҳи фирӯзагии худро, ки мегуфтӣ ҳеҷ гоҳ аз он канданӣ надорад, аз гардиш монond, андешаманд, гӯё ҳар ҳарфу ҳиҷоро аз умқи дилу майна мекашад, чунин маънӣ пеш оварd: – Аз рӯи ақл фикр кунед. Одам дар сурате нотарс мешавад, ки бо тамоми ҳастияш аз чизе ба ғазаб биёяд ва ё ҳарисӣ: ба молу сарват, нафси шаҳвонӣ ва ғайраҳо водораш кунанд. Бубахшед. Вақти намоз шуд, то таҳорат мекунам. Идома диҳед. Аз худатон гап намемонад! Ман баъди адои намоз зуд бармегардам.

Дар асл то намоз хеле вақт буд, вале муроди ӯ ба ин баҳона аз ин маслиҳат худро ба канор кашидан буд. Вақте вай аз дар баромад Шарифзода тану тӯш ба ҳам кашида, як навъ норизо аз Вакил гила кард: – Ба шахсе ки ҷавҳари ҳунараш фақат суфу куф аст, инхелӣ гапҳоя маслиҳат кардан аз бева шӯгадоӣ аст. Вай агарчи дар гуноҳ батамом тар асту ноҷафида, ҳама корашро пушти парда мекунад, пинҳон аз назари мову шумо ва гумон дорад, мо говему пай намебарем, ки: ҷелаки осмонии ӯ поку беғубор аст, ҳеҷ гуна доғе надо-

рад…

– Вай «шӯгадову ту зангадо» бошӣ, бо шумо маслиҳат маънӣ надошта бошад?! Инҳо! – ба қумандонҳои ҷавон ишора карда афзуд. Вакил, – ба ҷуз хӯрдану ридан ақлашон ба дигар кор нагирад, – пас, ин ҷо чӣ гуҳ мехӯред?! Тапонча ба даст гирифта, афтамат сари шона бардошта, ханҷар дар наём катагӣ доред?! Ба ҳаммом ки даромадӣ, аз к… натарс! То кай як шер занаду даҳ кафтор сер шавад?! Ин хел сарбозӣ намешавад! Минбаъд касе оператсия провал мекунад, аз хуни худаш пешониша рангин мекунам!

– Ба фикрам гапи мулло дуруст аст.

– Чӣ?! – ҷониби гӯянда дод зад Вакил.

– Мегӯям гапи мулло дуруст аст. Лекин, – оромона ба сухан идома дод Шарифзода, – аз китобҳои таърих ва қиссаҳои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги дувуми ҷаҳонӣ медонем, ки бо баҳонаи сардии ҳаво дар майдони набард ба ҷанговарон спирт медоданд. Мо ҳам аз спиртҳои аз Боири раис ғанимат гирифта, истифода барем, чӣ?

– Дар Афғонистон ба шунидам аксари муҷоҳиддин тарёку наша мезананд, – луқма дод қумандон Беранг. Вакил ғайриинтизор баланд хандид ва дид, ки ҳама дар ҳайрат ҷониби ӯ менигаранд, чунин тавҷеҳ дод:

– Ин фикр аз рӯзҳои аввал дар сари ман чарх мезад ва ҳам санҷидам: ба сигор номаълум ҳамроҳ карда, ба бачаҳо додам. Баъд медонед чӣ шуд? Якеро хоб бурд, дигаре ба гиря даромад, севумӣ аз шунидани тақ-тақ намедонист худро ба кадом гӯр пинҳон кунад, айнан бангиҳои девона барин шуданд…

– Баъди арақ додан лозим будаст. Ин сабилҳо чанд хел мешаванд: кӯкнор,бангдона, афюн, наша, тарёк ва боз… – гуфта буд, дигаре ки Вакил пеши суханаш гирифт:

– Санҷидам, натиҷаи хуб надод.

Шарифзода хомӯш гоҳ сар мехориду гоҳе риши расидаашро сила мекард, ки Вакил бадқаҳр ҷониби ӯ дод зад: – Ку, ту гап зан! Стратег! Шабушкат задаст, ки ин қадар сару тан мехорӣ?!

– Бачаҳоро фаҳмондаю машқ додан лозим, – мунтазири чи ҷавоб гуфтани Шарифзода нашуда, маслиҳат дод Беранг.

– Як духтур ёфтан лозим. Бо сӯзандору… – маслиҳат дод дигаре.

Шарифзода нагузошт ҳамсилоҳаш идомаи сухан бигӯяд ва худ гуфт: – Як роҳи зӯр, вале ниҳоят хатарнок ҳаст.

– Ку, ту зӯриша гӯ! Хатар ба мо вогузор! – таъкид кард Вакил.

– Ягон маҳбасхонаро озод кунем. Бачаҳо дар паҳлуи маҳбусони бо дасти мо озодшуда, аз ҳеҷ баду бало дигар ибо намекунанд, – Файзалӣ Шарифзода дар замони шӯравӣ пешандози сели туҳмату буҳтони ришвахории устодони мактабҳои олии Тоҷикистон шуда, баъди ҳашт соли андешаи пушти панҷара ва кайфияти дорулахлоқ эҳтиёткориву дақиқназарӣ мекард. Ва ҳоло он чӣ аз дилаш гузашт худ ба худ гуфт: бо ин баҳона касони бо туҳмат гирифтор ба озодӣ мебароянд ва дуои ҷони озодкунандагон мекунанд ва аҷаб не, қасди худ аз баъзеҳо бигиранд.

– Рост, ҳақ мега! – кӯдаквор ба шодӣ даромада ҷонибдорӣ кард Беранг, – дастаи каландакиҳо аллакай ин кора пеш гирифтанд. Қӯрғонтеппаро озод карданд. Ёвону Душанбе ва «Хишт» мондаст. Агар мо пешгирӣ накунем, онҳо ин кора ба манфиати худ истифода мебаранд.

– Як амалиёти хурда уҳда карда наметавонеду! Чи ҳавасҳое доред! Унҷо барои шумо подабонӣ нест! Қаровулони мусаллаҳ доранд, тиру туфанг ва дигар муҳимоти ҷангӣ доранд! – таъна зад Вакил.

Аз миён ду-се ҳафта нагузашта, сафи силоҳбадастони аксар гуруҳу дастаҳо, аз ҷумлаи маҳбусони озодшуда пурра гашта, дар қароргоҳ духтур пайдо шуд ва дигар номи тарс бенишон гашт, мисли селаи малах дигар ҳаркиву ҳарчӣ аз пеши роҳи силоҳбадастон мебаромад ва андаке ситорааш ба онҳо намефорид, бе парчу пурч нишони тир мешуд. Мурдаи одамӣ ба ранги барги хазон гашт.

* * *

Набераи холаи Раҳима зуд-зуд, мегуфтӣ луқмаро нахоида фурӯ мебарад, вай косаро яктарафа тела дода, ба сари туъмаи дигар давид, то аввалин шуда, «кайфияти коргари райкома бубинад», нафси шаҳвонӣ қонеъ гардонаду хумор бишканад. Вале ҳанӯз гарди пояш ба замин нанишаста, башитоб баргашту ба қумандон хабар расонд:

– Ҳазрат, қанчиқак фирор кардааст.

– Чӣ?! Фирор кардаст?!

Қумандон аз ғазаб косаи пешаш бударо башаст чунон зад, ки ба паҳлударӣ бархӯрда, чумча шикасту коса пора-пора гашт. Вай дар ғазаб аз ҷой бархоста, тапонча ба даст гирифт ва аз дурии тиррас ба Аҷик фурсати чизе гуфтан надода, тир кушод. Баъди тир хӯрдану афтидани ӯ, гуфт: – Хабарат намекардам! Лаънатӣ! Гап дигар! Зуд аз пайи кофту ков шавед!

* * *

Ғижасти дарвозаи дутабақаи оҳании ҳавлӣ, ки солҳои охир мӯд шуда, соҳибдавлатии худро мардум бо он нишон доданӣ мешуданд, баланд гашту башаст Лена худро ба дохили ҳавлӣ гирифт. Вай дар саҳни ҳавлӣ бо овози гиряолуд фарёд баровард: – Апа! Зафар? Апа?! Зафар!

Аз шунидани овоз Шамъигул ҳавлона дарзашро паҳлуи мошинаи дарздӯзӣ ҳаво дода, сӯи овоз ба саҳни ҳавлӣ давид. Вай Ленаро бо ашки шашқатор дида, ҳайратзада пурсид: – Ай, Худо бикушаме! Чико кардӣ? Ку бугӯ, чико кардӣ?!

Дар ҷавоб Лена пурсиши ӯро фаҳмида нафаҳмида, гиряолуд гуфт: – Апа Шир. Шир… – Шамъигул интизори идомаи сухани ӯ нашуда, ҳавлона, бо як чолокии ғайриинтизор чапасар гашта, бо ҳар ду даст аз бари домани то буҷулак дарозаш бардошта, бадав тарафи хона рафт.

– Ай, ҳозире, ҳозир, Худо ҷунма бигираде, наход… – вай раҳорах бо худ мегуфт: – Наход барои шир гиря кунӣ? Карсону хурмаҳои хонаи Шамъ шукри Худо ҳавзи ов ворин пуропури ширанду ту барои шир гиря мекунӣ? Нағзини дилут. Ай не! Ҳозире, ҳозир…

Ҳамин вақт писарчаи хурдии хола Шариф пайдо шуда, ба Лена здрасти гуфт ва чеҳраи ашколуди ӯро дида, ҳайрон ҷониби хона давид, ки аз пеши роҳ модар зарфи пур аз шир берун омада, бе ист такрор мекард: – Наход карсону хурмаҳои хонаи ман ҳавзи ов ворин пури ширу арӯси ҷӯраи писари ман барои шир дида тар кунад… Нағзини дилут.

Модару писар назди Лена омаданд. Лена ба фаросат пай бурд, ки зан мақсади ӯро нафаҳмидааст. Лена даст ба мӯйи бар асари гарду ғубор ранггумкардаи сари писарбача бурда, кушиши фаҳмондан кард:

– Апа, бача, – вай ишораи баланд кард, яъне гуфтанӣ буд, ки писари калонат куҷост?

– Брат мехоҳӣ? – пурсид Шариф.

– Да, да. Брат, Зафар?! – бо ҳаяҷону изтироб ҷӯяҳои ашки ба рухсора таровидаашро бо пушти каф пок карда, ба сар ишораи тасдиқ намуд Лена. – Иди пожалуйста брата иши!

– Оча! Бахудо фаҳмидум! Акама мега.

– Шера убили, – Лена даст ба сина бурда ишораи тир задану афтидан кард.

– Воҳ! Наход?! Ай Худо ҷунма бигираде! – гуфта Шамъигул даст ба рӯ кашида, дар ҷои истода ба замини хокӣ нишаст. Лаҳзае

пас, ба худ омада, бо гӯшаи докаи сафедаш дида пок намуду ба писарчааш Шариф таъкид кард: – Писари қобили оча, зуд бидав! Ҳар ҷое боша, аката ёб.

Писарбача ҳанӯз дар фикри ба куҷо рафта, кофтани бародар буд, ки боз ҳамон ғижасти овози «сӯзтеи ғижаки Гурезмаст» баланд шуду худи Зафар пайдо гашт. Зафару Лена ба истиқболи ҳам шитобида, Лена худро ба оғӯши Зафар партофта, ҳунгос ба гиря даромад. Зафар ба русӣ фаҳмонд, ки ман аз воқеа огоҳ шуда, давида ба суроғи ту рафтам. Дидагиҳо гуфтанд, ки ту тарафи хонаи мо омадай.

Лена гоҳ бо пушти кафи даст, гоҳе бо рӯмолча дида пок карда гуфт: – Ҳа. Ман аввал ба почта рафтам. Маҳкам будаст. Касе намедонад, кай кушода мешавад. Баъд роҳи хонаи шуморо пеш гирифтам. Бояд таъҷилан ба Маскав, ба хона занг занам… – дигар гиря нагузошт Лена идомаи сухан бигӯяд ва боз худро ба оғуши Зафар андохт.

– Гиря накун, Лена. Аз гиря мурод ҳосил намешавад.

– Зафар маро ба марказ, Душанбе бар. Ман бояд ҳатман телефон кунам. Охир ҳоли ман ин ҷо, бе Шер чӣ мешавад?!

– Не. Ин тавр нагӯй. Хафа нашав, Ленаҷон. Қисмат чунин будаст. Кӣ медонист, ки… Фикри маро бигирӣ, алҳол кӯшиши ба ҳеҷ куҷо занг задан накун.

– Зафар, ту чиҳо мегӯӣ? Шера куштанд! Паронданд, мефаҳмӣ?!

– Ҳо, мефаҳмам, – бо сари хам ва як навъ ғамзада тасдиқ кард Зафар.

– Ленаҷон сабур бош. Душанбе ҳам мегӯянд, имрӯзҳо чандон ором нест. Барои ҳамин ту беҳтараш ба ҳеҷ куҷо на занг бизанӣ ва на биравӣ. Ҳатто аз хона набояд баройӣ.

– Не! Ман бояд ҳатман равам. Ба Маскав, ба падару модарам хабар диҳам. Шери мана куштанд, нохалафон. Наркоманҳо!

– Медонӣ барои чӣ, мегӯям занг назан? Ба ҳеҷ куҷо нарав. Аз хона набаро?

Лена бо тамоми тану тӯш ларзида, ба маънии инкор калла ҷунбонд.

– Чунки онҳое ба Шерак душманӣ доранд, туро ҳам ба ҳоли худ намегузоранд, акун фаҳмидӣ? Беҳтараш аз хона набаро. Дар хонаи амаки Боир не, дар хонаи мо, балки ин ҷо ҳам бехатар нест. Чунки аз дӯстии ману Шерак хурду бузурги ин диёр бохабаранд. Беҳтараш ман туро бурда дар хонаи як хешамон то ором шудани

вазъият ҷогаҳ мекунам ва куҷо будани туро бигузор дигарон на-донанд. Ҳатто шиносҳо.

– Ту чиҳо мегӯӣ, Зафар? Ҳушат баҷост?! Ман чӣ гуноҳ дорам, ки пинҳон шавам?! – ҳайратзадаю беқарор дастак зада пурсид Лена.

– Гуноҳат ҳамин, ки арӯсшавандаи Шерак ҳастӣ. Шоҳиди па-ронда шудани ӯ будӣ. Оне ки ӯро парондааст, шоҳид зинда наме-монад… Ту кӣ будани қотилро дидӣ?

– Не-е, аз куҷо?! Мо ҳар ду бари ба бар мерафтем, силоҳбадастони сари роҳ моро дида, ҳарчи гапҳои баду ғашовар мегуфтанд, ки Шер дар қаҳр шуда, ба по сангчае тара-фи онҳо зад ва ба хаёлам ҳақорат ҳам дод, ки якбора садои тир баромаду Шер афтид…

* * *

Лена бори аввал бо Шерак дар кӯчаи калону васеи пиёдагарди Арбати шаҳри Маскав шинос шуданашро пеши назар овард: куҷо истода буданд, аз чӣ шармиданд ва боз беибо бо ҳам гуфтугӯ ва раду бадал намуданд, дубора пеши назараш ҷилвагар гашта, гуфтугӯҳо садо доданд:

– Хонум, хоҳиш мекунам, ба ман як даста гуле диҳед, ки ба зани рус писанд ояд.

– Шумо Чечен ҳастед? – як ба сӯи Шерак нигариста, аз болои тали гулҳои рангобаранги ҷо-ҷо рӯи пештахта гузошташуда гул хуш карда, пурсид хонуми гулфурӯш.

– Не. Ман тоҷикам, – гуфт ҷавон.

– Мӯйю абрӯи сиёҳ ва шеваи гуфторатон… – муштариёни ди-гар пайдо шудан замон гулфурӯш домани сухан кӯтоҳ карда, пур-сид: – Аз чанд хели гул, ба чанд пул гулдаста бандам?

– Фикри пулаш накунед! Муҳимаш, – ҷавон дид, ки дар паҳлуяш нозаниндухтараки зарринмӯе дар интизори хариди гул истодааст, ба ибораи мардумӣ ҳаво гирифта, афзуд: – муҳимаш тавре бошад, ки ба духтари рус писанд ояд.

Шерак дастагули аз якчанд навъи гули садбарг, ханҷарӣ… баста, ба даст мисле ки дар кӯчаи деҳаи худаш бошад, оҳиста-оҳиста қадам бардошта, як-як ҳар кадоме аз гулҳоро ба машом наздик меовард, то фарқияти бӯи гулҳоро муайян созад. Ба ҳамин минвол пеш мерафт. Ҳамон духтари зарринмӯи лаҳзае пеш назди гулфурӯш паҳлуяш бу-да, башитоб аз пайи ӯ қадам зада, наздик омаду гуфт:

– Ҷавони хуб, магар ҳанӯз аз завқи маъшуқаатон огоҳӣ надо-ред? – Шерак ҳолӣ ҷавоб нагуфта, боз пурсид: – Ба қарибӣ ошно

шудаед, чӣ?

Шерак ба чеҳраи гулгун ва қади раънои ӯ ташхисомез нигариста, як навъ аз омади толеъ, ки чунин духтари нозанинро ба ӯ ҳамсуҳбат кардааст, хушнуд гуфт: – Ман умуман маъшуқа надорам.

– Чӣ хел? Дар ин синну соли шумо, – духтар худро каме яктарафа гирифта, ба чашму абрӯи мушкин, рӯи гирда ва ба қаду басти варзишгаронаи Шерак назари харидорӣ партофта, афзуд: – аксар ҷавонҳо на танҳо маъшуқа, балки номзад ва ҳатто ҳамсар доранд.

– Вале ман, – ҷавон оҳи кӯтоҳе кашида, афзуд: – на ин дораму на он.

– Пас, аз Тоҷикистон ба Маскав кофтанӣ омадаед?

Ҳамон тавре лаҳзае пеш духтар аз надоштани маъшуқаю номзад ҳайрон ба ӯ нигариста буд, ин ҳам аз роҳравӣ бозистода, тааҷҷубомез ҷониби ӯ гашта, пурсид: – Шумо аз куҷо донистед, ки ман аз Тоҷикистон?

– Худатон ҳозир, лаҳзаи гулхарӣ гуфтед ку?

– Ман тоҷик гуфтам, на Тоҷикистон.

– Чӣ фарқ дорад?

– Фарқ дорад.

– Чӣ хел фарқ дорад?

– Фарқ дар он аст, ки Худованд тухми тоҷика дар бисёре аз мамолики дунё парокандааст. Тоҷик метавонад аз дигар давлату маҳалҳо бошад: мисли Афғонистон, Эрон, Ӯзбакистон… Русҳо магар танҳо дар Русия ҳастанд? Ё нодуруст мегӯям?

– Бале. Оқилона фармудед. – тасдиқ кард духтар ва аз баҳри баҳс гузашта, бо лаҳни ширин, ишваи рангин ба ҷойҳои камодами кӯча пешопеши Шерак сурудхонон равон шуд:

*Дидам ҷамоле, абрӯ ҳилоле,*
*Дар зери чашмаш, бинҳода холе.*
*Ақламро бурд, холӣ сиёҳ,*
*Дил пора кард, теғи нигоҳ…*

Мардуми кӯча баъзе ҳайрону баъзе дар тааҷҷуби он, ки инҳо чи хели артисту киногиранд, ки аз пайяшон наворбардор нест.

– Будте счастливее молодие! – гуфт пиразе.

– Вот молодеж! – изҳори тааҷҷуб кард марди дигаре.

Аз равону беғалат хондан ва талаффузи дурусту белакнати

духтар, Шерак ба осонӣ пай бурд, ки ин сурудро бисёр хондаву замзама кардааст.

– Саломат бошед! Бо ин суруд ва овози ширинатон мани ошуфтаро шод кардед. – Ва ҳамоно аз дилаш гузашт, аз ӯ пурсад: – «Шумо артистка ҳастед? Ин сурудро кадом ҷавони тоҷик ба шумо ёд додаст?» – вале боз истиҳола намуда, дигар хел суол кард: – Агар рози пинҳон набошад, бигӯед, ки ин суруди куҳнаи аз ёдҳо рафтаро шумо аз куҷо медонед?

Духтар ба ҷои ҷавоб гуфтан баланд хандида, бо адои дилфиреб тобу печ хӯрда, сӯи ӯ чашмакӣ задаю абрӯ паронда гуфт: – Рози пинҳон ку нест, лекин ку худатон гӯед? Аз куҷо ёд гирифтаам? Мана як подсказка мекунам, то ки мушкилатон осон шавад: артистка нестам, артисттӣ ҳам намехонам. Акнун фол занед!

– Ростӣ, ман ба фол задан хуш надорам, ба хусус ҳамин шабурӯзҳо.

– Не, хайр гӯед, да.

– Хоҳиш мекунам, маро азоб надода, худатон гӯед.

– Мегӯям, ба шарти он ки шумо ҳам кӣ будану ин ҷо ба чӣ кор машғул буданатонро аз ман сидқан пинҳон надоред.

– Қабул. Мегӯям.

– Аз падарам. Дар хонаи мо, ҳамин ки номи тоҷик шунидем, Тоҷикистон ва суруди машҳури тоҷикӣ аз кинофилми «Ман бо духтаре вохӯрдам» ёд меояд. Падарам як вақтҳо дар Нораку Роғуни Тоҷикистон кор карда, шӯхиомез мегӯяд: «Ман ин ҷо таваллуд шудаву он ҷо-дар Тоҷикистон камол ёфтаам», ба мардум ва обу хоки диёри шумо меҳру муҳаббати беандоза зиёд дорад. Нону намаки тоҷикон ҳамеша пос медорад. Намегузорад касе дар ҳаққи тоҷикон бадгӯӣ кунад. Ҳар гоҳ вай ин сурудро замзама кунад, мо аҳли оила ҷӯр мешавем. Ҳамин хел аз забони падарам шунида, ҳама аҳли оила азбар кардаем. Бисёр вақтҳо якҷоя ин сурудро мехонем. Бовар накунӣ, марҳамат ба хонаи мо рафтем, худат дидаву шунида, ба ин баҳона меҳмони мо мешавӣ. – Ва Шерак ҳам магар маътали ишора будаст, ки розӣ шуд…

Бо ҳамин равуои Шерак ба хонаи мо оғоз гашт. Аҷоиб он буд, ки… – бо ёд овардани ин лаҳза ҳар ду рухсори Лена арғувонӣ гашт, – боз … Ман бо ӯ майли ҳамхобагӣ доштам, вале Шерак рад кард: «То никоҳ ва тӯй ман ин кора намекунам» – гуфт. Он замон, мисле ки ба сарам оби сард рехта бошанд. Дар они воҳид худро таҳқирдида пиндоштам. Қариб буд, ӯро нафрин гуфтаву аз хона ба ранги саги дайду пеш кунам. Вале боз, хайрият дере нагузашта шастам паст шуду

аҷлам ба ҷояш даромад. Фикр карда, ба хулосае омадам, ки рафтори ӯ боаҷлона аст. Рафтори ӯ, на боиси қаҳру ғазаб, балки ифтихор бояд бошад. Охир вай меҳри маро рад накарда, баръакс умедам бахшид, ки «то никоҳ ва тӯй». Яқин ки ӯ одами пок ва посдори расму русум ва анъана аст. Вагарна аз ӯ чӣ меравад?.. Мани сода ӯро кӣ хаёл кардам? Ин кирдори Шерак боиси эҳтирому муҳаббати минбаъдаи ман гашт. Акнун он сифатҳое, ки падарам дар ҳаққи тоҷикон мекард, бароям танҳо лутфи дар омади гап не, балки ҳақиқати бебаҳс буданд. Тоҷикон ворисони ориён буданду Тоҷикистон ба ростӣ ҳам биҳиштосо будаст. Чашмаҳои оби маъдан ва шифобахши нодираш дар тамоми қаламрави шӯравӣ бемисланд. Шерак дуруст гуфт: «Хоҷа обигарм», об ва буғи аз зери замин ба берун ҷӯшзанандаи он дармонбахши чандин дард аст. Ин осоишгоҳи машҳур ба ҷуз давои дардмандон, метавонад барои сайёҳон ҷойи диданӣ бошад ва ба буҷаи давлат пули ҳангуфти бе дарди миён биоварад…» Баъд ёдаш омад, ки аз Шерак хоҳиш кард, Хоҷа обигармро тарҷума кунад. Вай ҳамон тавре дар тарҷумаи номи деҳаҳояшон дар аввал дармонда буд, шарҳ додаву баргардон кард: «Вистан» – вий, бо шева бибӣ гуфтан аст, истан бошад, ин маҳал, мисли гулистон, яъне маҳал ё макони гулҳо. Ин ҷо, шояд бибӣ истанд, дар назар аст. Дар тарафҳои Ромит, яке аз мавзеъҳои хушобу ҳавои Тоҷикистон, деҳае ҳаст бо ҳамин ном ва аҷаб не, бибӣ аз он ҷо тарафҳои мо меҳмонӣ омада, истодаву ба ин маҳал Вистан ном гузошта бошанд. Хоҷа оби гарм. Хоҷа – соҳиби оби гарм гуфтан аст. Дар Тоҷикистон маҳалҳо бо номи хоҷаҳо зиёданд: Хоҷа Абдулло, Хоҷа Мастон, Хоҷа Сартез, Хоҷа обигарм… Ман, бо як олам умеду орзу ва эҳтиром ба Тоҷикистон омадам. Хайрият, Шерак ба сайёҳат бурда, чанде ҷойҳои хотирмон нишонам дод. «Ин кашмакашҳои сабилмонда намешуд, ман туро эҳ-ҳа, ба куҷоҳое мебурдам. Ҳисори шодмон, Ҳулбуки бостон, Чилучорчашма, Гармчашмаю чашмаи Авҷи Бадахшон…» ва боз ким куҷоҳои дигаре гуфта буд Шерак.

* * *

Зафар фарёд зад: – Оча, ҷилдҳои кӯрпаю болишти маро бо ду ҳулла зуд биёр! – ва худ давида борхалтаи сафарӣ овард, ба ҳар кадоме аз кисаҳои он қуттиҳои қаҳваю қанди сафеду радиочаю батария ва ручкаю дафтар, собуну дандоншӯяк ва кастюми варзишӣ ва боз ким – чиҳои дигаре гузошта истода буд, ки модар гуфтаҳояшро оварда, пурсид:

– Ҷону ҷигари оча, ту куҷое раҳакӣ ҳастӣ?

– Ҳолӣ, аз ман гап напурсед. Баъд ба шумо батафсил ҳамаашро мефаҳмонам. Шариф пас аз рафтани мо ҷӯраҳоятро ҷеғ зану дивани хоби маро бардошта, ба хонаи Шамсияхола баред! Балки не! Боз чор тараф овозаю дарғоза нашавад. Беҳтараш болояшро холӣ ва тоза кунед, шояд шаб худам омада барам. Пошли Лена! Рафтем.

Зафару Лена боз ҳамон ғиҷироси «сӯзтеи ғижаки Гурезмаст» -и дарвозаро бароварда, аз ҳавлӣ баромаданд. Холаи Шамъигул ба писарчаи хурдиаш Шариф таъкид кард: – Ба умеди акат нашуда, ба ҳами ошиқу маъшуқи дарвоза камтар равғани мошин мемолидӣ, иқа ғиҷаки Гурезмаста сӯз намедод. – Хола аз паси Зафару Лена бо дили пурғаш, ки акнун куҷо рафтанию ҳолашон чӣ мешуда бошад, нигариста гуфт:

– Аҷаб ҷуфти муносибанд. Мегӯӣ Худо онҳоро дар шаҳру диёри дур барои ҳам офаридааст. Тақдиру қаламкаши азал бин, чӣ қудрате дорад?! Якеро аз Чину дигар аз Мочин метавонад дар як мижа ба ҳам задан якҷо кунад. – холаи Шамъигул гӯё лолоӣ мегуфта бошад, – бо ҳасрат идома медод: – Шерак ай раҳи дур ба худша ёр оварду насибаш набудаст… Тоҷик мебуд, мусулмонзода мешуд, Худо яктаҳай зеби писари ман дора. Хайр, ку бинем, Худо дунёра ба як қарор биёра. Бинем ку, қаламкаш тақдири вайя ба кӣ кашида бошад?..

Садои башаст истодани мошин холаи Шамъигулу писарчаашро водор ба пас гаштан кард.

– Ку ҷони оча, ту сабуктарӣ, дав. Бубин, кист?

Боири раис аз мошин баромада, калид ба дасти Зафар дода гуфт: – Пагоҳийи барвақт, торик-торики рӯз ба мошин шишта ба Чорбоғ равед. Ҳолӣ не, ки роҳҳо дилпур нестанд. Хонаи амаки Фозил суроғ карда, гӯед, ки моро Раис фиристод. То каме ором шудани авзоъ дар хонаи шумо мемонем. Не. Балки гӯед, то омадани ман. То ман наравам, ягон хатча ва ё кас нафиристам, нагӯям, аз хона набуроед, – зуд-зуд ва кӯтоҳ гуфта, дигар интизори ҷавоби онҳо нашуда, ҳанӯз гарди аз паи мошин ба ҳаво хеста, нанишаста, худ пои пиёда равон гашт.

…Холаи Шамсия гӯшаш бод ёфта буд: писари Боири раис аз шаҳрҳои дур ба худша арӯс овардааст. Ҳоло духтари зардинаи ношиносро бо Зафар дида, дар тааҷҷуб, намедонист аз чӣ гап сар кунаду онҳоро куҷо шинонад, чӣ гуна меҳрубонӣ бикунад. Медавид якандозу болишт меовард, ба духтараш Нилуфар овардани дастархону ҳар гуна қут, нӯшу неъмат мефармуд. Ба ҷои он ки ба Зафар гӯяд, худ зинапоя овардаю ба тани хавозаи ток такя дода, ба

ангурчинӣ баромаданӣ буд, ки Зафар омада, ӯро аз ин райъаш гардонда, худ ба нордбон часпид.

– Холаҷон, – аз болои нордбон овоз дода гуфт Зафар, – ҳамроҳи ман Лена ном дорад. Имшаб мо дар хонаи шумо меҳмон мешавем. Мана ҳо он ҷилдҳои кӯрпаю болишти тозаи болои сумка гузоштаи мана гиред. Ба курпаҳои тоза дар як хонаи озода ҷой кунед… Илтимос аз кори ман хафа нашавед. Мо пагоҳӣ, мурғфарёд меравем.

– Ай, ита нагӯ! Ин ҷилдҳора кучое буданд, боз ҳамун хел дар ҷояшон таҳ ва чогаҳ кун, – бо даст ишораи рад намуд холаи Шамсия, – Шукри Худо, мо унқадар бе гӯру кафан нестем, ҳамаша, ҳолӣ оҳараш ношикаста дорем. Мора чӣ хиёл кардӣ? – як навъ ранҷидахотир афзуд Шамсия хола.

– Холаҷон, шумо наранҷед. Мо инҳоро барои дигар ҷо рафтан ҳамроҳ гирифта будем, лекин ҳамин ҷо ҳам пӯшем, бад намешавад, – инро гуфта Зафар то омадани хола, як сар ангур канда, ба Лена дароз кард ва ба хӯшаҳои дигари ангур ишора карда, пурсид:

– Боз аз кадомаш канам?

Лена хомӯш ба маънии намедонам, сар такон дод.

– Аз кадом навъ мехоҳӣ? – ба ину он хӯшаи ангур ишора карда, боз пурсид Зафар. – Ин ҷо бубин якчанд навъи ангур аст: ҳусайнӣ, тоифӣ, чочи гов, чиликак, кишмиши сиёҳу сафед, ҳатто ҷавз. Вай дар тарҷумаи ҷавз ба русӣ дармонда, мухтасар гуфт: самий сладкий, болще мёда!

Ҳавлии Шамсияхола аз анвои меваҳо фаровонӣ буд. Ба Лена сохти кунгурашакли хавозаи саҳни ҳавлӣ, ангурҳои рангобаранги овезон хуш омад. Холаи Шамсия барои шустани ангур сатили об ва лаълиҳо оварда, рӯи кати саҳни ҳавлӣ гузошт ва худ сатили дигар ба даст даруни боғ рафт ва лаҳзае пас, баргашт ва аз даруни сатил себу ноку шафтолу баровард, бо оби сатил шуставу болои лаълиҳо хеле зебо чинд. Онҳоро бо назардошти хурду калонӣ ва ба ҳам мувофиқ омадани рангашон болои лаълӣ тавре чинд, ки мегуфтӣ асари рассоми моникалам ва ё нусхае аз меъморист.

## 7.

Дар гӯристони канораи деҳаи Вистан болои гӯрҳои паҳлуи ҳам хок пӯшондаву мулло дуо хонда, дар фуровард ҳамин ки: …мурдаҳоро Худо раҳмату мағфират кунад… охираташона обод гардонад, гуфта даст ба рӯ кашид, садои тир дар ин манзили

хомӯшон баланд гашта, аз дуродур акси садо омад. Ҳама ҳозирин ҷонҳавлӣ сар ба замин гузошта, баъзеҳо ҳатто «мабодо ҳадафи навбатӣ ман бошам», андешида дароз ғелида, муддати як зув гуфтан, сар набардоштанд. Вақте дигарон калима арза кардаву сар бардошта, нимхез шуданд, марди паҳлуи Боири раис ором дар ҳамон ҳолати сар ба рукут рафта, меистод. Раис ин ҳол дида, зуд якпаҳлу хам зад, аз бари гарданаш дошт, набзашро санҷид, чизе нафаҳмид, ки дурусттар пурӯ зада, дилашро гӯш кард, аллакай аз задан бозмонда буд. Боири раис дастони аз захми мурда хунолудшударо мисле ки таяммум мекарда бошад, бо хок пок карду дар фикри ин хабарро ба мардум чӣ тавр расонидан буд, ки овози каси паҳлуи чапаш баланд гашт:

– Хазинадора паронданд, – бо овози гиряолуд ба самъи ҳамагон расонид ӯ. – Бечора марди бегуноҳ буд, беҷо ҳадафи тир шуд, – афзуд ӯ.

Мардум дар аҷаб ҳолате монданд.

– Аз кадом тараф тир заданд?

– Аз ҳамин дохил буд ё?..

– Баъди садои тир як овози мошин баромад, – гуфт касе аз миёни ҳозирин, – кадом бадхоҳи номусулмоне буд, кораша карду рӯ ба гурез шуд. Мошини бисёре омадааст, кас намедонад, кӣ буду мошини кӣ?

Пичир-пичиру гуфтугӯ идома дошт, ки Раис аз ҷой бархоста, ба ҳозирон бо овози баланд, вале хастаю ҳазин муроҷиат кард:

– Бародарон, рӯз бевақт шуд, зӯр биёяд ҳам, боз каме сабр кунед. Ҳами мардак, дар ҳама ҳолати шодиву ғам шарики мову шумо буд. Ба ҳеҷ рӯ аз мо канданӣ надошт. Ӯро ҳам бо ҳами сарҷамъӣ, бо обрӯи Муҳаммадӣ ба хок супорида, дуои нек карда, баъд равем.

– Худоё, ин чӣ мурдан шуд? Гӯри дигар биковен! – баланд шуд овозе.

Дигаре гуфт: – Ба ранги Ҳорун[1] дар гӯраш кунем.

– Ай не, Раис! – аз миёни мардум овози хиррие баланд гашт. Ҳарчанд дар пардаи нимрӯшани говгум аён набудани чеҳраи сухангӯ, аксарият аз овозаш шинохтанд, ки Самандари бригадир

---

[1] Ҳазрати Мӯсо бо Ҳорун(ибни Имрон) ба кухи назди Байтулмуқаддас боло мерафтанд. Диданд, ду мард гӯр мекананд. Пурсиданд: ин гӯр аз баҳри кист? Гуфтанд: аз баҳри марде, ки ба ин(Ҳорун) мемонад. Гуфтанд: бубин фарох аст ё на? Ҳорун ҷома бадар кард ва дар гӯр хобид ва дарҳол руҳ аз ӯ муфориқат кард…

аст. Ҳанӯз ӯ дар идомаи сухан чизе нагуфта, пичир-пичири байни мардум ғоз ёфта, то ба гӯши раис ҳам расид:

– Оҳ! Аз кулух оташ парид.

– О, ин биргадир ҳурбаи ба сояйи Раис рост нигаҳ кардан надошту…

– Баръакси гуфтаи Раис даҳан кушоданашро касе ёд надораду. Ин ҷуръат аз куҷо пайдо шуд?

– Ба Худо, ки дунё дигар гаштаст.

– Ҳа! Кӣ ёд дорад, ки дар мазору гӯристон одам кушанд?

– Ё. Кӣ мегуфт, ки бригадир ба Раис гапгардонӣ кунад?!

– Мегӯм, ҳамин моҷароҳо шағола шеру шерҳоя рӯбаҳ карданд, чӣ?

Садои хиррии бригадир овозҳои пичир-пичири ҳозиронро пахш кард: – Раис илтимос, бемалол бошед! Хоҳиш мекунам, аз ман наранҷед! Мувофиқи фармудаи қонуни шариат, – овози ӯ, возеҳ шунида мешуд, – аз ақрабои майит, яъне хазинадор аввал ризоят пурсидан лозим. Баъд шустану кафан ва ҷаноза кардан…

– Эй! Ин корҳо дигар зарурат надоранд! Мардака бегуноҳ парониданд! Шаҳид шуд.

– Шаҳидӣ барои ту кори бозӣ аст?! Агар болои молу ҳолаш мепарониданд, гап дигар буд. Ҳоли чӣ?!

– Ҳамин ҳам дараҷа мебарад. Бечора бе ҳеҷ гапу хабар…

– Дараҷа бурдан дигару шаҳидӣ дигар аст, инҳоро аз ҳам фарқ кунед!

– Ба Худо, бе ҳеҷ шубҳаю гумони бад шаҳид шуд, мардак! – боз таъкид кард соҳиби ҳамон овози аввала. – Ба шаҳид шустану кафан ва ҳатто ҷаноза хондан ҳам зарурат надорад.

– Аз хусуси шаҳидӣ дар Ҳадис омадааст, ки куштаи инсон дар чор маврид шаҳид ҳисобида мешавад, – ҷо дуруст карда, гуфт касе аз миёни ҳозирон. Мулло андешид, ки бе ин ҳам рӯз торик шудан дорад, пеши ин мард нагирад, то он чор маврид шарҳ медиҳад, ки шаб нима мешавад. Ҳамин аст, ки мулло гуфт:

– Бале. Ӯ дуруст мегӯяд.

Бисёриҳо нафаҳмиданд, ки мулло кадоме аз суханҳои гуфтаи онҳоро тасдиқ кард. Ва ба ҳам изҳори тааҷҷуб доштанд, ки мулло мушкил осон намуд: – Бе ризояти аҳли байти вай, ба хок супориданамон раво нест, - гуфтаи бригадирро ҷонибдорӣ кард мулло Усмон, ки аз ҷумлаи шахсони боэҳтироми деҳаи Вистан буд.

– Ин хел бошад, – гуфт Боири раис, – Ҳасан, зуд ба мошин

нишаста, ба хонаи онҳо раву боэҳтиёт бош. Ба хубӣ, тавре фаҳмон, ки боз бачаҳояшро талхакаф накунӣ! Вазъиятро бамулоимат фаҳмону баъд ризояти онҳоро пурс. Не, нагӯянд, бо ҳамин тасфи тану сарҷамъӣ ба хок супоремаш. – ҳамчунин таъкид кард: – Ҳаким, ту ҳам ба мошини дигар шину рафта аз хонаи мо ҳам чироғу ҳам ду нурафкан гирифта биёр. Белу каланд кифоя аст ё боз биёрад? – Кифоя! – овоз доданд чанд тан.

Раис боз чизи дигаре ҳам гуфтанӣ буд, ки овози марғуладоре монеи суханаш шуд: – Раис, ақрабояш розӣ шаванд ҳам, маҷбурем аввал ӯро шӯем, кафан печем, баъд ҷаноза кунем. Ин хел яку якбора? Чӣ хел мешавад? Мурдаи одама беҳурматӣ кардан…

– Аз гӯристон мурда ба хона бурдан ҳам хосияти нек надорад. Вазнинӣ ва сияҳӣ меорад, мегӯянд, надонам, – инро гуфта, Раис тавре сарриштаи гапу кор гум карда бошад, дар ҷои истода ба замин нишаст.

– Ҳеҷ гап не. Абӯалӣ Сино мудом аз гӯристон мурда мебурд, – оҳиста ба шахси паҳлуяш фаҳмонд муаллими кимиё.

– О, вай хона не! Пеши бачаву кача не, барои таҷрибаву омӯзиш мебурд. Ба лабаратория! Чаласавод!

– Ун вақт лабаратория аз куҷо?

– Хайр, лабаратория набошад, ягон таҳхонаи барои ин кор мувофиқ. Бе омӯзишу таҳқиқи мудомии мурдаву зиндаи одамӣ Абӯалӣ Синои машҳур намешуд.

Миёни онҳо аз ҳар кую дар чархи тахмину ғайбатгӯӣ гардон шуд:

– Ҳадаф аслан Раис будасту…

– Ту аз куҷо медонӣ?

– Худоро одамӣ бо ақл шинохтаст.

– Ин бечора чӣ гуноҳ дора?

– Гуноҳаш? Намедонӣ?

– О, ман аз куҷо донам?

– Гуноҳаш, пулдорӣ.

– Рост мегӯяд, – тасдиқ кард дигаре.

– Кадоме ба пулҳояш чашм ало кардаст.

– Унқадар ба пулдор монанд набуд ку?!

– Пулдор шоху дум дорад?

– Не. Охир, ҳоли харобу маҳзунаша дида, дилат месухт, мехостӣ пули доштагита ба ӯ диҳӣ.

– Э, вай худаш аз куҷо пул дошт? Хоре надошт тан бухорад. Гап дар сари пулҳои ҳангуфти хоҷагӣ.

– Худо раҳматаш кунад, чунон сахту қонунбозе буд. Бе хату чак ба касе як пули пучак насия намедод.

– Ҳар хеле буд: хоҳ хуб, хоҳ бад, аз мо ва ҳамранги мо буд. Дар неку бад шарики мо буд. Мурдаро бад намегӯянд.

– Бечора ҳайф шуд, се кӯдаки тарак дорад.

– Ягонтоаш мактабхон ҳаст?

– Як нафараш. Дуи дигар ҳоли мактабрав нашудаст.

...Хомӯшӣ. Гӯё гап тамом шуд, дигар сухани мегуфтанӣ намонд. Пардаи торикӣ, ки торафт ҳамаро дар қабзаи худ мегирифт, гӯристонро аз будаш бештар даҳшатзову воҳимаангез мекард. Ходаҳо, сангҳои хурду бузурги сари гӯрҳо, латабандҳои дарозу кӯтоҳи ба ходаҳо печида, ки аз боди дайдуи сар-сарӣ ҳар сӯ алвонҷ ва печу тоб мехӯрданд, ҳар гуна деву аҷинаҳои воҳимаангезу даҳшатзои хаёлиро дар зеҳни зиндаҳо тавлид месохтанд. Мегуфтӣ деву аҷинаҳои афсонавӣ бесухан, балки бо нағмаи фаҳмиданашавандаи латабандҳо ноаён рӯ зада, қасди ҷони одамон доранд... Сари манзилбудагон бар асари кадом як ҳиссу тахайюлоти номаълум худро ба тани ҳамдигар ҷафс гирифтанд. Паҳлуи ҳар як гӯр нафаре истода буд, барои зикри хайр ё навбати ҳамраҳӣ дар роҳи охират, касе пешгӯӣ карда наметавонист.

## 8.

Ба ҳам омадани иқлими гарму нимсарди муътадил на ба ҳама маҳалҳои дунё хос аст, ҳатто дар Тоҷикистон ҳам. Вале деҳаи Вистани биҳиштосо аз ин неъмати Худованд бархӯрдор аст. Ҳар кӣ боре назараш ба ин маҳал афтода бошад, ҳаваси дубора дидан мекард. На танҳо табиати он, балки одамонаш ҳам тавре Абӯрайҳони Берунӣ фармудааст: мардуми маҳалҳои зебо одамонаш ҳам зебою хушфеълу мулоимтабиат мешаванд.

Духтарони холаи Садафмо: Гулбаҳор, Гулхумор ва Гулчеҳра бо синҳори нозанинашон Хайрӣ, гавҳари поки аз садаф беруншуда, балки нишони баҳори ҳақиқиеро дар ин хонадон мемонанд. Ҳар кӣ аз худиву бегонаи деҳа боре ҳам ба ин хонадон гузар карда, назараш ба яке аз ин духтарон афтода бошад, ҳаваси дубора дидан мехӯрд. Гулбаҳор, Гулхумор, Гулчеҳра ва Хайрӣ ба ростӣ ҳама ифодагари номҳояшон буданд, бинандаро на танҳо бо ҳусну латофат, балки раҳу рафтор ва лаҳни ширадорашон мафтун месохтанд. Чанде ҷавонони деҳа, то ба ин рӯзҳои пурмоҷаро дилбохтаи онҳо буданд, бо ҳар васила пайти ошноиву дӯстӣ меҷӯстанд.

…Ҳоло қумандон Беранг (номи аслиаш Баҳодур буд, воқеан аксари силоҳбадастону қумондонҳо лақабу тахаллус гирифта, як навъ номи аслии худро пинҳон медоштанд) Гулхумори нозанинро ба чанг оварда, гоҳ ба дуруштиву гоҳе ба нармӣ болои сари ӯ дарди дил мегуфт: – Солҳост, ки ҷонам хумори ту маро осуда намегузошт. Акнун сад шукри Худои меҳрубон, ки ба орзуи дерина расидам. Бо ту ҳар чӣ ҳавою ҳавасе дар дил дорам, мешиканам. Чунонат кунам, ки… – ба Гулхумор наздик омад.

Гулхумор чизе гуфт, вале азбаски даҳонбаста буд, қумондон Беранг нафаҳмид, ӯ чӣ мегӯяд. Аз ин пеш ҳам гуфта буд, вале ӯ худро ношунида гирифт ва ҳоло ҳисси кунҷковияш боло гирифту скочро аз даҳони ӯ яктарафа карда, пурсид: – Чӣ гуфтан мехостӣ, ҷонакам?

– Девсурати Худозада! Нархари бенӯхта, орзу ба гӯр мебарӣ!

– Ҳа-а, ҳолӣ ҳам дағалӣ дорӣ? – бо мулоимат гуфт қумандон. – Ҳеҷ гап не, ками дигар сабр кун. Баъде к…к…м абрешим мегардӣ, булбулат дигар хел чаҳ-чаҳ мезанад…

Қумандон Беранги ба гуфти Гулхумор девсурати ваҳшитабиат, ба ростӣ ҳам сурати ғалатие дошт: мегуфтӣ одамаки лой бошаду каллаи калони дигареро болои тани харобу дарозаш гузоштаанд. Ҳамон хеле зимистонҳо бачаҳо ба одамаки барфӣ, ба ҷои бинӣ сабзӣ мечаспонанд, бинии дарозу хунбастааш ориятӣ метофт. Чашмонаш аз даруни косахонаи сар мисли чироғи пилтагӣ милтмилт карда, ҳар дам мижа мезаданд. Дастонаш ҳам ба тан мувофиқ набуда, аз буда дарозтар менамуданд. Овозаш ҳамеша дар тағйир буд: вақти ҳушёрӣ дигар ва вақте аз ҳузури ҷон – тарёк баҳра мебурд, дигар хел мебаромад. Азбаски аксар вақт дар кайфи ҳузури ҷон буд, ҳамяроқон бо ҳамон овози хиррии хуморӣ мешинохтандаш. Ҳоло ӯ баъди дубора маҳкам кардани скоч, эътимодбахшии бандҳои дасту пои Гулхуморро санҷид, то ки вақти кайф халалдораш нагардонад.

Гулхумор ҳарчанд кӯшиши дасту по задан кард, илоҷ набуд.

Қумандон шим поён кард, …лаҳзае пас фарёд зад: – Ҷумъахон! Ҷума!

Дастёри ӯ, ба гуфти худаш «Шуми Чума» дарзамон ҳозир шуда, оҳиста, мисле ки худ ба худ мегуфта бошад, овоз баровард:

– Ҳо. Чӣ мегӯйӣ? – қумандон Беранг шими то зону фуровардаашро каме яктарафа бардошта, аз киса коғазчае бароварду ба Ҷумъа дода, амр кард:

– Зуд ба дорухона мошин ҳай куну гӯй аз ҳамин дору ёфта

диҳад. Ва ҳамин ки дору гирифтӣ, ба ягон ҷои дигар кач накарда, рост биё. Бо ягон кас истода гапназанӣ! Ҳатто падару модарат аз пеши роҳ бароянд, наист! Зуд биё! – Ҷумъа равон шуданӣ буд, ки боз дод зад: – Исто! Ма, аввал ин доллара теву баъд гӯй, ки бақия даркор не, лижби доруя зудтар ёфта те. Зудтар! Доруи дар ҳамин коғазча навиштаро… Боз мабодо зихнагӣ карда, бақия напурсӣ!

… – Духтурапа, командири мо шикамрав шудаст. Рих, риха медонӣ? Ма и пула гиру бақияш даркор не. Доруя зудтар ёб, тез-тар равам, ки боз ҳама ҷора ифлос накуна.

Хоҳари шафқат, корманди дорухона коғазчаро аз назар гузаронид: «Шаҳватбарангез». Шояд коғазча иваз шуда бошад? – аз дил гузаронид ӯ. – Аз аскарбача пурсам? Аҷаб не, аз ин ҷавон, ки чар-бзабон метобад, мабодо пӯкида монад гуфта, шахси эҳтиёҷманд аслашро нагуфта, роз нигаҳ доштааст. Худоё, буз дар ғами ҷону қассоб дар фикри чарбу. Одамон имрӯзҳо нони хӯрдан надоранду инҳо дар чӣ хаёланд?! Чӣ бояд кард? Пурсам ё напурсам? Ҳар чӣ бодо бод, беҳтараш пурсам. Додарам, доруи дар коғаз навишта диҳам ё шикамрав?

Ҷумъа аз суоли корманди дорухона ҳайрон кифт дар ҳам ка-шида, гуфт: – Аҳ чум. Дидам, ки дар шимаш тар карда буд.

Духтур бехабарии ӯро мушоҳида карда, мусолиҳакорона гуфт:

– Хайр. Майлаш. Ман аз ҳар ду дору медиҳам.

– Апа! Доруи зӯри сахттаъсири рихнигаҳдор бошад, аввал аз ҳамунаш те, ки яке фармони ба амалиёт рафтан шавад, қафо на-монем. Зуд ба гала ҳамроҳ нашавӣ, «ту тарсӯ» гуфта, боз ҳар гап мекунанд, очағарҳои беинсоф.

Хоҳари шафқат доруҳо ва бақияи пул дароз кард. Ҷумъа доруҳоро гирифта, ҳимматбаландона таъкид кард: – Гуфтам ку. Бақия даркор не.

– Ин пул бисёр.

– Бошад. Дар ёфтани пул миёнаш дард кардаст, чӣ? – инро гуфта Ҷумъа бадав аз дари дорухона баромад. Вай аз он ки супо-ришро зуд иҷро кард, хушдил ба худ тасаввур мекард: шояд аз шеф раҳмат шунида, ягон мукофот ҳам бигирам. Ба ҳамин умед аз мошин башаст фуромада, ба назди Қумандон Беранг давида, аввал доруи шикамрав дароз кард.

– Э, очата фалон к.м! ба ин чизи овардагит! Ин чӣ?! Ба ту чӣ фармудам?! Ба кӯр асо гуфта!.. О, ман ба ту коғазча додам, ку?! Ту чӣ овардӣ?! Онро куҷо кардӣ, ки инро овардӣ?

– Хайр. Маҳ, иқа дод назан. Ку инаша бин, – бо ҳамон оромию

таҳаммули хоси худ, қуттичаи дигар дароз кардан замон, қумандон онро зуд шинохт ва бо ҳамон ҷаҳлу шитоб кушода, ду дона ба даҳон партофту аз болояш абрикола ба сар кашид ва дид, ки Ҷумъа ба ҳоли ӯ нигариста, рост истодааст. Тарафи ӯ дод зад:

– Инҷа, чӣ ҳайкалворӣ истодай?! Ку зудтар сияҳита гум кун! Зудтар дафъ шав! Дига рангу раҳматат набинам! Гум шав!

Ҷумъаи озордидаи интизори мукофот нозеҳ шуда, зери лаб дашном дода, аз дар баромад. Қумандон ба сари кати хоби Гулхумор рафт… болои ӯ хам зад ва ҳамин ки ба тани ӯ расид, аз сардӣ тавре барқаш зада бошад, ҷонҳавлӣ худро пас кашид ва ба рӯи Гулхумор нигарист. Вай кайҳо ҷон дода буд. Барои фаҳмидан боз болои сари ӯ хам зад, дид, ки вақти скоч дубора маҳкам кардан на танҳо даҳон, балки роҳи нафас ҳам бастааст. Боз фарёд зад: – Ҷумъа!!!

Ҷумъа дубора пайдо шуда, як навъ норизо оҳиста гуфт: – Чӣ мегӯӣ?

– Инро, – дар боз кардаву ба тарафи кунҷи хона ва кати хоб ишора намуда, – барои ҷӯраҳоят: каргасу кафтору лошахӯрҳо савғо бар! Онҳо ба умеди инояти мову ту чанд вақт боз дар ин тарафҳо сайру гашт доранд, дар ҳаво ҳар гуна манёвр карда, гӯшу ҳуш ба қиморанд. Зуд бурда пешкаш кун. – ҳолати карахтии Ҷумъаро дида боз афзуд: – Ба ягон ҷарӣ парто!

– Воҳ! Инашро ҳам?!

– Чӣ?! Чӣ гуфтӣ? Падарлаънат «инаш ҳам?»! Ту ҳисоб мекунӣ, ки чанто шуд?!

– Не, – оҳиста гуфт Ҷумъа. – Охи дилта хунук кардӣ, бо чува мекушӣ?

– Эй очағар! Туя кӣ мондаст, ба ман ақл ёд диҳӣ?! Зиндагӣ хоҳӣ, гуфтама, зуд иҷро кун! Зудтар!!!

– Ун ёғии бесари зӯр кӣ будаст, ки гуфтаи шавҳари мана иҷро намекардаст?! – аввал овозу баъд худаш намоён шуд, ҳамсари қумандон Нигор. Вай аз дари боз ворид шуда, ба хотири фаҳмидани он ки ин ҷо чӣ гапу коре шудааст, аз баҳри чуну чаро гузашта, кунҷковона ба атроф нигарист. Ҷумъаи мулоимтабиати оҳистакор, то болои мурда пӯшид, ки назари Нигор ба Гулхумор афтод. Дастони сафеду нозуки занонаи аз зарби банд хунбаста, ҷо-ҷо тасмаи сиёҳеро мемонданд.

– Ин ҷо чӣ гап гузаштаст?

– Ин ҷо ту намерасидӣ!

– Чӣ гап шудаст? – мепурсам.

– Ҳеҷ чиз не!

– Чӣ хел ҳеҷ чиз не?! – вай ба даст сӯи зан ишора кард.
– Ту чӣ гап доштӣ?
– Аввал ба ман фаҳмонед?
– Пурсуҷӯ кам кун! Гӯй, ба чӣ кор омадӣ?
– Гуфтам, як хабар гирам.
– Хабар гирифтӣ. Акнун ба пайи омада, харатро каш!
– Аловгирӣ не! Шавҳарбинӣ, хабаргирӣ омадам.
– Шон, хабаргирӣ омадаанд! Одами мурдора вақту соати хабаргирияш ҳам мурдор аст, – зери лаб гуфт қумандон, вале зан чӣ гуфтани ӯро шунида, худро ба ҳоле аз ғазаб нигаҳ дошту ҷониби кат ишора намуда, бо тамасхуру заҳрханд афзуд: – Аз ҷониби қудо барои фаҳмидани бокира будану набудани арӯси шумо – Қуман-дон Беранг! омадаам! Балки мабодо мурдашӯ лозим шавад, гуфта омадам!
– Йизмагӣ накун! Зудтар ба роҳи омада, баргард!
– Шумо ҳар гуҳе хоҳед, хӯред, майлашу?! Ман ба роҳи омада, зуд баргардам?!
Қумандон аз шунидани ин тамасхури заҳромези зан як ба худ ларзида, боғазаб таъкид кард: – Занак! Қаҳрама набиёру зудтар сияҳита гум кун!
Нигоҳи қумандону зан якбора ҳар ду ҷониби тапонча шуд. Тапонча болои миз аз зан дида, ба қумандон наздиктар меистод. Зан гӯё дар хона қадам мезада бошад, тарафи тапонча рафт ва онро ба даст гирифта буд, ки қумандон башаст ва хеле чобуку моҳирона онро чанг зада гирифту ҳавобаландона гуфт: – Кори буз хирманкӯбӣ нест! Ин барои ту дарзу кӯк ҳам нест!
– Ҳайвон гаштаед, қумандон! Ба худ биёед! Боз мепурсад: чӣ гап дорӣ? Эй ту садқаи гап шавӣ! – ғурғуркунон зан аз хона бадар рафт.

* * *

Аз тангкӯчаи ҷониби дасти рост зане ба кӯчаи калон чамида берун омада, ҳавлона пеш мерафт, аз тарзи роҳравияш тахмин кардан душвор набуд, ки сахт дар ҳаяҷону изтироб аст. Вай баъди чанде пеш рафтан якбора пешпо хурду румоли сараш яктарафа овезон шуд, мӯи ба қад баробараш, ки пушти сар печида буд, ба тан шорид. Зан бозистод, то мӯй дуруст кунад. Вакил ва дастёронаш, ки аз пас ба ин тарафу он тарафи кӯча назора карда, бо мошин оҳиста меомаданд, ҳоли ӯро дида, ба фаросат пай бурд, ки ин зан аз чизе сахт хавотиру мушаваш аст. Ба дастёраш амр кард: –

Мошин нигаҳ дор! Ҳар дуи шумо фуромада, ба ҳамин кӯча ку рӯболо равед! Зуд фаҳмида биёед, ки ин зан аз кадом хона баромад ва дардаш чӣ бошад?! – Яке аз силоҳбадастони дастёраш аз ин амри муҷмалу бесару нуг чизе гуфтанӣ буд, ки Вакил бадқаҳр ҷонибаш нигарист, вай зуд дам дарун кашида, аз пайи супориш шуд. Худи Вакил сари чанбари фармони мошин гузашта нишасту ба рости зан ҳай карда, мошин нигаҳ дошт, дар кушод ва салом дода, гуфт: – Хонум, ба мошин шинед. Як гап пурсиданиям.

– Як гап, кирои нишастан намекунад, нанишаста ҳам пурсидан гиред, – ҳозирҷавобии зан писандаш омад. Вакил башаст мошин тоб дода, рӯи мошин тарафи дигар-роҳи омад гардонд. Акнун ӯ дар ин ҳол, ба зан хеле наздик ва овозрас буд.

– Ба назар хеле асабонӣ менамой, – гуфт бе муқаддима. – Аввал сабаби ранҷишу асабоният фаҳмам, баъд чизи пурсиданиямро, мепурсам. Маро мешиносӣ ё не? Ман қумандон Вакилам. Каси худат барин як зани нозанина ранҷондаро гӯй?! Агар ба забон ранҷондаст, забонаш мебурам, агар даст бардоштаст, дасташ калта мекунам, балки хоҳӣ, зинда пӯсташ меканам! – зан пеши сухани қумандон гирифта гуфт:

– Ҳамсари қумандон Баҳодурро, ки бачаҳои шумо дар ғоибаш Беранг лақаб додаанд, кӣ ҷуръати ранҷондан мекунад?

– Дигаре не! Худаш аз афти кор туро ранҷондаст! – тахминӣ гуфт Вакил. Вале зан гумон бурд, Вакил аз воқеаи чанде пеш рухдода, воқиф аст, бо овози ҳазину гиряомез гила оғоз кард:

– Шумо дигаронро адаб додаву ҳамёроқи худро батамом сарҳӯй мондаед! Вай чашми шуморо duздонда корҳое мекунад, ки ба шаъни одамӣ намезебад, ба дастаи шумо иснод меоварад! Зӯратон расад, пӯст наканда, ақаллан пеши амалҳои бадаш бигиред!..

– Чиҳо мегӯед?! О, вай одами дилпури ман. Ҷӯраи наздикам. Наход чашми моро дуздонда, ҳар гуна корҳои ношоиста карда бошад?! Мо чанд бор нону намаки шуморо хӯрдаем. Худат кайвонии зӯр будай. Хӯрокҳои болаззат мепазӣ, дару девор ва хонаи озода доред! Боз чӣ намерасад, ки? Наход дилаш шавад, ҳамин хел як гулпарии нозанини кадбонуро, ки сад кас ҳаваси ҳамсуҳбатиаш дар дил мепарварад, ранҷонад?! Ҳай Худозадаи ношукре! Рост мегӯӣ. Вақташ расидааст, ки адабаш диҳем! Вай набояд аз ҳамин хел неъмати Худо ношукрӣ кунад! Чӣ хелӣ адабаш диҳем? Аз як пояш овезем? Ё.. – асари ин суханон буд ё макри занона, ва ё алами деринаи ӯро тоза кард, ки дигар худро нигаҳ дошта натавонист, ҳиқ-ҳиқ ба гиря даро-

мад. Вакил зуд аз мошин фуромада, сари ӯро, ки худ моил ба ҳамин буд, ба бар гирифт. Зан аз баҳри одобу расму русум ва шарму ҳаё гузашта, худро тавре ба Вакил танг гирифт, ки мегуфтӣ ошиқони дерин ба висол расидаанд. Вакил тани гарму нарми занро, ки қадаш баробари ӯ буд, дар оғуш гирифта, тасаллӣ додан фаромӯш кард. Бадав омадани дастёронашро дида, Вакил хост худро каме пас бигирад, вале зан худро аз оғуши ӯ раҳо кардан нахоста, баръакс сахттар часпид. Вақте дастёрони Вакил баргаштанд, раҳорах ҳардуи онҳоро дар чунин ҳол: ошиқи печон диданд, яке ба дигаре изҳори тааҷҷуб кард: – О, ин занак шиноси шеф будасту…Ба мо сир бой надод. Як дам истем, то ки дарди дилашона гуфта гиранд?

– Не! Рафтем, – маслиҳат дод ҳамраҳаш, ки бесабрӣ аз сифатҳои писандидааш буд ва ҳоло пеш гузашта, ба онҳо наздик шудан замон гуфт: – Шеф! Фаҳмидем. Қумандон Беранг як занаки бечорая таҷовуз кардаву баъд куштаст…

Зан худро аз бағали Вакил раҳо накарда, дар идомаи сухани дастёри ӯ, афзуд: – Баъди ин, чӣ хел аз Баҳодур намеранҷӣ?! Ман аз чӣ камӣ дорам?! Ношукри намакношиноса бин! Бачаҳои шумо номи мувофиқаш ёфтаанд. Эҳтиёт бошед, занро дугона бадном мекунаду мардро ҷӯра, – вай мегуфтӣ ки солҳо бо Вакил наздик шинухез карда бошанд, таъкид карда, маътали чизе гуфтану нагуфтани силоҳбадастон нашуда, худро аз тани Вакил раҳо карда, равон гашт.

Баъди аз ҳади овозрас дуртар рафтани ӯ, Вакил аз дастёронаш пурсид: – Ҳами занака ба даста гирем, чӣ мегӯед?

– Ҳами Нигори зани Беранга?!

– Ҳо. – Ту вайя мешиносӣ?! – ҷониби дастёраш нимнигоҳе карда пурсид Вакил.

– Камтар. Шунида будам, ки тарбиядидаи хонаи кӯдакони Шаҳринав аст. Ба ин ҷо аз Норак овардандаш. Баъди Шаҳринав кадом як мактаби дигар, техникум ё институт ҳам хондаву… Современий аст.

– Ба ҳамкорӣ розӣ шавад, аҷоиб мешавад.

– Ҳамин шабурӯзо аз шавҳараш сахт беҳурматӣ дида, ранҷидааст, ба ҳар коре гӯем, розӣ мешавад, – гуфт Вакил.

Рӯзи дигар байни силоҳбадастон ин овоза аз даҳан ба даҳан, гӯшӣ ба гӯшӣ гузашт: «Медонед? Зани Беранг маъшуқаи Вакил будаст!».

* * *

Ба дасти Вакил хатчае расид, ки дар он Нигор ӯро ба дидорбинӣ

даъват мекард. Ҳамун Нигоре, ки Вакил дар фикри чӣ тавр ба дастаи «Фидоиён» ҳамроҳ карданаш буд, муштоқи дидори ӯ шудааст. Худоё, ин аз омади тақдир аст ё доме дар пай дорад? Бе ягон дудилагӣ даъвати ӯро пазируфта, дар соату ҷои муайяншуда ҳозир шавам? Ва ё… Наход ӯ ягон қасди баде дошта бошад? Вай аз ман ягон бадӣ надидааст, ку?! Мабодо бо амри Беранг тарҳи ягон амали баде кашида бошад. Не, боз ҳам не. Охир вай аз Беранг дилмонда аст, дилмондагии зан ба осонӣ рафъ намешавад, балки оқибати нек надорад. Ба осонӣ ва ин зудӣ аз гуноҳи Беранг гузаштанаш багумон аст… Лекин мо. Мо ку ба пагоҳ нияти дигар дорем. Чӣ бояд кард? Аз баҳри амалиёт гузарам? Бигузор ҳайати даста уҳда карда амалӣ созанд. Лекин. Лекин намегуфта бошанд, ки: «Амалиёти хонаи Боир ки хатари бузург дорад, худро канор гирифт…».

…Паҳлуи кати хоб мизи болояш пур аз нозу неъмат: шарбату нӯшокиҳои спиртӣ – арақу коняк ва барои ду нафар ҷомҳои хурду калони заррин гузошта шуда буд. Ин хона ва ин хони пур аз нӯшу неъмат ба ҷуз шикам сер кардан маънии дигаре ҳам дошт, ки барои фаҳмидани он соҳиби ақли комил будан шарт набуд. Нигор аз ҷумлаи меваҳо ва пораи тарбуз сурати дил кашида, сабзие ба ранги хаданги партобӣ ҷониби дил гузошта буд. Вакил ин ҳамаро дидан замон ба маънии таҳдори он пай бурд. Нигори бе он ҳам нозанин сару зулф оро дода, атри хушбӯи фаронсавӣ зада, хилъати ҳарир ба бар кардаву бо банди алобуло, ки мегуфтӣ думи паланг бошад, миён баста буд. Чоки гиребони хилъати ӯ ба ҳаде кушода буд, ки дами андаке хам зада, чизе гирифтану гузоштан кулчаи синаҳои тарангу дамидааш намоён шуда, шаҳвати меҳмонашро барангехтанд… Вакил бо сари ангушт миёнбанди думи палангии ӯро чирт кардан замон хилъат боз шуда, тани урёни ба ваҷдоварандаи зебои зан батамом пеши назар ҷилвагар гашт…

…Вақте Нигор пас аз ҳамхоба шудан ба ҳуш омад, бо ҳайрати тамом болои сари худ андешаманд нигаристани Вакилро дида, ба хубӣ маънӣ бардоштаву аз барои чӣ дар ҳайрат мондани ӯро ба фаросат пай бурд. Нигор бе он ки ӯ чизе пурсад ва ё мунтазири пурсиши Вакил шавад, болишт ба такия кашида, лаб ба қисса кушод:

– Ана ҳамин хел гапу кор ҷаноби Вакил. Ман Зулайховор се сол аст, ки бо қумандони шумо ҳамсарам ва бо ӯ ҳамеша содиқ будам, вазифаҳои ҳамсарии худро аз дили соф, аз нигоҳи шариат ва хутбаи ақди никоҳ ба уҳда гирифтаам, ба ҷо меовардам, ҳарчанд метавонистам аз ҳафтаю моҳҳои аввали хонадоршавӣ, ин

роз ошкор созам, вале ин ҳама солу моҳ сабру таҳаммул пеша кардам. Гуфтам: аҷаб не, ноороміи асаб аст, имрӯз не, пагоҳ хуб мешавад. Имрӯзу пагоҳи ман се сол тӯл кашид ва дар ин муддат боре дар дили ман фикри хиёнат ба ӯ пайдо нашуд ва умед доштам, сабру таҳаммули ман мерасад ва ҳеҷ гоҳ фикри хиёнат пайдо намешавад, – Нигор бо гӯшаи ҷилди болишт ашк пок карда, бо овози ҳазину дилреш идома дод: – Ман борҳо ба қумандони шумо маслиҳати табобат додам, вале ҳар бор ӯ ба дуруштӣ рад мекард ва худро солим вонамуд месохт ва шояд солим ҳам буд, вале на бо ман… Акнун ки дафъаи севум аст, ман шоҳиди хиёнат ва ҷинояти ӯ шудам, дигар косаи сабрам лабрез шуд, тоқатам тоқ гашт… Ростӣ намедонам, дар ин замони нооpом, ки ӯ худро ҳокими вақт, нархари бенухтаи якто мепиндорад, зани чандум аст, ба мурод расида ва ё нарасида мекушад ва ин дафъа сари кафида зери тоқӣ намонд, шумо ҳам аз моҷаро воқиф шудед. Вай ростӣ ки ба як маняки бераҳму шафқат бадал гаштааст. Агар раҳу рафтори ӯ пешгирӣ нашавад, Худо медонад, то поёни ин ҷанги бемаънӣ чӣ қадар зану духтарони дигари мардум туъмаи нопоки ӯ ва бадномзада мешаванд…

Вакил аз ҷой бархост, андешаманд чизе нагуфта, либос пӯшид ва бастаи саддолларӣ болои миз гузошта, бо ҳамон ҳолати саргармии андешаҳои худӣ аз дар баромаданӣ буд, ки Нигор базудии зуд бастаи пули гузоштаи ӯро бардошта, башитоб пеши роҳаш гирифту ба дасташ дода, гуфт: – Эҳтиёҷ надорам. Аз ин бастаҳо дорем.

– Ин ҳам истад. Халал намерасонад.

– Не.Боз вай аз ман гумони бад набарад.

– То ман зинда ҳастам, на фикру бими гумони бад бикуну на хатари дигаре.

– Бо вуҷуд, – ба Нигор исрори Вакил хуш наомад, ки гуфт: – Ман танфурӯш нестам ва ният ҳам надорам! Балки ба ту дил бастам.

Табассуми қаноатмандонае дар чеҳраи Вакил соя андохт. Вакил хомӯш ангуштарини худро, ки нигинаш лоҷварди пок буд, чашми бинанда мебурд, ба ангушти ӯ гузаронид.

Рӯзи дигар Беранг дар ангушти ҳамсараш ангуштарини таърифии Вакилро, ки аз хосиятҳои муъҷизаофарии он дар суҳбатҳо ҳар сари чанд вақт гап карда буданд, дидан замон шинохт, вале бо вуҷуд забони маломат ва ифшои роз нигаҳ дошт, то бубинад, ки ба ростӣ ҳам, азони Вакил аст ё ба ҳамун монанд. Пагоҳӣ ҳамин ки ҳар ду дучор омаданд, Вакил кушиш кард, дасташро, ба хусус

ҳамоне ки дар ангушт ангуштарӣ дошт, аз назари Беранг пинҳон дорад, вале нашуд, набудани ангуштарӣ ба Беранг маълум гашт ва дигар барояш ҷои шубҳа намонд.

* * *

Нигор барвақтхез буд, вале ин пагоҳӣ ҳарчанд кард, худро ҳушёр кардан натавонист. Шавҳараш, хизматгорзан ҳам ба бедор шудану нашудани ӯ аҳамият надодаанд. Бо вуҷуди дер бедор шудан, бедор шуда бошад ҳам, рӯи бистар дароз кашида, майли хестан надошт. Манзараи ун зани хуфтаи даступобастаро, ҳарчанд кӯшид на шаб пеш аз хоб ва на лаҳзаи ба хоб рафтан ва на инак, аз пеши назар дур кардан наметавонист, чизе ба ранги ҳалқадавак гулӯяшро беист фишор медод. Назараш ба тали дискҳо афтод, ки шаб барои фаромӯш кардани он манзара як-як ин ҳамаро монд, вале ҳеҷ кадоме ба дардаш нахӯрд, на тамошо кардан тавонисту на фаромӯш. Аҷаб ҳолате дошт. Хост ба дугонааш занг занад, ёдаш расид, ки ба Вакил аз хусуси меҳр, садоқат ва намакношиносии дугонаву ҷӯра чӣ гуфта буд. Аз даруни ҷойгаҳ каме яктарафа хам зада, даст дароз карду хост аз ғаладони тумбучкаи паҳлуӣ доруи оромибахши асаб бигирад, дасташ ба қуттичаю бастае расид, ки пештар он ҷо набуданд. Зуд аз ҷой хест ва он қуттичаю бастаҳоро, ки дар набудан ва ё вақти хоб будани ӯ гузоштаанд, аз назар гузаронид: ду хели атри фаронсавӣ, ду хел атри арабӣ, ки ба ҳаминҳо монанди як навъашро аз бибиҳоҷии шиносаш аз ин пеш «ба муроде, ки сафари ҳаҷ ба ӯ ҳам муяссар гардад» туҳфа гирифта буд. Нусхаи гарданбанде, ки замони духтариҳош дар гардани муаллимаи забони англисиашон дида, солҳо боз ҳаваси доштани он мекард, куртавори атласи «Намози шом» ва бар замми инҳо бастаи доллар ва дар коғазчае ин сатрҳо буд: «Ҷонам! Ин ҳама фидои ту. Мехоҳам ин матоъ ва ороишотро дар танат бубинам ва аз шамидану бӯидани сару баёзи гардани ту лаззат барам». Аз ҳусни хат кӣ буданашро нафаҳмид. Кӣ оварда бошад? Шавҳараш? Не! Вай мебуд, бо дасти худ, аввал як қасри миннат бино кардаву баъди пургӯӣ туҳфа мекард. Ба ғайр аз ин, бо Вакил будани маро фаҳмида бошад, дар ду дунё туҳфа аз гӯшаи хаёлаш намегузарад. Баръакс ягон балои ногаҳоние ба сарам набиёрад, сад шукр. Не. Наход Вакил? Худ ба худ суол кардаву аз касе напурсид, ки инҳо инъоми кӣ бошанд?.. Шояд ин ҳамаро Беранги Худозада, ҳанӯз аз рози миёни ману Вакил бехабар, барои пӯшондани гуноҳи онрӯзаи худаш оварда бошад, – аз дил гузаронид ва бар асари ин хулоса буд ё доруи оромибахши асаб, ки каме осуда шуд Нигор.

## 9.

Аз сари субҳ ҳаво тира ва моил ба боронгарӣ буд. Ба абрҳои сиёҳи ҳарҷогард дуди ғализи хонаҳои оташгирифтаи Вистан ҳамроҳ шуда, ҳавои болои деҳкадаро боз ҳам тира ва дилгир карда буданд. Ҳама ҷоро як ҳолати ҳузнангез фаро гирифта, мегуфтӣ аз он ғалмағалу садои хандаю шодӣ ва ободии Вистан нишоне намондааст.

Бо амри Вакил ба ҷуз онҳое, ки бо дурбин ба назораи даробуро ба хонаҳои Боири раис, Ҳотам Ҳакимбоевичи директори фабрика ва муҳосибони хоҷагӣ вазифадор шудаанд, дигарон мебоист ба қароргоҳ ҷамъ меомаданд ва ҳоло даъватшудагон пичир-пичир аз ҳамдигар чӣ гапу коре будан ва ба хотири чӣ даъват шуданро мепурсиданд. Вакил дар ҳоле, ки аз шодӣ чеҳрааш барқ мезад ва мехост он ҳама шодиву хурсандии чандмоҳаи аз ин диёр реҳлаткардаро дар ваҷоҳати худ таҷассум созад ва барои он ки ҳозирон ҳама ӯро ба хубӣ бубинанд, сари баландие баромад.

– Бародарон! Севанчӣ диҳед! – сухан оғоз кард ӯ, – Муждаи хуше дорам ба ҳайати дастаи «Фидоиён». Шукри Худо, бародарони эронӣ ба мо пешкаши кӯмаки хайрияи худро сар карданд. Гуфтушунидҳо ва саъйи бародарамон ҳазрати Умар натиҷаи дилхоҳ доданд… Аз номи ҳамаи шумо ман ба бародарони эронӣ ва ҳазрати Умар, ташкилкунандаи ин амали нек ташаккур баён мекунам. Бародарон, донед, ки амалҳои нек аз ҷониби Худованди кариму раҳим пазируфта шуда, дар доираи як маҳал боқӣ намемонанд, садҳо садду монеаҳоро гузашта, ба дуродур мераванд ва номи накукоронро машҳур ва вирди забонҳо мегардонанд. Ва инак, донед, ки ном ва корнамоиҳои дастаи «Фидоиён»-и мо аз марзу буми Тоҷикистони азиз ба некӣ берун рафтааст… Гапа зиёд намекунам! Марҳамат, ба ин тараф гузаред ва худатон бо чашми сар бубинеду ба гуфтаҳои ман бовар бикунед! – ҷониби дари анбор ишора намуда, аз теппача поин шуд. – Гузаред ва чизи бароятон дилхоҳро хуш карда гиред!

Якбора овози хушу хурсандӣ аз миёни ҷамъомадагон дар атроф танинандоз гашт. Ҳанӯз садои «Оҳ-ҳо, чи хел нағз! Чи хел хуб! Ана инаш аз ман! Ку,бубин ба ман мезебад?», «Як ин тараф нигоҳ кунед» ва боз ба ҳамин монанд гуфтугӯ ва изҳори шодмониҳо пасанда нагашта, аввал миш-миш шуд ва баъд бо ово-

зи ба ҳама шунаво касе буд, ки гуфт:

– О, ин бору буна ҳама аз Душанбеи худамон ку?!

– Ба Худо, ки ҳақ мега! Ина, ҳама молҳои истеҳсоли фабрикаи дӯзандагии «50 солагии Тоҷикистон»-анде! Касе ба гапам бовар накунад, мана бинад, коғазчаҳои этикеткаҳошона! Ина ярлик!..

Вакил чунин ранг гирифтани кору пайдо шудани шубҳаро умед надошт, ки дар хиҷолат монда, ошуфта гашт, дарзамон ранги рӯяш канд, намедонист чӣ ҷавоб гӯяду пеши шакку шубҳаи онон-ро бигирад. Акнун аз он хушҳолие, ки лаҳзае пеш дар вуҷуд дошт, ному нишоне намонд. Умар ҳоли зори ӯро аз ҳама пештар мушоҳида намуда, ба мадад расид, ҷониби гӯянда, қадаме пеш гузошта, бо овози баланду қатъӣ чунин таъбир кард: – Дуруст гуфтӣ, сағера! Ҳама аз моли Тоҷикистонанд!

Вакил дар ибтидо ба таҳти сухани Умар нарасида, ҳоли бадаш бадтар шуд, дарзамон худро пеши ҳамяроқон таҳқиршуда, дурӯғгӯ ва фиребандае дид, ки аз ёрони худ шарм намедорад ва боз Худро аз онҳо беҳтару бартар меҳисобад… Аз дили озурдаи ӯ дарзамон чи гапҳои аз ин ҳам бадтар гузашт, Худо беҳтар медо-над.

Умар ин дам ба суханаш идома дода, ба гӯяндаи шубҳаю гумон бо ҷаҳл таъна зад ва бо ҳамон оҳанги дурушт пурсид: – Лекин ту ба мо гӯй?! Медонӣ, ки аз Эрон то Душанбе чӣ қадар масофа аст?! – ҳамяроқи шаккокаш ҳанӯз лаб ба сухан во накарда, худ боз бо ҳамон оҳанги таънаомез таъкид кард: – Бовар дорам, на танҳо то Эрон, балки ҳатто то Маскав, ки замони шӯравӣ беисту монеа, бе ҳамун шиносномаи хориҷӣ равуои озод доштем, чӣ қадар дурӣ буданашро намедонӣ! То Маскав чоруним ҳазор километр аст! Акнун то Эрона худ тасаввур кун! Ин ҳама молу ҳолро то аз Эрон ба Тоҷикистон аз чанд давлату гузаргоҳи гумрукӣ чуну чаро кар-да, гузаронидану интиқол додан дида, яъне овардан, оё аз ҳамин ҷо харидан беҳтар ва арзонтар намеафтад?! Ана барои ҳамин ба-родарони эронӣ, ки назар ба мо дар ҳунару илми тиҷорату доду гирифт пухта ва комилтар ҳастанд, ба бародарамон Вакил пул до-даанд, ки аз ҷои худатон, табъи дили худатон, чизи ба худатон заруру муҳиму лозимӣ, аз номи мо харида, худатон туҳфа кунед. Вакил бошад мана бинед, колои зиёду ҳархела бароятон бор карда овардааст, лозимашро бигиред, ғами боқимондаро нахӯред, ҳисобашро меёбем. Ба ягон ятимхона, ки ҳамин шабу рӯзҳо бесоҳибдарак гашта, рӯ ба раҳми Худо мондаанд, бурда хайр ме-кунем. Яке аз рукнҳои Ойинномаи дастаи мо хайру саховат ба

мардуми камбизоат ва беваю бечораҳост…

– Ҳамин хел сафедкунанда бошад, Худо як аст, ними дунёра алов занӣ ҳам ба поят хор намехалад, – оҳиста ба ҷавони паҳлуяш гуфт Бердӣ. – Бовар мекунӣ ё не, мо инҳора дина шаб аз мағозаи марказӣ ғорат кардаем…

– Аку Валлоҳ, ки рози кулоҳи Масъудияш ҳам бароям рӯшан шуд. – дар тақвияти сухани ӯ гуфт ҳамсилоҳи дигар.

Вакил зуд-зуд ба ранги баъзе аз ҳунарпешаҳо сару либосашро дигар – дигар мекард ва боре бо ифтихор гуфта буд, ки Аҳмадшоҳи Масъуд, Қаҳрамони машҳур ва миллии Афғонистон, ки корнамоиҳояш як навъ шакли афсона гирифтаанд, «Аз Афғонистон бароям як сару либос туҳфа фиристодааст. Ва ин кулоҳ, ки сари ман мебинед, нусхаи кулоҳи худаш аст, ки ба ман инъом кардааст!».

Вакил зуд паҳлуи Умар гузашта, дар ҳоле ки ҳар ду бари ба бар рост меистоданд, ноаён кафи дасти ӯро ба каф гирифт, андаке такон дода, бе сухан барои дастгириаш миннатдорӣ баён кард.

…Ҳоло як поси шаб гузашта, аз ин ҷову он ҷо фарёди тоқа-тоқаи хурусҳо, ки хеле ва хеле кам, шояд дар Вистан ангуштшумор мондаанд, шунида шуд. Дари дафтари кории дастаи «Фидоиён»-ро башаст боз карданд. Пештар ҳар гоҳ силоҳбадасти навбатдор медаромад, иҷозаи воридшавии корафтода мепурсид, вале ҳозир ду тан ҳамяроқон пешодумкол як навъ калавида, кӯшиши аз ҳам пешгузарӣ кардаву ворид гаштан замон, бе салому алайк якеш, ки ба назар калонсолтар менамуд, ҳарф чинда гуфт: – Х-х-х…аз…рат! – аз афти кор масти лояқил буд, ки даҳон гапаш намегирифт, ба ҳоле худро ислоҳ карда, ба ҷои х, ҳ. канда-канда Ҳазрат гуфт. – Да х о на и Ра ис бӯр иё кӯ бон. Ма р ха мат. – ва ба тақлиди ҳунарманди ҳаҷвнигор аз намоишномаи «Хизматгори ду хоҷа», даст пеши бар гирифта каме хам шуданӣ буд, ки ба зону зад ва ба ҳоле рост шуду дигар мунтазири чӣ ҷавоб гуфтану нагуфтани Вакил нашуда, пас гашт ва ба ҳамроҳаш ба маънии пеш гузар, рафтем, тунгӣ зад.

Вакил аз ин рафтори густохонаи ҳамяроқон наранҷида, зуд тапончаи Макаровро, ки паҳлуи миз меистод, гирифта дар ғилофи тасмаи шим ҷо кард, корд ба наём зад ва аз дар баромада, ба ҳамяроқони навбатдор, ки дар берун, саҳни қароргоҳ саргарми дуд додани сигор ва суҳбат буданд, чунин дастур дод:

– Қароргоҳро бе кас намонед! Баэҳтиёт бошед! Мо равем, ку ин шербачаҳо чӣ гуна бурёкӯбон ташкил карда бошанд, – ба ишора маътал будани ӯ маълум гашт. Аз пояш ду нафар аз нигаҳбон,

яке ҳавлона сигор чирт карда, ҳарчанд шитоб доштанд қомату вазни худ яктарафа болои он гирифта, бо пошнаи туфлӣ онро зер кардаву тоб хурд ва дигарӣ сигор ба дур партоб намуда, чолок ба мошина нишастанд ва дар як чашм ба ҳам задан ба назди биное расиданд, ки дар қиёси дигар иморатҳо ба атроф ҳусн бахшида буд. Ин хона, хонаи Боири раис буд. Ба ростӣ ҳам хонаи раисӣ буд. Ҳамон хонаю ҳавлие буд, ки чанд муддат аст, зери назораи ёрони Вакил аст. Дар ҳамин шабу рӯзҳое, ки дар кӯчаҳои Вистан бар асари дуду оташ бароҳатӣ нафас кашида намешавад, ҳавои ин ҷо ба ранги маҳалҳои соҳили баҳр нарму сабук ва роҳатфизо аст. Гулу буттаҳои сарсабз, дарахтони ғор(лавр), хурмо, бурсу санавбар, шамшоду маҷнунбед ва дигарҳо, ки ба ростӣ ҳам аз дигар мулку давлатҳо оварда буданд ва «оварда» номашон мебурданд ва мислашон дар боғи марказии пойтахт дида намешуд ва фавворахои хурду бузург, ки бо насби моҳиронаи фирӯзонакҳои рангаи гулобӣ, сабзу зарду сурху ҷигарӣ ҷило дода, олами афсона тавлид сохта, дил мерабуданд ва ҳавои атрофро муаттар менамуданд. Паҳлуи даромадгоҳи дарвоза хоначае буд, барои нигаҳбони ин хонаву ҳавлӣ ва бо навтарин асбобу воситаҳои техникӣ –аз қабили телевизору компютер ва дастгоҳи ба симхорҳои девори ҳавлӣ васлкунандаи барқ муҷаҳҳазшуда, аз ин ҷо на танҳо дохили хонаву ҳавлӣ, балки атрофи наздикро зери назора гирифта, озод дида мешуд. Шербачаҳои Вакил ин ҳамаро ончунон ба зиракӣ омӯхтаву ғофилгир карда, безарар гардонида буданд, ки на танҳо соҳибхонаҳо, балки нигаҳбонон бехабар монданд ва ҳоло онҳо аз кардаи худ қонеъ бо дили пур айшу нӯш ва хушҳолӣ доштанд.

Чандест хандаю шӯхӣ ба гуфтае аз ин диёр кӯч баста буд, вале ҳоло садои қаҳ-қаҳа то беруни дарвозаи ҷигариранги баланду дутабақаи акси шерҳои ёлдамида ҳаккокишуда ва ба хотири омадани меҳмонон боз возеҳ шунида мешуд. Мошини сохти хориҷии Вакил вориди ҳавлӣ гаштан замон, чанд нафар истиқболгиранда, як навъ дастҳо пеши бар калов-калов наздик омаданд. Аз калавидану ба ҳоле роҳ рафтан ва дастпоча шуданашон яқин буд, ки ҳама мастанд. Аз як тараф садои ғалмағал, гуфтугӯи баланди одамони ширакайфу маст ва аз дигар тараф хандаю шӯхӣ ва фарёди ҷонкоҳонаи занонае шунида мешуд. Вакил ба ин ҳама, ки гӯё кори муқаррарӣ ва табиӣ бошад, эътиборе надода, бими он дошт, ки дар миёни ин хурсандӣ ягон нохалафе ғофилгир кардаву ногаҳон тирашназанад. Ҳарчанд ин ҳама, на танҳо ин ҷо, балки дар хонаи директори завод Ҳотам Ҳакимбоевич ҳам ин бегоҳ, ба ибораи худашон «ташкилӣ» бо маш-

варати ӯ тарҳрезӣ шуда буд, худро тавре вонамуд сохт, ки акнун огаҳӣ меёбад: – Ҳай бачаҳои қобиле! Базма бе мо шуруъ кардаед, ку?! – суоли умумӣ дод, ба онҳое ки ба истиқбол омада, аз бару пешаш ба ҳар тараф бор гирифта мерафтанд. – Хӯриши ҳаққи мо фақат каҳу камол мондааст, ё?.. – интизори чӣ ҷавоб гуфтани онҳо нашуда, боз пурсид Вакил.

– Ин хел нагӯед, ҳазрат. Ба садоқати чокарони худ шубҳа накунед, – ҷавоб гардонд яке аз истиқболгирандагон. – Барои шумо беҳтарин нӯшу неъмат ва зеботарину ширинтарин нозданаи ин хонадонро нигаҳ доштаем…

– Калони хонаро куҷо кардед? Ҳамоне ки аз дастдарозияш ифтихор дошт?! Ва ба мо таҳдид мекард?!

– Дасти дарозу пои кӯтаҳаш баста, дар кунҷи анбор. Аз давлату сарвати аз даст рафта, қисмати талху толеи бади худ ба даргоҳи Худо нолида, шиштааст.

– Подоши азобҳои ба дигарон дода мебинад.

– Қанд занед! Чашм нарасад, дар баъзе корҳо ҳай қобилед, да-а!

– Устодамон шумо бошед.

– Ҳар кас ҳам ҳунари шогирдиву қобилӣ надорад. Танҳо чокарону дастёрони шумо ба ин қодиранд…

– Ками дигар дер мемондем, фирор мекарданд, – хабар дод Мирзо, оне ки ба назар ин ҷо саркардаи ҳамяроқон буд. – Ҳазрат аввал ин тараф гузашта, аз нӯшу неъмат баҳра гиред, ба камари худ қувва зам кунеду баъд ба ҳарамсаро, назди дурдона дароед. Эркатулфор, аз «шодӣ» ашк рехта, ба Худо зорӣ дорад, ки ҳазратро зудтар расонад…

Ин дам аз дари нимбози яке аз хонаҳо овози илтиҷою гиряи занонаро пахш намуда, садои мағрурона возеҳ шунида шуд:

– Ман туро дар ҳамон кате, ки Раис ба номуси дигарон дастдарозӣ мекард… – Ин суханҳо ба ҷойи раҳму шафқат, ҳисси шаҳвонии Вакилро бедор карданд, ки гуфт:

– Чил сол боз менӯшему мехӯрем! Дурдона куҷост?! – ва пеш гузашт. Вакилро назди дурдона, духтари ноболиғи Боири раис бурданд. Лаҳзае нагузашта, фиғони духтар дар фалак печид. Онҳое, ки шикам сер кардаву нафси шаҳвонӣ қонеъ намуда буданд, аз бору бунаҳои хонаи Раис ба қадри зӯррас, чанде дар мошин, дар пушт, дар дасту бағал бардошта, мисли бозгашти бозоракиҳо мерафтанд. Яке ба дигаре эрод гирифт:

– Эй, ту аҳмақ будай! То ин кӯрпаи ночиз гирифтан, ягон чизи қиматбаҳои кирой қаҳт зада буд?!

– Албатта, ман ҳам ҳамина мехостам, лекин то омадам, чизҳои қимату баарзиша мангирифту тақсиму тарака карданд. Аз хирс мӯе, ба мани бетолеъ ҳаминаш расид. Дасти холӣ наравам гуфта…

Вакил баъд аз шустушӯ, худро гӯё пок карду амр дод: – Хӯрдание барои мо монда бошед, гиред, ба қароргоҳ мебарем. Бо шербачаҳо бо ҳам мебинем, – вай инро ба маънии меҳрубониву ғамхорӣ ба ҳамсилоҳони худ гуфт, вале дар асл ҳарчи зудтар аз ин манзили хатар, ҷон ба саломат бурдан дошт. Вай инро гуфта, тарафи мошин роҳ гирифта буд, ки боз ҳамон яроқбадасти саркардаи ин амалиёт Мирзо, пеши роҳаш баромада, пурсид: – Ҳазрат, нагуфтед, калони хонаро чӣ кор кунем?

– Ками дигар бардошт! Сабр! Сабр кунед. Ку бо шербачаҳо чӣ ҷазо доданашро машварат кунем.

– Чӣ ҷои машварат? Вай дар ҳаққи мардум кам ҷабр кардааст, ки боз таҳаммулу бардошт кунем? Ба мо ҳам чандон назари хуш надошт, ба болои он, боз писараш рӯйрост бадхоҳи мо буд. Дасташ мерасид, дар пӯсти ҳар кадоми мо каҳ ҷо мекард…

– Медонам. Бо вуҷуд. Вай одами майда нест, шишка аст, шишка! Мефаҳмӣ?! Намешавад, ки бо як шасти даст аз баҳраш гузарем. Ин ҷо гап дигар аст. Манфиатҳои хурду бузург дар пешанд! – гуфта дари мошин пӯшиданӣ буд, ки Мирзои қумандони масъули ин «буриёкӯбон» боз хабар дод: – Ҳазрат, дар хонаи Ҳотам Ҳакимбоевич ҳам «ташкилӣ» дорем. Ун ҷо ҳам дурдонаю ноздонаҳои гулчини модараш бӯса накарда ҳаст, як сари қадам намегузаред? Мабодо дилатон боз хоҳад, ки…

– Не. Шакара камаш хуб. Барои ман кифоя. – як навъ шикастанафс будани худро нишон доданӣ шуд, – Худатон хурсандӣ кунед, дунёя ҳаминаш мемонад. Хайр.

Мошини Вакил ба ҳаракат даромада, аз худ дуди талх боқӣ монда рафт, силоҳбадастон хона бе хушдоман дида, яке аз дигарӣ пешдастӣ карда, ба сари дастархон, занҳои даступобаста ва ғорати хурду резаи молу амволи боқимондаи хонаю ҳавлӣ давиданд. Аз ҷасту хез ва кайфияти онҳо вақти зиёде сипарӣ нагашта, боз овози башаст истодани мошин баланд гашт.

– Ку бубин! Чӣ гап шуд, ки аз роҳ бозгаштанд? – таъкид кард Мирзои қумандон наволаи даҳон рӯи хон гузошта. Башаст ва якбора пайдо шуда, истодани мошини сабукрав, баланд гаштани ғиҷҷироси чархҳо нигаҳбонони ширакайфи силоҳбадастонро батамом ошуфта сохт. Онҳо аз кайфияти шикамсерӣ шароб нӯшидан ҳанӯз ба худ наомада, маънӣ набардошта, ки чӣ гапу кор рӯ за-

даст, чор дари мошин баробар кушода гашта, дарзамон беовоз нигаҳбононроончунон чобукона аз по афтоданд, ки ба чӣ ранг сурат гирифтани ин корро касе пайхас накард. Омадагон, мисли он ки куҷо будани ярокбадастонро хуб медонистанд, ба ҳуҷум гузашта, дар як чашмпарӣ теппаи мурдаро миёни ҳавлӣ гузошта, Боири раисро озод карданд, мурдаи ҳамсару духтари ӯро бо як чобукии ҳайратовар ба мошин бор кардаву фирор намуданд.

...Занги паёпаи телефон Вакилро аз хоби роҳат бедор кард. Бе муқаддима касе буд, ки хоболуд нашнохт, гуфт: – Куҷо мегардӣ?! Аз ҳоли мо намепурсӣ? Худо, капаи ин қаровулони таърифиат дар гирад! Ту моро ба умеди киҳо монда мегардӣ?! Имшаб хоҳару духтарат хонаи Ҳотам ден рождений мерем, гуфта ина то ҳолӣ дараки мурдаю зиндашон нест. Хабар омад ки ҳамун ҷа чанде духтарҳора бесатр карда, куштаву мурдаҳошона куҷое бурда партофтаанд... – дигар гиря нагузошт идомаи сухан бигӯяд.

Пас аз шунидани занги телефон, ғазаби дарандаи захмиро дида бошед, ҳоли Вакилро ба ҳамун монанд тасаввур бикунед. Вай телефон ба ҷояш гузошта, дар як они воҳид ҳамроҳи дастёронаш ба хонаи Ҳотам Ҳакимбоевич расиданд. Вакил тапонча дар даст бозӣ доронда, бо овози аз одамӣ дида, ба даранда монанд дод зад: – Сағераи ганда аввал хеши худаша фалон мекунад, гуфтани мардум беҷо набудаст. Шумо дар ҳамин Вистани сераҳолӣ дигар одам наёфтед?! Дигар касро надидед?! – садои даҳшатзои ӯро овози тири тапонча пахш кард, ҳар кӣ аз пеши рӯяш баромад, ба ибораи мардумӣ нархи пиёзу сабзӣ напурсида, ба гуфти худаш пешониша рангин кард. Одаме медидӣ, чун ниҳоли қаламзада аз по меафтад, як бар-бар аз зану мард, силоҳбадасту бесилоҳ рӯи замин ғелид... Дигар касе набуд ҳурбаи пеш баромадан бикунад ва худаш ҳам чи фикре ба сараш заду ба дастёронаш ишораи рафтем кард ва вақти ба мошин нишастан: – Ба хона! – амр кард.

Ба дарвоза наздик шудани мошини Вакилро дидан замон дарвоза боз карданд. Ҳамин ки мошин вориди саҳни ҳавлӣ шуд, бо ишораи ӯ нигоҳ доштан замон аз мошин берун ҷаҳид ва бе он ки аз силоҳбадасти назди дарвоза чизе пурсад ва ё бигӯяд, бо таъбири дӯстдоштаи худаш пешонӣ рангин кард. Садои тир шунида, аҳли хонаводаи ӯ аз тирезаи ошиёнаи дувум берун нигаристанд. Вай чархи тирдони тапонча тоб дода, батакрор баланд садо кард: – Мерган! Ҳо Мерган! – сардори посбонҳои хона ларзидаю бо сад гумону тахмини ҷонкоҳ назди ӯ ҳозир шуд.

– Ту Мерган не! Ту марган! Яъне, ба марг маҳкумшуда!

Фаҳмидӣ?! –дод зад Вакил ва тапонча ҷониби пешонаи ӯ рост карда буд, ки ҳамсараш бо вуҷуди обистан будан, бо як чолокии ҳайратовар аз пас расида, дасти ӯро боло бардошт ва бо оҳанги зориву тавалло гуфт:

– Вакил ӯ гуноҳе надорад. Ӯ розӣ набуд. Гуноҳ аз ман гузашту.

– Аз ту?!

– Ҳо. Аз ману. – инро гуфта сокит гашт, ашк гулӯгираш шуд. Вакил мили тапонча тарафи ҳамсараш гардонда, сухани охирини ӯро такрор намуда дод зад: «…аз ману» кӣ?! Зуд гӯй! Зуд!!!

Ҳамсараш ба ҷойи кӣ буданро гуфтан, оҳиста-оҳиста худро ба ӯ наздик гирифт, ба ҳаде ки ба тани ӯ расид ва тифли батнаш, ки ҳамун шабурӯзҳо ҳаракат мекардагӣ шуда буд, мисле ки бо амри модар ба ӯ «лагад зад», аз будани худ дарак дод. Зан гуфт: – Ману акои Мерган ҳарчанд духтарон якравӣ ва исрор карданд, муқобил будем. Ғайр аз ин, ҳамроҳи акои Мерган Худову ростӣ чанд дафъа занг задем, то ки ризояти туро пурсем, вале телефонатро касе набардошт, ҷавобе нашуд…

Ин дам ёди Вакил омад: лаҳзаи бо Нигор будан, телефон халал нарасонад, гуфта онро хомӯш карда буд.

– Хола-хола накарда, зудтар гӯ. Зудтар! – андаке шасташ паст шуда ва худро аз ҳамсараш канор гирифта, таъкид кард Вакил.

– …Бо вуҷуди ҷавоб надодани телефони худат ва исрори духтарҳо мо розӣ набудем, ки акои Беранги Баҳодур омад. Агар вай духтарҳоро худаш намебурд, мо ба ҳеҷ ваҷҳ розӣ намешудем. Дар ҳозирии ӯ бори дигар зангат задем, боз ҳам ҷавоб нашунидем. Ман ба он хотир розӣ шудам, ки акои Баҳодури Беранг ҳамнишинат, ҳамсилоҳат аст, аз ҳолашон бохабарӣ ва нигоҳубин мекунад…

Боз ба ёди Вакил суханони Нигор омад: «Мардро ҷӯра ва занро дугона бадном мекунад. Эҳтиёт шавед!». Вай ранги рӯяш канда, якбора девонавор фарёд зад: – Ҳаматон дафъ шавед! Аз назарам дур шавед!!! – ва худро болои хараки рӯи ҳавлӣ ба шикам партофт.

Худо подоши амали бадаш дода буд, вале ӯ ин дам ёри шайтон шуда, ба тахти ин маънӣ намерасид. Бо вуҷуди таҳдиди ӯ ҳамсараш лаҳзае пас баргашта, поёни пояш нишаст. Чанде гузашта буд, ки бархосту хона рафт, болопӯш, қаҳва, термос ва «кружка»-и дӯстдоштаи шавҳар ба даст баргашт. Баъди чанде нишастан боз бархосту хона рафт, рафту омад, рафту омад… Вакил якзайл мехобид, зан то рӯз мерафту меомад болои сари ӯ…

Пагоҳӣ офтоб баланд шуда буд, вале вай ҳоли ҳам дар ҳамон ҳолате, ки дирӯз худро партофта буд, беҳаракат мехобид, мегуфтӣ ҷон кайҳо тани ӯро тарк кардааст.

* * *

– Беранг! Беранг! Ту чӣ кардӣ?! Чӣ коре буд, ки ту кардӣ?! – бо овози баланду гиряомез гуфт Вакил.

– Ту чӣ кардӣ, Вакил?! Ту?! – бо ҳамун оҳанг лаҳзае пурсиши ӯро таҳаммул накарда, ҷавоб гардонд Беранг.

– Ман накардам.

– Пас кӣ кард?! Маро назди ҳамсилоҳон кӣ шармандаю сарпаст кард?! – мисли он, ки тарсвара(бемори рӯҳӣ) бошад, ба худ печидаю дод зада, такрор намуд: – Кӣ кард?! Кӣ номи маро ба хоки кӯча баробар кард?! Кӣ ёварию бародариамро хор кард?! Обрӯям ба замин зад?! Магар дар Вистан зану духтар қаҳт зада буд?!

– Гуфтам ку! Ман накардам.

– Чаро дурӯғ мегӯӣ?! Боз ба ман!

– Дурӯғ намегӯям.

– Инкор мекунӣ?!

– Не.

– Пас, «Ман накардам» гуфтанат чӣ маънӣ дорад?!

– Ту каллакаду бошӣ, гуноҳи ман чӣ?!

– Ҳаст!!! Нафаҳмам, фаҳмон!

– Фаҳмиданат сахту ҷонсӯз аст. Беҳтараш нафаҳмӣ. Дар тӯли ин муддате бо ҳам шину хез кардем, чанд кори нек карда бошам, якеш ҳамин аст… – Вакил хомӯш, саргарми андешаи мағшуши худ ба атроф нигарист. Дастёрони Берангу худаш дар ҳоли омода бош, ба ҳарфу ҳиҷои онҳо гӯш додаву ба ҳар як ҳаракати онҳо зеҳн мемонданд. Вакил аз умқи дил ин ҳарфҳо кашида гуфт: – Ман ӯро аз умедворӣ ва интизории сесолаи нафсонӣ раҳо кардам. – бо вуҷуди ширикӣ кардани автомати Беранг Вакил оҳанги гуфтор заррае тағйир надода, (бояд иқрор бикунам, ки аз дастёрони омодабоши силоҳдораш дилпур буд) идома дод: – Бовар дорам, ҳарчанд ки ту аз ман ранҷидаӣ, барои ин кор убол не, балки савоб мегирам. Лекин ту номардиро аз ҳад гузарондӣ! Ноҷавонмардӣ кардӣ!

– Ту савоб гирифта бошӣ! Пас инро ҳам бигир! – Беранг ангушт ба қуланги автомати таърифии «гапгир»-аш гузошта буд, ки дастёри Вакил бо як хез мили онро боло бардошт ва садои он дар атроф ғулғула андохта, борони тир борид.

## 10.

... Садои мусиқӣ дар атроф танинандоз буд. Аз як ҳофиз як суруд батамом шунида, нашунида диск ва ҳофиз дигар мекарданд. Баъзеҳо суруди ҳофизони писандидаашонро замзама карда, равуо доштанд.

– Сара задем, тани бесар аз дасташ чӣ меояд? – мегуфт яке аз силоҳбадастони ширакайф, бо ғуруру ҳавобаландӣ. – Имрӯзҳо соҳибони Вистани биҳиштосои бадавлат кистанд? Ба он киҳо ҳукумравоӣ доранд? Албатта мардум мегӯянд: дастаи қобилу чолоку тавонои Вакил!

* * *

Вакил баъди он шаби «ташкилӣ»-ҳои наҳси хонаҳои Боири раис ва Ҳотам Ҳакимбоевич овози занона ва духтаронаи имдодчӯе шунавад, Маҳинаи азизи дили худро ёд меовард ва тавре худ бо духтари ноболиғи Боир рафтор кард: духтарак гирёну нолон тобу печ хурда аз ҳуш рафт, ба ҳамун монанд, тасаввур намуда, фиғонаш мебаромад. Аз шидати ғазаб ва пушаймонӣ чӣ кор карданашро надониста, ангушти надомат мегазид ва гоҳе аз Худо ва кардаи худ нолиданашро медонисту бас. Аз назари ҳайати даста пинҳон набуд, ки аз он пас, асабҳои Вакил «гапногир» шуда, тобу тавонаш аз «итоат»-и ӯ баромадаанд.

– Ҳазрат! Ҳазрат! – тапар-тапару боизтироб давида гуфт яке аз силоҳбадастон: – Раиса озод карда, мурдаҳошонро бурданд! Як хонаи қоқу воқ, дару девори холӣ ба мо мондаст! Чӣ кор кунем?.. – вай боз чизе гуфтанӣ буд, ки Вакил пеши суханаш гирифта, бо овози даҳшатбор дод зад:

– Куҷо нигоҳ мекардед?! Лаънатиҳо! Оташ занед! Оташ, ки аз дуриҳои дур забонаи оташ дида шавад. Ҳар куҷое ҷогаҳ шуда бошанд, дида тавонанд! Боири раис бинад, ки бо дасти дарозаш чӣ кардем?! Зуд равед! Аз пайи иҷро шавед!

«Аз даст рафтани Боири раис нишони даҳанивозии силоҳбадастони мо аст, фоли бад аст», меандешид Вакил. Боири раис тавре худ гуфта буд, ҳақиқат дасти дароз доштааст. Ба ин зудӣ, ки ҷон халос кард, шакке нест, ба гуфти худаш «аз дасташ ҳар кори неку бади дигар меояд». Ҳарчи зудтар ӯро пайдо карданамон лозим! Вагарна дар сарамон донак мешиканад. Лекин чӣ хел, бо кадом роҳу равиш, аз куҷо пайдош кунем?! – андешаҳои азиятбахши тоқатфарсо

вуҷудашро ба дард оварданд, гӯё гулӯгираш мекарданд, роҳи нафас мебастанд. Он ду нафар бадар рафтан замон, Вакил аз пайи онҳо ба ҳавохӯрӣ баромад. Дар берун ҳам чун андешаҳои мағшуши таъзиқовар думболагираш буданд, ҳолаш беҳ нашуд. Вай ба худ меандешид: Кӣ бошад, ки ба ин тезӣ ҷони Раиса аз мурдан раҳо кард? Ҳанӯз ба суоли худ ҷавоб наёфта, ҳаккас зада, давида омадани ду нафар аз ёрони худро дида, изтиробомез маҷрои андеша дигар карда, гуфт: – Худоё, боз!.. Илоҳӣ ягон хабари хуш оварда бошанд. Онҳо аз дурии овозрас ба шодӣ мужда доданд:

– Ҳазрат! Ҳазрат! Раиса доштем!

– Муфти қуртоваш қапидем!

Вакил аз хурсандӣ хост онҳоро як ба як ба оғуш бикашад, миннатдорӣ бикунад, вале боз ғурур нагузошт ва аз фикри худ гашта, бо дастфишорӣ қаноат намуда гуфт: – Офарин! Маладес! Ана ина қобилӣ мегӯянд!

Силоҳбадастон пасу пеш суол карданд:

– Ҳазрат, чӣ мефармоед?

– Раиса, акнун чӣ кор кунем?

– Оташ занед! Тавре ки ному нишонаш дар рӯи замин намонад!

– Ҳазрат, лекин мошинаш напа нав аст.

– Онро гиред.

Силоҳбадастон дигар чуну чаро раво надида, бо ҳамон тасфи тан пас гаштанд ва баъди чанде дур шудан аз назди Вакил, ҳар ду якбора истода суоломез ба ҳамдигар нигаристанд. Бе он ки чизе пурсанд ва ё гӯянд, аз муроди ҳам огаҳ буданд: «Мошина гиред, лекин кадомамон гирем? Нагуфт».

– Гашта равем?

– Ба фикрат рафта пурсем?

– Ҳовах.

– Ба хаёлам зарурат надорад. Сари ғазаб боз ягон бало ба сарамон набиёрад. Мошина гирем, баъд як навъ муросо мекунем…

## 11.

– Тезтар ҷунб, тез! – таъкид кард Саид ба ҳамроҳаш, – ҳа нагуфта, аҷал мерасад. Дар хона пӯстак, пойафзоли кухна ва агар мӯйи сари занона дошта бошед, боз беҳтар, зуд гирифта биёр.

– Чӣ хел мӯйи сар? Намефаҳмам? Мӯйи сар чӣ лозим? Боз занона?..

– Ҳей ҳафтафаҳм! Вақте занҳо мӯйи сар шона мезананд, мӯйи аз пайи шона мондаро як ҷо ҷамъ мекунанд, то ки баъд бурда ягон ҷо гӯр кунанд. Гапа кам куну зуд бош! Бошад гирифта биё! Баъд барои чӣ буданашро мефаҳмӣ.

– Шуд, шуд, фаҳмидам. Дар овхона як халта дорем…

Нурулло рафту Саид аз таги ҷома устухонҳои скилети одамии аз синфхонаи анатомии мактаб бо худ овардаро байни ҳезумҳо гузошта, аз боло чубу чахс, ҳезуми зиёд чинд ва боз болояшон балони мошин гузошт. Паҳлуи «устухонҳо» чанд туфлӣ, калӯшу пойафзоли кӯҳнаи мардонаю занонаи овардаи Нуруллоро гузошта, фармуд:

– Дар хона керосин, бензин ё солярка дошта бошед, зуд давида биёр.

Саиду Нурулло пас аз пошидани керосин болои ҳезуму скелет ва пойафзолу балони мошин оташ зада, баъде ки фағонаи оташ баланд гашт, гурехта пинҳон шуданд. Алангаи оташ табъи дилашон шуд: аз дуриҳои дур ба назар мерасид. Силоҳбадастони дигар ин ҳол дида, бо ҳам мегуфтанд: – Ай бача, онҳо аллакай кора сар карданд, ку?!

– Маътали мо нашуданд-ку?!

– Мурдаи одамӣ ҳай бӯйи бад доштааст, – гуфт яке ба дигаре.

– Ман тут мегӯям, ту бед: аз ту чӣ мепурсаму ту чӣ мегӯӣ?!

– Саид ҳам аз қафои мо рафта буд... Шояд ба хотири кисаҳои Раиса холӣ кардан, пешдастӣ кардаст, – шарҳ дод ҳамраҳаш.

– Ун шарики дигараш кӣ буд?

– Як бачаи қадбаланди харобаи пӯсту устухон, ба дурустӣ нигоҳ накардам, ки шиносам.

– Да дига амалиётҳои хатарнок худа ба мурдагӣ мезананд, да и кор -ба хотири руфтурӯб аз ҳама пешдастӣ мекунанд, сағераҳо, як чӣ, ним чӣ, ҳақбар шавем, гуфта. Ту чӣ, надидӣ?!

– Ман ба қазои ҳоҷат рафта омадам, ки вай Раису занакҳоро чизу чораи танашон бударо батамом рунду рӯб карда, бозёфташро хона бурд.

Ҳамин вақт дуртар аз онҳо овоз баровард Саид: – Кӣ мана пурсид? Ина ман ин ҷа, – худро тавре вонамуд сохт, ки акнун ба ҷойи ҳодиса наздик мешавад ва боз изҳори тааҷҷуб кард: – Ҳо балоҳое! Раис дар оташ чӣ хел сӯхт?!

– Паймона ки пур шуд, на раисӣ пеши аҷал мегираду на чокарӣ.

– Бале, пеши оташ ҳама касу чиз бечора аст, – илова кард Саид. – Оҳан бо ҳама тобоварӣ об мешаваду одам чӣ? Мана бинед, дар як лаҳза, нишонашон намондасте!

– Аз давлати Раис ба шумо ягон чиз расид? – суол кард нафаре, ки баъдтар ба ҷамъи онҳо ҳамроҳ шуда буд.

– Буду шуд мана ҳамин гармӣ, балки гармӣ ҳам не, оташи ҷой ба хокистар дода. То мо бафурҷа қадамзада омадем, ки шербачаҳо оташ задаву боз ҳам хуморашон нашикаста, дар пайи ягон нақшаи дигаранд.

– Акнун ба оташ гирифтани Маскав бовар кардам. Пештар ақлам намегирифт, ки як шаҳри азим чӣ гуна метавонад саросар оташ бигирад. Яке аз силоҳбадастони дигар, ки пас аз инҳо аз назди Вакил омада ва ба забонаи оташ аз дур нигариста буд, шубҳаомез ин тарафу он тарафи хокистарҳо давр зада, бовараш намеомад, ки дар як муддати кӯтоҳ ду зану як мард батамом сӯхта нопадид шаванд. Боз ба ном устухонпораҳои сӯхтаю ранггумкарда, нишонаҳо-оҳанакҳои гулчини аз пойафзолҳои занонаю мардона боқимондаро дида, шубҳааш рафъ гашт. Онҳо ба бӯйи бади хокисттар то дер тоб наоварда, худро ба канор кашида ва акнун сари он ки мошини Раис ба кӣ мерасад? бозори савдо ва баҳс тафсон карданд. Ҳамин вақт касе аз оринҷи Умед дошта, ҳаракати рафтан кард. Умед дид, ки ҳамсилоҳаш Бердӣ аст. Ҳар ду хомӯш аз ҷамъи силоҳбадастон канор рафтанд. Бердӣ ба атроф бори дигар бо эҳтиёт нигариста, баъди он ки дилпур шуд, касе наздик нест, ба гап даромад:

– Умед хеле вақт шуд бо ҳамем, аз ман ягон бадӣ дидаӣ? Бовар мекунӣ ё не, лекин ман дар ҳозиру ғойиб дар фикри бади ту набудам ва нестам. Як чиро аз ту кайҳо боз пурсида, аниқ карданиям, ки андаи дилам нашавад, вале ҳеҷ пайт мувофиқ намеомад. Ҳамун вақт, ту ҳам ҳамон ҷо будӣ, кӣ писари Боира паронд, ки гуноҳа ба ман бор карданд?

– Дар ин муҳлат чӣ қадар одам паронданд, хунҳо рехтанд, ту ҳоли ҳам ҳамуна аз дил набаровардаӣ? Ҳай думи гапгир будаӣ!

– Не.

Умед ба чеҳраи Бердӣ нигарист, афти онҳое пеши назараш омад, ки аз ҷониби Вакил ба марг маҳкум шуда буданд. Гуфт: – Онҳо ду нафар аз дастаи «Лаъли Бадахшон» буданд: якешон аз шиносоҳои даврони донишҷӯии ман буду дигараш аз Афғонистон, ба қарибӣ ба дастаи онҳо пайвастааст. Гуфтанд: «Хабаргирӣ омадем». Ба фикрам ҷосусӣ омада, аз ҳоли мо огоҳ шуда ва он ҷӯрааш бемаслиҳат ин кора карду ҳар ду номаълум ғайб заданд ва дарди сари мо зиёд карданд.

– Аз «Лаъли Бадахшон»?! Да-а! Медони чӣ? Онҳо яке аз фаъолону сабабгорони сар задани гирдиҳамоиҳои тӯлонӣ ва гаравгирӣ буданд.

– Бердӣ, баъштитоб ҳукм накун! Ин гирдиҳамоиҳо ва ҷангҳои мо онқадар сарпечу чигиланд, ки даҳҳо фозилу оқили худиву бегона сари онҳо андешида, гумон аст, ки аз куҷо сар задану ба куҷо, балки то куҷо анҷомиданашонро пай кунанд. Ба хотири масъулият ва бадномӣ аз худ дур кардан ҳарчӣ мегӯянд: «ҷанги таҳмилӣ», «иғвои дигарон»… ва ғайра.

– Медонӣ чӣ? Дар арафаи ҳамин воқеаҳои шум – ҷангҳо, ба кӯч бастани бадахшиҳо аз маҳалҳои гуногуни водии Вахшу Кӯлоб, қиссаи ташвиқу фирори онҳоро шунида будам, ҳарчанд ки ба мардуми оддӣ он рӯзҳо касе кор надошт. Онҳо бо ин раҳу рафторашон, дуруст мегӯӣ ки: ҷонибдорону мухолифони худро фаҳмидан мехостанд. Ва як навъ сабабгори тезонидани хархашаҳо ҳам шуданд[1]…

– Бердӣ, айбмония кам кун. Ман ба ту кайҳо боз як гап гуфтанӣ. Балки хоҳиш карданӣ. –Умед пеш аз он ки чизе гӯяд, ба риояи масали «Девор муш дораду муш гӯш» ба атроф нигарист ва баъди дилпур шудан гуфт: – Бердӣ, ман аз рӯзҳои аввали ин ҳавою ҳавасҳо, не, балки пеши Худо дурӯғгуфтам накунад, баъди як-ду фанду фиреби шефҳоя дидан, дудила будам, ки гапашон дигару амалашон дигар аст. Акнун ки ба дурустии ин гумонам сад дар сад бовар ҳосил кардам, аз карда сахт пушаймонам, ки чаро барвақтар худама бераҳа накардам?! – овоз пеши нафас гирифт ё нафас дар раҳи овоз дармонд, аз дидагонаш ашк ҷорӣ шуд ва лаҳзае чанд сокит монд. Бо гӯшаи остин дида пок карду боз афзуд: – Биё, ҳолӣ ҳам дер нашудаст…

– Умед, зоминатии гуноҳи кардаву нокардаи туро намегирам, лекин ман. Ман то гулӯ дар гуноҳ ғарқам. Илоҷи пас гаштан надорам. Ё марг, ё ба пеш! – вай сар хамида, бо оҳанги дилреш аз пешомаду оянда худ иқрор кард: – Ҳукми ман бародари ҷон, аз ҷониби тақдир кайҳо бароварда шудаст: Ту ки дӯсти беғаразӣ ман ҳастӣ, мегӯям. Ё туъмаи лошахӯрон ё паси панҷара… – тану тӯши ӯ беовоз меларзид, ғояте пас, афзуд: – Барои фирори хориҷа маблағ дорам, лекин саводи казоӣ надорам… Барои ҳамин…

Субҳи рӯшангар медамид, вале пардаи дуд болои деҳаро тавре пӯшонда буд, ки мегуфтӣ садди рӯшанист. Ҳавои софу рӯзи хушу шодӣ аз ин диёр, Вистани нозанин, ки рашки дигар маҳалҳо буд, мегуфтӣ, дил канда, ҳоло каргасу кафтор ва лошахӯрони солҳо боз беному нишон дар фазои он пайдо шуда, ин ҷову он ҷо мурдаҳои

[1] Ишора ба оташгирии даврони Ҷанги Бузурги Якуми Ҷаҳонӣ солҳои 1812-1814 аст.

одамӣ талошӣ доштанд. Сари ҳар қадам як ҳолати ҳузнангез, нишони ваҳшату даҳшати аз дасти одамӣ сар зада, пеши назар меомад.

12.

Вақте ярокбадастон аз зудамали худ-ба оташ кашидани Боири раису зану фарзандаш хушнудӣ доштанд, вай ин ҷо, дар ин гӯшаи хилвату анбуҳи дарахтони канори боғи хоҷагӣ пинҳон шуда, ба Сашка, ронандаи қадрдонаш, ҷавони зардинаи чобуку ҳамакора, фармуд: – Писарам, фурсат аз даст надода, сармуҳандисро ёфтан лозим.

– То вайя кофтан, ҷони худамона ба як ободӣ бикашем, беҳтар нест?

– Дуруст, лекин бе пул ва нақлиёт дур рафтан мушкил. Мо ҳатто телефон надорем. Медонӣ ку, вай ҳам худаш ду мошини сабукрав дорад, ҳам ҳамаи хешонаш ду-се мошинӣ доранд. Зуд рафта аз хоб бедораш куну мошин, телефони дастӣ ва пул гирифта биё. Ин ҷо дер истодани мо ба интизории марг баробар аст. Ҳарчи зудтар мо бояд аз ин маҳали пурхатар ҷони худро берун барем. Силоҳбадастон хоҳу ноҳоҳ тамоми хонаҳои мо, ёру ошно ва ҷойҳоеро, ки одам пинҳон шуданаш имкон дорад, мекобанду тагурӯ мекунанд.

– Акаи Боир, шумо парво накунед, – ширин табассум карда гуфт Сашка. – Ман ҳилае ба кор бурдам, ки онҳо сад дар сад бовар карданд, ки: Раису (забонаш нагашт гӯяд: зану фарзандашро) оташ заданд. Хотирҷамъ бошед.

– Чӣ хел?

Вай аз пайи хоҳиши Раис равон гашта гуфт: – Баъде омадам мегӯм.

Вақте Сашка рафт, Боири раис ба худ андешид: бояд коре кунам, тавре вонамуд созам, ки вай надонад чанде пулҳои хоҷагӣ дасти мананд. Сарват ҳам дӯст асту ҳам душман. Агар дониста истифода барӣ, шаъну шуҳрат меорад, надонӣ, аз вай дида душмани бадтар нест. Тасмаи ба ранги тасмаҳои вазнбардоронашро, ки дар дохили он пул, гӯшвора, ангуштаринҳо ва сангҳои қиматбаҳо ва рақамҳои пасандозҳояшон буд, боз ба миён баст ва аз дил гузаронид: мабодо Сашка бинад, мегӯям: тасмаи табобатӣ аст.

Аз миён вақти зиёде нагузашта, Сашка бо димоғи сӯхта бар-

гашт ва паҳлуи Раис хаспораҳо ҷамъ оварда, болояшон нишаст.

– Чӣ гап шуд, бачам? Зудтар гап зан. Мана алахон накун.

– Хонаҳои ҳамаи аъзоёни раёсати хоҷагиро оташ задаанд.

– Чӣ гуноҳ кардаанд?

– Раиса шумо ҷога кардед, ёфта диҳед! Гуфтиян.

– О, гуфтӣ, ки…

– Намедонам. Аз ин роз огаҳӣ ёфта бошанд, ё боз… Худо худаш медонад.

Боири Раис вақти роҳ рафтан аз ҳаяҷону изтироб буд ё аксар вақт бо мошин савора гаштан, ки аз пиёдагардӣ зуд монда шуд, даба-даба базӯр пеш мерафт, нафас рост мекард, баъди чанде рафтан, ҳарчанд кӯшид роз нигаҳ дорад, ҳар замон попеч шудану кул хурданаш рози хастагияш ошкор сохт. Раҳораҳ ба ҳоли худу ин роҳи гурез андешида, оқибат гуфт:

– Сашка. Писарам, бо ин роҳи ҳамвору рост дар ин шаби ширмаҳтоб хатар пешорӯст. Ягон тараф бераҳа ва ноаён шуданамон лозим, то ки пайгир карда ҳам наёбанд.

– Фикраша кардам, парво накунед! – боз ба ҳамон боварӣ дилпурӣ бахшид Сашка. Боири раис борҳо мушоҳида карда буд, вай ба коре сидқан часпида ва ё нақшае дошта бошад, сир нигаҳ дошта, ҳамин гуна мегӯяд. Баъди ками дигар қадам задан ҷониби офтоббаро аз паҳлуи роҳ ба сарҷӯе расиданд. – Амак шумо ҳо болои алафҳо гузашта, каме дам ҳот кунед. Ман ҳозир, – гуфта Сашка либос баровард ва даруни ҷӯй даромада, аҳ, уҳ гуфта, чиму хоку лой яктарафа ғелонда, оби ҷӯйро парчоб кард, магар ки садои обшор баланд гашт. – Ана акнун, – гуфт Сашка як навъ бо хурсандӣ, – роҳамон бехатар хоҳад шуд. – Боири раис аз муроди ӯ пай набурда, эътироз намуд:

– О, дар ин майдони ҳамвор ҳар гуна сияҳӣ аз дур ҳам озод дар назар метобад.

– Амакӣ, дам ҳот карда бошед, хезед. – агар пештар Боири раис ба ӯ амру фармон медода бошад, ҳоло ин амал ба Сашка гузашта буд ва ин аст, ки дар ҷавоби раис гуфт: – Ҳамаи сарулибосатона аз тан кашед, аз майка халта созеду даруни он андозед, пойафзолатона ба ман диҳед, ман мегирам. Лучак шуда бо даруни ана ҳамин ҷӯй пеш меравем, ҳо унтарафтар, болои он бо ангури сагак ва ежевичка пӯшонда шудааст, ки моро панаҳ мекунад. – Боири раис дар фикри чӣ тавр ба ҷӯй даромада пеш рафтан буд, ки вай роҳи ба ҷӯй фаромадан нишон доду бозгашта, берун баромад ва аз канораи ҷӯй як банд буттаи алаф оварда, роҳи омадашонро бо он

тавре пайкур кард, ки бинанда гумон мебурд, хар ё ягон ҳайвони дигаре ин ҷо ғел хӯрдааст.

– Ана акнун на саги бӯйгир пай мебараду на одам. Рафтем.

Баъди сад-дусад қадам задан баростӣ ҳам болои ҷӯй пӯшида шуд. Онҳо оҳиста ва боэҳтиёт пеш мерафтанд. Ҷо-ҷо кулмакчаҳои даруни ҷӯйро зер карда, садои шалапасти об баланд мегашт ва дар дили Боири ин ҳол надида, воҳима меангехт. Дар аввал роҳ пурвоҳима ва мушкил намуд, вале зуд одат карда, дилпур пеш мерафтанд.

– Роҳи бад набудаст. – қаноатмандона гуфт Боири раис. – Лекин ин новаи алафин то охира бошад, хуб, вагарна Худои накарда, яке пайдо шаванд, фош мешавем..., – ҳанӯз суханаш нотамом, магар фариштаи даргузар омин гуфт, ки аввал овози ғур-ғуру баъд гуфтугӯ возеҳ ба гӯш расид: – Лаънатиҳо ба замин даромаданд ё ба ҳаво париданд? Агар ба даст афтанд, Боири раиса худам тика-тика мекунам!

– Аҳмақ, аз тика-тика кардан чӣ фоида? Аввал дараки пулу чизаша ёфтан даркор. Аҳмақ да, ақлат намегирад!

– Эҳ-ҳа! Шербачаҳо мемонанд? Кайҳо молу амволи хонаву дараша ғорат ва тақсиму тарака карданд!

– Сода! Онҳо аз сад яке бурдаву хӯрданд! Коре карда, худаша зинда ёфтанамон лозим. Вақте мудирони анбору магазинчиҳоро сарпоён карда, мили автомат ба даҳанашон гузоштем, баъд медонӣ чӣ шуд? Худашон, ба забони худ суроғаи пинҳонҷойҳоро мисли Бюрои маълумотдиҳӣ як-як беғалат гуфтан гирифтанд...

Боири раису Сашка либосҳо таги каш, зери хавозаи ежевичкаю ангури сагак гуфтугӯи онҳоро шунида, зиндаи мурдақаторӣ гаштанд.

– Худо худаш медонаду лаънатиҳо даруни ҳамин ҷӯйи болопӯшида пинҳон шудаанд, – гуфт яке.

– Ҷаҳонгир, (яке аз силоҳбадастон ин тахаллус гирифта буд) рафта, аз мошин бензин биёр! Алафҳои болои ҷӯйя саросар оташ мезанем!

– Девона! Барои ин ҳама алафҳоро оташ задан як сестерна бензин даркор! Мову ту араби соҳибнефт набошам! Аз куҷо инқадар бензин ёбам?!

– Баҳс накунед! Мана ин хел илоҷаш ҳам ҳаст!

– Тоҷика кӣ ба одамкушӣ мондаст?! Ту рафта харбуза, тарбуз куш! Ба илму фарҳанг машғул шав, шеър гӯ, китоб навис! Ин кора мана, ин хел давош ҳаст! – силоҳбадасти дигар ангушт ба қуланги автомат гузошта, болои ҷӯй паронда рафтан гирифт.

– Ҳой аҳмақ! Очат зовути тир дорад?! Тирҳоя беҳуда исроф накун! Тамом шаванд, чӣ кор мекунем?!

– Ғам хӯрдӣ? Русия зинда бошад!

– Ту болои ҷӯйбор парондӣ, вай руст шуда бошад, дар таг, байни ҷӯй руст мешавад, – гуфта буд дигарӣ, ки Сашка Боири раиса тарафи девораи худи онҳо будаи ҷӯй ба зер хобонда, худро болои ӯ гирифт, – мана ин хел мепаронанд! – Вай ҳам мисли рафиқаш тир дареғ надошта, дигарон аз пайи онҳо аз ҷӯй чашм наканда, қад-қади он тир андохта пеш рафтанд.

– Ҳой, чӣ ин қадар давида меравӣ, Шермати Камонзӯр?! – норизо пурсид яке аз ҳамраҳонаш, ки майли тез рафтан надошт.

– Чунки лаънатиҳо садои тир шунида, фурсати боз ҳам чуқуртар пинҳон шудан наёбанд! Ҷунбед, тезтар рафтем!

* * *

Латофати аз шарри силоҳбадастон пинҳоншуда аз касе шунид, ки ҳайати нави ҳукумат ташкил ёфта, аскарони ҳукуматиро барои ором кардани вазъият ва нест кардани дастаҳои худкомаи ғоратгари мусаллаҳ ба маҳалҳо сафарбар намудаанд.

– Ана акнун онҳо омада онаи зори ин дастаҳои ғоратгарӣ табаҳкора дар чашмашон нишон медиҳанд, – мегуфт Латофат як навъ ба шодӣ инҷову онҷои захми баданашро молиш дода. – Худоё, ҳарчи зудтар биёянд. Ҳоли забуни дастаҳои ғоратгарро бо чашми сар бубинам, дигар ҳеҷ ормон надорам. Кошкӣ зудтар биёянд!

Мисли ӯ, аз дастаҳои сияҳкор ҷабрдидаҳо бисёр буданд ва онҳо ҳавою ҳаваси ҳарчи зудтар ба деҳаи Вистан расидани дастаҳои аскарони ҳукуматӣ, ба пиндори онҳо, одилу хайрхоҳи мардумро баҷон мехостанд. Аз рӯзи расидани ин хабар ҳафтаи севум сипарӣ гашта буд, ки Латофат боз шунид: дастаҳои нав тарафҳои мо омаданд. Шояд ҳамунҳо бошанд.

Азбаски на деҳаҳо раҳбару сарваре доштанд, ки аз дастаҳо пурсанд:

– Шумо кистед? – Ва на онҳо худро ба касе муаррифӣ мекарданд, ки кистанд. Аҷаб як ҳолати сардаргумӣ буд. Ана ҳамон рӯзҳо, вақте силоҳбадастони ба шуниди Латофат аскарони ҳукуматӣ хӯрок мехӯрданд ва пешравашон хӯрдаю дар фикри куҷо лаҳзае ғанаб рафтан ва ё чӣ тавр шустани зарфи хӯрок буданд, Латофат назди онҳо рафта, салом дод ва худро муаррифӣ кард:

– Додарҳои ҷон, ман Латофат, коммунист, коргари райком

мешам, – гуфта буд, ки овози ӯро садои яке аз силоҳдорон пахш кард:

– Шермат! Ҳо Шермати Камонзӯр! Ба Худо ки ҳай сағераи серризқӣ – да! Мегуфтӣ, ки баъди хӯрок як нозанине бошад..., мана бубин, ба пои худаш омад...

Як марди сияҳчурдаи қадбаланду таҳамтани оғуштаи гарду хок, ба таъбири афсонаҳо-барзангии дунёдаркаш, ки лақаби Шермати Камонзӯр дошт, ҳанӯз ба ӯ наздик нашуда, аз бӯю тафаш димоғи Латофат гирифт. Вай аз дигарон канор омада, ба Латофат амр кард:

– Ку исӯ биё! Кукулка!

– Ман коргари райком, коммунист Латофат мешавам. – такрор кард ӯ, ба гумони он, ки муаррифии ӯро ин барзангӣ нашунидагист...

– Ҳой! Кукулка! Карӣ?! Туя мегӯм, исӯ биё! – Латофат аз дуруштиву беназокатии барзангӣ дилаш таҳ хӯрда, ҷониби силоҳбадасте, ки дар нисбати дигарон калони онҳо тахмин кард, гашта суханаш такрор намуда буд, ки дасте ба синааш расид.

– Лаънатӣ, сина ҳам надораде, пӯстлох! – гуфт барзангии Шермати Камонзӯр ва боз чанг зад ба пасаш: – Сабил гӯспандои зоти Алиев барин думба ҳам надораде! Хайр, аз ночорӣ мешавад! Ку як маззаи коммунисту коргари райкомашро ҳам бубинем, – барзангӣ дигар ба неву нестони Латофат нигоҳ накарда, озод ӯро бардошту пушти қатори танкҳо гузашт.

## 13.

Ҳоло силоҳбадасти ҷавон хеле рафту рафт, аз хонаи Шарифзода дур шуд, пас нигарист, ҳатто болои бому антенаҳояш наменамояд, вале боз ҳам ҷуръат накард, коғазчаҳои ба ӯ додаро кушода бинад, ки дар онҳо чӣ навишта шудааст. Лекин дилаш бисёр дидан мехост. Мехост, бубинад, ки дар онҳо ин калон чӣ навишта бошад? Вале ҳамин ки даст ба киса мебурд ва он коғазчаҳоро ба даст мегирифт, мисли он ки чизи сӯзоне ба даст гирифта бошад, дар дасту дилаш сӯзиши ноаёне эҳсос мекард. Дами роҳравӣ як навъ миёни «бубину набин» дар дили ӯ, то хеле вақт «баҳс» идома дошт. Оқибат ӯ ба «набин» муқобилат карда натавонист ва яке аз коғазчаҳоро дар кафаш боз кард: «Мо бояд ҳатман вохӯрем. Кадом соат ва куҷо, пушти коғаз ишора кунед. Ф. Ш.».

Вай аз дил гузаронд: ҳазрат ором метофту ин коғаз ва навишта

аз кадом як ҳоли ногувору изтиробангези таъҷилие дарак медиҳад. Чӣ гап шуда бошад? Силоҳбадаст раҳорах ҳарчанд ҳодисаҳои дар ин шабу рӯзҳо сарзадаро ёд овард, ба тавраш таҳлилу хулосабарорӣ кард, вале асли масъала пай накард, нафаҳмид, ки нафаҳмид. Ягона илоҷ, калиди кушоиши ин кор дар он дид, ки коғазчаи дигарро ҳам боз карда бубинад. Дар коғазчаи дигар ҳам айнан ҳамон гапҳои аввала навишта шуда буд. Вай гумон кард, ҳамон коғазчаи пешинаро аз киса берун овардааст. Вале вақте ҳар ду варақчаро якҷо дошт, маълум гашт: аз дафтарчаи як хел ҳаҷмдошта канда шуда, як ҳусни хат буд. Фарқ танҳо дар он буд, ки варақчаи аввала ба номи Вакил ва баъдӣ барои Умар навишта шуда буд.

* * *

Онҳо ба шипанги сари теппаи деҳаи Навгилем дар як вақт, ҳамон соати муайяншуда ҳозир гаштанд. Шарифзодаи Стратег, баъди бо ҳамин калима боре ӯро тамасхур карда, таъна задани Вакил, бехабар аз маънии аслӣ ва муродифҳои мусбии он – сипаҳсолор, лашкаркаш, роҳбар, пешво дар ғайбаш ҳамёроқон ба ӯ лақаби Стратег часпонда буданд ва ӯ тахмин даҳ дақиқа пеш аз омадани онҳо ошпазу хизматгоронро ҷавоб дода, худ тани танҳо интизорӣ мекашид. Вакилу Умар аз мошинҳо берун омада, бо ӯ салом кардан замон, ҳолпурсии мухтасару расмшуда ҳам ба ҷо наоварда, оҳиста гуфт:

– Хуб мебуд, бе шоҳид суҳбат мекардем, – ҷониби ронандаву телеххо сабук ишора намуда. Вакил чуну чаро раво надида, пас гашту гуфт:

– Як соат пас биёед!

Ҳамин ки мошинҳо аз роҳи ба ранги роҳи морпечи сари теппаи дӯстдоштаи Боири раис пас гаштанд, Шарифзода ба гап даромад:

– Ин шипанг моҳияти таърихӣ дорад. Бисёр масъалаҳои муҳимро Боири Раис ҳамин ҷо ҳал мекард. Ин ҷо замоне котибони Секаи Масков, Тоҷикистону собиқ ҷумҳуриҳои умумииттифоқ меҳмондорӣ ва обу зиёфат дода мешуданд. Шуморо ҳазрати Умар намедонам, хабар доред ё на, лекин ҳазрати Вакил хуб воқиф будагистанд. Аҷаб не, дар якта -нимтаи ҳамон меҳмондориву зиёфатҳо ширкат варзидаву дар хизмат буданд…

– Хайр, қисса кӯтаҳ кун, Стратег! Барои чӣ моро ин ҷо даъват кардӣ? – ба дуруштӣ пурсид Вакил.

– Барои илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ.

– Стратег, муаммогӯӣ накун! Ман муаммокушо мебудам, кайҳо аз пайи дигар касбу ҳунар мерафтам. Кушоду равшан, бепардаю пӯстканда фикрата гӯ!

– Ҳақ мега! Бешоҳид гуфтӣ, шербачаҳоро ҷавоб додем. Боз аз чӣ ибо дорӣ? Ҳар гапе дорӣ, акун бепарчу пурч, беибо гуфтан гир! Мо ин ҷо, дига худӣ ба худӣ мондаем. – маслиҳат дод Умар. – Мушу гурбабозӣ накун!

– Майлаш. Қабл аз он, ки мақсадамро бигӯям, биёед аввал ба дарун дароем.

Вақте ба дари даромад наздик шуда Вакилу Умар аз паи Шарифзода ворид гаштанд, аз дохили иморат бӯи димоғпарваре ба машом расид. Вакил он ҳама бӯйро ба атр, ки занҳо навъҳои гуногуни онро истифода мебаранд, монанд пиндошта, худро андармони фаҳмидани чигунагии он нагирифт ва бовиқор пеш рафт. Умар роҳравиашро, ки бе он ҳам оҳиста-оҳиста буд, боз ҳам сусттар карда, лаҳзае он ҳама бӯи димоғпарвар ба шуш кашид ва худ ба худ андешид: Стратегро ба ҳолаш монӣ, дасташ расад хушзавқ будаст. Бубин! Аз куҷоҳо ин мушку анбар, зардчӯбаю райҳону кокутӣ, зираю занҷабилу гиёҳҳои дигари димоғпарвар, ки ба масту маъмур шудани кас сабаб мешаванд, устокорона ба ҳам овардаю истифода кардаанд.

Ҳар се дар дохили шипанг, агарчи бо номи шипанг машҳур шуда буд, аз як кушки зебои шоҳона мондани надошт, ба гардиш даромаданд. Онҳо ба хонаҳои кушк, ки ҳар кадом бо рангҳои арғувонӣ, нилӣ, сабзу заррин оро ёфта, қандилҳои гаронбаҳо овезон буданд, даробаро карда, аз дидани таҷҳизоди дилфиреб: қолину пойандозҳои рангобаранги сохти эрониву туркманӣ, сари ангушт гирифтанд, ин ҳама ороишоту таҷҳизот ёд аз қиссаҳои «Ҳазору як шаб» мекарданд, то ба назди мизи пурнозу неъмати Шарифзода муҳайёсохта, расиданд. Аз лаъливу лаганд сар карда, то чумчаву косаву дигару дигарҳо ҳама дилфиребу аҷоиб менамуданд. Ин ҳамаро дида, кас бе шарҳу тафсири дигаре сад дар сад бовар мекард, ки шахсони дорои завқи баланду ҳунари воло онро сохтаву бунёд гузоштаанд ва замоне ин ҷо одамони олимақому баландмартаба шинухез кардаанд.

...Дар ин миён Шарифзодаи Стратег ниҳонӣ аз ёрони худ бо мадади қонундон ҳуҷҷатҳо таҳия карда, ин кушкро соҳибӣ карданӣ буд. Вай ба хотири монеае пеш наомадан дар ҳуҷҷатҳо навишта буд, ки мехоҳад ин ҷо «Осорхонаи хоҷагии мардуми Вистан»-ро ташкил бидиҳад. Аз таҳияи ҳуҷҷатҳои ӯ ба ҷуз мутахассиси қонундони Идораи навташкили амволи давлатӣ ва

хоҷагиҳои шахсӣ каси дигаре огаҳӣ надошт, «нақша» батамом махфӣ нигаҳ дошта мешуд. Умар ҳам ба таври худ «даводав» дошт, ки ин қасрро соҳибӣ бикунад ва ҳеҷ ки нашуд, онро ба салоҳдиди мардум ва Идораи Ҷамоъа вогузаранду дар ҷойи он масҷиди калони панҷвақта бисозанд, зеро ин ҷо аз ҷиҳати мавқеи географӣ дар миёнкол ва ба омадурафти мардуми ҳама деҳаҳои атроф мувофиқ буд ва назар ба масҷиди Вистан барои васеъ кардани иморат имкони бештаре вуҷуд дошт. Умар ҳам ба онҳое, ки дар ин бора гуфтугузор ва ҳамкорӣ карда буд, савганд додаву қавл гирифта буд, ки то ба мурод расидан, ба касе даҳан боз накунанд, бехабар аз он, ки коре ду-секас донист, ними маҳал медонад. Ва ҳоло Умар ба хотири фаҳмидани роз ва фикри дигарон, ба иборои мардумӣ онҳоро пеши по монда, суоли умумӣ кард:

– Акнун ин ҳама ба кӣ мемонда бошад?

Вакил мисли дарандаи гуруснае, ки ба туъмааш дигаре наздик шуда, майли шарикӣ дорад, ғазаболуд дар як вақт ба чеҳраи Шарифзода ва Умар ташхисомез нигариста, хост аз дили онҳо воқиф шавад. Чизе фаҳмид ё не, ба таҳаммули зиёд тоқаташ нарасида, гуфт:

– Боири сарвари хоҷагӣ, ки ҳақдори аввал буд, дар ғами ҷон, Худо худаш медонад, куҷо мегардад? Оё зинда ҳаст?! Ё мисли писараш Шерак бо ин ҷаҳони пурмоҷаро падруд гуфта, дар муаммои саволу ҷавоби Мункар Накир аст. Лекин ту Стратег, бисёр тоб нахур, гапро ба ҳар сӯй набар! Зудтар гӯй, мурод аз моро ин ҷо даъват карданат чист? Зудтар гӯй! – ба дуруштӣ дастак зада таъкид намуд Вакил. Шарифзода боз ҳам чизе нагуфта, даври миз гаштанӣ буд, ки Вакил аз бозуяш дошта, ба зӯрӣ дар курсӣ шинонд ва мисли он ки истинтоқаш мекарда бошад, ба овози баланду қатъӣ гуфт: – Аввал мақсад гӯ! Баъд даври «ҷувозат» тоб мехӯрӣ!

Шарифзода ба ҷуз боз кардани роз илоҷи дигар надид: – Эътибор додаед ё не? Мо ба фазаи асосӣ ё давраи ҳалкунандаи тақдирсоз қадам мегузорем. Баъди чанд рӯз дар Қасри Арбоби Хуҷанд ҷаласаи ҳукуматӣ доир мегардад ва масъалаи интихоби роҳбарони нав, ҳукумат ва дигару дигар гапу корҳои доғи рӯзро мебинанд. Бар замми раёсату аъзоёни Ҳукумати ҳозираи фалаҷгашта, аъзоёни Шӯрои олӣ, сарварони ҳизбу созмонҳои кулли Тоҷикистон ва дастаҳое, ки ба муқобили ҳам ва ину он ошкору ниҳон набард доранд, даъват карда мешаванд… Мо бояд мавқеи худро муайян созем.

– Даъват кунанд, меравем! – дигаронро мунтазири ҷавоб на-

сохта, зуд гуфт Вакил.

– Аз мавҷудият ва фаъолияти мо огаҳӣ дошта бошанд? – як навъ кунҷковона, ба хотири фаҳмидани фаҳмиши онҳо аз авзои ҷомеа суол кард Шарифзода.

– Як мошин чапа шавад ё ду кас бо ҳам кордзанӣ кунанд, ними дунё бохабар мешаваду мо чанд моҳ боз Вистану деҳоти атрофро ба бозӣ даровардаем, дуди оҳи мардум дар фалак мепечад, мегӯӣ хабар намеёбанд?! Стратег гоҳо худро чунон гулӯ гумроҳ метарошӣ, ки ба ҳадди хандаоварӣ! Моро месанҷӣ? Ё масхара мекунӣ?!

– Ба ростӣ ки: на ину на он.

– Ҳоло муҳим дигар гап аст! – Умар тасбеҳашро аз гардиш боздошта, изҳори андеша кард: – Ҳақиқат ин масъала ниҳоят ҷиддӣ аст. Мо аллакай дер мондаем. Ба ин масъала сар-сарӣ баҳо надода, бояд ҳаматарафа фикр бикунем, аз иёри андеша гузаронда, бо назардошти қисмати оияндаи худу фарзандон хулоса бароремy амал бикунем. Вагарна…

– Масъалаи ҷиддӣ буданашро фаҳмидем. Ку фикратро гӯ! – аз кашол ёфтани сухан Вакил ба танг омада, ҷониби Умар овоз баланд кард.

– Мард бош, ё дар хизмати мард, гуфтаанд. Чӣ мешавад, мо худро бо ҷиноҳи Ҳизби наҳзати исломӣ бипайвандем? Як мушти тавоно шавем!

– Эъ!! – Вакил аз аввала дида, баландтар чунон овоз баровард, ки нишони тааҷҷуб буд.

– Вакила ба хаёлам ҳамоно ғами аз шароб чӣ хел даст кашидан пеши назар омад, – гуфт Шарифзода, бо тамасхур ва ё ҷиддӣ гуфтанаш ҳанӯз маълум нагашта, ки боз афзуд: – Ҳазрати Умар боз беҳтар медонанд, Ҳаким Умари Хайём фармудаанд: «Ҳеҷ чиз дар тани мардум нофеътар аз шароб нест, хоса шароби ангурии талху софӣ. Ва хосияташ ин аст, ки ғамро бибарад ва дилро хуррам кунад». Ин хел бошад, пас ҳамунҳо ҳам, – бо даст ишораи салла ва риш кард, – ба хаёлам кам-кам паноҳӣ мегирифтанд. Охир нигоҳубини тан воҷиб аст, ку? Ба ғайр аз ин, «Дар андаки ӯ манфиати бисёр аст» фармудаст ҳазрати Абӯалӣ Сино.

– Вақте аз моҳияти дини мубини ислом сухан мегӯӣ ва барои тасдиқи суханат намунае аз бузургон овардани мешавӣ, на аз Абӯалӣ Синою Хайём, балки аз Имоми Аъзам, Имом Бухорӣ, Имом Ғаззолӣ, Мавлоно Яъқубӣ Чархӣ ва дигар фақеҳони исломӣ ва муаллимони ахлоқи башарӣ Шайх Саъдӣ, Аттору Ҷалолиддини

Балхӣ биёр – таъкид кард Умар.

– Бало ба сари ҳамашун! Мавъизаро монеду ҳарчи зудтар ба сари мақсад биёед! – боз таъкид намуд Вакил ба дуруштӣ ва хеле қатъӣ. Вай баъди даргузашти духтару хоҳараш асабонӣ ва дар иҷрои корҳо бетоқат метофт, сабру таҳаммул аз захираи хотироташ парида буд.

Шарифзода афзуд: – Ҳазрати Умар фикрашона гуфтанд. Ман пеш аз он, ки фикри худама гӯям, мегӯям: ба фикри Умар розӣ нестам. Чунки ман медонам ва шумо ҳам хуб медонед, ки ҳизби коммунист аз ислому исломгароён қади бало метарсад, тавре шайтон аз бисмиллоҳ. Ин ҳизби бераҳму сарсахт дар тӯли мавҷудияти худ ҳеҷ гоҳ аз мубориза алайҳи дини мубини ислом даст накашида ва дар ҳамин назъи равон ҳам(ҳолати ҷонканӣ) даст кашиданӣ нест. Медонед, барои чӣ чунин сахт мегӯям? Чунки рафту дар машварати Хуҷанд боз коммунистҳо сари қудрат биёянд! Ана баъд, биёву ҳоли зори наҳзати ислома тамошо кун! Ман ба пешниҳоди он, ки «ба Ҳизби наҳзати ислом бипайвандем», қатъан муқобилам! Пас шояд пурсед: фикрам чист?! Фикрам ин аст: мо алҳол ба ягон дастаю гуруҳ ҳамроҳ нашуда, як ё ду нафар намояндаи худро ба Хуҷанд фиристем, рафта ба ҳайси мушоҳидакор иштирок кунанд ва оба дида мӯза кашем. Сиёсати имрӯз эҳтиёти ниҳоят ҷиддиро барои фардо талаб мекунад. Ҳар хулосае барорем, бояд бо назардошти осудагии фардо бошад… Ана ҳамин аст, фикр ва пешниҳоди ман! Боқӣ худ мухторед.

Мисле ки бори гароне ба сарашон фуромада, даҳони ҳамаро баст. Ба ҳаде сокиту ором шуданд, ки нафаскашии ҳамдигарро ба хубӣ эҳсос мекарданд.

Вакил ҳарфу ҳиҷое ба забон наоварда, дурудароз ба авзои ҳамсуҳбатон нигарист ва баъд ба таври умум гуфтаи Шарифзодаро ёд оваршуда, суол кард: – Ун ҷо(Хуҷанд дар назар аст), ки «ҳайати аъзоёни Ҳукумати ҳозираи фалачгашта, аъзоёни Шӯрои олӣ, сарварони ҳизбу созмонҳо ва дастаҳое, ки ба муқобили ҳам ва ину он ошкору ниҳон набард доранд, даъват шаванд», фаҳмост ки даробаро ҳам озод набудагист?! Ҳамин ки одами ношинос ба дари даромад наздик шуд, мепурсидагистанд: «Ту кистӣ?! Чикораӣ?» ва ё «Ҳай бача, ку бугӯ?! Аз куҷо ва аз кадом созмону даста мешай?!» Тасаввур кунед: ана шумо намояндаи мо шуда рафтед. Ҳамин хел пурсанд, чӣ ҷавоб медиҳед?! – вай боз ба чеҳраи ҳамсуҳбатони худ бо диққати тамом нигарист, то ки ҷавобе нагуфта ҳам, аз ваҷоҳаташон ба маънӣ пай барад.

* * *

Ҳавои тирамоҳӣ имрӯз аз саҳар ба ранги одами мотамгирифта тира метофт. Дасту дили одами ба ҳавои софу беғубор одаткарда, дар чунин ҳолатҳо на танҳо ба кор пеш намерафт,балки худро як навъ ноҳинҷор эҳсос мекард. Дар ин рӯз дигар нияти ягон хел амалиёт набуд ва ҳоло Вакил аз тирезаи дафтари корӣ берун менигарист. Вай дид, ки Умар на мисли ҳамешагӣ, таври рафтори ба ӯ хос: оҳистаю батамкин тасбеҳи дӯстдоштаи фирӯзагини бологардонашро ҳой дода, балки хеле башитоб домани ҷелаки осмонирангашро ба даст гирифта, як навъ чопар меояд.

– Ба ин тарз омадани ӯ аз нохушие дарак медиҳад, дар ин миён чӣ гапу кори беҷое миёни бачаҳо сар зада бошад? – худ ба худ аз пешомади ногуворе андешида, Вакил таҳлукаомез аз хона берун баромад ва ҳайяҷону изтироби ҳанӯз ба назараш бесабаб рӯзадаро дар худ фурӯ нанишонда, якта-якта қадам партофта, то сари роҳи калон ба истиқболи ӯ пеш рафт. Мавриди дигар мебуд, шояд ба ростӣ ҳам гумон мерафт, ки ӯ ба истиқболи Умар баромадааст, вале ҳоло гап дигар буд.

– Вакил! Хоҷа! Ин чӣ корест кардед?! Ин чӣ бедодист?! Наход дар шумо як зарра раҳму шафқати одамӣ намонда, ба мошинаи қатлу ғорат бадал гашта бошед?! – бесалому алайк ва муқаддима, дасти барои салом дарозкардаи Вакилро ба даст нагирифта, бадқаҳр ва яку якбора гуфт Умар. Вакил дар ҳама ҳолат миёни даста, худро аз дигарон бартар медонист, нахост сарпастӣ кунад, таҳқир шавад. Ӯ сарвари даста аст, Умар ҷонишин, вай бояд ҳадди худро дониста гап занад. Ин аст ки Вакил аз муомилаи ӯ дар ғазаб шуда, ба ҳамон оҳанги дурушти Умар, як лаҳза ҳам сабру таҳаммул раво надида, ҷавоб гардонд:

– Савоби ҳама раҳму шафқатро мо ба шумо бахшидем. Метавонед бо шахсони дилхоҳатон тақсим кунед!

Умар ба тағйири чеҳраи дарғазабшуда, паридани мушакҳои рӯй ва дастони ӯ назар афканд. Тахмин ӯ бо як даст тапонча ва бо дигар ханҷар медошт. Дили Умар дарзамон аз оқибати нофарҷоме дарак дода, ба чеҳра ва чашмони хунгирифтаи Вакил бодиққат нигарист, то фаҳмад ки мабодо масти банг бошад, зеро кам тасодуф меафтод, ки вай ба ин беандешагӣ ва шитоб чунин дағал гапгардонӣ кунад. Ваҷоҳати Вакил аз асабонияти якбора рӯзада дарак медод: чеҳраи арғувонигашта, паридани мушакҳои зери чашм, ҷӯшидани лабҳо рози ӯ ошкор месохтанд.

Умар аз ин суханонаш якбора оташ гирифтани Вакилро дида, мисли аз карда пушаймон ба ҳоле худро аз ғазаб нигаҳ дошт, шасташ гашта, мусолиҳаомез ин ҳарфҳо ба забон овард: – Фаромӯш накунед. Муроди мо аз ташкили дастаи «Фидоиён» ин набуд. Мо нияти ободиву созандагӣ доштем. Онҳоеро, ки ба беҳбудии диёр латма ворид карданӣ буданд, аз раҳ бардоштанӣ будем, на ҳама дорандаву сарватмандро саросару бе пушт-пушт! Аз касе ки зиёнаш нарасидаст, бадӣ кардан аз рӯи инсоф нест… – одами ба дуруштгӯӣ хӯ накарда, нафас дар гулӯяш печид ва гулӯ рӯшан карда, идома дод: – …ба нангу номуси бевaву бечора даст зада, таҷовуз кардан! – гуфтан замон тавре болои оташ равған рехта бошанд, ғазаби Вакил ғайриинтизор аланга гирифт. Вай номуродии қумандон Берангро бо Гулхумор ва кушта шудани ӯ, хонаи Боири раисро пеши назар оварду (хонаи Ҳотам Ҳакимбоевичро кӯшиш мекард на худ ва на каси дигаре ба ёди ӯ наорад) нагузошт Умар идомаи сухан бигӯяд: – Мавъизаро кӯтаҳ кунед! Ба чӣ омадед?! – гоҳ ту ва гоҳе шумо гуфта, омирона таъкид намуд: – Чӣ мехостӣ?! Бепарчу пурч хостаат гӯ!

– Мехостам, ба ту таъкид кунам, ки ба касе ҷанг мекунӣ, барои оштӣ ҳам ҷой мон! Боири раис одами андак нест! Дар Вистан, деҳаҳои атроф ва дигари ҷумҳурӣ обрӯ ва эътибори баланд дорад. Аз барои вай шуда, аҷаб не, тамоми мардуми Вистан ба муқобили мо, ба по хезанд! Ҳамаро безарурат якбора душмани худ кардан, чӣ маънӣ дорад?! Боири раис ваъдаи ҳамкорӣ ва ёрии пулӣ додан карда буд ку?! Боз чӣ мехостӣ?! Ин амали ту аз кори шуми Шимр[1] пасттар аст. Бо ин кору рафторат фаромӯш накун, дар таърихи тоҷикон бадтарин кас мешавӣ!

Вакил боз ҳам нагузошт, вай идомаи сухан бигӯяд:

– Хуб вақти пандгӯӣ ёфтаӣ!

– Ин панди ман не, аз Шайх Саъдӣ аст.

– Дунёро шайху муллоҳо ба коми оташ кашиданд!

– Баръакс! – фавран дод зад Умар ба манзалаи он ки азизтарини азизонашро таҳқир карда бошанд: – Ба шарофати ҳамунҳо дунё барҷост! Вагарна аз касофати сияҳҷомагони бангию ҳангию ғару дузду раҳзан ва бенамозу намакношиносҳои хонабарандози тарёкӣ кайҳо қиёмат қоим мешуд!.. – бо овози баланду асабоният,

[1] Вакил чи касе будани Шимрро намедонист. Агар медонист, ки кушандаи набераи Ҳазрати Муҳаммад(с) Ҳусайн аст, чизе мегуфт, вале ҳоло бими ӯ аз бадномӣ пеши таърих буд. Шарҳи муаллиф.

дастак зада, гуфт Умар, ки аз ин пеш Вакил ингуна ғазабу бадгӯияшро надидаву нашнида буд.

– Боз чӣ гап дорӣ?! – андаке нармтар шуда пурсид Вакил.

Вакил ҷавобе нашунида, дубора пурсид:

– Чӣ? Ту ба насиҳати ман омадаӣ?!

– Не! Акнун маълумам шуд. Ту чунон аз худ рафтаӣ, ки дигар ба ту не насиҳат кора мекунаду не маслиҳат…

– Ҳо-о! Насиҳату маслиҳати лачу фачи ту дигар на ба ман нафъ дораду на ба дигаре!

– Эй,ту садқаи насиҳату маслиҳат шавӣ! Наход ман гӯям, ба аҳлу аёли марде, ки ҳама шарту байъи моро қабул дошт, бераҳмӣ накун. Хун нарез! Моли мардумро дигар талаю тороҷ накун! Ба беваю бечора раҳм кун. Бераҳмиро аз ҳад гузарондӣ! Дигарон ба бегонаҳо бадӣ карда бошанд, ту ба ҳамдиёронат! Ин амали ту аз кардаи Шимр бадтар аст! Дар таърихи тоҷикон бадтарин кас мешавӣ! Ҳаминҳо гапеанд «фачу лач» бошанд?! – ғурунгида аз назди Вакил ба роҳи омада бозгашта, дар ҳоле, ки як-ду қадам бардошта буд, боз афзуд: – Агар рафтори ту ҳамин бошад, ба гапам гӯш надиҳӣ, пас ман аз ҳамин лаҳза дигар ёри ту нестам! Ту медониву дави аспат! Дар ин дунёву қиёмат пеши Худо ҷавоб гуфтанат! Хунхори фосиқ! – Умар агарчи суханони охиринашро пас гашта, оҳиста гуфт, то ба гӯши Вакил расиданд. Умар баши-тоб, зайли аз хатар гурезон қадам бардошта, чанде рафта, аз роҳи морпеч тоб хӯрда буд, ки садои тир баланд гашт ва Умар «Аллоҳ!» гуфта, пурӯ ба замин афтид. Вакил дигар ба ӯ нигоҳе ҳам накарда, мили тапонча пуфу пок намуда, ба ғилоф андохту ҷониби роҳи калон ҳар ҷо ки по барад, пеш рафтан гирифт.

Умар ҳамеша ҷавшанпӯш буд. Ва ҳоло ҳам. Зери ҷелак онро тавре пӯшида буд, кас пай намебурд, ҳатто Вакил ҳам. Аз ҷавшани ӯ тири тапонча намегузашт. Пас барои чӣ худро ба замин афканд ва ба мурда андохт? Чунки аз фарҷоми корҳо дилпур на-буд, вай ба ин васила, захмӣ шудан, мехост муддате худро аз бозӣ берун кашад, то маълум гардад ки мардум аз барои хотири Боири раис ба по мехезанд, Русия ба ин «бозӣ-ҷанг дар Тоҷикистон» то ҳол бетараф набуд, акнун бо шиддат гирифтану густариш пайдо кардани воқеаҳо бо қувваю муҳимоти ҷангӣ ҳамроҳ мешавад ё не? Ҳукумати навташкил, ки аксар бетаҷрибаю собиқаи сарварӣ ҳастанд, чӣ қудрату тавоне доранд?! Аз худ чӣ адолат ва ҳукму раҳнамоие нишон медиҳанд?..

Ин дам ронандаи мошини раҳгузаре болои роҳ ҷасади одамиро,

ки ба ранги халтаи картошка ва ё орди аз бори касе ба замин ғалтидаро мемонд, дида суръат суст карду назди он истод. Ҳамроҳаш зуд фаромада, ҷасадро аз назар гузаронид, набзашро санҷид ва ҷониби рonaнда фарёд зад: – Какой та мулла! С бронежелетом... Но ещё жив!

Онҳо Умари захмиро бардошта бурданд.

## 14.

Шамол абрҳои сиёҳи дар ҳаракатро титу пареш кард. Баъди чанде шим-шимаи борон сар шуд. Ин борони тирамоҳӣ, ба гуфтае қамчини деҳқон буд, то ҳосили парваридаашро ҳарчи зудтар ҷамъоварӣ кунад. Мардуми дар таҳлукаи ҷон афтодаи ин диёр на парвои ҳосил доштанду на тағйири ҳаво, аз Худо ягона розу ниёзашон оромӣ, инсофу адолати силоҳбадастон ва ёфт шудани зиндаю мурдаи гумшудаҳо буд.

Осмон баъди борон мегуфтӣ дил холӣ кардаву сабук шуда бошад. Ва ҳоло бозмондани боронро мардум фоли нек таъбир мекарданд.

Оҳиста дари дафтари корӣ боз шуду силоҳбадасти пушти дар ворид гашта, беҷуръатона пурсид:

– Ҳазрат, иҷоза ҳаст?

– Ку бударо, боз чӣ гап дорӣ?

– Билет оварданд.

– Гӯй дароянд.

Ду нафар ҷавони 25-30 солаи силоҳбадаст вориди дафтари корӣ шуданд. Аз табассуми қаноатмандонаи онҳо ҳувайдо буд, ки аз иҷрои коре мужда расонданианд. Ҳар ду баробар салом гуфта, якбора яке ба дигаре нигариста, нихта карду гӯё гап гум карда бошанд, ҳар ду карахту хомӯш истоданд. Дар як мижа ба ҳам задан дигаршавии ин ҳолати онҳо нигоҳи бадхашмонаи Вакил сабаб шуд, ё пешакӣ чӣ гуна гап сар карданро маслиҳат накардан ва ё аз бими хабарҳое, ки қаблан шунида буданд: «агар Вакил сари ғазаб бошад бе пушт-пушт, бошасти даст ишора карда мегуфтааст: ба «моҳиқапӣ!», «ҳавохӯрӣ!», «пеши тағош!». Ва ҳоло, онҳо «гӯем, нагӯем» андешида, ҳайкалвор меистоданд, ки Вакил таъкид кард:

– Ҳа?! Акнун ки омадед, ку гап занед!

Яке аз онҳо қадаме пеш гузошта, бе гапу ҳарфе шиносномаҳои пешакӣ дар даст гирифтаашро, ки даруни ҳар кадом чипта буд, ба Вакил дароз кард. Вакил онҳоро гирифта, аз паси миз хеста қадам

зада, рафту дар курсии дигари назди тиреза, ки ҷояш рӯшантар буд, нишаст ва по болои пои дигар гузошта, як-як шиноснома ва чиптаҳоро аз назар гузаронид. Силоҳбадастони ҷавон аз ҳар як ҳаракати ӯ чашм наканда, аз ваҷоҳаташ пай бурдан мехостанд, ки ӯ аз амали ба ҷо овардаи онҳо қонеъ аст ё не. Вале ҳеҷ нафаҳмида, ҳар ду кунду карахт дил ба умеди фаҳмидани оқибати кор, ки онҳоро чӣ мукофотест, нек ё бад, рост меистоданд. Вакил баъди шиноснома ва чиптаҳоро бо диққат аз назар гузаронидан андешаи зиёде кард, аз ҷой баланд шуд ва ба ҳардуи онҳо рӯ оварда гуфт:

– Кадоматон ин билетҳоро харидед?

Оне, ки шиноснома дароз кард, неву дигарӣ ба умеди таъриф шунидан ва ё, шояд ягон мукофот ҳам мегирад, қадаме пеш гузошта, андаке бо ифтихор, гӯё аз корнамоие дарак медода бошад, гуфт:

– Ҳазрат, аз кассаҳои гуногун сето ман гирифтаму сетои дигар ин, – ба рафиқи паҳлуяш назарногирона ба даст ишора кард ва боз қадаме пас гузошт.

– Бар падари ту ҳам лаънату аз ӯ ҳам! Рости гапа гӯед, шумо шипиони кистед?! Чанд вақт боз аз пайи ман гашта, харобкорӣ мекунед?! Гӯед! Гӯед, ки ҳозир пешонии ҳар дуятона бо хуни худатон рангин мекунам! Балки аз даҳонатон мепаронам! Ҳаромзодаҳо! Зудтар гӯед!

Навбатдори пушти дар овози баланд шунида, гумон кард, ӯро даъват доранд, дар кушода, гуфт: – Чӣ хизмат?

– Қассоба чеғ зан! Ҳардуи ина зинда пеши ман пӯст канад!

Яке аз онҳо беҷуръатона, ҳар калимаро мегуфтӣ мехоида бошад, гуфт: – Ҳазрат, ҳазрат, охи, ҳаму акаи Шарифзодаи Стратег ина ҳами шиносномаҳора ба мо дода, фармуд: «Рафта, аз кассаҳои гуногун чипта харед!» Мо фармудаи ӯ ба ҷо овардаем. Аз пеши худ коре накардаем. Дига, гуноҳе надорем, ки мора...

– Ҳе, бар падари Шарифзода ҳам…

– Навбатдора чеғ зан!

Навбатдори дар каминбуда зуд ҳозир шуда, ба ҳамон тартиби ҳамешагӣ гуфт: – Чӣ хизмат?

– Зуд Шарифзодаро ёб! Дар осмон ё зери замин бошад ҳам!

Сайдро аҷал расад, сӯи сайёд равад. Шарифзодаи ба ном Стратег, марди болобаланди таҳамтану бовиқор, лаҳзае пас, бехабар аз ин моҷаро бо табъи болида таги бинӣ мунга кашида, ҳозир шуду аз силоҳбадасти навбатдори пушти дар суол кард: – Ҷону ҷигар! Авзои шеф чӣ хел?! Хурсанд аст ё хафа?

– Ба ин дараҷа ғазабашро то ин дам надида будам, – оҳиста гуфт вай. Аз шунидани ин шарҳи ӯ, дардам кайфи Шарифзода парид, «паронда шудани Умар» ёдаш омад, як навъ ҳангаш канд, мадор аз пойҳояш рафт, тахмини шуме барқсон аз дилаш гузашт ва тавре бемори вараҷа бошаду назди табиб медарояд, ларзида-ларзида дохили дафтари корӣ шуда, қошу қавоқи гирифтаи Вакилро дидан замон, бештар ошуфта гашт ва мисли он ки чӣ гуфтанашро намедониста бошад, оҳиста ин ҳарфҳо ба забон овард:

– Ҳазрат, ина ман. Ба хизмат омодаам.

– Ку, ту ба ман фаҳмон! Ту ба ин сағераҳои шум чӣ тавр гап фаҳмонда, чиптахарӣ фармудӣ?!

– Ман. Ман охи нағз фармудам. – аз ҳамон ҳолати ноҷур берун наёмада. – Хуб фаҳмондам. Баъди фаҳмондан, боз Худову ростӣ, пурсидам, ки фаҳмидед? Гуфтанд: Ҳо. Гуфтам: Агар фаҳмида бошед, зуд аз пайи иҷрои кор шавед. Хуб гуфта рафтанд. Дигар аз марги худ хабар дораму аз кору кочори инҳо не. – вай даме ба фикр рафта, бо худ чӣ андешид, ки афзуд: – Не ки Ҳазрат, пайташ омадаст, як рози дигар ошкор созам: инҳо гоҳо чапғалат дода, аз ҳамун ҳузури ҷон мезананд. Худову ростӣ, ин ҳунарашона баъди рафтан фаҳмидам. То ҳай гуфтам, ки аз пешам хато хурда, рафтанд. Худову ростӣ, агар пештар мефаҳмидам, Худо якаст, ин кори муҳиму масъула ба инҳо бовар намекардам. Лекин чӣ кунум, ки то ҳай гуфтана хато хӯрданд. Акун ин Худобехабарон ягон кори дигар карда бошанд. Ба ҷои салла, калла оварда бошанд, гуноҳи ман не…

– Мана гӯл назан! Гапа дигар сӯ набар, занғар! Гӯй, ки ту ба инҳо чӣ тавр фаҳмондӣ?!

– Охи, худашон гӯянд. О, худашон даҳан доранд. Ман даҳаншона нақапидам. Худашон гап зананд, ки аз гуфтаи ман чӣ нафаҳмиданд? Агар нафаҳмида бошанд, чува ҳамун вақт нагуфта, ҳолӣ притензия доранд?

– Притензия?! Притензия мегӯӣ?! Притензияро ман ба ту нишон медиҳам! Ман притензия дорам, на инҳо! Ту урусидониву қонунбозиатро дигар сӯ мон! Гапа дигар тараф набар! Худат гӯй! Зудтар гап зан! Ҳамин ҷа, ман ба ту чӣ гуфтам?! Ку такрор кун! Падарлаънат! Ту ҳамон вақт банг зада будӣ ё ягон балои дигар?! Ман ба ту гуфтам, ки обу нони Тоҷикистон ба мо, – вай даст фиррӣ тоб дода, ҳама ҳозиронро ишора кард, – ҳаром шуд! Ҳаром! Фаҳмидӣ?! Дер ё зуд аз ин мамлакат хит шуданамон лозим! Бо ному фамилияҳои дигар! Чанд шиноснома ёбу рафта

ба ҷойи аксҳои пешина аз моро часпон, дар шуъбаи шиносномадиҳӣ одам ёб, пула калон те! Мумсикӣ накун! Муҳр зан, қонунӣ кун. Баъде ки ҳамаро дуруст кардӣ, аз кассаҳои гуногун ба тарафҳои Сибир ё шаҳрҳои ба ҳамун тарафҳо наздик тайёра мепаридагӣ, чипта гиред. Шумо бошед, чӣ кор кардед?! Медонед, инҳо ба куҷоҳо билет гирифтаанд? Гӯё мо ба шаҳрҳои курортӣ истироҳат ё сайр мерафта бошем! Ку ин шиносномаҳоро бин! Боз мо ишона Стратег мегуфтем, дар ғоиб фахр ҳам мекардем, ки ҳамин хел маслиҳатгару мушовир дорем. Не, ту Стратег набудаӣ! Балки як ҳилагари ниқобпӯши беимони урусидони қонунбоз будаӣ! Ман аз фарти содагӣ боз ба ту аз ҳама бештар эътимод доштам! Одами дилпурам гуфта, умед мекардам, ки дар рӯзи тангӣ дастгирам мешавӣ. – вай шиносномаҳоро аз рӯи миз гирифта, ба рӯи Шарифзода зад ва даври хона гашта, боз афзуд:

– Ин бечораҳако не! Ту шипион будаиву мани сода ҳамин қадар вақт нафаҳмида, розу ниёзи худ аз ту пинҳон намедоштум. Бо дили пур мор дар бағал мегаштаам!.. Ту қадрношинос, ҳамун муаллимаки бадномшудаи побараҳнаи нимсери аз пушти ман соҳиби як даҳан нон шудаву «еву евич»-атро фаромӯш кардаву имрӯз шон! Зода! Шарифзода шуда, нестӣ?! Ту рӯйрост ба ману дигар дӯстонат қасди хиёнат доштаиву ман бехабар! Боз ман аз ту дилпур, ки нону намакхӯрдааст! Дар рӯзҳои тангӣ ёвару маслиҳатгару дастгирам мешавад! Ту бошӣ дар ивази ҳамун қадар меҳру боварии ман, чӣ кор кардӣ? Агар бо ин чиптаҳои шумо харида, бовар карда мерафтем, медонӣ чӣ мешуд?! Ҳолӣ ба тайёра нанишаста, туъмаи муфти коргарони амният мегаштем! Ин қадар хуни мардума рехта, сарвати ба ҳоли зор ҷамъовардаи мардума ба ғорат бурда, шаъну эътибори мардума паст зада, боз умеди тараҳҳум доред?! Чӣ?! Гумон мекунӣ, ман ё ту дар ин мулк душман надорем?! Не, ту гӯй, гуноҳи кам кардаӣ?! Гап зан! Садрӯяи ҳилагар! Ин қадар ки дар сояи давлати мо ҷамъ кардӣ, бас набуд?! Аҷаб не, бо гург думба даридаву бо чӯпон майли гиря дорӣ? Бо дастаҳои дигар ҳам ҳамкорӣ мекунӣ?! Аз онҳо ҳам ҳаққи риё мегирӣ! – Вакил сари ғазаб худро нигоҳ дошта натавониста, беист таъна мезад, мегуфту мегуфт…

– Аз гуноҳам гузаред, Ҳазрат! Ҷонам фидои шумо. Чокаратон будам, акнун ғуломатон мешавам. Ҳар хизмате бошад, ҳозирам. Хуни ман ҳалоли шумо…

– Ҳамин хел хизмат ба дарди касе намехӯрад! Наход ту то ҳол ба мо ҳамин хел хизмат карда бошӣ?! Э-э! Туя хунат ҳам ҳаром аст, забонат ҳам, афту андомат ҳам!

Лаҳзае чанд ҳама сокит шуданд.

– Ба инҳо ҷавоб диҳед, ҳазрат. – ҷониби он ду нафар силоҳбадасти ҷавон, ишора кард Шарифзода. Бо имои Вакил онҳо аз дар берун рафтанд. Шарифзода лаҳзае ба андеша рафт ва баъд мисли он, ки ба дарандаи ваҳшии ҳанӯз ромнашуда, наздик мешуда бошад ва сухани махфие дорад, бо эҳтиёт ва оҳиста ҷониби Вакил қадам бардошта илтиҷоомез гуфт: – Ҳазрат, як даҳан фикри маро ҳам фаҳмед. Хоҳиш мекунам.

Вакил ба маънии бигӯ, сар ҷунбонд.

– Ҳазрат, тавре худатон қаблан борҳо хеле оқилона ва дурандешона фармуда будед, – андаке кушода шудани чеҳраи Вакилро дида, акнун Шарифзода шеваи гуфтор дигар кард: – кори олам яксон намемонад. Хоҳу нохоҳ боз сулҳу салоҳ ва оштиву оромӣ мешавад. Ва баъдан мардум дар паи фаҳмидани ҳаққу ноҳаққи гузашта мешаванд. Дигар кардани ному шиносномаҳо кори саҳлу сода нест, ки бо як шасти даст шавад. Оқибати онро ҳаматарафа андешиданамон лозим…

Вай дид, ки суханонаш ба Вакил асар карданд, дам фурӯ баст. Лаҳзае пас, Вакил гуфт: – Ҳамин хел ки будаст, мемурдӣ барвақттар мегуфтӣ?! Ақли кал баъди пешин медарояд, ту ку кал нестӣ! Чува барвақт нагуфтӣ?!

– Баъд ақлам гирифт. Дар ин бора фикр карда, фикр карда ба қароре омадам, ки мо хомӣ карда, чиптахарӣ фармудем.

– Гапа бисёр накун! Шаф-шаф нагуфта, мақсада, хулосата гӯй! Гӯй, ба чӣ ақлат гирифт?!

– Мо, чанд нафаре фирор карданием, бояд як ҷо нишаста фикр бикунем.

– Боз ин чӣ фикр аст?!

– Ин кор бе фикру андешаи амиқу ҳартарафа намешавад. Ҳатто фикри маро бигиред, хуб мешуд, як қонундони батаҷриба киро бикунем, то ки ба мо роҳаша нишон диҳад, бо назардошти талаботҳои меъёрҳои байналмилалӣ, маслиҳати дурусти қонунӣ диҳад, ки баъд аз борон гурехта, ба таранов наафтем. Ба андешаи ман, бояд барои ҳар як ном шаҷара фикр карда, бибофем.

Вай ба авзои Вакил нигарист, маълум буд, ки ӯ чизе нафаҳмидааст. Шарифзода ҷуръат накард пурсад, ки фаҳмидед ё не? Вакил ба даҳон об гирифта барин, лекин мулоимшуда метофт.

Ин аст, ки Шарифзода, маврид муносиб дида, барҳақ сазовори номи Стратег будани худро нишон доданӣ шуда, қисса кард: – Масалан, ман, барои худам ному фамил ёфтам. Шаҷара ҳам бофтам: номам Шафик Иззатулин мешавад.

Чеҳраи гирифтаи Вакил баъди чандин вақт якбора ғарқи табассум шуда, аз баланд хандидан базӯр худро нигаҳ дошт.

– Намедонам, медонед ё не, хушдомани ман тотор аст. Ман худама ва фарзандонама ба авлоди онҳо мепайвандам. Лекин Худову ростӣ, на худам ва на фарзандонам як даҳан тоторӣ намедонем. Барои санҷиш як-ду калима аз дигарон пурсида, ба занам гуфтам: мнда кеҳ!(Инҷо биё) чизе нафаҳмид. Зану хушдоманам ҳам тоҷики асил гаштаанд, тотор гӯӣ, мисле ки ҳақорат дода бошӣ, хафа мешаванд… Ана Худои накарда, ба даст афтему сабаб пурсанд, мегӯем: Бобою бибиҳои мо солҳои пеш ба Тоҷикистон муҳоҷир шуда, забон фаромӯш кардаву тоҷик гаштаем. Охир дар Русия магар тоторҳои русшуда каманд? Мо ҳам мисли ҳамунҳо…

Вакил акнун ба таҳти гап расида, баваҷд омад:

– Ҳо балое, Стратег! Гапат аз рӯи ақл аст. Ба ростӣ, ба лақаби Стратег сазоворӣ! Ҳамун хел мекунем. Лекин аз дили соф як чиз гӯям? Пуштат бе шубҳа зӯр будаст! Арвоҳот дастгир шуданд, вагарна кам монда буд, ба як тир пешонита рангин мекардам.

* * *

Ҳоло Вакил мошин канораи роҳ нигаҳ дошта, ба дастёронаш амр кард: – Шумо ҳамин ҷо истед. Бояд Шарифзода аз пайи мо биёяд, ӯро танҳо назди ман равон кунед, – ва худ ба тарафи баландии ағба роҳ пеш гирифт. Аз ин ҷо, на танҳо атрофи наздик, балки дуриҳои дур ва як қисмати аъзами шаҳри Душанбе бараъло менамуд.

– Худоё, сабаб чӣ бошад, ки «танҳо биё» гуфт? Ҷой дар ин гирду ваноҳ қаҳт задаст, ки боз сари ағба мулоқот таъин кардааст? – дар роҳ омада истода аз дил мегузаронид Шарифзода. Ҳарчанд болову поин, гузаштаву имрӯза андешид, пай накард, ки барои чӣ ин сари ағба ҷойи мулоқот таъин кардааст, дар дилаш тахминҳое пайдо шуданд, ки ҳама рӯ ба бадӣ доштанд, бар асари онҳо ҳайяҷону изтироби дилаш дучанд гашт, суръати мошин суст кард, бо ин дилаш таскин наёфта, мошин нигаҳ дошт. Тапончаи напа-навро ки дар мошин пинҳон карда буд, кофта баровард, тирдонаш аз назар гузаронид, ханҷари туҳфаи писарашро, ки ягон бор ва ягон ҷо истифода накарда буд, ба

даст гирифт, пуштурӯ карда дид, ба дамаш даст бурд ва бурро-гияшро санҷиданӣ шуда, ба ранги сартарош ба тани бозуяш расониданашро медонаду ғун шудани қабзаи мӯйро. Боз кордро пуфу пок карда, ба даруни ғилоф андохт ва ғилоф ба тасмаи шим, паҳлуи чапи камараш гузаронида, дилпур шуд ва мошин ба ҳаракат даровардa, суръат баланд кард.

– Омадӣ? Ҳай оҳиста ҳай мекардаӣ. – эрод гирифт Вакил.

– Мошин нав аст, ҳоли хуб омӯхта нашудаам, то роҳу равиша ёд мегирам… – каме ҳаял карданашро сабаб нишон дод Шарифзода.

– Медонӣ барои чӣ ин сари ағбаи Фақирободро ҷои мулоқот интихоб кардам? – пурсид Вакил дасти рост аз киса нагирифта. Бовар дорам, намедонӣ? Инро надонӣ, ба суоли дигарам ҷавоб деҳ? Одам баъди чанд садд ва мушкил паймудан бояд паймони дуруст бандад, ҳаққи гапро гӯяд? – Шарифзода хомӯш дар дил ба ин амали ӯ ҷавоб меандешид: ин чӣ ният дошта бошад? Аз ин суолҳои бемаънӣ ва аҳмақона муродаш чӣ бошад?

– Баъди фатҳи куҳи баланд, гузаштани дарёи азим ва оташи сӯзон! Фаҳмидӣ?! Ба таҳти гапам расидӣ? – Шарифзода ҳеҷ нафаҳмида, кунду карахт сокит монд, ки Вакил афзуд: – Пеши мо ин се мушкили сахту сангину муҳиму азим истодааст!..

– «Худоё! На шӯхӣ карданаш маълуму на ҷиддӣ гуфтанаш. Файзалӣ, сари мижгон чу ашк истодаӣ, ҳушёр бошад.» – дар дил аз кору кочори ӯ ҷавобе наёфта, вай худро дар ҳоли ба ҳама баду нек омодабош гирифт.

– Шиноснома гирифтӣ, ҷаноби Шафик Иззатулин?! Балки ҳоло ки дар Тоҷикистон ҳастем, рафиқи Стратег Файзалӣ Шарифзода гуфтанам беҳтар! Шояд аз дилат гузашта бошад: барои чӣ инҷойро, ҷои мулоқот интихоб кардам?! – боз такрор кард Вакил. – Ин ҷо гапамон пухт, хуб, агар не, туъмаи ҳо ана ҳамунҳо мешавӣ! – тарафи осмон ишора кард, ки парандаҳо-каргасу дигар лошахӯрон инсӯву он сӯ дар парвоз буданд.

– Ҳо. Шиноснома гирифтам. Ҳамун хеле ки маслиҳат шуда буд, – Шарифзода шиносномаи муқовакабуди напа-навро тарафи Вакил дароз кард. Вакил онро кушода, ба акс ва ному қайдҳои он, як сар-сарӣ назар андохту ба пастхамие партофт ва ҷониби Шарифзода гашт. Вай аз ин кори Вакил дар ҳайрат шуда, маъние набардошта, як ларзиду дар худ печид, ҳайрон монд, ба роҳи омада нигарист, дастёрони Вакил мили автоматҳо ҷониби онҳо дар ҳоли омода бош, ба ҳар як ҳаракати онҳо назора карда, меи-

стоданд. Вай ҷуръат накард, аз Вакил чизе пурсад, гӯяд ва ё коре кунад. Нағз медонист, дастёрони Вакил бо автоматҳо дар ҳоли омодагианд, аз ҷои тиррас, ҳар як ҳаракати онҳоро назора доранд. Ба онҳо як имои бурут ва ё сар такон додани Вакил кофист, ки тир кушоянд.

– Баъди он суҳбату маслиҳат, ман шаби дароз роҳу василаҳоро аз иёри андеша гузаронида, ба қароре омадам, ки ману ту ба ҳеҷ куҷои берун аз ҷумҳурӣ набояд биравем! Зиндаю мурдаи мо, бояд ҳамин ҷо монад! – гуфт Вакил ба чеҳраи пуркида, нигоҳи кунду карахти Шарифзода нигариста, дар назараш тавре намуд, ки ҷон кайҳо тани ӯро тарк гуфтааст. Вакил то хеле хомӯш истод, вале аз Шарифзода ҳарфи неку баде нашунида, бадқаҳр гуфт: – Чӣ зунукат гирифтаст?! На ҳа мегӯӣ, на не? Ёдат ҳаст? Пештар чӣ гуфта будам?! Хоҳу ноҳоҳ, дер ё зуд сулҳу салоҳ мешавад. Пас, агар мову ту аз ин сарзамин як қадам берун по гузорем, гуноҳҳои кардаву нокарда ва он чӣ дигарон содир кардаанд, ҳамаро ба гардани мо мезананд ва як умр дар таърихи Тоҷикистон хиёнаткору ҷинояткор боқӣ мемонем. Набераву абераи мову ту миёни мардум таънасору зери маломат мемонанд: «Фалонибача!» гуфта, ангуштнамои мардум мегарданд, ба некӣ рӯз намебинанд!

Вай дам фурӯ баст, то фикри Шарифзодаро фаҳмад, вале ба ибораи маъруф аз санг садо меомаду аз ӯ не. Худ гуфт: – Мо бояд минбаъд боақлона аз он атои Худованд, ки дасти телеҳҳо мебинӣ, ва имрӯзҳо насиби мо гаштааст, – ба автомати Калашникови дасти дастёрон ишора карда, – дуруст истифода барем. Умарро ба асфаласофилин гусел кардам, акнун навбати онҳоест, ки аз корнамоиҳои мову ту огаҳӣ доранд. Ба толеат ҷанг боз давом кунад, вагарна капат дуд мекунад, Стратег! Мо бояд минбаъд бо роҳҳои гуногун бадхоҳонамонро аз миён бардорем, худро ба тоҷириву соҳибкорӣ бизанем, ун чизакое, ки ғанимат ба даст овардаем, василаҳои гуногун ба кор бурда ба гардиш дарорем, пули ғуншударо дар бонкҳои дохиливу хориҷи кишвар барои як рӯзи мабодо гузорем, вагарна он ҳама коло ва пулу пучӣ ба сари худ, ба ҷуз дарди сар ба мову шумо нафъи дигаре намебахшанд. Ғайр аз ин, хеле боэҳтиёт ва дурандешона ба онҳое, ки дар талоши сулҳу оштиянд, ба ҳар сурату василa наздик шавем, тавре кунем, ки дар Ҳукумати наве, ки баъди ин ҳама хархаша, кушторҳо, кашмакашу маҳалбозиҳо таъсис мешавад, раҳ ёбем, намоянда, вакил дар Маҷлиси Олӣ шавем. Бар замми ин, бо баҳонаҳои гуногуни ба мардуми боварибахш, ба назди «гурезаҳои сиёсӣ»-амон

сафар карда, аз ҳолашон огаҳӣ ёбем, як навъ карда бо доираҳои сиёсии давлатҳои хориҷа робитаи дӯстиву ҳамкорӣ барқарор намоем, мавқеи сиёсии худро берун аз ҷумҳурӣ ҳам мустаҳкам бикунем. Дигар мову ту роҳи халосӣ, шустани гуноҳ ва сафед кардани худ назди мардум надорем, фаҳмидӣ?! Ғами амалӣ кардани ин ҳама «Куҳ!» набуда, чӣ буд?! – ва зери лаб замзама кард: «Ин ғам ки мароcт куҳи Қоф аст, на ғам!». – ҳар ду дар ҳоли ҳузнангез хомуш шуданд. Лаҳзае пас, Вакил бо як оҳанги навмедона афзуд: – Гоҳ-гоҳе аз ашки онҳое, ки аз дастамон ҷабр дида, азизони худро бой додаанд, пеши назарам аз қатра ба сел бадал мегарданд, кул ва дарё мешаванд... – ба ҳоле ба худ омада, авзои дигар гирифта, дилшикастагии худро бартараф карданӣ шуда, як навъ имдодҷӯёна, мисле ки дар ҳоли руъё аст, дониста-надониста ин калимот канда-канда бар забон овард: – …ин ҷаҳон… дарёест… киштие соз аз накукорӣ, то бад-он гузарӣ… Мо бояд минбаъд дар назари мардум ба беваю бечораҳо хайрхоҳӣ, кадхудой кунем, дасти мадад дароз намоем, як чӣ, нимчӣ ёрии беғаразона расонем… Ҳо, аз гӯшаи ҳамун ҷамъовардаҳо, ғаниматҳо… хайр бикунем. Ана «киштӣ»-и мо ҳамун мешавад, фаҳмидӣ Стратег?! Ҳарчи бештар дил ба даст биоварем…

– Эй офарине! Ҳазрат, қоил кардӣ! – интизори идомаи сухани Вакил нашуда, ба ваҷд омада, гуфт Шарифзода. – Ба ростӣ, ки на танҳо қумандони зӯри олиҷанобӣ, балки Вакили ҳақиқӣ ва сиёсатмадори зубдаи дурандешӣ. Ҷои ту аслан маснади Олист, лекин ба ин дунёи дун чӣ ҳам мегӯӣ?! Ҷои шерон рӯбаҳҳо кайфу сафо ва ҳукумравоӣ доранд. Бешак оқилона гуфтӣ! Ҳамин тавр мекунем. Иҷоза бошад, як фикри тоза ба сарам задаро бигӯям? – беҷуръатона тану тӯш чанг кардаву ба ҳам кашида пурсид Шарифзода.

– Ку бигӯ!

– Ба ҳар ҳол аз миёни одамони ба мо содиқ, дӯстон ва хешу таборон чанд кас ба беруни ҷумҳурӣ, ягон давлати хориҷӣ: Русия, Эрон, Қазоқистон, Украина ва ё дигар ҷо, ҳамчун гуреза, гурезаи сиёсӣ бошад боз беҳтар, гурезонданамон лозим. Барои як рӯзи мабодо, ба мо почаспи дилпур мешаванд.

– О, ман ҳозир моҳияти ҳамина гуфтам ку?! Ҳушат дар куҷо буд?

– Бале! Дуруст гуфтӣ. Ман фақат дар тақвияти гуфтаҳои худат чанд калима афзуданиям: ба ҳамин васила мо метавонем аз набзи дохилу хориҷи кишвар бохабар шуда, дар ҳар кор қарори оқилона қабул карда, истем. Бохабарӣ кори зӯр аст, одам чӣ хел қадам

мондану рафтор карданашро доништа мекунад. Ғайр аз ин, дар ноомади толеъ мо ҳам ҷон каҷ карда, метавонем статуси гурезаи сиёсӣ бигирем. Лекин хориҷиҳо ҳам он қадар гулу гаранг нестанд, барои статуси гурезаи сиёсӣ гирифтан, узви ягон ҳизбу созмони сиёсӣ будан лозим, лекин дастаи «Фидоиён»-и мо ақаллан муҳр надорад. Ё аз барои муҳр шуда, ба ягон ҳизб ҳамроҳ шавем? Коре карда илоҷашро ёфтанамон лозим.

– Ту бало! Стратег! Ин паҳлуи гапу кора ман аз мадди назар дур мондаам. Лекин ту ҳама гуна паҳлуҳо, ҳолату роҳҳоро андешидаӣ, то ки пиёда фарзин шавад! Офарин шоҳмотбоз! Гапат дуруст! Дар ин бора ҳам ҷиддӣ фикр карданамон лозим. Ту ҳам роҳи амалӣ кардану киҳоро гурезонданамонро андеша кун, ман ҳам. Ғами муҳра нахӯр! Барои ман дуруст кардани он ду карат ду аст! ...Ҳолӣ, гапа кам куну пеш гузар! – вақте Вакил ба дуруштӣ инро гуфта, ишораи пеш гузар кард, ҷон ба гуфтае аз бадани Шарифзода мисли чарахсаи оташ берун ҷаҳид ва барқсон суханҳои зер аз дилаш гузаштанд: «Ин Худобехабар заррае раҳму шафқат надорад. Умарро ки дастиросташ буду борҳо аз шармандагиҳо, сахтиҳо раҳояш карда буд, аз чанд балои дигар «ҷонаша харид», раҳм накард, рафту пеш гузарам, яке аз пас ногаҳон паронад. Аз дасти ин бадбахт ҳар кор меояд». – Шарифзода лаҳзае дудила аз ҷой наҷунбид ва авзои беҷо, қошу қавоқи овезон, чеҳраи бадхашмонаи ӯро дида, чӣ гуфтану карданашро намедонист, то хеле беҳаракат истод ва баъд ноилоҷ худро бари Вакил гирифту ҳар ду бари бабар тарафи роҳи омада хомуш қадам бардоштанд. Шарифзода бисёр мехост пурсад: «Шиносномаро гашта гирам?». Вале боз ҳам ҳурбаи гуфтан накарда, базӯрӣ ба пеш қадам мебардошт. Лекин аз дил мегузаронид: «Бе шиноснома чӣ хел мешавад?» Авзои гирифта, қошу қавоқи Вакил ба ӯ имкони чизе гуфтану пурсидан намедод. Баъди андешаи зиёде ба худ гуфт: «Хайр, ҳолӣ бе дарди сар равам, баъдтар омада мегирам».

Вақте ба назди мошинҳо баргаштанд, Шарифзода боз ҳам бо дили пуртаҳлука, зеро сабаби ин ҷо омадан, мақсади суҳбати ӯро нафаҳмид ва ба ҳамон ҳоли бечорагӣ маслиҳатомез арзи матлаб кард:

– Ин қадар роҳ омадем, ман дар ҳамин назаргоҳ(пост) як ҷӯра дорам, бо иҷозаи шумо ҳамуна хабар гирам. Як ҷойи мошинам чӣ бало дорад, гаранг мекунад, ку як бинад. – вай умед дошт дар бозгашт аз он ҷо, омада шиносномаро мегирад.

Вале баъди рафтани Шарифзода, Вакил худ баргашт, баргашт ба ҳамон ҷойе, ки ҳар ду суҳбат доштанд. Вай шиносномаро аз болои суфасанге зуд пайдо карда, ба ҷайб зада, худ ба худ ғурингид: – Рӯзаш меояд, ба ҳар мансабу мартабае ин ҳилагари донотарош бирасад, барои даҳанаш бастан, лозим мешавад.

***Анҷоми дафтари якум***

# МУНДАРИЧА

## ҲИКОЯҲО

Меҳр (Бобо ва набера) .......... 5
Бозии қисмат .......... 6
Табрики бобо .......... 18
Гулчин .......... 21
Бирав, ки ту товус нестӣ! .......... 35
Духтар ва пир .......... 37
Истиқбол (Вазир ва ятимбача) .......... 38
Идомаи хоб дар бедорӣ .......... 44

## РОМАН

Иёр .......... 48

**АБДУҒАФФОРИ ПАРТАВ**

**КАДХУДО**

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 22.07.2014 супурда шуд.
Чопаш 24.07.2014 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 10. Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи «Аржанг» чоп шудааст.